ISSN 2790 – 3567

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА АМНИЯТ

**ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И БЕЗОПАСНОСТЬ

**CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

# INTERNATIONAL RELATIONS AND SECURITY

**№4 (16) 2025**

**Душанбе – 2025**

**Муассис:** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2022 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**САРМУҲАРРИР:**

**Усмонзода Хайриддин Усмон**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Шарифзода Лоҳутӣ Шариф**–доктори илмҳои сиёсӣ

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
**Раҳимзода Шариф Махсум –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Қурбонов Абдураҳмон Шерович –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Зиёӣ Хуршед Махшул –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Хидирзода Махфират Умар –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Майтдинова Гузел Майтдиновна –** доктори илмҳои таърих, профессор
**Саидов Абдулманон Саторович –** доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич**–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
**Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ –** номзади илмҳои сиёсӣ
**Давлатов Рамазонӣ –** номзади илмҳои фалсафа

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Олимзода Валиҷон**–сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:**

**Қиёмиддин Сатторӣ**
**Мансур Суруш**
**Эмомализода Қосимҷон**

**МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:**

**Олимзода Валиҷон** – сардори Раёсати таъмини иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Маҷаллаи “Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният” ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2024 таҳти №283/м ворид гардидааст. Инчунин, маҷалла дар Индекси маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Русия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №222/МҶ–97 аз 10 декабри соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.*

**ИРТИБОТ:**

Нишонӣ: 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

**Учредитель:** Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2022 году. Периодичность издания – 4 раза в год.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**
**Усмонзода Хайриддин Усмон**–доктор философских наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**
**Шарифзода Лохути Шариф** – доктор политических наук

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
**Мухаммад Абдурахмон Навруз** – доктор политических наук, профессор
**Рахимзода Шариф Махсум –** доктор экономических наук, профессор
**Курбонов Абдурахмон Шерович –** доктор философских наук, профессор
**Зиёи Хуршед Махшул** – доктор философских наук, профессор
**Хидирзода Махфират Умар** – доктор философских наук, профессор
**Майтдинова Гузель Майтдиновна**–доктор исторических наук, профессор
**Саидов Абдулманон Саторович** – доктор философских наук, профессор
**Одинаев Хаёт Абдулхакович**–доктор экономических наук, профессор
**Саидмуродов Лутфилло Хабибуллоевич**–доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
**Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** –доктор политических наук, профессор
**Сафарализода Худжамурод Куддуси** –кандидат политических наук
**Давлатов Рамазони** – кандидат философских наук

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**
**Олимзода Валиджон**–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

**ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:**
**Киёмиддин Саттори**
**Мансур Суруш**
**Эмомализода Косимджон**

**ТЕХНИЧЕСКИЙ РЕДАКТОР:**
**Олимзода Валиджон**–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

*Журнал «Международные отношения и безопасность» включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 06 августа 2024 года №283/м. А также журнал входит в Индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации №222/МҶ – 97 от 10 декабря 2021 года.*

**КОНТАКТЫ:**
**Адрес:** 734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

**Founder:** Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2022. The journal is published four times per year.

**CHIEF EDITOR:**

**Usmonzoda Khayriddin Usmon –** Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Sharifzoda Lohuti Sharif –** Doctor of Political Sciences

**EDITORIAL BOARD:**

**Muhammad Abdurahmon Navruz –** Doctor of Political Sciences, Professor
**Rahimzoda Sharif Makhsum –** Doctor of Economic Sciences, Professor
**Qurbonov Abdurahmon Sherovich –** Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Ziyoi Khurshed Makhshul** – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Khidirzoda Makhfirat Umar –** Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Maytdinova Guzel Maytdinovna –** Doctor of Historical Sciences, Professor
**Saidov Abdulmanon Satorovich –** Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Odinaev Hayot Abdulhaqovich –** Doctor of Economic Sciences, Professor
**Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich –** Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Muhammadzoda Parviz Abdurahmon –** Doctor of Political Sciences, Professor,
**Safaralizoda Khujamurod Quddusi –** Candidate of Political Sciences
**Davlatov Ramazoni –** Candidate of Philosophical Sciences

**EXECUTIVE SECRETARY:**

**Olimzoda Valijon –** Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

**TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:**

**Qiyomiddin Sattori**
**Mansur Surush**
**Emomalizoda Qosimjon**

**TECHNICAL EDITOR:**

**Olimzoda Valijon**–Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

*The journal "International relations and security" has been included in the list of leading peer–reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of August 06, 2024, No.283/м. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate No.222/MJ–97 was issued on December 10, 2021.*

**CONTACTS:**

**Address of the founder:** 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave.89;
tel: (992 37) 221–11–00, 221–32–36; e–mail: vestnik@mts.tj

# МУНДАРИҶА

## СИЁСАТШИНОСӢ

*КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ ВА КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМИ ХАЛҚИИ ДЕЛИБЕРАТИВӢ*
**КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ……………………………………………14**

*МОҲИЯТИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВИИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ ОН*
**ИСМОИЛЗОДА ЗУФАР МУРТАЗОХОН……………………………...28**

*ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАРҲОИ РӮ БА ТАРАҚҚИИ МАҲСУР ДАР ХУШКӢ*
**ШАРИФЗОДА САИДҲОМИД САФАР…………………………………...41**

**С***ОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ, ФАРДО*
**МАЛИКОВ КОБИЛШО КУКАНОВИЧ…………………………………..55**

*ҶАНБАҲОИ ФАРҲАНГИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ФАРҲАНГӢ*
**НАЗРИЕВ КАРИМ…………………………………………………………...65**

*ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ТРАНСАТЛАНТИКӢ: АЗ ТАРҲИ МАРШАЛЛ ТО ИТТИҲОДИ АВРУПО*
**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОҚОСУМОВНА……………………...80**

*НАҚШИ ИМИҶИ СИЁСИИ ДАВЛАТ ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ: ОМИЛҲОИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ*
**ҲУСАЙНЗОДА АМИНҶОН БУРИХОН,**
**НЕКРӮЗИ МАҲМАДХОҶА…………………………………………………...93**

*ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪСИРРАСОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ*
**НУРИДДИНЗОДА САЙҶАМОЛИДИН ҲАЙДАР……………………..107**

*МУНОСИБАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ВА ЭРОН ДАР ЧОРЧӮБИ СОЗИШНОМАИ БАРҶОМ*
**МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВА…………………………127**

**М***ОДЕЛИ АВРУПОИИ ҲАМГИРОӢ: ВАЗЪ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО*
**МАҲМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАҲМОНОВНА……………………135**

*МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶӢ: НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ШАКЛГИРИИ ДИПЛОМАТИЯИ “САБЗ”*
**ҚУРБОНОВ МАЪРУФ МУИДИНОВИЧ……………………………..144**

*НАЗАРИЯҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ: МАҚСАД ВА СТРАТЕГИЯИ ОНҲО ДАР МУАЙЯНСОЗИИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ*
**АМОНЗОДА САБОҲАТ БОБИШО…………………………………...153**

*РАДИКАЛИЗМИ СИЁСӢ ЗАМИНАИ ХАВФУ ХАТАР ВА ТАҲДИДҲОИ НАВИ ҶАҲОНӢ*
**САИДОВ МУҲАММАДҶОН РАҶАБМАДОВИЧ…………………...166**

*ИДЕОЛОГИЯИ СИЁСӢ: МОҲИЯТИ ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ ОН*
**ДАМИНОВА ГУЛНОЗА БАРОТОВНА………………………………176**

## ИҚТИСОДӢ

*МАСЪАЛАҲОИ НАЗИРИЯВИЮ АМАЛИИ ИҚТИСОДИ ОИЛА*
**МУҚАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУҚАДДАС,**
**БОБОЕВА ГУЛБАҲОР РАҲИМОВНА……………………………….184**

*ДУРНАМОИ ҲОРӢ НАМУДАНИ ТАҶРИБАИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДОИР БА РУШДИ ИҚТИСОДИ “САБЗ” ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*
**РАҲМОН УЛМАСОВ**
**АШУРИЁН ИБРОҲИМ ТАҒОЙБЕК…………………………………..196**

*ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИНАИ ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДҲОИ САНОАТИ ИННОВАТСИОНӢ*
**БОБОЕВ ҶӮРАХОН ИСЛОМОВИЧ…………………………………..206**

*ТАҲЛИЛИ АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИДОРАИ ТЕХНОПАРКҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (дар асоси рушди ҳамгироии фаъолияти асосӣ ва инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ)*
**ХОЛОВ ҲИКМАТУЛЛО………………………………………………..217**

*БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ СИЁСАТИ МУОСИР–ВАЗЪИ ИҚТИСОДИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА АҲАММИЯТИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ*
**ВАЛАМАТЗОДА ТИМУР ҒАФОРОВИЧ…………………………….228**

*ОСЕБПАЗИРИИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ВОБАСТАГИИ ВОРИДОТӢ*
**МАҶИДЗОДА САРВИНОЗ КОМИЛ………………………………….240**

## ФАЛСАФА

*РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАРЗИ ҲАЁТИ МИЛЛӢ*
**САИДОВ АБДУЛМАНОН САТТОРОВИЧ,**
**САФАРОВА МАТЛУБА ҶУНАЙДОВНА……………………………253**

*ВАҲДАТ ҲАМЧУН ПОЯИ ҶАҲОНБИНИИ МУТАФАККИРОНИ АҲДИ БОСТОН: ТАҶРИБАИ МИСР ВА ЮНОНИ ҚАДИМ*
**МУСТАҶОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА…………………..264**

*АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ ДАР ШИНОХТИ МУҲАҚҚИҚОНИ АВРУПОӢ*
**ИБРОҲИМОВ ФУРҚАТҶОН МУРОДОВИЧ…………………………..279**

*АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН*
**ШУКУРЗОДА САОДАТ НУСРАТУЛЛО……………………………….285**

*РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ЗАБОНИ МИЛЛӢ*
**БОБОЖОНОВ УБАЙДУЛЛО ҚУРБОНОВИЧ………………………...298**

# СОДЕРЖАНИЕ

## ПОЛИТОЛОГИЯ

*КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ И ДЕЛИБЕРАТИВНЫЙ НАРОДНЫЙ КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ*
**КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ………………………………………………14**

*СУЩНОСТЬ СОВРЕМЕННОГО ПРОЦЕССА ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ЕГО ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ*
**ИСМОИЛЗОДА ЗУФАР МУРТАЗОХОН………………………………...28**

*МЕСТО ТАДЖИКИСТАНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАН, НЕ ИМЕЮЩИХ ВЫХОДА К МОРЮ*
**ШАРИФЗОДА САИДХОМИД САФАР…………………………………...41**

*ШАНХАЙСКАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА: ВЧЕРА, СЕГОДНЯ, ЗАВТРА*
**МАЛИКОВ КОБИЛШО КУКАНОВИЧ…………………………………..55**

*КУЛЬТУРНЫЕ АСПЕКТЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ КУЛЬТУРНОЙ ГЛОБАЛИЗАЦИИ*
**НАЗРИЕВ КАРИМ…………………………………………………………...65**

*ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ТРАНСАТЛАНТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ: ОТ ПЛАНА МАРШАЛЛА ДО ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА*
**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОКОСУМОВНА………………………...80**

*РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКОГО ИМИДЖА ГОСУДАРСТВА В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ: ВНУТРЕННИЕ И ВНЕШНИЕ ФАКТОРЫ*
**ХУСАИНЗОДА АМИНДЖОН БУРИХОН,**
**НЕКРУЗИ МАХМАДХОДЖА…………………………………………...93**

*СОЦИАЛЬНЫЕ СЕТИ КАК ФАКТОР ВОЗДЕЙСТВИЯ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ*
**НУРИДДИНЗОДА САЙДЖАМОЛИДИН ХАЙДАР…………………..107**

*ОТНОШЕНИЯ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА И ИРАНА В РАМКАХ СОГЛАШЕНИЯ ПО ЯДЕРНОЙ ПРОГРАММЕ (JCPOA)*
**МАДИМАРОВА ГУЛХАЁ МАДИМАРОВНА…………………………127**

*ЕВРОПЕЙСКАЯ МОДЕЛЬ ИНТЕГРАЦИИ: СОСТОЯНИЕ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ*
**МАХМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАХМОНОВНА……………………135**

*ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПОВЕСТКА ТАДЖИКИСТАНА ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ: РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА В ФОРМИРОВАНИИ «ЗЕЛЁНОЙ» ДИПЛОМАТИИ*
**КУРБОНОВ МАЪРУФ МУИДИНОВИЧ………………………………..144**

*ТЕОРИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ: ИХ ЦЕЛИ И СТРАТЕГИИ В ПРОЦЕССЕ ФОРМИРОВАНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ*
**АМОНЗОДА САБОХАТ БОБИШО……………………………………...153**

*ПОЛИТИЧЕСКИЙ РАДИКАЛИЗМ – ОСНОВА УГРОЗ И НОВЫХ ГЛОБАЛЬНЫХ ВЫЗОВОВ*
**САИДОВ МУХАММАДЖОН РАДЖАБМАДОВИЧ…………………..166**

*ПОЛИТИЧЕСКАЯ ИДЕОЛОГИЯ: СУЩНОСТЬ, ПРОИСХОЖДЕНИЕ И ЕЁ ИСТОРИКО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ*
**ДАМИНОВА ГУЛНОЗА БАРОТОВНА…………………………………176**

## ЭКОНОМИКА

*ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ЭКОНОМИКИ СЕМЬИ*
**МУКАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУКАДДАС,**
**БАБАЕВА ГУЛБАХОР РАХИМОВНА………………………………….184**

*ПЕРСПЕКТИВЫ ВНЕДРЕНИЯ ОПЫТА ЮЖНОЙ КОРЕИ ПО РАЗВИТИЮ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН*
**РАХМОН УЛМАСОВ,**
**АШУРИЁН ИБРОХИМ ТАГОЙБЕК……………………………………196**

*ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ НА ОСНОВЕ АКТИВИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ*
**БОБОЕВ ДЖУРАХОН ИСЛОМОВИЧ………………………………….206**

*АНАЛИЗ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ ОСНОВ УПРАВЛЕНИЯ ТЕХНОПАРКАМИ ВУЗОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (на основе развития интеграции основной и инновационной деятельности вузов)*
**ХОЛОВ ХИКМАТУЛЛО…………………………………………………..217**

*НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СОВРЕМЕННОЙ ПОЛИТИКА-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИТУАЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ЗНАЧЕНИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ*
**ВАЛАМАТ- ЗАДЕ ТИМУР ГАФАРОВИЧ…………………………...228**

*УЯЗВИМОСТЬ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ИМПОРТОЗАВИСИМОСТЬ*
**МАДЖИДЗОДА САРВИНОЗ КОМИЛ………………………………..240**

## ФИЛОСОФИЯ

*СОВРЕМЕННЫЕ ГЛОБАЛИЗАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА ОБРАЗ ЖИЗНИ НАЦИИ*
**САИДОВ АБДУЛМАНОН САТОРОВИЧ,**
**САФАРОВА МАТЛУБА ДЖУНАЙДОВНА……………………………253**

*ЕДИНСТВО КАК ОСНОВА МИРОВОЗЗРЕНИЯ МЫСЛИТЕЛЕЙ ДРЕВНОСТИ: ОПЫТ ДРЕВНЕГО ЕГИПТА И ДРЕВНЕЙ ГРЕЦИИ*
**МУСТАДЖОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА………………..264**

*АБУРАЙХАН БИРУНИ В ПОЗНАНИИ ЕВРОПЕЙСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ*
**ИБРОХИМОВ ФУРКАТДЖОН МУРОДОВИЧ………………………..279**

*ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ УЧАСТИЯ ЖЕНЩИН В СОЗДАНИИ НЕЗАВИСИМОГО ГОСУДАРСТВА ТАДЖИКИСТАН*
**ШУКУРЗОДА САОДАТ НУСРАТУЛЛО………………………………285**

*ПРОЦЕСС ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК*
**БОБОЖОНОВ УБАЙДУЛЛО КУРБОНОВИЧ………………………...298**

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCE

*CONSTITUTIONALISM AND DELIBERATIVE POPULAR CONSTITUTIONALISM*
**KARIMZODA KARIM MAZIYO…………………………………………...14**

*THE ESSENCE OF THE MODERN GLOBALIZATION PROCESS AND ITS MAIN TRENDS*
**ISMOILZODA ZUFAR MURTAZOKHON……………………………...28**

*TAJIKISTAN'S PLACE IN ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF LANDLOCKED DEVELOPING COUNTRIES*
**SHARIFZODA SAIDHOMID SAFAR……………………………………41**

*SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION: YESTERDAY, TODAY, TOMORROW*
**MALIKOV KOBILSHO KUKANOVICH…………………………….....55**

*CULTURAL ASPECTS OF ENSURING NATIONAL SECURITY IN THE CONTEXT OF CULTURAL GLOBALIZATION*
**NAZRIEV KARIM…………………………………………………………65**

*THE EMERGENCE AND CHARACTERISTICS OF THE FORMATION OF TRANSATLANTIC RELATIONS: FROM THE MARSHALL PLAN TO THE EUROPEAN UNION*
**DORONSHOEVA NEKBAKHT SHOQOSUMOVNA……………………..80**

*THE ROLE OF THE POLITICAL IMAGE OF THE STATE IN STRENGTHENING NATIONAL SECURITY: INTERNAL AND EXTERNAL FACTORS*
**HUSAYNZODA AMINJON BURIKHON,**
**NEKRUZ MAHMADKHOJA………………………………………………..93**

*SOCIAL NETWORKS AS A FACTOR INFLUENCING NATIONAL SECURITY*
**NURIDDINZODA SAYJAMOLIDIN HAYDAR………………………….107**

*RELATIONS BETWEEN THE EUROPEAN UNION AND IRAN WITHIN THE FRAMEWORK OF THE JCPOA AGREEMENT*
**MADIMAROVA GULHAYO MADIMAROVNA……………………...127**

*THE EUROPEAN INTEGRATION MODEL: STATUS, PROBLEMS, AND PROSPECTS*
**MAHMADOVA FARZONA ABDURAHMONOVNA……………………135**

*ENVIRONMENTAL ISSUES OF TAJIKISTAN IN FOREIGN POLICY: THE ROLE OF THE PRESIDENT IN SHAPING "GREEN" DIPLOMACY*
**QURBONOV MA'RUF MUIDINOVICH……………………………….144**

*THEORIES OF FOREIGN POLICY: THEIR GOALS AND STRATEGIES IN THE PROCESS OF FOREIGN POLICY FORMATION*
**AMONZODA SABOHAT BOBISHO……………………………………153**

*POLITICAL RADICALISM AS A SOURCE OF GLOBAL THREATS AND NEW CHALLENGES*
**SAIDOV MUHAMMADJON RAJABMADOVICH………………………166**

*POLITICAL IDEOLOGY: ESSENCE, ORIGIN, AND ITS HISTORICAL AND POLITICAL CHARACTERISTICS*
**DAMINOVA GULNOZA BAROTOVNA………………………………….176**

**ECONOMY**

*THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF FAMILY ECONOMICS*
**MUQADDASZODA FIRDAVS MUQADDAS,**
**BABAEVA GULBAHOR RAHIMOVNA………………………………….184**

*PROSPECTS FOR IMPLEMENTING SOUTH KOREA'S GREEN ECONOMY DEVELOPMENT EXPERIENCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*
**RAHMON ULMASOV,**
**ASHURIYON IBROHIM TAGHOYBEK………………………………….196**

*ENSURING THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY BASED ON THE ACTIVATION OF INNOVATION INDUSTRY PROCESSES*
**BOBOEV JURAKHON ISLOMOVICH…………………………………...206**

*ANALYSIS OF THE INSTITUTIONAL BASIS FOR THE MANAGEMENT OF TECHNOPARKS AT UNIVERSITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (based on the development of the integration of core and innovative activities at universities*
**KHOLOV HIKMATULLO…………………………………………………217**

*SOME ASPECTS OF THE CURRENT POLITICAL AND ECONOMIC SITUATION IN CENTRAL ASIA AND THE IMPORTANCE OF REGIONAL INTEGRATION*
**VALAMATZODA TIMUR GHAFOROVICH…………………………….228**

*VULNERABILITY OF FOOD SECURITY AND IMPORT DEPENDENCE*
**MAJIDZODA SARVINOZ KOMIL……………………………………………..240**

**PHILOSOPHY**

*CONTEMPORARY GLOBALISATION PROCESSES AND THEIR IMPACT ON THE LIFESTYLE OF THE NATION*
**SAIDOV ABDULMANON SATTOROVICH,**
**SAFAROVA MATLUBA JUNAYDOVNA……………………………………...253**

*UNITY AS THE FOUNDATION OF THE WORLDVIEW OF ANCIENT THINKERS: THE EXPERIENCE OF ANCIENT EGYPT AND ANCIENT GREECE*
**MUSTAJOBOVA RUDOBA MUKARRAMSHOEVNA………………….264**

*ABU AL-RAYHAN AL-BIRUNI IN THE KNOWLEDGE OF EUROPEAN RESEARCHERS*
**IBROHIMOV FURQATJON MURODOVICH…………………………...279**

*LEGAL BASIS FOR WOMEN'S PARTICIPATION IN THE CREATION OF THE INDEPENDENT STATE OF TAJIKISTAN*
**SHUKURZODA SAODAT NUSRATULLO……………………………….285**

*GLOBALIZATION PROCESS AND THE TAJIK LANGUAGE*
**BOBOZHONOV UBAYDULLO QURBONOVICH………………………298**

**УДК: 342.4:321.7**

# КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ ВА КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМИ ХАЛҚИИ ДЕЛИБЕРАТИВӢ

**КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ
ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
тел: (+992) 918-67-05-32

*Дар мақолаи мазкур дар заминаи тамоюлҳои рушди конститутсионализм: ба миён омадан ва рушди конститутсионализми глобалӣ, конститутсионализми судӣ, конститутсионализми иқтисодӣ, мафҳум ва моҳияти конститутсионализми халқии делиберативӣ таҳлил гардидааст. Зикр карда шудааст, ки ин тамоюлҳо инъикоси воқеияти имрӯзаи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин, сиёсати ҷаҳонӣ ба шумор меравад.*

*Бо такя бо таҳқиқоти хориҷӣ, мафҳуми демократияи делиберативӣ ва дар асоси он мафҳуми конститутсионализми халқии делиберативӣ кушода мешавад. Чунончи аз мафҳуми демократияи делиберативӣ бармеояд, дар ин ҷо сухан дар бораи мулоҳизаву машварат меравад, яъне қарорҳои муҳимми сиёсӣ пеш аз қабул шуданашон бояд миёни одамони озод ва шаҳрвандони баробар аз маслиҳату машварат гузаранд. Чунин қарорҳо баъд аз гузаштани тартиби коммуникативӣ (муҳокима) қабул карда шаванд. Дар демократия нақши маслиҳату машварат дар қабули қарор бояд таъсиргузор бошад.*

**Калидвожаҳо:** *конститутсионализм, демократияи делиберативӣ, конститутсионализми халқии делиберативӣ, абсентеизм.*

Пайдоиш, ташаккул ва рушди конститутсионализм ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятию сиёсӣ ифода ё гузариши инсоният ба сохтори давлатӣ ё шакли идораи давлатии конститутсионӣ ё ба ибораи дигар, сохтори конститутсионии сифатан нав мебошад, ки он дар заминаи мубориза бо мутлақият шакли назария ва таълимоти сиёсию ҳуқуқиро азбар карда, ба ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо мазмуни идеологии худ ҳамчун механизми бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ворид гардид. Арзише гардид, ки дар номгӯйи арзишҳои ҷомеаи башарӣ, махсусан Ғарб ҷойи муҳимро ишғол намуда, баъдан маҳаки онро эътирофи инсон ҳамчун пешбарандаи ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо ҳуқуқҳои фитрӣ ва позитивӣ ташкил намуд. Аз ин рӯ, конститутсионализм ҳамчун арзиши Ғарб, ба андешаҳои муҳаққиқ М.Вебер, дар хусуси он ки ҳамаи зуҳуроти фарҳангӣ дар Аврупо пайдо шудаанд, дар самте, ки андеша ва аҳаммияти универсалӣ пайдо намуданд,

инкишоф ёфтаанд, ба ҳолати мо–пайдоиш ва инкишофи конститутсионализм низ созгор мебошад [7,16 ].

Дар ибтидо он андеша ва ҳаракати сифатан нави сиёсию ҳуқуқиро мемонд, ки бо ҷозибадорӣ ва мутантании худ (инкор кардан ва аз байн бурдани мутлақият ва ҳукмронии як шахс аз болои равандҳо ва ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ) ба барнома ва дурнамои дигаргуниҳои сиёсӣ, табдил ёфта, шакли идораи давлатро дар ИМА ва Аврупо тағйир дод. Он раҳнамое гардид, ки давлатҳо онро намуна гирифта, доираи масъала ва мавзуъҳои асосӣ ва пешбурди давлатдории худро мушаххас муайян намуданд. Ҳамчун назарияи конститутсия баромад намуда, тартиботи сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар заминаи қонуни асосӣ муайян ва танзим намуд.

Конститутсионализм шакли бунёдӣ ва амалии худро ёфта, дар худ арзишҳои аслии демократияро инъикос карда, ба маҷмуи дониш ва тафаккури фалсафӣ, сиёсӣ, ҳуқуқию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта, доираи мавзуи худро ҳокимият, идоракунӣ ва режими сиёсии давлатҳо муайян намуд, ки ба конститутсия асос ёфтааст.

Чи тавре ки пажуҳишгар В.Баев қайд мекунад: “Минбаъд дар таҳқиқоти ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва таърихӣ истилоҳ аҳаммияти нисбатан васеъ касб намуда, барои хислатҳои равандҳои гузариш ба демократия ва барқарор намудани сохтори конститутсионӣ дар давлатҳо: сараввал дар Аврупои Ғарбӣ, баъдан дар Аврупои Марказӣ, Шарқӣ ва Ҷанубӣ, Амрикои Лотинӣ, Осиё ва Африко татбиқ шудан гирифт” [2,1].

Дар ин замина, таърихи муосири давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистони ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд бо пошхӯрии давлат, низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, асосҳои идеологӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷии ба идеологияи марксизм-ленинизм асосёфтаи Иттиҳоди Шуравӣ робитаи бевосита дорад. Ин таҳаввулоти бузург на танҳо ба халқ ва миллати тоҷик муждаи соҳибистиқлолӣ ва мустақилияти сиёсӣ дод, балки он ба роҳбарияти сиёсии кишвар ё элитаи сиёсии ба сари қудратомада, инчунин, дарки воқеияти таърихӣ ва таҳаввулоти бузурги геополитикии ҳаёти пасошуравӣ, сабақи таърихии тули ҳазор сол аз даст додани давлату давлатдорӣ ё бедавлатӣ, дарёфти роҳи мустақили бунёди давлати миллӣ, арзишҳои барои чунин давлат мувофиқ ва мутобиқ, интихоб ва дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон татбиқ намудани арзишҳои умумибашарии аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон пазируфташударо низ рӯйи кор овард.

Аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии давлат ба вазъияти мураккаб, муташанниҷ, ноорому ба мавҷудияти ҷисмонии худи давлат ва миллат таҳдидкунанда, парокандагии минтақаҳои ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, тамоми кӯшиши роҳбарияти давлат, махсусан Эмомалӣ Раҳмон ва ҳукумати ӯ ба

дарёфти роҳи мустақили инкишофи давлати соҳибистиқлол равона гардида буд. Ин равандро бидуни назарияи конститутсионализм ва дар заминаи он қабули Конститутсияи давлати миллӣ тасаввур кардан мумкин набуд.

Андешаҳои пажуҳишгари рус В.Баев дар хусуси «Масъалаи сохтори давлатӣ барои Русияи муосир фавқулода муҳим мебошад. Муҳим дар назар бояд дошт, ки дар кадом майдони ҳуқуқӣ ҳалли ин масъала ва кадом заминаҳои фалсафӣ–ҳуқуқӣ барои мустаҳкамкунии конститутсионии системаи нави сиёсӣ асос мегарданд [3, 3], маҳз ба ҳамин давра нигаронида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар замони ба Истиқлоли давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, назарияи конститутсионализм бо мазмуну мундариҷаи дохилӣ ва берунии худ ҷиддан эволютсия намуда, ба назария ва консепсияи мукаммали бунёди ҳама гуна давлат, фарогири масъала, меъёр ва принсипҳои ташкили низоми сиёсии он, муайянкунандаи шакли идора ва режими сиёсӣ, ки ба нақш ва мавқеи марказии инсон ва озодиҳои он, халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ҳокимият, таҷзияи ҳокимият ва инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ асос ёфтааст, табдил ёфт.

«Мафҳуми мавҷудаи конститутсионализм ду сатҳи фаҳмиши онро дар бар мегирад, якум, онро ҳамчун идоракуние, ки тавассути конститутия маҳдуд карда шудааст, дуюм, ҳамчун назарияи сиёсӣ–ҳуқуқӣ, ки зарурати муқаррар намудани сохтори конститутсиониро асоснок менамояд. Пажуҳишгарони муосир мафҳуми мазкурро бо тезиси риояи ҳуқуқҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда васеъ намуданд» [2,1].

Ҳамчунин, дар илмҳои ҷомеашиносии Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки конститутсионализм ҳамчун назария ва идеологияи буржуазии зидди яккаҳокимиятии дар Иттиҳоди Шуравӣ мавҷудбуда маънидод мегардид, мафҳуми фарогири он мавҷуд набуд. Имрӯзҳо низ дар афкори сиёсию ҳуқуқии чи Ғарбу чи Шарқ ва давлатҳои пасошуравӣ мафҳуми фарогир ва ягонаи конститутсионализм кор карда нашудааст. Лекин мубрамияти конститутсионализм дар замони имрӯза дар он ифода меёбад, ки: якум, конститутсионализм ҳамчун назария ва таълимоти фарогири бунёди давлат ва ҷомеа бо як қатор назария ва принсипҳои бунёдии ба давлатсозӣ алоқаманд, исботи худро дар амалияи давлатсозӣ ва давлатдории ҷаҳон собит намуд; дуюм, он ифодакунандаи сифати давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд эътироф гардид, ки ба бунёди чунин давлатҳо ҷиддан мусоидат намуд; сеюм, ҳамчун назария ва таълимоти конститутсия арзёбӣ гардида, ифодакунандаи низоми сиёсии давлатҳо мебошад; чорум, бо дарназардошти се хусусияти дар боло овардашуда, рушду тараққиёти давлатҳо, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва

ҳамгироиҳои (интегратсияҳои) гуногуни сиёсӣ моҳият, мазмун ва хусусиятҳои конститутсионализм васеъ шуда, он бо мазмуну мундариҷаи нав рӯйи кор меояд.

Пас рафти минбаъдаи рушду таҳкими конститутсионализм ба кадом проблемаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ мувоҷеҳ гардида, тамоюлҳои инкишофи ин зуҳурот дар замони муосир дар чӣ ифодаи худро меёбанд?

Ҳақ бар ҷониби пажуҳишгар О.Кудинов аст, ки ба андешаи ӯ: «Барои назария ва амалияи инкишофи конститутсионӣ–ҳуқуқӣ аҳаммияти фавкулода муҳим он чиз ба шумор меравад, ки то кадом дараҷа, дар кадом шакл, дар кадом муҳлатҳо, дар кадом ҳаҷм ин ё он назарияҳои конститутсионӣ, таҳлили хусусият ва натиҷаҳои ҳамзистӣ ва таъсири мутақобилаи падидаҳои давлатии кухна ва нав (дар доираи ислоҳоти конститутсионӣ), дар охир мутобиқат миёни падидаҳои кнститутсионализми эълоншуда ва ба тариқи ҳуқуқӣ ба расмият даровардашуда дар инъикоси ҳаррӯза таҷассум ёфтаанд» [14, 4]. Аз ин нуқтаи назар, эволютсияи конститутсионализм ҳамчун зуҳуроти муҳимми ҷамъиятӣ, ки ба ҳаёти давлат ва ҷомеа сахт таъсиргузор аст, ба тамоми равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар давлат ва ҷомеа ба вуқуъ меоянд, инчунин, омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва таъсири муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ ба ҳаёти давлатҳо алоқамандии бевосита дошта, таъсири онҳо дар конститутсионализм инъикоси худро меёбанд.

Имрӯзҳо самтҳои нави конститутсионализм рӯйи кор омаданд, ки онҳо аз васеъ шудани мазмуну моҳияти ин зуҳуроти сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар давлату давлатдорӣ, ба давраи баланди иттилоотӣ расидани давлат ва ҷомеаҳо, ҷаҳонишавии муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва давлатӣ, аз ҷумла ҷаҳонишавии низомҳои ҳуқуқӣ, рушди бемайлони технологӣ, аз ҷумла IT (технологияи иттилоотӣ), ба давраи нави тараққиёт расидани аксар давлатҳо ва ба миён омадани марказҳои нави қувва дар ҷаҳон (Чин, Ҳиндустон, Бразилия), ба миён омадани воқеияти нави байналмилалӣ бо ташкилшавии баъзе аз ниҳодҳои байналмилалӣ (БРИКС), рушди низоми сиёсӣ ва ниҳодҳои касбии сиёсию ҳуқуқии давлатҳо (парлумонҳои касбӣ, судҳои конститутсионӣ, плюрализм ва ғайра), ташаккули сиёсати ягонаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ҳамкориҳои давлатҳо дар самти ҳифзи экология, муҳити зист, мубориза бо офатҳои табиӣ, ҳамкорӣ ва муборизаи якҷоя бо пандемияҳо, аз қабили “COVID-2019” ва ғайра шаҳодат медиҳанд.

Ҳолатҳои мазкур инъикоси тамоюлҳои инкишофи конститутсионализм буда, бе чунин равандҳо рушди конститутсионализмро тасаввур кардан мумкин нест.

Дар замони имрӯза ба миён омадани тамоюлҳои нав дар инки-шофи конститутсионализм ва васеъ шудани мавзуъҳои инкишофи он дар самтҳои зерин ба чашм мерасанд, аз ҷумла: конститутсионализми халқии делиберативӣ, конститутсионализми судӣ, конститутсионализми иқтисодӣ, конститутсионализми глобалӣ ва ғайра. Ин тамоюлҳо аз ҷиҳати сиёсию ҳуқуқӣ инъикоси воқеияти имрӯзаи ҳаёти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ ба шумор мераванд.

Асос ва заминаи ин тамоюлҳо дар самтҳои зикршуда, пеш аз ҳама, худи назарияи конститутсионализм, меъёр ва принсипҳои дар конститутсияҳо пешбинишуда ва имкониятҳои васеи то ҳанӯз татбиқ нагардидаи худи Конститутсия, талаботи ҷомеа ба боз ҳам либерализатсияи ҳуқуқу озодӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои интихоботӣ, таъмини иштироки васеи шаҳрванд дар равандҳои сиёсӣ, аз ҷумла интихобот, раъйпурсиҳои умумидавлатӣ ва хусусияти маҳаллӣ дошта, қабули қарорҳои сиёсӣ ва ғайра ба шумор мераванд.

Чунончи зикр гардид, конститутсионализми халқии делиберативӣ аз зумраи тамоюлҳои рушди конститутсионализм мебошад, ки ба ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир вобастагӣ дорад. Конститутсионализми халқии делиберативӣ аз демократияи делиберативӣ сарчашма мегирад ва ба он вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, дар кушодани мафҳум ва моҳияти масъала, таҳлилу таҳқиқ ва кушодани демократияи делиберативӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Тибқи "Энсиклопедияи калони Русия", демократияи делиберативӣ (аз калимаи лотинии "deli-berare"–мулоҳиза кардан, маслиҳат додан; анг. "deliberation"–муҳокима кардан, машварат, андеша (мулоҳиза, фикр); назарияи (модели) демократӣ, ки мувофиқи он самти сиёсӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ метавонанд танҳо дар шароите легитимӣ ҳисобида шаванд, ки онҳо тартиби коммуникативиро (муҳокима) миёни одамони озод ва шаҳрвандони баробарро бо мақсади ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва созишро доир ба масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ гузашта бошанд. Онро инчунин, машваратӣ, дискурсивӣ ва коммуникативӣ низ меноманд [6].

Демократияи делиберативӣ самти муосири назарияи демократия мебошад, ки дар солҳои 80-уми асри XX ташаккул ёфтааст.Асосгузорони назарияи демократияи делибералӣ файласуфи амрикоӣ Ҷ. Дюи бо асараш «Ҷомеа бо проблемаҳои он» (2002) [9,132]; Ҷозеф Бессет бо асараш «Демократияи делиберативӣ: принсипи аксарият дар ҳукумати ҷумҳурияхоҳон» (1980) [5,102-106]; Юрген Хабермас бо асараш «Шуури ахлоқӣ ва амалҳои коммуникативӣ» (2001) [21]; сиёсатшиноси амрикоӣ Сейли Бенхабиб бо асараш «Даъвои фарҳанг: баробарӣ ва рангорангӣ дар давраи глобалӣ» (2003) [18] ва дигарон мебошанд.

Истилоҳи мазкур аз ҷониби Ҷозеф Бессет соли 1980 бо асари дар боло зикршудааш ба илмҳои сиёсӣ ворид гардидааст. Назарияи демократияи делиберативӣ (машваратӣ) ба нақши мубоҳисаи ҷамъиятӣ дар қабули қарор аҳаммияти ҷиддӣ дода, низоми демократиро аз кушодагии иттилоотии он вобаста медонад. Чунин демократияро бидуни раванди делиберативӣ, ки дар худ машваратҳои умумӣ, муҳокимаҳоро дар дохили давлат дар доираи ниҳодҳо ва мақомоти муҳимми давлатӣ дар бар мегиранд, тасаввур кардан мумкин нест. Чунин демократия проблемаҳои мубрами ҷамъиятӣ буда, барои таҳияи сиёсати оммавӣ ҷалби бисёртари мутахассисон ва шаҳрвандонро тақозо менамояд.

Чунончи аз мафҳуми демократияи делиберативӣ бармеояд, дар ин ҷо сухан дар бораи мулоҳизаву маслиҳат (машварат) меравад, яъне қарорҳои муҳимми сиёсӣ пеш аз қабул шуданашон бояд миёни одамони озод ва шаҳрвандони баробар аз маслиҳату машварат гузаранд. Чунин қарорҳо баъд аз гузаштани тартиби коммуникативӣ (тартиби муҳокима) қабул карда шаванд. Дар демократия нақши маслиҳату машварат дар қабули қарор бояд таъсиргузор бошад.

Ба андешаи пажуҳишгар Ҷ.Дюи: «Шаклҳои сиёсии демократия ва квазидемократия усулҳое, ки ба баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ муносибат доранд, дар ҷомеа як навъ мубоҳисаро ба вуҷуд оварданд ва ҳатто ба пайдоиши як навъ машваратҳои умумӣ, ки пеш аз қабули қарорҳои сиёсӣ буданд, оварда расониданд. Идоракунии намояндагӣ бояд ҳадди ақал намуди зоҳирии худро нишон диҳад, ки он аз манфиатҳои ҷомеа кор мегирад. Ҳоло ақидаи ҷомеа дар масъалаҳои сиёсӣ он қадар муҳимманд *(бо вуҷуди ҳамаи омилҳои ба онҳо муқобил)*, ки таҳияи усулҳои таъсиррасонӣ ба онҳо кори хеле фоиданок гардид» [9, 132].

Ҳамин тариқ, ба андешаи пажуҳишгар Ҷ.Дюи, демократия ба пайдоиши маслиҳату машварат мусоидат мекунад ва ба қабули қарори сиёсӣ таъсир мерасонад. Ӯ идоракунии аксарият ва ниҳоди овоздиҳии умумиро ҳамчун унсурҳои боқимонда ва архаистии демократияи намояндагӣ қабул дорад. Муҳаққиқи мазкур муҳиммияти ин унсурҳоро рад намекунад, аммо диққати асосиро ба аҳаммиятнокии он, ки қабл аз овоздиҳӣ машварат ва мубоҳисаҳо гузаронида шаванд, то ки ҷомеа барои ҳама гуна масъалаҳо имкони қабули қарори баркашидашударо дошта бошад. Машварату мубоҳисаҳо бояд танҳо дар шакли кушода барои ҳамаи хоҳишмандон ва шахсони манфиатдор гузаронида шаванд. Ба андешаи пажуҳишгар Ҷ.Дюи, танқиди рӯйирост имкон медиҳад, ки чунин фазои сиёсиро ба демократияи воқеӣ табдил диҳад [6].

Рӯйи кор омадани демократияи делиберативиро бо буҳронҳои вобаста ба татбиқи демократия, хароб шудани он, махсусан, демократияи

намояндагӣ нисбат медиҳанд. Дарвоқеъ, солҳои охир дар демократияи либералии Аврупо поймолкунии дағалонаи демократияи намояндагӣ ба назар мерасад, ки хусусияти ошкоро гирифтааст. Масалан, интихоботи пеш аз муҳлат ба Маҷлиси миллӣ (палатаи поёнии Фаронса), ки 30 июн ва 7 июли соли 2024 бо пирӯзии Ҳизби Фронти нави халқи ҷиноҳи чап (роҳбар Жан-Люк Меланшон) ва ҳизби ҷиноҳи рост–"Иттиҳодияи миллӣ" (роҳбар Марин Ле Пен) ба анҷом расида бошад ҳам, ба ин ҳизбҳо имкони ташкил кардани ҳукуматро надоданд. Ё ки баъд аз пирӯзӣ дар интихоботи президентии ноябри соли 2024 дар Руминия, сиёсатмадори ашаддии рост (ултраправый) Кэлин Джор-джеску аз интихобот барканор карда шуд. Суди конститутсионии Руминия натиҷаи интихоботро бекор намуд. Ӯро дубора барои дар интихоб иштирок намудан роҳ надоданд. Ё ки 30 июли соли 2025 раиси Комиссияи марказии интихоботи Молдова Анжелика Караман эълон намуд, ки кишвараш кӯшиш дорад шомили Иттиҳоди Аврупо гардад ва бо ҳамин сабаб мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ҳуқуқ доранд ба интихобот дар ҷумҳурӣ дахолат намоянд. «Ман мефаҳмонам, ки байни Иттиҳоди Аврупо ва дигар давлатҳо фарқи калон мавҷуд аст. Молдова як қадам аз узв шудан ба Иттиҳоди Аврупо қарор дорад, барои ҳамин дахолати чунин мамлакат, ҳамчун Фаронса ба интихоботи мо дахолати беруна ба ҳисоб намеравад. Ин нормалӣ аст, вақте ки ҳамсояҳо дар бораи ҳамдигар ғамхорӣ зоҳир менамоянд ва рушди демократияро дастгирӣ менамоянд", – қайд намуд Анжелика Караман [15].

Пажуҳишгар Ҷ.Дюи ҳатто даъват менамояд, ки аз фаҳмиши маъмулии демократия ҳамчун ҳукмронии сиёсии аксарият бояд даст кашид. Ӯ ба он эътибор медиҳад, ки дар ҷомеаи демократӣ ба сари ҳокимият тавассути мубоҳисаи ҷамъиятӣ меоянд, ки дар онҳо гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ақаллиятҳо бо ҳам барои кӯшиши пешниҳоди манфиатҳои худ мубоҳиса мекунанд [9, 132 ].

Ҳамин тариқ, дар ҳаёти имрӯзаи давлатҳо ҳолатҳое кам нестанд, ки тибқи онҳо на ҳама вақт ҳокимиятдорон ба иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ манфиатдор мебошанд. Махсусан, ин ба он ҳукуматдороне дахл дорад, ки дар натиҷаи пешбурди сиёсати номатлуби идоракунӣ теъдоди тарафдорони онҳо дар давлат ва ҷомеа бениҳоят кам буда, фаъолияти онҳо ҷавобгӯйи манфиати ҷомеа нест. Агарчи сарчашмаи ҳама гуна ҳокимият халқ мебошад. Манфиатдор набудан ба фаъолияти ҷомеа ва шаҳрвандон дар қабули қарорҳои сиёсӣ метавонад ба низомҳои гуногуни зиддидемократӣ ва зиддиидоракунӣ: авторитарӣ ва ҳатто фашистӣ оварда расонад.

Ба буҳрон мувоҷеҳ гардидани системаи намояндагии замони муосир аз тарафи пажуҳишгарон махсус таъкид мегардад, чунончи, «...консепсияи

демократияи делиберативӣ ба проблемаи норасоиҳои мавҷудаи демократияи намояндагӣ дахл дорад” [12, 53].

Ё ин ки муҳаққиқ Р.Михелс доир ба «қонуни оҳанини тамоюлҳои олигархӣ дахл карда, таъкид менамояд, ки «демократия ба олигархия мебарад ва ҳатто дар худ сарчашмаи олигархияро ифода мекунад». «Дар ҷомеаҳои муосир ҳизбҳои сиёсии интихобшуда бо элитаҳои бузурги иқтисодӣ муттаҳид мешаванд. Ин боиси аз ҷомеа дур гаштани ҳокимияти намояндагӣ мегардад” [16].

Ҳамин тариқ, демократияи делиберативӣ ба сифати вокуниш ба буҳронҳои демократияи намояндагӣ ба миён омадааст. “Демократияи делиберативӣ ҷавоби маҷмуӣ ба назарияи сиёсӣ ва хатарҳои нав гардид” [17,13].

Ба андешаи пажуҳишгарон Э.Алимов ва А.Помазанский, проблематикаи асосӣ дар соҳаи мазкур одатан, баррасии шакл ва усулҳои таҳкими модели демократияи муосир (бо ёрии механизмҳои ниҳодии (институтсионалӣ) ё бо коркарди модели алтернативии демократӣ дар шароити афзоиши бесуботӣ, таҳдидҳо ва хатарҳо ба шумор меравад [1, 47–66].

Бо ҳамин машварат ё мубоҳиса доир ба масъалаҳои муҳимми давлатӣ замина ва ғояи асосии демократияи делибералӣ буда, мақсади он қабули қарори сиёсию идоракунии бо машварату муҳокимаи ҳамаи субъектҳои сиёсӣ, аз ҷумла шаҳрвандон, қабулгардида мебошад.

“Дар рафти мубоҳиса иштирокчиён бояд табодули ғояҳо, далелҳо (аргументы) ва даъвоҳо намоянд, ки ба андешаи онҳо барои баъзе аз мақсадҳои хайри умум, ки ба мавзуи мубоҳиса алоқаманд мебошанд, хидмат намоянд. Дар доираи муҳокима субъектҳои сиёсӣ бояд ба хулосае оянд, ки барои ба мақсад расидан кадом қарори ниҳоӣ бояд кор карда шавад. Ҳамин тариқ, қарори умумӣ набояд дар заминаи маҷмуи дархостҳои шахсӣ, балки аз рӯйи воситаҳои муҳокимаи ҳар як таклифу дархостҳо ташаккул ёбад” [10, 8–9].

Конститутсионализми халқии делиберативӣ зери таъсири демократияи делиберативӣ рӯйи кор омадааст ва он консепсияе мебошад, ки принсипи демократияи делиберативӣ ва конститутсионализми халқиро муттаҳид менамояд. Масалан, дар Федератсияи Русия олимони ин кишвар сабаб ва заминаҳои конститутсионализми халқии делиберативиро ба ислоҳоти конститутсионии солҳои 2020-ум (даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Федератсияи Русия) рабт медиҳанд, ки тибқи он Конститутсия ва меъёрҳои он дар шароити мураккаби байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд. Дар заминаи ин ислоҳот, Конститутсия ба афзалияти меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфта, изҳори қаноатмандӣ карда мешавад,

ки таҳқиқоти конститутсионализми Русия барои пайдоиши равишҳои нави ҳамгирой (интегратсионӣ) ба омӯзиш ва таҳқиқи тағйироти конститутсионӣ дар асри XX ва чоряки аввали асри XXI заминаи мусоид фароҳам овард. Зикр мегардад, ки бозгашт ба рӯзномаи конститутсионии афзалияти меъёрҳои конститутсия нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ аҳаммияти конститутсионализми русиягиро барои бисёр давлатҳо ва хусусан, давлати Русия, нишон дод. Моделҳои гибридии конститутсионализм пайдо шуданд. Тамоюли байналмилалӣ барои ҷалби шаҳрвандон ба раванди тағйироти конститутсионӣ афзоиш меёбад.

Пажуҳишгари маъруфи рус И.Кравец конститутсионализми халқии делиберативиро ҳамчун мафҳуми муттаҳида арзёбӣ менамояд, ки дар он талабот ва асосҳои перспективӣ дар раванди модернизатсияи конститутсионии давлат ва ҷомеа, шаклҳо ва тартиби иштироки шаҳрванд дар ислоҳоти контитутсионӣ, раванди тайёр ва татбиқи дигаргуниҳои конститутсионӣ дар замони муосир таҳлили худро меёбад. Тибқи хулосаи ӯ, конститутсионизми халқии делиберативӣ як навъи метатеория мебошад, ки дар он масъалаҳои консепсияи дискурсивӣ (ақлӣ) ва демократияи делиберативии таълимот дар бораи ҷалби конститутсионии шаҳрвандон ва ниҳоди (институти) иштироки ҷомеа аз ҷиҳати илмӣ, касбӣ ва ғайра дар масъалаҳои рушди конститутсионӣ ва тағйироти конститутсионӣ муттаҳид карда мешаванд [13, 48-58].

Чи тавре аз хулоса бармеояд, сухан дар бораи ҷалби шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ, инчунин, ниҳоди (институти) иштироки ҷомеа дар корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ меравад, ки дар матни конститутсияҳои давлатҳо ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд (ҳуқуқҳои сиёсӣ) пешбинӣ шудаанд. Ин ҷо бармало таъсири демократияи делиберативӣ–нақши мубоҳисаи ҷамъиятӣ ё машварат дар қабули қарорҳои муҳимми аҳаммияти сиёсӣ ва давлатӣ дошта ба чашм мерасад. Чунин навъи қарорҳо бе ҷомеаи аз ҷиҳати сиёсӣ фаъол, инчунин, бидуни мубоҳиса миёни субъектҳои гуногуни сиёсӣ, аз ҷумла шаҳрвандон, натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чорабиниҳои сиёсӣ, аз ҷумла қабули Конститутсия, раванди ворид кардани тағйиру иловаҳо ба он, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ, мақомоти маҳаллӣ ва худидоракунӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ ва иштироки фаъолона шаҳрвандони ҷомеаи Тоҷикистон доир мегардад. Масалан, дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 11 октябри соли 2020 бо иштироки 5 номзад аз ҳизбҳои сиёсӣ (Ҳизби Аграрии Тоҷикистон, Ҳизби Сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби Ислоҳоти Иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон)

доир гардид, аз шумораи умумии интихобкунандагон 4 961 188 (100%), 4 миллиону 238 ҳазору 839 интихобкунанда, ки 85,44 % шумораи умумии интихобкунандагони ба рӯйхат дохилгардида дар интихобот иштирок намуданд [11].

Аммо фаъолияти шаҳрвандонро дар равандҳои сиёсӣ дар дигар давлатҳо, махсусан Ғарб, фаъол номидан мумкин нест ва ҳатто дар баъзе давлатҳо сатҳи иштироки шаҳрванд дар муҳимтарин чорабиниҳои сиёсӣ–интихобот бениҳоят паст мебошад. "Дар овоздиҳӣ тақрибан 51 дарсади электорат иштирок карданд (шумораи умумии корпуси интихоботии Иттиҳоди Аврупо 420 миллион нафар) мебошад" [19,14].

"Сатҳи ғайрифаъолии интихобкунандагон дар кишвари мо хеле баланд аст. Месазад интихоботи Думаи давлатиро дар соли 2016 ба ёд овард, вақте ки иштироки интихобкунандагон 48 дарсадро ташкил дод» [8, 190–197]. Ин амал, яъне иштирок накардан дар чорабиниҳои сиёсиро "абсентеизм" меноманд. Абсентеизм (аз калимаи фаронсавии "absentéisme" набудан, ҳозир нашудан, аз калимаи лотинии "абсенс", ҷинс. падежи "absentis" мавҷуд нест), саркашӣ кардани интихобкунандагон аз иштирок дар интихобот ва раъйпурсӣ мебошад. Абсентеизм ба маънои маҳдуд аз ҷониби шахсоне, ки ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ доранд, рад кардани сабти ном шудан ба ҳайси интихобкунандагон ё ҳозир шудан дар рӯзи овоздиҳӣ ба қитъаи интихоботӣ маънидод карда мешавад. Ба маънои васеъ, ба абсентеистон интихобкунандагонеро низ дохил кардан мумкин аст, ки ба қитъаи интихоботӣ омадаанд, аммо фикру андешаи худро баён накардаанд ва бюллетенҳои беэътиборро ба қуттиҳои овоздиҳӣ партофтанд, ё онҳоро напартофтанд [6].

Ба ақидаи муҳаққиқ З.Бауман, «буҳрони иштироки сиёсӣ бо коҳиш ёфтани таваҷҷуҳ ба корҳои муштарак, норавшанӣ дар эътиқоди сиёсӣ алоқаманд аст. Пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба Сиёсат *(бо ҳарфи калон, яъне ба ҳаракатҳои сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳайат ва барномаҳои ҳукуматҳо)* босуръат коҳиш меёбад, эътиқоди сиёсӣ норавшан мешавад, миқёси иштироки ҳаррӯзаи шаҳрвандон дар чорабиниҳое, ки ба таври анъанавӣ сиёсӣ ҳисобида мешаванд, коҳиш меёбад [4, 29–31].

Оқибатҳои чунин амали шаҳрвандон, ки онҳо ҳамчун халқ сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии давлат эълон карда шудаанд, беэътиноӣ, бепарвоӣ, бемасъулиятӣ ба корҳои давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушду таҳкими низоми сиёсӣ арзёбӣ мегардад, ки аз пайи худ метавонанд оқибатҳои ногуворро ба миён меоранд.

Чунончи пажуҳишгар Н.Дашкевич қайд менамояд: «Оқибатҳои абсентеизм фоҷиабор аст: ҳокимият машруӣ (легитимӣ) будани худ ва

дастгирии халқро аз даст медиҳад, дар натиҷа, робитаи ҳокимияти давлатӣ бо аҳолӣ аз байн меравад, танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва набудани рушди онҳо бесамар мегардад. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки сиёсати босаводона доир ба ҷалби аҳолӣ ба овоздиҳӣ, ки баланд бардоштани сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва эътибори интихобот, гузаронидани таблиғоти дахлдор дар ин соҳа ва ғайраро дар бар мегирад, зарур мебошад” [8, 190–197].

Ҳамин тариқ, конститутсионализми халқии делиберативӣ як навъ эътироз ба иштироки аҳолӣ дар фаъолона амалӣ накардани ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, интихоботи фаъолу ғайрифаъол ва раъйпурсиҳо (моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад, ки чунин вазъият ба равандҳои сиёсӣ ва иштироки шаҳрвандони мо дар чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ таъсири манфӣ намерасонад.

## АДАБИЁТ

1.Алимов Э. В., Помазанский А. Е. Делиберативная демократия: новые вызовы и возможности в условиях развития информационного общества // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения. –2020. –№ 4. –С. 4–66.

2. Баев В.Г. Конституционализм как понятие и научная проблема.–С.1. (18 с.). [Электронный ресурс]. Режим доступа: file:///C:/Users/5015/ Downloads/ konstitutsionalizm-kak-ponyatie-i-nauchnaya-problema%20(2).pdf (Дата обращения: 21 июля 2025 года).

3. Баев В. Генезис и развитие Германского конституционализма в начале XIX–первой трети XX века. Автореф. дисс. на соиск. уч. ст. д. юрид. наук. –Москва, 2008. –С.3. (42).

4. Бауман З. Индивидуализированное общество. М.: Логос, 2005.–С.29-31.

5. Bessette J. M. Deliberative Democracy: The Majority Principle in Republican Government // How Democratic is the Constitution? American Enterprise Ins-titute for Public Policy Research. Washington; London, D.C.: AEI Press, 1980. – 1980. –P. 102–116.

6. Большая Российская энциклопедия. Делиберативная демократия. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://bigenc.ru/c/deliberativnaia-de-mo-kratiia-11c314 (Дата обращения: 13 июля 2025 г.).

7. Ниг.:Вебер, Макс Хозяйство и общество: очерки понимающей социологии: в 4 т. / Макс Вебер; [пер. с нем.]; сост., общ. ред. и предисл. Л.Ионина; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». –М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2016. Т. I. Социология. – С.16. (445, [3] с.).

8. Дашкевич Н. Низкая явка избирателей в России: нестандартное решение проблемы. Гражданин. Выборы. Власть. № 3 (13)/2019.–С.190-197.

9. Дьюи Дж. Общество и его проблемы. Перевод с англ. И. Мюрберг, А. Толстова, Е. Косиловой.–М.: Идея-Пресс, 2002.–С.132 (160 с.)

10. Ильин Н., Борисова Н. К вопросу о делиберативной демократии. Право: история и современность. Т. 6, № 1. 2022. –С.8-9. (7-12). [Электронный ресурс]. Режим доступа: https: // yberleninka.ru/article/ n/k-vop-rosu-o-deliberativnoy-demokratii/viewer (Дата обращения: 13 июля 2025 г.).

11. Интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон (2020). [Захираи электронӣ] Режими дастрасӣ: https:// tg.wikipedia.org/wiki/ Интихоботи_ президентӣ дар Тоҷикистон (2020) (Санаи мурочиат: 20 августи соли 2025).

12. Линде А. Делиберативная демократия как направление в современной теории демократии: анализ основных подходов./ Вопросы метология. Выпуск 1 2015. –С.53 (52-58.) [Электронный ресурс]. Режим доступа: deliberativnaya-demokratiya-kak-napravlenie-v-sovremennoy-teorii-demokra tii-analiz-osnovnyh-podho-dov. pdf (Дата обращения: 13 июля 2025 г.).

13. Кравец И. Делиберативный народный конституционализм и конституционные изменения: формы, процедуры и технологии в сравнительной конституционной теории и практике. (К 30-летию Конституции РФ в сравнительном аспекте)// Государство и право. 2023, №12. –С. 48–58.

14. Кудинов О. Российский конститутционализм в XIX–начале XX вв.: Теория и практика. Автореф. на соиск. учен. степени докт. юрид наук. – Москва 2003.– С.4. (34 с.) .

15. Партия Марин Ле Пен неожиданно проиграла выборы в парламент Франции. Кто победил и почему страну охватили беспорядки? [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://lenta.ru /brief/ 2024/ 07/08/ franceelections/ (Дата обращения: 13 июля 2025 г.); Румыния отменила кандидата. Кэлину Джорджеску запретили баллотироваться в президенты [Электронный ресурс]. Режим доступа: https: //www.kommersant.ru/doc / 7564208 (Дата обращения: 13 июля 2025 г.); Глава ЦИК Молдавии заявила о праве стран ЕС вмешиваться в выборы в республике. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/24665293. (Дата обращения: 13 июля 2025 г.).

16. Роберт Михельс. Социология политической партии в условиях современной демократии. Иследование олигархических тенденций в совместной жезнедеятельности. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https:// www. litres.ru/book/robert-mihels/sociologiya-politicheskoy-partii-v-usloviyah -sovremennoy-dem-68073857/chitat-onlayn/?ysclid=mefkqyypuj177617073. (Дата обращения: 13 июля 2025 г.).

17. Савин, Н.Ю. Демократия и политические события / Н. Ю. Савин; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». –М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2023. — С.13.

18. С. Бенхабиб. Притязания культуры: Равенство и разнообразие в глобальную эру. Пер с англ. под ред. В.Л. Иноземцева. М.: Логос, 2003.– 350с.

19. Семененко И.С. Идентичность в повестке дня евро выборов. / Выборы в Европарламент – 2019: национальные ответы на дилеммы европейской интеграции / Под ред. Ю.Д. Квашнина, А.К. Кудрявцева, Н.С. Плевако, В.Я. Швейцера– М.: ИМЭМО РАН, ИЕ РАН, 2019 – С.14.

20. Хлопов О.А. Делиберативная демократия Джозефа Бесетта Рецензия на книгу: Бессетт Д.М. Тихий голос разума. Делиберативная демократия и американская система государственной власти / Пер с англ. Ю. Шпакова. – М.: Российская политическая энциклопедия (РОССПЕН), 2011. С. 269-279) (336с.) [Электронный ресурс]. Режим доступа: deliberativnaya-de mokratiya-dzhozefa-bessetta.pdf (Дата обращения: 13 июля 202 г.).

21.Юрген Хабермас. Моральное сознание и коммуникативное действие. Перевод с немец. под редак. Д.В. Скляднева. Санкт-Петербург: Наука, 2001. –387 с.

## КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ И ДЕЛИБЕРАТИВНЫЙ НАРОДНЫЙ КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМ

**КАРИМЗОДА КАРИМ МАЗИЁ,**
кандидат политических наук, докторант
кафедры политологии и связей с общественностью Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Саида Носира 33;
тел.: (+992) 918-67-05-32

*В данной статье на основе тенденции развития конституционализма, рассматриваются следующие вопросы: возникновение и развитие глобального конституционализма, судебного конституционализма, экономического конституционализма, анализируются понятие и сущность делиберативного народного конституционализма. Отмечается, что эти тенденции являются отражением сегодняшних реалий государственной и общественной жизни, а также и мировой политики.*

*Со ссылкой на зарубежных ученых предлагается понятие делиберативной демократии, а на ее основе – понятие делиберативного народного конституционализма. Как следует из концепции делиберативной*

*демократии, здесь речь идет о консультациях и об обсуждениях, то есть важные политические решения, прежде чем они будут приняты, должны быть согласованы между свободными людьми и равноправными гражданами. Такие решения принимаются после прохождения коммуникативной процедуры (обсуждения). В условиях демократии роль обсуждения и консультаций в принятии решений должна быть обязательной.*

***Ключевые слова:*** *конституционализм, делиберативная демократия, делиберативный народный конституционализм, абсентеизм.*

## CONSTITUTIONALISM AND DELIBERATIVE POPULAR CONSTITUTIONALISM

**KARIMZODA KARIM MAZIYO,**
candidate of political sciences, doctoral student of the
Department of Political Science and Public Relations,
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33;
tel.: (+992) 918-67-05-32

*This article analyzes the concept and essence of deliberative popular constitutionalism based on the trends in the development of constitutionalism: the emergence and development of global constitutionalism, judicial constitutionalism, and economic constitutionalism. It is noted that these trends reflect the current realities of state and public life, as well as global politics.*

*Drawing on the work of foreign scholars, the concept of deliberative democracy is proposed, and the concept of deliberative popular constitutionalism is based on it. As follows from the concept of deliberative democracy, it is about consultations and discussions, i.e. important political decisions, before they are made, must be agreed upon between free people and equal citizens. Such decisions are made after going through a communicative procedure (discussion). In a democratic environment, the role of discussion and consultation in decision-making should be prominent.*

***Keywords:*** *constitutionalism, deliberative democracy, deliberative popular constitutionalism, absenteeism*

**УДК: 316.42:330.34**

# МОҲИЯТИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВИИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ ОН

**ИСМОИЛЗОДА ЗУФАР МУРТАЗОХОН,**
н.и.с., унвонҷӯй-докторанти Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
734018, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 927-776-867

*Чунонки маълум аст, ҷаҳонишавӣ ин раванди таърихии табдил шудани ҷаҳон ба як фазои ягонаи сиёсӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад. Моҳиятан, ҷаҳонишавӣ робитаҳои байни кишварҳо ва халқҳоро васеъ мекунад, тиҷорати байналмилалиро тавассути бекор кардани боҷҳои гумрукӣ, ҳаракати озоди сармоя ва захираҳои меҳнатӣ фаъол мегардонад.*

*Дар асри XXI мафҳуми ҷаҳонишавӣ калидӣ гардида, ташаккули бисёр равандҳо ва рушди муносибатҳоро дар сатҳи нави баландтар ва миқёси ҷаҳонӣ муайян мекунад. Имрӯз ҳангоми тавсифи равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ бештар истилоҳоти байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Омӯзиши худи падидаи ҷаҳонишавӣ олимон, назариётчиён, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони ҷаҳони тиҷоратро ҷалб мекунад. Мавзуи равандҳои ҷаҳонишавӣ яке аз мавзуъҳои ҳамоишҳои илмӣ гардидааст.*

*Равандҳои ҷаҳонишавӣ табдили мураккабсохтор буда, объективияти тамоюлҳои асосии он дар қонуняти фарорасии ин ё он воқеа (натиҷаҳо, ҳодисаҳо) таҷассум ёфта, имкон медиҳад, то робитаи сабабию натиҷавии онҳо бештар ё камтар бомуваффақият арзёбӣ карда шавад. Дар мақолаи мазкур иқдоми таҳлили масъалаи моҳияти ҷаҳонишавии муосир ва яке тамоюли асосии он – фаромиллишавии иқтисоди ҷаҳонӣ амалӣ карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, ҷомеа, иқтисод, давлат, истеҳсолот, корпоратсияҳои фаромиллӣ, сармоя, тиҷорат ва ғайра.*

Сарфи назари аз паҳншавии васеи мафҳуми «ҷаҳонишавaӣ» ва ё «глобализатсия», то ҳол дар муайян кардани моҳияти он ягонагӣ ҳосил нашудааст. Ин ба вуҷуд доштани мухолифатҳои зиёд вобаста аст, ки таҳлил ва арзёбии онҳо ҳадафи бисёр аз муҳаққиқон мебошад. Норасоии ақидаи ягона доир ба моҳияти ҷаҳонишваӣ дар бисёр будани тафсирҳои он, ихтилофот дар бораи неруҳои ҳаракатдиҳанда ва аломатҳои хосси ин раванд, инчунин, дурнамои рушди он зоҳир мешавад. Ин вазъият ба

мураккабӣ ва бисёрҷанбагии раванди ҷаҳонишвaӣ, ки ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти одамон таъсир расонидааст, вобаста аст.

Аммо бояд қайд кард, ки қисми зиёди таърифҳои пешниҳодшуда ва истифодашаванда ба раванди ҷаҳонишвaӣ нодуруст нисбат дода мешаванд ва ба падидаҳои шабеҳ аз ҷиҳати хусусият дахл доранд. Инчунин омили субъективӣ низ вуҷуд дорад, ки дар он матлуб ба ҷои воқеъият қабул карда мешавад, ки барои мавзӯи чунин маъмул ва муҳим ба монанди тағйироти ҷаҳонии иқтисоди ҷаҳонӣ комилан табиист.

Боз як зиддият ба арзёбии вазъияти кунунии ҷаҳонишавӣ ва самти рушди он марбут аст. Дар партави сустшавӣ ё ҳатто коҳиши суръати афзоиши тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати сармоя дар натиҷаи таконҳои амиқи ахири бухронӣ, бисёр коршиносон аз давраи нави деглобализатсия сухан мегӯянд. Тавре қайд карда мешавад, дар доираи ин раванд кишварҳо ба локализатсияи рушди худ талош мекунанд, ки ин ба таври табиӣ ба камтар пайвастшавӣ ва вобастагии иқтисодҳои ҷаҳонӣ оварда мерасонад. Яъне ҳаракате ба амал меояд, ки муқобили ҷаҳонишавист.

Барои дуруст дарк намудани ҷаҳонишавии муосир зарур аст усулҳои муайян кардани ин падида муайян ва таҳлил карда шаванд. Дар тули садсолаҳо раванди тадриҷии наздикшавии кишварҳо ва халқҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад, аммо танҳо айни замон ин раванд ба таври назаррас суръат гирифтааст. Ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадани давлатҳо ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонро ба марҳалаи нави ҳамкорӣ, ки ба он бемаҳдудиятӣ ва универсалӣ будан хос аст, дар назар дорад. Ба ақидаи муҳаққиқон, маҳз раванди ҷаҳонишавӣ аз солҳои 90-уми асри XX ба модели асосии назарии тавзеҳи тартиботи ҷаҳонӣ табдил ёфт [2].

Қобили тазаккур аст, ки аввалин ёдоварӣ аз ҷаҳонишавӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ дар асарҳои иқтисоддонҳо пайдо шудааст ва онҳо ба ташкили бозори ягонаи ҷаҳонӣ ишора кардаанд. Ин раванд бо афзоиши ҳамгироии бозорҳои мол ва хизматрасонӣ, инчунин, сармоя хос буд. Яъне ҷаҳонишавӣ дар аввал маҳз дар соҳаи иқтисодӣ ошкор гардид. Асосгузори истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» олими амрикоӣ Т. Левитт ба шумор меравад, ки соли 1983 дар мақолаи худ дар маҷаллаи «Harvard Business Review» дар бораи муттаҳидшавии бозорҳои маҳсулоти алоҳида, ки аз ҷониби корпоративҳои бузурги фаромиллӣ истеҳсол мешуданд, навишта буд [16].

Аммо, агар ба таърихи илм назар андозем, воқеан, калимаи «ҷаҳоншавӣ» бори аввал аз ҷониби Карл Маркс дар охири солҳои 1850 истифода шудааст. Вай дар мактуби ба Фридрих Энгелс фиристодаи худ чунин менависад: «Баробари ба бозори ҷаҳонӣ дохил шудани Калифорния ва Ҷопон, ҷаҳоншавӣ ба амал омад» [6, с. 109]. Дар ин маврид ин истилоҳ ба маънои «савдои интенсивии байналмилалӣ» истифода шуда буд. Ин

вожа шуруъ аз ибтидои солҳои 1990, вақте ки ҳамгироии байналмилалӣ боиси таъсиси фазои ягонаи иқтисодии Иттиҳоди Аврупо гардид, васеътар истифода мешавад.

Айни замон, аксарияти мутлақи таҳқиқотчиёни масъалаи ҷаҳонишавӣ кӯшиш мекунанд, ки онро ба равандҳои тадриҷан муттаҳид шудани ҷомеаи ҷаҳонӣ ба як фазои ягона ва тибқи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ягона амал мекунад, табдил диҳанд. Ин раванд дар ниҳоят бояд ба гум шудани гуногуншаклӣ ва беназирии ҷамъиятҳо, гуногунии тамаддунҳои мухталиф оварда расонад.

Дар чунин маврид сухан дар бораи як навъ ҳамгунсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ меравад, ки на танҳо ба соҳаи истеҳсолӣ-хоҷагии он таъсир мерасонад, балки боиси тағйирот дар сатҳи хонаводагӣ низ мегардад. Ин тағйиротҳо бо яксоншавии оммавии эҳтиёҷоти одамон ҳам дар сатҳи физиологӣ ва ҳам дар муносибатҳои руҳӣ ва фарҳангӣ тавсиф мешаванд. Ҳамин тариқ, бояд «як навъ яксоншавӣ ва стандартизатсияи дарки қавмӣ-фарҳангӣ, динӣ-таърихии муосирият аз ҷониби ҳамаи халқҳои ҷаҳон» ба амал ояд [10, 16].

Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷаҳонишавӣ як раванди сунъӣ, як навъ сиёсат аст ва амалӣ гаштани онро аксар вақт ба кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, нисбат медиҳанд. Масалан, муҳаққиқони рус ҷаҳонишавиро ҳамчун раванди яққутба муаррифӣ карда, онро «институтсионализатсияи системаи истисмори неоколониалии иқтисоди ҷаҳонӣ аз ҷониби «империализми доллар» номидаанд [4, 20].

Бархе аз олимони сиёсатшиноси рус низ бар ин назаранд, ки тамоми рӯйдодҳо дар доираи ҷаҳонишавӣ ба манфиати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сурат мегиранд. Ҳадафи асосии онҳо васеъ кардани доираи паҳншавии асъори ин абарқудрат – доллари амрикоӣ мебошад [14].

Яке аз сиёсатшиносони маъруфи Федератсияи Русия дар заминаи васеътар баҳс карда, изҳор медорад, ки ҷаҳонишавӣ раванди тӯлонии таъсис ва таҳкими ҳукмронии капитализми аврупоӣ мебошад [5]. Дар илми муосир назарияҳои радикалӣ низ мавҷуданд, ба монанди олими хориҷӣ И. Валлерстайн, ки ҷаҳонишавиро ҳамчун кӯшиши таҳкими назорати як тамаддун бар боқимондаи ҷаҳон ё таъсиси монополияи як давлат бар бозорҳои ҷаҳонӣ арзёбӣ мекунад [1].

Аксари чунин ғояҳо бар он асос ёфтаанд, ки маҳз ба шарофати ҷаҳонишавӣ ИМА то ҳол аз уҳдаи қарзи бузурги хориҷӣ (он аз ҳисоби касри азими солонаи тавозуни амалиёти ҷорӣ ба вуҷуд меояд), ки тибқи маълумоти Вазорати молияи ин давлат дар охири соли 2015-ум 37 триллион долларро ташкил додааст, баромада метавонад [3]. Ҳамин тариқ,

ҷаҳонишавӣ ба ИМА имкон медиҳад, ки ҳатто бо дарназардошти буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ аз дефолт канорагирӣ кунад ва нақши долларро ҳамчун асъори калидӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нигоҳ дорад. Бо дарназардошти ин, метавон хулоса баровард, ки алҳол як навъ омезиши мафҳумҳои ҷаҳонишавӣ ва ташаккули иқтисоди ҷаҳонии яккутба ба амал меояд ва дар он дараҷаи рушди саноатии кишвар аз ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ муайян карда мешавад. Мо нуқтаи назари муҳаққиқонро дар бораи он, ки чунин ҳамгироии категорияҳои иқтисодӣ натиҷаи муайянкунандаи идеологӣ ба шумор рафта, аз ҷониби мутахассисон ва сиёсатшиносони ғарбӣ ва шуравӣ дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри гузашта баён шудааст, ҷонибдорӣ мекунем. Дар он замон ин идеология ҳамчун раванди ҷаҳонишавӣ номида шуда, то дар шароити пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва системаи кишварҳои сотсиалистӣ мавҷудияти ҷузъи идеологиро дар системаи капиталистӣ пинҳон кунад ва нишон диҳад, ки иқтисоди капиталистӣ дар рушди худ воқеан, танҳо ба қонунҳои объективии капитализм такя мекунад.

Ба замми ин, ҷузъи идеологӣ дар кишварҳои демократияи ғарбӣ мавҷуд аст ва ба системаи тарбияи аҳолӣ, дарки онҳо аз арзишҳои фарҳангҳо ва халқҳои дигар, раванди ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва инчунин, ба рушди муносибатҳои ҳамгироӣ (интегратсионӣ) таъсири назаррас мерасонад. Ин муайянкунандаи идеологӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ-психологӣ, фарҳангию таърихӣ ва динӣ асос ёфтааст. Он аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ворид шудааст ва то имрӯз аз ҷониби онҳо ба тамоми ҷаҳони дигар фаъолона таҳмил карда мешавад.

Дар бораи солҳои 80-уми асри гузашта сухан ронда, мо ба давраи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити интизории натиҷаҳои «ҷанги сард» ва ташаккули императивҳои мувофиқашудаи ташаккули модели нави геоиқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ дар шароити аз байн рафтани системаи сотсиалистии идоракунӣ ишора мекунем. Дар ин давра Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар сатҳи қонунгузорӣ ба ташкили корпоратсияҳои фаромиллӣ, ки истеҳсолоти онҳо берун аз марзҳои миллӣ ҷойгир аст, мусоидат карда, имтиёзҳои гумрукӣ-тарифӣ барои маҳсулоти аз ҷониби чунин иттиҳодияҳо истеҳсолшуда ва воридшаванда ба ИМА таъмин менамояд. Зиёда аз ин, соли 1989 «Консенсуси Вашингтон» қабул карда шуд, ки принсипҳои он ба татбиқи сиёсати либерализатсияи ҳамаҷонибаи ҳаракати омилҳои истеҳсол, хусусигардонӣ, танзими давлатӣ ва муттаҳидсозии ҳуқуқҳои моликият дар хоҷагии ҷаҳонӣ равона шудаанд [11].

Бешубҳа, ин принсипҳо, дар асл, моҳияти модели неолибералӣ буда, боиси аз даст додани пайвастаи вазифаҳо ва нақши давлатҳои миллӣ дар муайян кардани самти рушди иқтисодии худ мегарданд.

Пас аз «Консенсуси Вашингтон», «Консенсуси Сингапур», таҳия карда шуд, ки тақозои он рушди иҷтимоию иқтисодии миллатҳо, ҳифзи муҳити зист, бартараф кардани нобаробарии даромадҳо ва мусоидати умумӣ ба демократикунонии ҷомеа дар асоси ягона кардани меъёрҳои демократӣ ҳамчун ҳадафҳо нишон дода шуданд [17].

Асосан, аз дар асоси ҳамаи гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки таҳиякунандагони ин принсипҳо чунин амал кардаанд, гӯё демократия мол аст, ки онро бемамониат содир ё ворид кардан мумкин аст. Дар асл, кӯшишҳои стандартикунонии демократия боиси он шуданд, ки пешбурди онҳо дар давлатҳои гуногун бо истифодаи усулҳои зӯроварӣ ҳамроҳ карда шуд. Зӯроварӣ бошад, нишонаи тамаъҳои империалистӣ мебошад, ки, ба ақидаи мо, бо ҷаҳонишавии хусусияти объективии асосан иқтисодӣ дошта, ҳеч иртиботе надорад. Ҳамин тариқ, яккутбагии иқтисоди ҷаҳонӣ идомаи мантиқии «идеологияи муқовимат ва итоат кардани имкониятҳои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба манфиатҳои кишварҳои ба истилоҳ “рушди пас аз саноатӣ” мебошад [13].

Аз ин рӯ, нодуруст хоҳад буд, ки даъвоҳои империалистии тамаддуни ғарбӣ барои бартарӣ дар системаи ҷаҳонӣ ва ҳама гуна зуҳуроти шуҳратпарастии сиёсии ҳукмронони алоҳида ҳангоми барангехтани эҳсосоти миллатпарастӣ дар ҷомеае, ки бо сатҳи баланди рушди иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва рақобатпазирии байналмилалӣ мустаҳкам шудааст, бо раванди ҷаҳонишавӣ муқоиса карда шавад.

Умуман, чуноне дар боло қайд намудем, муҳаққиқон моҳияти ҷаҳонишавиро ҳамчун раванди иқтисодӣ маънидод намудаанд ва барои дарки он зарур аст, ки ба пайдоиши ин раванд, ба замони вуҷуд омадани ҷомеаи инсонӣ дар роҳи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ишора намуд.

Таърихан, бисёр халқҳо ба ин ё он тарз, ба ин ё он шакл бо ҳамдигар ҳамкорӣ кардаанд ва дар ин маънӣ раванде ба вуҷуд омадааст, ки амалан аз лаҳзаи пайдоиши аввалин давлатҳо сарчашма мегирад. Дар ин мазмун сухан дар бораи байналмилишавии иқтисоди ҷаҳонӣ меравад. Дар шакли муосири худ, ин раванд дар густариши содироти мол ва хизматрасонӣ берун аз марзҳои миллӣ, ҳамзамон, бо воридоти маҳсулот ва хизматрасонии хориҷӣ аз хориҷа, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ ва сармоягузориҳои миллӣ ба хориҷа, интиқоли байналмилалии қувваи корӣ ифода меёбад.

Дар марҳалаи камолоти худ, байналмилалишавӣ бо афзоиши ҳаҷми тиҷорати ҷаҳонӣ алоқаманд буд, ки ба шарофати сиёсати иқтисодии

давлатҳое, ки ин равандро мусоидат кардананд, имконпазир гардид. Сухан дар бораи дараҷаи кушодагии иқтисодҳои миллии ин давлатҳо меравад, ки аз сатҳи либерализатсияи фаъолияти иқтисодии берунӣ кишвари интихобшуда вобаста аст ва метавонад, масалан, дар соҳаи тиҷорати хориҷӣ бо нишондиҳандаҳои квотаи содиротӣ ва воридотӣ ифода ёбад.

Дар марҳалаи муосири рушди раванди байналмилалишавӣ, таваҷҷуҳ тадриҷан ба кӯчонидани худи омилҳои истеҳсолот: сармоя, захираҳои меҳнатӣ ва иттилоотӣ тағйир меёбад.

Сармоя яке аз муҳимтарин омилҳост, ки иқтисодҳои миллиро ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ «ба ҳам пайваст» кардааст. Робитаҳои молиявии ҷаҳонӣ аз солҳои 70-уми асри гузашта афзоиш ёфта, то имрӯз муҳоҷирати байналмилалии сармоя, ки қарзӣ, соҳибкорӣ ва дигар навъҳои онро дар бар мегирад, садҳо миллиард долларро ташкил дода, боиси пайдоиши бозорҳои нави молиявӣ гардидааст, ки дар онҳо маблағҳои калони озоди молиявӣ ҷустуҷӯйи истифодаи фоиданокро доранд [13]. Ҳамин тариқ, аксари кишварҳои ҷаҳон, ки хоҳиши пайваст кардани иқтисодҳои миллии худро ба шабакаи молиявии ҷаҳонӣ изҳор кардаанд, имрӯз бо шумораи зиёди алоқаҳо, ки дар онҳо ҳазорҳо муассисаҳои гуногуни молиявӣ иштирок мекунанд, печидаанд.

Раванди дигар, ки натиҷаи байналмилалӣшавӣ мебошад, фаромиллишавии иқтисоди ҷаҳон аст. Фаромиллишавӣ ҳамчун раванди густариши фаъолияти байналмилалии ширкатҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳои хизматрасонӣ, баромадани онҳо аз марзҳои миллии кишварҳои алоҳида қабул карда мешавад. Яъне фаромиллишавӣ танҳо ба ҷанбаи муассисавии равандҳои глобалии тиҷоратӣ, ки ба амал меоянд (яъне фаъолияти корпоратсияҳои фаромиллӣ ва бонкҳои фаромиллӣ) дар саросари ҷаҳон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Фаромиллишавии иқтисоди ҷаҳон ба шарофати чунин равандҳо имконпазир гардид:

–рушди сифатии воситаҳои нақлиёт ва алоқаи нав (пайдоиши шабакаи интернет), ки паҳншавии босуръати молҳо ва хизматрасониҳоро таъмин кард;

–истифодаи технологияҳои пешрафтаи илмию техникӣ ва дигар технологияҳои нав дар натиҷаи суръатбахшии паҳншавии инқилоби илмӣ-техникӣ;

–пайдоиши майдончаҳои тиҷорати электронӣ ҳамчун шакли нави фаъолияти иқтисодӣ;

–ворид кардани стандартҳои ягона аз ҷониби созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ дар амалияи ҷаҳонӣ дар сиёсати андоз,

минтақавӣ, аграрӣ, зиддимонополӣ ва ғайра. Ҳамин чиз ба меъёрҳои сиёсати макроиқтисодӣ низ дахл дорад [12].

Корпоратсияҳои фаромиллӣ сохторҳои истеҳсолӣ–фурӯшии бузургҳаҷм ва фарогир мебошанд, ки хоҷагиҳои миллии бисёр кишварҳоро мепайванданд. Дар хоҷагии ҷаҳонӣ чандсад ширкатҳои бузург ҳукмронӣ мекунанд, ки таносубҳои асосии истеҳсолоти ҷаҳонӣ ва рушди соҳаҳои муҳими хоҷагии ҷаҳониро муайян мекунанд. Қудрати муштараки баъзе корпоратсияҳои фаромиллӣ на танҳо бо имкониятҳои давлатҳои хурд, балки бо давлатҳои миёна низ муқоиса карда мешавад. Ба ақидаи муҳаққиқон, филиалҳои корпоратсияҳои фаромиллӣ ҳамчун намояндагони тиҷорати хусусии калон дигар ба шароитҳои амалкунанда дар кишвари муайян мутобиқ намешаванд, балки худашон ба сохтори иқтисоди онҳо, шуғл, музди меҳнат таъсир мерасонанд ва ба сатҳи тахассуси кадрҳои маҳаллӣ талабот мегузоранд [15].

Ҳамаи ин дар айни замон корпоратсияҳои фаромиллиро субъектҳои асосии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ки тавассути фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ мешаванд, мегардонанд. Ҳамин тариқ, корпоратсияҳои фаромиллӣ нақши муҳимтарин неруи пешбарандаи ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонро ба зимма гирифтаанд ва маҳз онҳо бештар аз ҳама манфиатдоранд, ки сарҳадҳои миллии кишварҳои гуногун ҳарчи бештар кушода шаванд, то дастрасии номаҳдуд ба захираҳои табиӣ, инсонӣ, зеҳнӣ, ба бозорҳои дохилӣ барои фурӯши маҳсулот ва хизматрасонии худ дошта бошанд.

Пайдарҳамии равандҳои дар боло зикршуда, яъне кушодани иқтисоди миллии кишвар барои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо дигар давлатҳо дар ҷараёни либерализатсияи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, раванди байналмилалишавӣ, ки дар ҷараёни он ин ҳамкорӣ амалӣ мегардад ва роҳбарони асосии он ширкатҳои фаромиллӣ мебошанд, боиси ташаккули бозори ягонаи ҷаҳонии молҳо, хизматрасониҳо, сармоя, неруи корӣ ва дониш мегардад. Ҷаҳонишавӣ натиҷаи рушди раванди байналмилалишавӣ буда, марҳалаи олии он ба шумор меравад.

Таъкид кардан зарур аст, ки ҷаҳонишавӣ хусусияти хеле мураккаб ва зиддиятнок дорад, аз ин рӯ, онро набояд танҳо ба равандҳои бозорӣ, яъне ба соҳаи мубодила маҳдуд кард. Зеро аллакай дар чоряки охири асри XIX системаи хоҷагии ҷаҳонӣ бо хусусияти умумиҷаҳонии фурӯши маҳсулот дар натиҷаи рушди раванди индустриализатсия дар ҳамаи кишварҳои пешқадам тавсиф мешуд. Бо вуҷуди ин, ҳамон вақт дар бораи раванди ҷаҳонишавӣ ҳанӯз сухан гуфтан барвақт буд.

Илова бар соҳаи мубодила, раванди байналмилалишавӣ истеҳсолотро низ фаро гирифта, онро низ байналмилалӣ мегардонад. Байналмилалишавии истеҳсолот маънои онро дорад, ки маҳсулоти ниҳоӣ

бо саъю кӯшиши истеҳсолкунандагони бисёр кишварҳои ҷаҳон бо дараҷаҳои гуногуни иштироки онҳо дар ин раванд эҷод карда мешавад. Ҳамкории ду соҳа: истеҳсолот ва мубодила–дар доираи раванди такрористеҳсолӣ амалӣ карда мешавад, ки мувофиқи назарияи такрористеҳсолии иқтисоддони фаронсавӣ Франсуа Кенэ фазаҳои зеринро дар бар мегирад:

а) истеҳсолот;

б) тақсимот;

в) мубодила;

г) истеъмол.

Ҳангоми баррасии раванди такрористеҳсол дар шакли моддӣ (аз нуқтаи назари сармоягузорӣ) ба марҳалаҳои зикршуда марҳалаи таъминоти захираҳо, ки омодагӣ ба истеҳсолот (илмӣ, технологӣ, молиявӣ ва ғайра) мебошад, илова карда мешавад. Инчунин, аз диди муҳаққиқон, марҳалаи истеъмол бо хизматрасонии пас аз татбиқӣ пурра мегардад [9].

Вобаста ба ин, мо бар он назарем, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо сатҳи байналмилалӣ шудани раванди такрористеҳсол (минбаъд барои осонии баён мо истилоҳи «раванди истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохили ҷаҳонӣ»-ро истифода хоҳем бурд) дар миқёси иқтисоди ҷаҳонӣ тавсиф меёбад. Дар ин ҳолат, мо тавассути байналмилалӣ шудани онро баровардани давраи такрористеҳсол ҳам дар маҷмуъ ва ҳам дар марҳалаҳои алоҳидаи он аз ҳудуди сарҳадҳои миллӣ бо мақсади оптимизатсияи хароҷот ва зиёд кардани фоида, инчунин, дастрасӣ ба манбаъҳои ашёи хом ва/ё бозорҳои нави фурӯши маҳсулот мефаҳмем.

Робитаҳои муосири иқтисодии ҷаҳонӣ бо сустшавии суръати афзоиши тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати сармоя ва дар баъзе ҳолатҳо коҳиши онҳо тавсиф мешаванд. Дар равшании ин тамоюлҳо, бисёр коршиносон аз давраи нави деглобализатсия сухан меронанд, ки дар он кишварҳо ба локализатсияи рушди худ талош мекунанд, ки дар натиҷа камтар пайвастшавӣ ва вобастагии иқтисодҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд.

Якчанд сабабҳо барои сустшавии тиҷорати ҷаҳонӣ мавҷуданд, аммо аксари коршиносон коҳиши тадриҷии касри тиҷоратии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (миқдоре, ки воридот аз содирот зиёд аст)-ро сабаби асосӣ медонанд. Ин қисман аз он сабаб аст, ки ИМА бештар аз нафту гази худи истифода мебарад, қисман аз он сабаб, ки иқтисоди ин мамлакат қаблан мисли пештара харидорӣ намекунад ва иқтисодҳои дигар ҳанӯз ин нақшро ба зимма нагирифтаанд.

Албатта, далелҳои пешниҳодшуда ба соҳаи мубодила маҳдуданд ва танҳо нишондиҳандаҳои тиҷорати байналмилалӣ, ҳатто бо дарназардошти ҷараёнҳои сармояи ҷаҳонӣ, қодир нестанд, ки чунин раванди мураккабро

ҳамчун глобализатсия, яъне ҷанбаи асосии иқтисодии онро пурра инъикос кунанд. Раванди глобализатсия, чуноне ки мо қаблан қайд кардем, тамоми давраи такроristеҳсолотро фаро мегирад. Аз ин рӯ, барои муайян кардани вазъияти кунунии глобализатсия, зарур аст, ки сатҳи байналмилалӣ шудани раванди такроristеҳсолот дар миқёси иқтисоди ҷаҳонӣ муайян карда шавад.

Дар муайян кардани ин нишондиҳанда мо ба модели геоиқтисодии сохтори ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби асосгузори мактаби геоиқтисодии Русия Э. Кочетов таҳия шудааст, такя бояд кард. Ба ақидаи ӯ, унсурҳои асосии системаи иқтисоди ҷаҳонӣ ин давраҳои такроristеҳсоли байналмилалӣ (мағзҳо) мебошанд. Давраҳои такроristеҳсоли байналмилалӣ ҳамчун равандҳои такроristеҳсоли васеъшуда, ки аз доираи миллӣ берун баровардa шудаанд ва субъектҳои хоҷагидории миллӣ ва фаромиллиро ҳамчун қисмҳои он дар бар мегиранд, фаҳмида мешаванд. Аз ҷиҳати сохтор, такроristеҳсоли байналмилалӣ ба ду қисми таркибӣ тақсим мешавад: қисми байналмилалии соҳаи истеҳсолот ва қисми байналмилалии соҳаи муомилот [8].

Ба фикри мо, нишондиҳандаи қисми байналмилалишудаи соҳаи истеҳсолот бояд сатҳи рушди истеҳсолоти байналмилалӣ бошад, ки ин ҷойгиркунии фаъолияти истеҳсолии иловаи арзиш дар хориҷа, ки таҳти назорати хориҷӣ ё дар асоси назорати хориҷӣ доир ба қабули қарорҳо сурат мегирад. Айни замон, системаи истеҳсолоти байналмилалӣ аз ҷониби бузургтарин корпоратсияҳои фаромиллӣ тавассути воситаҳои гуногун, пеш аз ҳама, сармоягузории мустақими хориҷӣ ташаккул меёбад, ки ба сармоягузори корпоратсияҳои фаромиллӣ имкон медиҳанд, ки дараҷаи назарраси назорат аз болои идоракунии корхонаҳои дорои сармоягузории мустақими хориҷиро, ки дар нақши онҳо филиалҳои хориҷиашон мебошанд, амалӣ кунад. Ғайр аз ин, сармоягузории мустақими хориҷӣ воситаи асосиест, ки тавассути он ширкатҳо ҳузури ҳудудии худро берун аз марзҳои миллӣ васеъ мекунанд.

Дар навбати худ, қисми байналмилалшудаи соҳаи муомилотро мо тиҷорати воқеии ҷаҳонӣ, ки тавассути корпоратсияҳои фаромиллӣ амалӣ мегардад, мефаҳмем. Ин навъи тиҷорат гардиши дохиликорпоратсионии молҳо, хизматрасонӣ ва дороиҳои зеҳниро (патентҳо, лицензияҳо ва ғайра) дар доираи корпоратсияҳои фаромиллӣ, яъне тиҷорат байни филиалҳои хориҷӣ ва ширкати волидайнро ташкил медиҳад. Ҳиссаи тиҷорати дохилии корпоратсияҳои фаромиллӣ дар тиҷорати воқеии ҷаҳонӣ аз охири асри XX, аз рӯйи баҳогузории коршиносон, устувор дар сатҳи тақрибан 1/3 нигоҳ дошта мешавад [7].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили дар боло анҷомдода метавонем хулосаҳои зеринро пешниҳод намоем:

1) Ҷаҳонишавӣ асосан раванди объективии рушди иқтисоди байналмилалӣ мебошад, ки натиҷаи табдил ёфтани иқтисоди ҷаҳонӣ ба як системаи кушода, инчунин, тавассути муносибатҳои молию пулӣ ва робитаҳои иттилоотӣ амалӣ мешавад. Иқтисоди ҷаҳонӣ дар натиҷаи раванди байналмилалӣ шудани иқтисод, ки дар амиқтар ва васеътар шудани ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ зоҳир мешавад, ба як системаи кушодаи иқтисодӣ табдил ёфт. Кӯшишҳои мутобиқ кардани ҷаҳонишавӣ бо раванди якхелашавии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки яке аз нишонаҳои он тадриҷан ба як фазои ягона муттаҳид шудани тамаддуни инсонӣ мебошад, ба назари мо, нодуруст аст.

Дар ин ҳолат, ҷаҳонишавӣ раванди сунъӣ, сиёсати хоссаест, ки аз ҷониби кишварҳои пешрафта таҳти сарварии ИМА роҳандозӣ шуда, ба тавсеаи хашин ва арзишҳои ғарбӣ, инчунин, стандартҳои демократӣ, аз ҷумла дар соҳаи иқтисод, нигаронида шудааст. Аммо ҳангоми мурочиат ба пайдоиши равандҳои ҷаҳонишавӣ муайян кардан мумкин аст, ки таърихи рушди ҷамъиятии ҷомеаи инсонӣ аз замони пайдоиши аввалин сохторҳои давлатӣ оғоз ёфта, бо раванди байналмилалии иқтисоди ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Мураккабшавии тадриҷӣ ва пайдоиши навъҳои нави робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ба марҳалаи сифатан нави рушди раванди байналмилалӣ оварда расонд, ки дар он ҷомеаи инсонӣ ва давлатҳои ҷаҳон ба марҳалаи нави ҳамкорӣ ворид мешаванд, ки бо бемаҳдудият ва универсалӣ–ба марҳалаи ҷаҳонишавӣ тавсиф мешавад.

2) Андешаҳо дар бораи воридшавии иқтисодиёти ҷаҳон ба давраи ғайриҷаҳонишавӣ (деглобализатсия), ки бо хоҳиши кишварҳо ба милликунонии рушди худ ва дар натиҷа, ба кам шудани робита ва вобастагии иқтисодиёти ҷаҳон тавсиф мешавад, танҳо ба инъикоси нопурраи раванди мураккабе чун глобализатсия асос ёфтаанд. Далелҳои тарафдорони милликунонӣ бо соҳаи мубодила маҳдуд мешаванд, аммо, чунонки мо муайян кардем, раванди ҷаҳонишавӣ тамоми давраи такрористеҳсолиро фаро мегирад. Дар натиҷа, ҳолати кунунии ҷаҳонишавӣ сатҳи байналмилаликунонии раванди такрористеҳсолиро дар миқёси иқтисодиёти ҷаҳон тавсиф мекунад ва ин раванд то ҳол тамоюли пешбари рушди модели геоиқтисодии иқтисодиёти ҷаҳон боқӣ мемонад.

## АДАБИЁТ

1. Валлерстайн И. Глобализация или переходный период? // Экономические стратегии. - 2000. - №2. - С. 14-26.

2. Гаджиев К.С. Введение в геополитику. Учебник. –Москва: Логос 2000. - 414 с.

3. Госдолг США достиг рекордной отметки в 37 трлн долларов. (Захираи электронӣ). https://www.nur.kz/world/2274618- (Санаи муроҷиат: 7 сентябри соли 2025).

4. Губанов, С., Абдулгамидов Н. Двойные стандарты однополюсной глобализации // Экономист. - 2002. - №12. - С. 20 (- С. 20-38).

5. Иноземцев В.Л. Современная глобализация и её восприятие в мире // Век глобализации. - 2008. - №1. - С. 31-44.

6. Комолов О. Марксистская теория глобализации и новые тенденции в мировой экономике // Вестник Института экономики Российской академии наук. - 2021. - №2. - С. 245.

7. Котельников В. Управление инвестициями: стратегический подход. Гибкие корпоративные стратегии выживания и лидерства в новой экономике. - Москва: ЭКСМО, 2013. - 356 с.

8. Кочетов Э. Геоэкономика. Освоение мирового экономического пространства: Учебник для вузов. - Москва: Норма, 2010. - 528 с.

9. Максимова, Е. Проблемы взаимосвязи стадий потребления и обмена в воспроизводстве // Дискуссия. - 2012. - №6. - С 186-193.

10. Перская, В., Глуховцев, В. Многополярность: миф или реальность? - Москва: Экономика, 2011. - С. 16 (- 255 с.).

11. Раҳмо Д., Сафаралиев, Д. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун ғоя ва заминаҳои таърихии пайдоиши он // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Правовая жизнь. – 2019. - № 1 (25). – С. 5-14.

12. Тарасова Л. Международная правосубъектность транснациональных корпораций // Актуальные проблемы современного международного права: Материалы XI ежегодной международной научно-практической конференции, посвященной памяти профессора И.П. Блищенко: в 2 ч. –Москва, 12-13 апреля 2013 г. – Москва: РУДН, 2014. Ч. I. - С. 283-291.

13. Трифонов Д. Глобализация: сущность и современные тенденции развития // Вестник Московского университета. Серия 6. Экономика. - 2016. - №5. - С. 26-38.

14. Уткин А.И. Мировой порядок XXI века. – Москва : Алгоритм: Рус. Нац. фонд, 2001. – 472 с.

15. Черкасова Н., Шабалина В. Вопрос потенциала развития транснациональных компаний в мировой политике // Наука и мир. - 2016. - №5 (33). Т.2 - С. 177-180.

16. Levitt, T. Globalization of Markets // Harvard Business Reviews. – 1983. - №61. - P. 92-102

17. Zheng C., Hu, Mei-Chin. Challenges to ICT manpower planning under economic restructuring: Empirical evidence from MNC's in Singapore and Taiwan // Technological forecasting and social change. - The Hague. - 2009. - Vol. 75. - №6. - P. 834-853.

# СУЩНОСТЬ СОВРЕМЕННОГО ПРОЦЕССА ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ЕГО ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ

**ИСМОИЛЗОДА ЗУФАР МУРТАЗОХОН,**
к.п.н., соискатель-докторант Института философии,
политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ
734018, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33;
тел.: (+992) 927-776-867

*Как известно, глобализация–это исторический процесс преобразования мира в единое политическое, информационное, экономическое и культурное пространство. По сути, глобализация расширяет связи между странами и народами, активизирует международную торговлю посредством отмены таможенных пошлин, свободного перемещения капиталов и трудовых ресурсов.*

*В XXI веке понятие глобализации стало поистине ключевым, определяя формирование многих процессов и развитие отношений на новом, более высоком уровне и в глобальном масштабе. Сегодня при описании экономических, политических и социальных процессов всё чаще используются такие термины, как «международный», «глобальный», «всемирный». Изучение самого феномена современной глобализации привлекает учёных, теоретиков, государственных и общественных деятелей, представителей делового мира. Тема глобализационных процессов стала одной из самых популярных тем семинаров, совещаний и научных конференций.*

*Глобализационные процессы представляют собой сложные трансформации, объективность основных тенденций которых воплощается в регулярности наступления тех или иных событий (результатов, явлений), что позволяет более или менее успешно оценивать их причинно-следственные связи. В данной статье предпринята попытка проанализировать сущность современной глобализации и одной из её основных тенденций - транснационализации мировой экономики.*

***Ключевые слова:*** *глобализация, общество, экономика, государство, производство, транснациональные корпорации, капитал, торговля и т. д.*

# THE ESSENCE OF THE MODERN GLOBALIZATION PROCESS AND ITS MAIN TRENDS

**ISMOILZODA ZUFAR MURTAZOKHON,**
c.p.s., PhD at the Institute of Philosophy, Political Science, and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan named after A. Bakhovaddinov
734018, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 927-776-867

*As is well known, globalization is a historical process of transforming the world into a unified political, informational, economic, and cultural space. Essentially, globalization expands ties between countries and peoples, activating international trade through the abolition of customs duties and the free movement of capital and labor.*

*In the 21st century, the concept of globalization has become truly pivotal, defining the formation of many processes and the development of relations at a new, higher level and on a global scale. Today, terms such as «international», «global» and «worldwide» are increasingly used to describe economic, political, and social processes. The study of the phenomenon of modern globalization itself attracts scholars, theorists, government and public figures, and business representatives. The topic of globalization processes has become one of the most popular topics at seminars, meetings, and academic conferences.*

*Globalization processes represent complex transformations, the objectivity of whose main trends is embodied in the regularity of certain events (results, phenomena), which allows for a more or less successful assessment of their cause-and-effect relationships. This article attempts to analyze the essence of contemporary globalization and one of its main trends - the transnationalization of the global economy.*

***Keywords:*** *globalization, society, economy, state, production, transnational corporations, capital, trade, etc.*

**УДК: 338.1:656.1:620.9(575.2)**

# ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАРҲОИ РӮ БА ТАРАҚҚИИ МАҲСУР ДАР ХУШКӢ

**ШАРИФЗОДА САИДҲОМИД САФАР,**
номзади илмҳои таърих, сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии масъалаҳои амнияти минтақавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои мубрам, таҳлилу баррасии вазъи кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ бахшида шудааст. Муаллиф талош намудааст, ки ҷойгоҳи Тоҷикистонро миёни кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ ҳамаҷониба баррасӣ намояд. Дар робита ба масъалаи мазкур, муаллиф саҳми Тоҷикистонро аз лиҳози боло бурдани зарфияти транзитӣ, энергетикӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамаҷониба таҳлил намудааст.*

*Муаллиф дар мақола ҳамоишҳои сатҳи байналмилалии СММ оид ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба баҳр дастрасӣ надоштаро ҳамаҷониба арзёбӣ намудааст. Бояд таъкид кард, ки ҳамоишҳои мазкур маротибаи дуюм аст, ки дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ – Қазоқистон (2003) ва Туркманистон (2025) баргузор мегарданд, ки аз мавқеи муҳимми минтақа дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ дарак медиҳад.*

*Муаллиф таъкид менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти зарфияти захиравӣ, ҳамлу нақл ва мавқеи ҷуғрофӣ дар рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, боркашонӣ, содироти маҳсулоти кишоварзии аз назари экологӣ тоза миёни кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ ҷойгоҳи хосро касб намудааст.*

*Муаллиф таваҷҷуҳи бештарро ба татбиқи лоиҳаи долони нақлиётии Тоҷикистон, Ӯзбекистан, Туркманистон, Эрон ва Туркия бо баромад ба Чин («Х+ТУТЭТ») ва лоиҳаи хатти интиқоли барқи Осиёи Марказӣ–Осиёи Ҷануби “CASA–1000”, ки низоми энергетикии ду минтақаро ба ҳам пайваст месозад, зоҳир намудааст. Дар ин замина, ҷойгоҳи Тоҷикистон дар татбиқи лоиҳаҳои мазкур нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ, саҳм, Тоҷикистон, зарфияти транзитӣ, энергетикӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, долони нақлиётӣ, боркашонӣ, низоми энергетикӣ, СММ, Рӯзномаҳои рушд, рушди устувор.*

Алҳол дар ҷаҳон аз 195 кишвар 151 он бо баҳр сарҳад дошта, тақрибан 44 кишваре мавҷуданд, ки ба Укёнуси олам сарҳад надоранд. Теъдоди зиёди аз ин кишварҳо дар Африқо (16) ва Аврупо (14) ҷойгиранд. Дар қитъаи Осиё танҳо 12 кишваре мавҷуд аст, ки ба баҳр дастрасӣ надоранд. Шумораи кишварҳое, ки дар чунин вазъи ҷуғрофӣ қарор доранд, мутаносибан дар Амрикои Ҷанубӣ ду адад буда, дар Амрикои Шимолӣ чунин кишвар ба назар намерасад ва қитъаи Австралия бошад, пурра ба як кишвар иҳота шудааст [14].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи умумии аҳолии кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ тақрибан 600 миллион нафарро ташкил дода, ҳар кадоми он аз кишварҳои ҳамсоя дар робита ба боркашонӣ вобастагӣ доранд. Дар ин замина, норасоии энергетикӣ барои рушди устувор дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки ба баҳр дастрасӣ надоранд, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин, оморҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки ҳоло беш аз 215 миллион нафар ба энергия дастрасии боэътимод надоранд. Аз ин рӯ, масъалаи мусоидат ба шарикии қавии фаромарзӣ дар шабакаҳои барқӣ ва технологияҳои муосир ва ба ин васила ҳавасмандгардонии ҳам рушди саноат ва ҳам некуаҳволии иҷтимоӣ масъалаи меҳварӣ дар Рӯзномаҳои рушд ба ҳисоб меравад [6].

Дар робита ба ҳалли масъалаҳои мавҷуда, аллакай сеюмин Конфронси СММ оид ба кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ баргузор гардид. Дар конфронсҳои мазкур масъалаҳои дастрасии озод ба баҳр, амалиёти муассири транзитӣ ва дастгирии байналмилалӣ барои кишварҳои дур аз баҳр таҳлилу баррасӣ мешавад.

Ҳамзамон, кишварҳои узви СММ мушкилоти таъсири мавқеи ҷуғрофӣ ба рушди иҷтимоиву иқтисодии онҳоро ҳамаҷониба муҳокима менамоянд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин кишварҳо бо сабаби дур будани худ аз баҳр баҳои гарон мепардозанд. Дар даҳ соли охир афзоиши даромад ба ҳар сари аҳолӣ назар ба мамлакатҳои сусттараққикарда ҳатто пасттар буд [1].

Агар ба таърихи баргузории ҳамоиш назар афканем, ҳанӯз соли 1995 дар сатҳи СММ Чаҳорчӯби глобалии ҳамкориҳои нақлиётии транзитӣ байни кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ ва транзитии дар ҳоли рушд ва кишварҳои донор қабул карда шуд. Ҳамин тавр, пас аз қабули Эъломияи Ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид дар соли 2000, эҳтиёҷот ва мушкилоти кишварҳои рӯ ба тараққии ба баҳр роҳнадошта афзоиш ёфтанд [3]. Дар робита бо ин, тибқи қатъномаи 56/180 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қарор қабул кард, ки Конфронси байналмилалии вазирони кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба баҳр дастрасӣ надошта соли 2003 даъват карда шавад [10]. Аз ин рӯ, қатъномаи 57/242

Маҷмаи Умумии СММ қарор кард, ки Кумитаи байниҳукуматии омодагии конфронс ду ҷаласаро баргузор намуд. Ҳамин тавр, аз 23 то 27 июни соли 2003 дар шаҳри Ню-Йорк (ИМА) ва 25–27 августи соли 2003 дар шаҳри Алмаато (Қазоқистон) ҷаласаҳои мазкур доир гардиданд.

Ҳангоми баргузории ҳамоиши Алмаато коршиносон "Барномаи амали Алмааторо барои солҳои 2004-2014" тартиб дода, он дар Конфронси байналмилалии вазирони кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ санаи 28-29 августи соли 2003 пешниҳод гардид. Барномаи амали мазкур фарогири рушди ҳамкориҳо дар самти таъсиси низоми самарабахши транзитӣ дар якҷоягӣ бо кишварҳои дорои дастрасӣ ба баҳр, зарурати такмили заминаи меъёрӣ барои содагардонии расмиёти транзитӣ, рушди долонҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, баҳри дохилӣ, қубур ва нақлиёти ҳавоӣ, тавассути шартномаҳои байналмилалӣ ва қарорҳои Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ) ва расонидани ёрии технологӣ ва молиявӣ беҳтар намудани вазъияти мамлакатҳои ба баҳр баромаддошта ба ҳисоб мерафтанд [4]. Дар музокирот намояндагони 70 кишвари рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла 30 кишвари маҳсур дар хушкӣ ва 33 кишвари транзитӣ, инчунин, 9 кишвари донор ва 20 ниҳоди байналмилалӣ ва созмонҳои молӣ ширкат намуданд.

Конфронси дуюм, ки санаи 3–5 ноябри соли 2014 дар Австрия баргузор гардид, идомаи ин раванд буд. Натиҷаи асосии чорабинӣ "Барномаи амали Вена то соли 2024" буд, ки саъю кӯшиши ҷомеаи байналмилалиро ба дигаргунсозии амиқи сохтории иқтисодиёти кишварҳои ба баҳр роҳнадошта равона кардааст. Барнома як қатор самтҳои афзалиятнок, аз қабили рушди зерсохтор, соддагардонии расмиёти транзитӣ, мусоидат ба тиҷорат ва гуногунсамтии иқтисодро дар бар мегирад [20].

Зимни ҳамоиш дар баробари дигар коршиносон ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ иштирок намуда, шумораи умумии иштирокчиён 1500 нафар дар сатҳи сарони давлатҳо ва намояндагони сатҳи баланд аз 120 кишвари ҷаҳон буданд [18].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ, интиқоли маҳсулот то 35–45 рӯз тул мекашад, дар ҳоле ки дар кишварҳои ба баҳр баромаддошта ин гуна боркашонӣ дар 15 –20 рӯзро дар бар мегирад [5].

Барои такя ба дастовардҳои гузашта ва ҳалли ҳамаҷонибаи маҳдудиятҳо барои кишварҳои маҳсур дар хушкӣ, МУСММ 24 декабри соли 2024 бо қабули қатъномаи A/RES/79/233 "Барномаи амал барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои даҳсолаи 2024–2034" оғоз намуд [11]. Ин нақшаи дурандешона нақши муҳимми ҳамкориҳои густурдаи байнал-милалӣ, маблағгузории инноватсионӣ, мубодилаи технологияҳо ва

ҳамгироии амиқтари минтақавиро барои кушодани зарфияти пурраи рушди кишварҳои рӯ ба баҳрӣ надошта, кафолат медиҳад, ки ҳеч як кишвар дар ҷустуҷӯйи глобалии мо барои рушди фарогир ва устувор қафо намонад.

Ҳамин тавр, аз санаи 5 то 8 августи соли 2025 дар шаҳри Авазаи Туркманистон Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ баргузор гардид. Дар чорабини иштироки 32 кишвари маҳсур дар хушкӣ баргузории панҷ мизи гирди мавзуӣ дар сатҳи баланд ва 14 чорабинии махсус ҷиҳати мубодилаи таҷриба ва дониш байни минтақаҳо ба нақша гирифта шуд [9]. Санади ниҳоие, ки аз натиҷаи ҳамоиш қабул гардид, “Барномаи амали Аваза то соли 2034” ба ҳисоб меравад.

“Барномаи амали Аваза то соли 2034” барои беҳтар кардани дастрасӣ ба таҳқиқоти кишоварзӣ ва пешбурди таҷрибаҳои агроэкологӣ, ки ба ниёзҳои кишварҳои маҳсур дар хушкӣ мутобиқ мебошанд, равона карда шудааст. Ҳамзамон, метавон чор самти афзалиятноки Барномаи амали Авазаро дар шакли зерин арзёбӣ намуд:–дигаргунсозии иқтисодӣ ва рақамӣ;– рушди тиҷорат ва ҳамлу нақл;–меъёрҳои иқлим;–маблағгузорӣ ва шарикӣ [2].

Ҳамзамон, таъкид намудан зарур аст, ки зимни баргузории ҳамоиш дар Авазаи Туркманистон санаи 5 августи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ таъкид намуданд, ки “аз лиҳози натиҷагирӣ ва таҳлили фарогири раванди татбиқи “Барномаи амали Вена, солҳои 2014–2024”, Конфронси имрӯза барои Гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ аҳаммияти хосса дорад” [16].

Дар рафти ҳамоиш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба арзёбии натиҷаҳо бо таваҷҷуҳ ба бартараф монеаҳо дар самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо ва сафарбар кардани саъю талошҳои минбаъда ҷиҳати таъмини рушди устувор ва рафъи мушкилоти вобаста ба маҳдудиятҳои транзитӣ ва инфрасохтории кишварҳои маҳсур дар хушкӣ ибрози назар намуданд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла зикр карданд, ки ташаккул ва истифодаи самараноки иқтидори долонҳои нақлиётиву транзитии кишварҳои маҳсур дар хушкӣ ба таъмини рушди устувор ва рафъи мушкилоти вобаста ба маҳдудиятҳои транзитӣ ва инфрасохтории кишварҳо мусоидат хоҳад кард. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба омилҳои осебпазир дар пасманзари ташаннуҷи геополитикӣ, бухронҳои молиявию иқтисодӣ, тағйирёбии иқлим ва дигар хавфу таҳдидҳои глобалӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намуданд. Таъкид гардид, ки Тоҷикистон, бо дарназардошти афзалиятнокии соҳаҳои нақлиёт ва

энергетика, ба рушди босуръати ин самтҳо аҳаммияти хосса равона намудааст.

Аз ин рӯ, агар ба саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини рушди устувори кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ назар афканем, он дорои зарфиятҳои ба худ хос мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 декабри соли 2016 бо мақсади расидан ба ҳадафҳои афзалиятноки рушд ва муайян намудани дурнамои минбаъдаи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар "Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" қабул намуд.

Яке аз масъалаҳои меҳварӣ дар ин санад расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар мебошанд. Дар робита ба ин, санаи 20 январи соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуда буданд, ки "дар давраҳои минбаъда ин ҳадафҳо сифатҳои нав касб карда, асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлоли энергетикӣ ба истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан ва таъмин намудани амнияти озуқавориву дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ташкил хоҳад дод".

Се ҳадафи мазкур бешубҳа, ба ҳадафҳои Барномаҳои амали Алмаато, Вена ва Аваза мутобиқат намуда, тайи чанд соли охир вобаста ба онҳо корҳои хеле зиёд анҷом дода шудааст:

*Тавсеаи имкониятҳои транзитӣ.* Тоҷикистон ҷиҳати дастрасӣ ба ҳадафи стратегии баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, тавсеаи имкониятҳои транзитӣ, навсозии долонҳои нақлиётӣ ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои минтақавӣ тадбирҳои амалӣ андешидааст. Тибқи маълумоти расмӣ, тайи чанд соли охир дар саросари кишвар беш аз 2500 километр роҳ бозсозию бунёд гардид ва ҳудуди 40 километр нақбҳои нақлиётӣ сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Масъалаи ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имкониятҳои транзитии он ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар ба ҳисоб меравад. Дар робита бо ин, соли 2024 бо татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Бо таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ мавқеи Тоҷикистон дар радабандии ҷаҳонӣ аз рӯйи нишондиҳандаи сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифта аз зинаи 50 ба 44-ум баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид. Айни ҳол дар Тоҷикистон масъалаи бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва

истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо мавриди таваҷҷуҳи махсуси давлат мебошад [8].

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 26,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Тоҷикистон ба тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт ва ҳамлу нақл, инчунин, таъмини рушди устувори иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар татбиқи санадҳои зерин ҳамкории судмандро ба роҳ мемонад:

–Консепсияи рушди ҳамкориҳои минтақавии Осиёи Марказӣ, 2040 (шаҳри Остона, 9 августи соли 2024);

– Харитаи роҳ доир ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, солҳои 2025–2027 (шаҳри Остона, 9 августи соли 2024);

–Нақшаи амал доир ба рушди ҳамкориҳои саноатӣ, солҳои 2025–2027 (шаҳри Остона, 9 августи соли 2024);

– Ёддошти ҳамкорӣ доир ба рушди марказҳои ҳамлу нақл (шаҳри Остона, 9 августи соли 2024).

Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин, ба татбиқи лоиҳаи долони нақлиётии гуногунвоситаи (омехтаи) Тоҷикистон, Ӯзбекистан, Туркманистон, Эрон ва Туркия бо баромад ба Чин («К+ТУТИТ») таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд [19,с.198]. Аз ин рӯ, дарояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии Чин–Тоҷикистон–Афғонистон ва Чин–Тоҷикистон–Ӯзбекистон–Туркманистон–Эрон–Туркия–Аврупо, инчунин, Тоҷикистон–Чин–Покистон истифода хоҳанд шуд [7].

2. Ҳампайвандии энергетика ва тағйирёбии иқлим дар қаринаи рушди энергияи “сабз”. Ҳоло дар Тоҷикистон 98 дарсади неруи барқ аз манбаъҳои обӣ истеҳсол гардида, кишвари мо аз лиҳози ҳиссаи истеҳсоли энергияи “сабз” дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Давоми бист соли охир ҷониби Тоҷикистон рӯзномаи марбут ба обу иқлимро дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолона пешбарӣ карда, ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва устувории экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Қабули 14 қатъномаи дахлдори Маҷмаи Умумии СММ бо ташаббуси Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи глобалӣ дар соҳаи захираҳои об заминаи мустаҳкам гузошт.

Қобили таъкид аст, ки ҳоло дар Тоҷикистон 98 дарсади неруи барқ аз манбаъҳои обии кишвар истеҳсол карда мешавад ва он дар ҷаҳон аз ҷиҳати истеҳсоли энергияи “сабз” аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷойи шашум

қарор дорад. Гузашта аз ин, Тоҷикистон аз рӯйи ҳиссаи партовҳои газҳои гулхонаӣ бо нишондиҳандаҳои пасттарин ҳаҷми онҳо дар ҷаҳон дар ҷойи 130-ум қарор дорад [15].

Таъкид намудан бамаврид аст, ки Тоҷикистон натанҳо кишварест, ки дар хушкӣ қарор дорад, балки 93 дарсади ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил дода, зиёда аз 70 дарсади аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамоянд. Аз рӯйи ин нишондод каме аз кишварҳо дорои чунин зарфият ҳастанд. Тибқи оморҳои расмӣ кӯҳҳо дар ҷаҳон аз 1/4 минтақаи хушкии сайёраи Заминро ташкил намуда, дар он 12 дарсади аҳолии олам сукунат доранд. Ҳамзамон, 60-80 дарсади захираи оби нӯшокии сайёра дар кӯҳҳо мавҷуданд. Аз рӯйи нишондоди мазкур Тоҷикистон низ мавқеи муҳимму стратегиро ишғол намуда, шумораи бештари барфу пиряххо ҳамчун манбаи оби тоза дар кӯҳҳои кишвари мо маҳфузанд. Пиряхҳои Тоҷикистон манбаи захираҳои обии Осиёи Марказӣ буда, 60 дарсади онҳо дар ҳудуди кишвари мо ҷойгиранд.

Зарфияти мавҷуда ба Тоҷикистон на танҳо имкони пешбурди боз ҳам фаъолонаи “дипломатияи об”-ро фароҳам меоварад, балки мо метавонем дар пешбурди “дипломатияи кӯҳӣ” низ ҳамчун кишвари пешсаф устувор боқӣ монем.

Солҳои охир таъсири тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ боиси обшавии босуръати пиряххо мегардад. Аз 14 ҳазор пирях дар Тоҷикистон ҳудуди 1300 пирях дар панҷоҳ соли охир комилан об шудааст.

Дар Тоҷикистон ҳаҷми солонаи маблағгузории барномаҳои иқлимӣ беш аз 400 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва дар сурати пайомадҳои бузург ин рақам ба 1,5 миллиард доллари ИМА мерасад. Ин як тамоюли хеле ташвишовар аст, зеро пиряхҳои мо танҳо манбаи об барои минтақа набуда, дар ҳифзи иқлими минтақа ва истеҳсоли неруи «сабз» низ нақши муҳим мебозанд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди босуръати иқтисоди кишвар заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст. Тибқи оморҳои расмӣ дар замони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон барои навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии кишвар 85,7 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, зарфияти бузурги истеҳсоли энергияи “сабз” ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ–расидан ба истиқлоли энергетикӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Таҳлили оморҳои расмӣ нишон доданд, ки соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ

22 миллиард киловатт–соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт-соат ё 28 дарсад зиёд мебошад [7].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи рушди энергетика андешидани тадбирҳои зеринро муҳим арзёбӣ менамояд:

*Якум*: бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор» ва таҷдиди неругоҳҳои амалкунанда, дарёфти маблағгузории иқтидорҳои нави тавлиди энергияи "сабз" ва ба 10 ҳазор мегаватт расонидани иқтидорҳои энергетикии кишвар.

*Дуюм*: дар робита ба амалисозии лоиҳаҳои сохтмони хатти интиқоли барқи "CASA–1000" ва азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ барои дар 7 соли оянда то 10 миллиард киловатт-соат афзоиш додани содироти неруи барқ. Дар робита ба масъалаи мазкур, таъкид намудан зарур аст, ки тибқи баҳодиҳии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ дар Осиёи Ҷанубӣ, ҳамгироии энергетикӣ ба минтақаи мазкур имкон медиҳад, ки то 9 млрд доллари ИМА захира намоянд ва аз ҳисоби рушди бозори энергетикӣ то соли 2023 тақрибан 50 млн ҷойи корӣ таъсис диҳанд.

Ҳамзамон, неруи барқи иловагӣ, ки дар доираи "CASA–1000" ба Покистон ва Афғонистон интиқол дода мешавад, тақрибан 215 млн нафар, ки имкони дастрасӣ ба неруи барқро надоранд аз он бархӯрдор хоҳанд шуд. Дар ин замина, саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои шарик бениҳоят муҳим мебошад [19, с. 201].

*Сеюм*: ҷиҳати кам кардани талафоти неруи барқ ва ноил гардидан ба нишондиҳандаи на зиёда аз 9 дарсади талафот татбиқи саривақтӣ ва босифати лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҳалли ин масъала.

*Чорум*: бо мақсади расидан ба ҳадафҳои "Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030" ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли энергияи "сабз", яъне бо истифодаи захираҳои офтобию бодӣ. Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне 100 дарсад бо энергияи "сабз" таъмин гардида (ҳоло 98 дарсад), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад [7].

Таъмини амнияти озуқаворӣ дар заминаи рушди соҳаи кишоварзӣ. Тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ ва беҳтар таъмин

гардидани талаботи истеъмоливу саноатии кишвар мусоидат карда истодаанд.

Нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 39 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расидааст, яъне дар панҷ сол 1,9 баробар афзудааст. Тибқи оморҳои расмӣ, саҳми соҳаи кишоварзӣ аз ҳаҷми умумии иқтисоди миллӣ дар 6 моҳи соли 2025 тақрибан ба 9,7% баробар гардида, содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра 3,4 % ташкил намуд [17].

Дар шаш моҳи аввали соли 2025 аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар 90 ҳазору 300 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, ба маблағи умумии 33, 9 миллион доллар содир шудааст. Дар сохтори умумии содирот меваи хушк бо маблағи 18,2 миллион доллари ИМА мавқеи асосиро ишғол мекунад. Ҳамчунин, меваҳои тару тоза ба маблағи 7,9 миллион доллар, сабзавот ба маблағи 4,7 миллион доллари амрикоӣ ва дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 3,1 миллион доллар ба хориҷи кишвар интиқол дода шудааст. Маҳсулоти Тоҷикистон ба 50 кишвари дуру наздик содир мешавад. Дар миёни кишварҳои асосии воридкунандаи маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон, Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Чин ва як қатор кишварҳои аврупоӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, содироти маҳсулоти аграрӣ яке аз бахшҳои муҳимми сиёсати тиҷорати хориҷии кишвар ба ҳисоб рафта, дар таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои ҷаҳонии озуқа нақши муҳим мебозад [13].

Тибқи таҳлили оморҳои расмӣ соли 2024 тақрибан 268,3 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 226,7 миллион доллари ИМА ба хориҷи кишвар содирот карда шуд. Таркиби содиротро нахи пахта 100,5 ҳазор тонна, сабзавот 30,8 ҳазор тонн, (аз ҷумла пиёз 29,2 ҳазор тонна), меваҷот 40,1 ҳазор тонна (аз ҷумла ангур 23,7 ҳазор тонна), меваи хушк 90,1 ҳазор тонна ва дигар навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ 6,8 ҳазор тонна ташкил дод [12].

Ҳамин тавр, санаи 5 августи соли 2025 боздиди сарони давлатҳои иштирокдори Конфронси шаҳри Авазаи Туркманистон аз намоишгоҳи молҳои саноатӣ, кишоварзӣ, хӯрокҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон, ки дар он гӯшаҳои намоишии Тоҷикистон низ ташкил шуда, дар он номгӯйи зиёди молҳои корхонаҳои саноатии кишвар, таомҳои миллӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба маъраз гузошта шуд, имкони васеи ҳамкориро бо кишварҳои хориҷӣ фароҳам меоварад.

Дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти иқтидори захиравӣ, ҳамлу нақл ва мавқеи ҷуғрофӣ дар рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, боркашонӣ, содироти маҳсулоти кишоварзии аз назари экологӣ

тоза миёни кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ ҷойгоҳи хоссаро касб намудааст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани мавқеи кишвар дар ин самт пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем:

Бунёди инфрасохтори зарурӣ дар шароити кӯҳсори Тоҷикистон бо мақсади истифодаи васеи имкониятҳои сайёҳӣ ва боло бурдани ҷаззобияти кишвар.

Бо дарназардошти 93 дарсади ҳудуди кӯҳсор дар дурнамо андешидани чораҳои зарурӣ, ҷиҳати пешбурди "дипломатияи кӯҳӣ" барои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

Тақвияти ҳузури Тоҷикистон дар бозори минтақавӣ ва байналмилалии неруи барқ, бо дарназардошти иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ (527 млрд кВтс).

Бунёди инфрасохтори иншооти зарурии ёрирасон дар самти хизматрасонӣ ва нигоҳубини роҳҳои аҳаммияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалидошта, бо дарназардошти шароити кӯҳсори Тоҷикистон.

Беҳтар намудани дастрасӣ ба алоқаи мобилӣ, интернетӣ ва хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳои кӯҳсори Тоҷикистон.

То ҳадди ниҳоӣ истифода намудани заминҳои кишоварзии манотиқи кӯҳсори Тоҷикистон, бо шинонидани дарахтони мевадиҳанда ва эҷоди низоми намунавии дастрас ва саноатикунонии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба идоракунӣ, маркетинги парвариш, истеҳсоли саноатӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ.

Интиқоли муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла донишгоҳу донишкадаҳои соҳавӣ, техникӣ, кишоварзӣ аз маркази пойтахти Тоҷикистон–шаҳри Душанбе ба минтақаҳои кишвар бо дарназардошти мутобиқат аз рӯйи хусусият ва мавқеи ҷуғрофӣ, ки ба пешбурди амалии соҳаҳо мусоидат менамоянд.

## АДАБИЁТ

1. В понедельник открылась Конференция стран, не имеющих выхода к морю. 25 августа 2003. [Электронный ресурс]. URL: https://news.un.org/ru/story/2003/08/1042081. (Дата обращения: 08.08.2025).

2. Генсек ООН на конференции в Авазе: география не должна быть барьером для развития. 05.08.2025. [Электронный ресурс]. URL: https://asman.news/index.php?newsid=9346. (Дата обращения: 06.08.2025).

3. Декларация тысячелетия Организации Объединенных Наций. Принята резолюцией 55/2 Генеральной Ассамблеи от 8 сентября 2000 года. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/summitdecl.shtml. (Дата обращения: 08.08.2025).

4. Доклад Международной конференции министров развивающихся стран, не имеющих выхода к морю. –Алматы, Казахстан 28-29 августа 2003 года. Организация Объединённых Наций. Нью-Йорк, 2003. A/CONF.202/3. – 38 с. –С.14.

5.Индийские эксперты проведут оценку готовности Астрахани к транзиту по коридору «Север-Юг». 24 августа 2014. [Электронный ресурс]. URL: https://portnews.ru/news/185815/. (Дата обращения: 08.08.2025).

6. Новая программа действий для развивающихся стран, не имеющих выхода к морю. 28.01.2025. [Электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ohrlls/events/new-programme-action-landlocked-developing-countries. (Дата обращения: 08.08.2025).

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ]. URL: https://president.tj/event/missives/36370. (Санаи муроҷиат: 05.08.2025).

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28.12.2024, шаҳри Душанбе. [Захираи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/event/missives/49225. (Санаи муроҷиат: 06.08.2025).

9. Пресс-брифинг в Авазе, посвященный ходу Третьей Конференции ООН по развивающимся странам, не имеющим выхода к морю. 06.08.2025. [Электронный ресурс]. URL: https://www.newscentralasia.net/2025/08/06/press-brifing-v-avaze-posvyashchennyy-khodu-tretyey-konferentsii-oon-po-razvivayushchimsya-stranam-ne-imeyushchim-vykhoda-k-moryu/. (Дата обращения: 07.08.2025).

10. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей [по докладу Второго комитета (A/56/558/Add.1)] 56/180. Конкретные действия в связи с особыми нуждами и проблемами развивающихся стран, не имеющих выхода к морю. A/RES/56/180.

11. Резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей 24 декабря 2024 года. A/RES/79/233. Программа действий для развивающихся стран, не имеющих выхода к морю, на десятилетие 2024–2034 годов. Организация Объединенных Наций. Нью-Йорк, 2024. –62 с.

12. Содироти 85 дарсади маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба кишварҳои ИДМ рост меояд. 31.01.2025. [Захираи электронӣ]. URL: https://sputnik.tj/20250131/sodiroti-mahsuloti-kishovarzi-tojikiston-idm-1066063756.html. (Санаи муроҷиат: 07.08.2025).

13. Содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2025 беш аз 90 ҳазор тоннаро ташкил дод. 29.07.2025. [Захираи

электронӣ]. URL: https://dialog.tj/tj/new86917/. (Санаи муроҷиат: 06.08.2025).

14. Страны, не имеющие выход к морю. [Электронный ресурс]. URL: http://stattur.ru/journal/20170613/. (Дата обращения: 06.08.2025).

15. Суханронӣ дар ифтитоҳи Ҳамоиши сатҳи баланди «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ», 04.04.2025. Ӯзбекистон. [Захираи электронӣ]. URL: https://president.tj/event/news/50516. (Санаи муроҷиат: 07.08.2025).

16. Суханронӣ дар Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ. 05.08.2025. Туркманистон. [Захираи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/event/news/52237. (Санаи муроҷиат: 06.08.2025).

17. Таваррум пасту ҳаҷми ММД зиёд. Нишондиҳандаҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ним сол. [Захираи электронӣ]. URL: https://old .asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/economic/20250806/tavarrum-pastu-ami-mmd-ziyod-nishondiandaoi-itisodii-toikiston-dar-nim-sol-ch-gunaand. (Санаи муроҷиат: 06.08.2025).

18. Участие делегации Таджикистана во Второй конференции ООН по развивающимся странам, не имеющим выхода к морю. 07.11.2014. [Электронный ресурс]. URL: https://vkh.tj/ru/main/view/580/uchastie-delegatsii-tadzhikistana-vo-vtoroi-konferentsii-oon-po-razvivayushchimsya-stranam-ne-imeyushchim-vykhoda-k-moryu. (Дата обращения: 06.08.2025).

19. Шарифзода С.С. Дурнамои таъмини амнияти нақлиётӣ ва энергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ (дар қаринаи вазъи бесуботӣ дар Афғонистон). Маҷаллаи илмии “Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният”, № 4 (8) 2023. – С.196-207.

20. Vienna Programme of Action for Landlocked Developing Countries for the Decade 2014–2024. [Electronic resource]. URL: https://www.un.org/ ohrlls/sites/www.un.org.ohrlls/files/vienna_programme_of_action.pdf. (Date accessed: 06.08.2025).

# МЕСТО ТАДЖИКИСТАНА В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РАЗВИВАЮЩИХСЯ СТРАН, НЕ ИМЕЮЩИХ ВЫХОДА К МОРЮ

**ШАРИФЗОДА САИДХОМИД САФАР,**
кандидат исторических наук, начальник Управления анализа и прогнозирования вопросов региональной безопасности
ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. Шохтемур 27;
тел: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

*Данная статья посвящена одной из актуальных тем–анализу и обзору положения развивающихся стран, не имеющих выхода к морю. Автор предпринял попытку всесторонне проанализировать место Таджикистана среди развивающихся стран, не имеющих выхода к морю. В связи с этим вопросом автор всесторонне проанализировал вклад Таджикистана в плане увеличения транзитных, энергетических и сельскохозяйственных производственных мощностей.*

*Автор статьи всесторонне анализирует материалы конференций ООН международного уровня по развивающимся странам, не имеющим выхода к морю.*

*Следует отметить, что эти конференции уже во второй раз проводятся в странах Центральной Азии: Казахстане (2003 г.) и Туркменистане (2025 г.). Это свидетельствует о важной роли региона в решении глобальных проблем. Автор подчеркивает, что Республика Таджикистан с учетом ее ресурсного потенциала, транспортно-географического положения заняла особое место среди развивающихся стран, не имеющих выхода к морю, в развитии энергетического сотрудничества, судоходства, экспорта экологически чистой сельскохозяйственной продукции.*

*Автор уделяет особое внимание реализации проекта транспортного коридора Таджикистана, Узбекистана, Туркменистана, Ирана и Турции с выходом в Китай («К+ТУТИТ») и проекта линии электропередачи Центральная Азия–Южная Азия “CASA-1000”, которая соединит энергосистемы двух регионов. В этом контексте показано место Таджикистана в реализации этих проектов.*

*Ключевые слова: развивающиеся страны, не имеющие выхода к морю, вклад, Таджикистан, транзитный потенциал, энергия, сельскохозяйственная продукция, транспортный коридор, судоходство, энергетическая система, ООН, повестки дня в области развития, устойчивое развитие.*

## TAJIKISTAN’S PLACE IN ENSURING SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF LANDLOCKED DEVELOPING COUNTRIES

**SHARIFZODA SAIDHOMID SAFAR**,
Candidate of Historical Sciences, Head of the Department
of analysis and forecasting of regional security
issues, of the Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (+992) 938-48-58-46; e-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

*This article is devoted to one of the current topics–the analysis and review of the situation of landlocked developing countries. The author attempted to comprehensively analyze Tajikistan's place among landlocked developing countries. In this regard, the author comprehensively analyzed Tajikistan's contribution in terms of increasing transit, energy and agricultural production capacities.*

*The author of the article comprehensively analyzes the UN international conferences on landlocked developing countries. It is worth noting that these conferences are being held for the second time in Central Asian countries: Kazakhstan (2003) and Turkmenistan (2025), that demonstrates the important role of the region in solving global problems.*

*The author emphasizes that the Republic of Tajikistan, taking into account its resource potential, transport and geographical position, has taken a special place among landlocked developing countries in the development of energy cooperation, shipping, and the export of environmentally friendly agricultural products.*

*The author pays special attention to the implementation of the project of the transport corridor of Tajikistan, Uzbekistan, Turkmenistan, Iran and Turkey with access to China ("C+TUTIT") and the project of the Central Asia - South Asia power transmission line "CASA–1000", which will connect the energy systems of the two regions. In this context, the place of Tajikistan in the implementation of these projects is shown.*

***Keywords:*** *landlocked developing countries, contribution, Tajikistan, transit potential, energy, agricultural products, transport corridor, shipping, energy system, UN, development agendas, sustainable development.*

**УДК: 327 (575:3) (1-87)**

# СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ, ФАРДО

**МАЛИКОВ КОБИЛШО КУКАНОВИЧ**,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои
байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 008-55-44-03; e-mail: m.koba@mail.ru

*Мақола ба таҳлили вижагиҳои ташаккул ва рушди Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун як созмони бо нуфузи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи қитъаи АврОсиё бахшида шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки СҲШ ҳамчун як намунаи дипломатияи муваффақи бисёрҷониба ба яке аз марказҳои қудрат дар ҷаҳони муосири бисёрқутбӣ табдил ёфта, тибқи воқеияти нави геополитикӣ ва манфиатҳои миллии кишварҳои узв дар доираи васеи соҳаҳо ва бахшҳо, ба монанди амният, терроризм, ифротгароӣ, ҷудоиталабӣ (сепаратизм), қочоқи маводи мухаддир, иқтисод, фарҳанг, маориф ва кумакҳои башардӯстона самаранок амал мекунад.*

*Натиҷагирӣ карда мешавад, ки СҲШ дар миқёси ҷаҳонӣ дорои аҳаммият, нуфуз ва дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши назаррас дошта, дар таъмини суботи қитъаи Авруосиё, рушди бомуваффақияти ҳамкориҳо дар ҳама самтҳо ва бахшҳо, таҳкими дӯстиву эътимоди мутақобила мусоидат намуда, нақши муҳим мебозад.*

***Калидвожаҳо:*** *Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Шуравӣ, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, равобити байналмилалӣ, музокироти марзӣ, “Панҷгонаи Шанхай”, қитъаи Авруосиё, ҷаҳони муосири бисёрқутбӣ.*

Имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ниҳодҳои гуногуни ҳамкорӣ хеле зиёданд, ба мисли Иттиҳоди Аврупо, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, G7 ва ғайра. Миёни ниҳодҳои болозикр таъсир, нуфуз ва нақши Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар ҳоли афзоиш аст ва самтҳои асосии фаъолияташ дар заминаи амният, терроризм, ифротгароӣ, ҷудоиталабӣ (сепаратизм), қочоқи маводи мухаддир, иқтисод, фарҳанг, маориф ва кумакҳои башардӯстона мебошанд [7, 1].

Таърихи таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай аз соли 60-и қарни XX оғоз мешавад. Баъд аз муқаррар намудани равобити тиҷоратию иқтисодӣ бо Иттиҳоди Шуравӣ, роҳбарияти кишвари Чин бо мақсади ҳал намудани ихтилофоти байнидавлатӣ, вориди музокирот бо ҳукумати давлати Шуравӣ шуд.

Тайи сӣ соли гуфтушунид байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Иттиҳоди Шуравӣ бисёре аз мушкилоти сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва

фарҳангӣ ба танзим даровarда шуданд. Ҳамзамон, гарчанде дар давоми ин солҳо корҳо доир масъалаҳо ҳудудӣ хеле зиёд анҷом дода шуданд, аммо бо пуррагӣ баҳсҳои марзӣ байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Иттиҳоди Шуравӣ то замони пошхӯрии кишвари Шуравӣ ҳалли худро пайдо накарданд.

Ҳамин тариқ, соли 1991 пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, чаҳор ҷумҳурии собиқ пасошуравӣ–Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ки бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамсарҳаданд, аз Иттиҳоди Шуравӣ ин мушкилоти марзиро маҷбуран ҳамчун мерос қабул карданд.

Соли 1992 кишвари Чин масъалаи ҳалли баҳси ҳудудиро ба рӯзномаи музокироти байнидавлатӣ дохил намуда, моҳи сентябри ҳамон сол бо ташаббуси ҷониби Чин дар шаҳри Минск як ҳайати муштараки байниҳукуматӣ аз ҳисоби намояндагони Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Русия ва Чин доир ба ҳалли мушкилоти марзӣ ташкил карда шуд. Ин гурӯҳи мушаххас қоида, тартиб ва механизми ягонаи гузаронидани гуфтушунидҳо ва маблағгузории ҳайати ташкилшударо баррасӣ ва мувофиқа кард.

Музокироти марзӣ байни кишварҳои ҳамсарҳад, тули чаҳор сол аз 1992 то 1996 давом кард. Ниҳоят, дар оғози соли 1996 намояндагони кишварҳо ба созиш расиданд. Тибқи созишнома, қисмате аз заминҳои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ–Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба Ҷумҳурии Мардумии Чин интиқол дода шуданд ва бо ҳамин баҳси марзӣ байни ин кишварҳо ҳалли худро пайдо кард.

Ҳайатҳо дар заминаи ҳаллу фасли масоили марзӣ, мушкилоти зиёдеро марбут ба дигар соҳаҳои ҳамкорӣ низ бартараф намуданд. Ба унвони мисол, тарафҳо Созишнома «Дар бораи таҳкими эътимод дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаи сарҳад аз соли 1996 ва коҳиши мутақобилаи Қувваҳои Мусаллаҳ дар минтақаи сарҳад»-ро имзо карданд [10, 1].

Ба ҳамин тартиб, дар раванди музокирот тарафҳо ба натиҷаҳое даст ёфтаанд, ки сабаби поягузории ҳамкориҳои мутуқобилан судманд, барои кишварҳои ҳаммарз, дар оянда шуданд. Ҷонибҳо ба хулоса омаданд, ки бо мақсади густариши ҳамаҷонибаи шарикии мутақобилан судманд ба нафъи тарафайн, муколама дар сатҳи сарони давлатҳо, мунтазам ва доимӣ идома ёбад. Дар натиҷа, «Панҷгонаи Шанхай» тавлид шуд, ки тадриҷан ба эҷоди яке аз марказҳои қудрат дар арсаи байналмилалӣ –Созмони Ҳамкории Шанхай замина гузошт.

Шуруъ аз соли 1996 то соли 2001 роҳбарони кишварҳои аъзои «Панҷгонаи Шанхай» бо навбат дар қаламрави кишварҳои узв панҷ

маротиба вохурӣ намуда, дар ҳалли масоили байнидавлатӣ муваффақ шуданд.

Санаи 15 июни соли 2001 дар шаҳри Шанхайи Ҷумҳурии Мардумии Чин вохӯрии навбатии сарони давлатҳои аъзо баргузор шуд ва дар он изҳороти муштарак дар бораи пазириши Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба узвияти «Панҷгонаи Шанхай» ва Эъломия дар бораи таъсис додани иттиҳоди ҳамгироии нав бо номи Созмони Ҳамкории Шанхай ба имзо расид [9, 1].

Ҳамин тавр, «Панҷгонаи Шанхай», ки фақат кишварҳои ҳаммарзро, бо мақсади вохӯриҳои мунтазами раҳбарони давлатҳо дар сатҳи олӣ барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ муттаҳид мекард, ба як иттиҳоди шарикии байнидавлатӣ, яъне СҲШ, ки қариб тамоми соҳаҳои ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматиро фаро мегирад, мубаддал гардид.

Тибқи Оинномаи Созмони Ҳамкории Шанхай ҳадафҳои аслии ин иттиҳоди ҳамгироӣ инҳоянд:

– таҳкими эътимод ва ҳамкориҳои зичи кишварҳои узв;

–таъмини сулҳу амният ва субот дар минтақа, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ ва қочоқи маводди мухаддир;

– ҳамчунин, мусоидат ба ҳамкориҳо дар бахшҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, энергетика, нақлиёт ва маориф, илму фанноварӣ [13, 1].

Аз нуқтаи назари коршиносон, сабабҳои ба ҳам наздикшавии босуръати кишварҳои аъзои «Панҷгонаи Шанхай» ва дар ин замина таъсиси иттиҳоди ҳамгироии Созмони Ҳамкории Шанхай, ин шиддат гирифтани ноамнӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва аз ин рӯ, зиёдшавии таҳдиди хатари терроризм ва ифротгароии динӣ аз он ҷо ба самти минтақаи Осиёи Марказӣ, вуҷуд доштани эҳтимолияти баланди вайрон шудани амният ва субот дар минтақаҳои сарҳадии кишварҳои аъзои «Панҷгонаи Шанхай» мебошанд. Ҳамчунин, ҳузури неруҳои Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (NATO) дар минтақаи Осиё ва дахолати ин ниҳоди низомӣ дар сиёсати дохилии кишварҳои гуногун, ки дар навбати худ вазъро дар қаламрави кишварҳои минтақа муташанниҷ мекард, маҳсуб меёбанд [15, 13]. Аз ин лиҳоз, кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай, аз оғози фаъолият зарурати зиёди андешидани чораҳо барои ҳалли вазъи ҳолати номуайянӣ дар минтақаҳои сарҳадӣ ва коҳиш додани нуфуз ва нақши кишварҳои Ғарбӣ, алалхусус ИМА-ро дар қаламрави қитъаи Авруосиё доштанд.

Рӯз то рӯз доираи таъсир ва нуфузи Созмони Ҳамкории Шанхай дар арсаи байналмилалӣ васеъ шуда, шумораи аъзояш меафзояд. Дар баробари кишварҳои муассис–Қазоқистон, Кирғизистон, Тоҷикистон, Русия, Чин ва Ӯзбекистон, нуҳуми июни соли 2017 Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон чаҳоруми июли 2023 Ҷумҳурии Исломии Эрон ва

чаҳоруми июли соли 2024 Ҷумҳурии Беларус ба созмони номбурда пайвастанд, ки дар умум, шумораи аъзои ин иттиҳоди ҳамгироӣ ба даҳ кишвар расид. Иттифоқан, Ҷумҳурии Беларус то ҳол ягона кишвари сирф ғайриосиёии Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад, ки миқёс, тавоноӣ ва нуфузи ин созмонро ба таври назаррас, дар арсаи байналмилалӣ афзоиш дод ва мавқеи ҷуғрофии ин иттиҳоди ҳамгироиро васеъ кард [14, 1].

Ин далели зиёдшавии ҷолибияти Созмони Ҳамкории Шанхай, нақши фаъол дар ҳифзи амнияти минтақавӣ ва қитъавӣ, иқтидори бузурги мусоидат дар рушди иқтисодӣ ва ҳамкориҳои судманд барои тарафайн дар соҳаҳои гуногуни ин иттиҳоди ҳамгироӣ мебошад.

Ғайр аз ин, Созмони Ҳамкории Шанхай дар доираи фаъолияти худ шаклҳои дигари ҳамкориро низ фаъолона ва самаранок истифода мебарад, ба монанди мақоми нозир ва шарики муколама. Тавассути шакли мақоми нозир бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Муғулистон ва тариқи мақоми шарики муколама бо Аморати Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Арманистон, Баҳрайн, Камбоҷа, Қатар, Кувайт, Миср, Миянма, Молдив, Непал, Озарбойҷон, Туркия ва Шри-Ланка ҳамкориҳо амалӣ карда мешаванд.

Инак, СҲШ як иттиҳодияи ҳамгироии байналмилалии доимамал-кунанда буда, тайи солҳои фаъолияти худ ба созмони қитъавии бонуфуз табдил ёфт, ки дар рушди устувор ва пешрафти қитъаи Авруосиё саҳми арзанда мегузорад. Ин ташкилоти байналмилалӣ таваҷҷуҳи зиёди таҳлилгарон ва мутахассисони соҳаи байналмилалиро ба худ ҷалб мекунад, чунки дар асоси натиҷаҳои мусбат ва муваффақиятҳои ба дастомада, Созмони Ҳамкории Шанхай тафаккури навро дар равобити байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ таҷассум намуд. Бори аввал поя ва асоси навъи ҷадиди амнияти байнидавлатиро дар арсаи байналмилалӣ гузошт, ки принсипҳои эътимоди мутақобиларо дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, муносибатҳои байнидавлатӣ дар заминаи принсипи шарикӣ сурат мегиранд.

Қаламрави умумии иттиҳоди ҳамгироии Созмони Ҳамкории Шанхай шасту панҷ дарсади ҳудуди қитъаи Авруосиёро дар бар мегирад, ки дар ҷамъ аҳолиаш 3,5 миллиард нафарро ташкил медиҳад ва ин баробар ба нисфи аҳолии ҷаҳон мебошад. Дар ҳоли ҳозир саҳми тавлиди нохолиси дохилии кишварҳои узви ин созмони бо нуфуз ба 23 триллион доллари амрикоӣ расидааст, ки ин чаҳоряки тавлиди нохолиси дохилии ҷаҳон мебошад [12, 1]. Илова бар ин, кишварҳои Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон узви «Бошгоҳи бузурги кайҳонӣ», яъне иштироккунандагони фаъоли анҷумани ғайрирасмие, ки тавоноии партоб кардани моҳвораҳо аз фурудгоҳҳои кайҳонии худро доро мебошанд, ҳастанд.

Аммо бояд таъкид кард, ки фаъолияти Созмони Ҳамкории Шанхай танҳо бо мулоқоти сарони кишварҳои узв маҳдуд намешавад, зеро ин иттиҳоди ҳамгироӣ фаъолияти густурда ва ғанӣ дорад. Сарони ҳукуматҳо, намояндагиҳои дипломатӣ, вазорату корхонаҳои дахлдор, ба мисоли дифоъ, иқтисод, саноат, кишоварзӣ, маориф, сайёҳӣ ва варзиши кишварҳои аъзои СҲШ мунтазам мулоқот карда, доираи васеи масъалаҳоро мутобиқи воқеияти нави геополитикӣ ва манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ баррасӣ намуда, ҳаллу фасл менамоянд.

Ҳамин тариқ, СҲШ ба яке аз марказҳои қудрат дар ҷаҳони муосири бисёрқутбӣ табдил ёфт ва аз ҷолибтарин форум дар арсаи байналмилалӣ дар замони муосир гардид, ки дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ як намунаи дипломатияи муваффақи бисёрҷониба маҳсуб меёбад [3, 1].

Сабабҳои таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун ниҳоди байналмилалии пурнуфуз, дар оғози қарни XX, дарвоқеъ, табиати объективӣ доранд ва ин посух ба таҳдидҳои террористӣ, ҷудоиталабӣ, ифротгароии динӣ, қочоқи маводди мухаддир дар қитъаи Авруосиё мебошад. Инчунин, низоми байналмилалиии дуқутбӣ (биполярӣ), ки яке аз ҷузъҳои асосии робитаҳои байналмилалӣ ва механизми асосии ба танзим даровардани тартиботи ҷаҳонӣ буд, дар охири асри бисти милодӣ мувозинати худро гум кард, зеро баъд аз ба охир расидани «ҷанги сард» ва пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва аз ин рӯ, иттиҳоди (блоки) кишварҳои сотсиалистӣ аз байн рафт.

Ҳамин тавр, низоми мувозинатии ду лагер бо роҳбарии ду кишвари абарқудрат Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА аҳаммияти худро гум кард. Кишварҳо дар қитъа ва минтақаҳои сайёраи Замин маҷбур шуданд барои таъмини амнияти қитъавӣ, минтақавӣ ва миллӣ, созмонҳои қитъавӣ ва минтақавӣ таъсис бидиҳанд. Ба ибораи дигар, дар шароити нав, дар низоми робитаҳои байналмилалӣ марказҳои нави қудрат ба вуҷуд омаданд ва Созмони Ҳамкории Шанхай яке аз онҳост [6, 1].

Ниҳоди Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун иттиҳоди ҳамгироӣ дар баробари Анҷумани байнидавлатии BRICS ба унвони яке аз маркази нави ташаккули ҷаҳони чандқутбӣ қабул шудааст, ки қодир ба табдил шудан ба гузинаи (алтернатива) низоми яққутбӣ дар равобити байналмилалӣ, дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин назар, Созмони Ҳамкории Шанхай ҷойгоҳеро, ки пас аз фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ ва лагери сотсиалистӣ холӣ шуда буд, ҳадди ақал қисме аз онро ишғол кардааст.

СҲШ неруе аст, ки дар давраи муосир кишварҳое, ки зери таъсири арзишҳои Ғарбӣ қарор надоранд, дар бар мегирад. Иштирокчиёни ин иттиҳоди ҳамгироӣ, дар асоси манофеи миллӣ, иқдомҳояшонро ҳамоҳанг карда, қодир ба таҳия ва пешбари намудани аҳдофи байналмилалии

муштараканд ва дар дарозмуддат метавонанд ба низоми ҷаҳонӣ, фаъолона ва мунтазам таъсири назаррас расонанд. Созмони Ҳамкории Шанхай платформае маҳсуб меёбад, ки дар доираи фаъолияташ абзорҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба ва дуҷониба таҳия ва самаранок амалӣ мешаванд.

Фаъолияти ниҳоди Созмони Ҳамкории Шанхай дар асоси принсипҳои эҳтиром ба истиқлоли миллӣ, ҳифзи мероси таърихӣ, гуногунии фарҳангӣ, равонӣ, мазҳабӣ, баробарӣ ва пешгирии бартарӣ надоштани як кишвари узв болои манфиатҳои кишварҳои дигари аъзои ин созмон муқаррар ва пайваста амалӣ мегарданд. Ин маънои таъмини баробарии кишварҳои узвро дар таҳия ва қабули қарорҳо, таъмини амният ва рафъи хатари терроризм, рушди пайвастаи дӯстӣ ва ҳамсоягӣ дар қитъаи Авруосиёро дорад. Ғайр аз ин, СҲШ дар шароити муосир ягона платформае аст, ки ба таври умум ба кишварҳои бузурги минтақаи Осиё, ба мисли Чин, Ҳиндустон ва Покистон имкон фароҳам меоварад, ки дар доираи фаъолияти ин иттиҳоди ҳамгироӣ тавонанд нуктаҳои назарро ҳамоҳанг кунанд ва тасмими муштарак гирифта, ба нафъи якдигар амал намоянд.

Нуфузи Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун маркази қудрат модели нави муносибатҳои байнидавлатӣ дар асоси баробарӣ ва эҳтироми мутақобила ва кафили риояи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пайваста афзоиш меёбад. Дар доираи фаъолияти ин ниҳод ҳамкориҳои судманди мутақобила дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ ва молӣ бо шиддат ва ба таври ҷиддӣ пеш мераванд [11, 1].

Дар пасманзари коҳиши иқтисодҳои як қатор кишварҳои бузургу пешрафтаи ҷаҳон, маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварҳои Созмони Ҳамкории Шанхай дар соли 2023 ба ҳисоби миёна 5,2 дарсад ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 4,5 дарсад афзуд [6, 1].

СҲШ тайи солҳои фаъолияташ ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст, бархе аз онҳо чунинанд:

1. *Ҳаллу фасли осоиштаи масъалаҳои марзӣ.* Баҳси марзӣ байни кишварҳои ҳамсарҳад–Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ниҳоят, ҳалли худро бо роҳи дипломатӣ, бо дарназардошти манфиатҳои миллии ҳамаи кишварҳои узви ин иттиҳоди ҳамгироӣ соли 1996 бо таври созиш пайдо кард.

2. *Эътимоди мутақобила ва муколамаи баробарҳуқуқ байни кишварҳои аъзо.* Созмони Ҳамкории Шанхай ба минбари рушди эътимоди мутақобила ва роҳандозии муколамаи баробарҳуқуқ байни кишварҳои узв табдил ёфтааст ва ин механизм зиёда аз бист сол фаъолона ва самаранок истифода бурда мешавад;

3. *Ҳифзи амният ва субот.* Созмони Ҳамкории Шанхай кафили амният ва рушди устувор дар қитъаи Авруосиё мебошад. Ин созмони

ҳамгирой як неруи муҳимми созанда, ки дар риоя намудани низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҳкими амнияти қитъавӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунад [8, 1].

4. *Таъмин ва мусоидат дар рушди иқтисодӣ.* Фазои субот ва осоишта ба рушди иқтисодӣ ва ҳамкориҳои судманд мусоидат карда, нишондодҳои иқтисодӣ тадриҷан меафзоянд. Имрӯз Созмони Ҳамкории Шанхай ба як иттиҳоди байналмилалии ҳамкориҳои бисёрсоҳавӣ, аз ҷумла сиёсат, иқтисод ва гуманитарӣ табдил ёфтааст [2, 1].

Тибқи омор, ҳаҷми умумии иқтисоди кишварҳои узви «Созмони Ҳамкории Шанхай соли 2022 ба 18,4 триллион доллар ва ҳаҷми муомилоти молии мутақобила ба 6,2 триллион доллари амрикоӣ расид. Ин назар ба замони то таъсиси созмон, яъне ба соли 2000-ум 11,8 маротиба бештар аст [4, 1];

5. *Густариши таркиб ва дастурамалҳои нав.* Таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай фазои геополитикии Авруосиёро тағйир дода, шароити сифатан навро фароҳам овард. Доираи таъсир ва нуфуз дар арсаи байналмилалӣ васеъ ва шумораи иштирокчиёнаш зиёд шудан дорад. Ин далели зиёдшавии ҷолибияти СҲШ, нақши фаъоли он дар ҳифзи амнияти қитъавӣ ва минтақавӣ, тавони он дар мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва ҳамкорҳои мутақобил судманд дар соҳаҳои гуногун шуд, ки шумораи узвҳо то даҳ кишвар афзуд. Ин омил мақоми Созмони Ҳамкории Шанхайро дар арсаи ҷаҳонӣ тағйир дод, яъне аз созмони минтақавӣ ба созмони фароминтақавӣ, яъне қитъавии бонуфуз табдил дод, ки дар рушди устувор ва пешрафти қитъаи Авруосиё ва умуман ҷаҳонӣ саҳми арзанда мегузорад. [1, 1].

Ҳамин тариқ, Созмони Ҳамкории Шанхай дар арсаи байналмилалӣ дар баробари дигар ниҳодҳои гуногуни ҳамкориҳои бисёрҷониба, дар миқёси ҷаҳонӣ дорои аҳаммият, нуфуз ва дар низоми робитаҳои байналмилалӣ нақши назаррас дорад.

Созмони Ҳамкории Шанхай ҷузъи асосии низоми муносибатҳои байналмилалии муосир ва яке аз механизмҳои муҳимми ба танзим даровардани тартиботи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Ҳамкориҳои мутақобилан судманд, тибқи манфиатҳои миллӣ, дар асоси риояи қатъии ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаву созишномаҳои байналмилалии байниҳукуматӣ басташуда, дар асоси присипи созиш ба роҳ монда шудаанд. Ин шаҳодат аз саҳми арзандаи ин созмони бузург дар ҳифзи амнияти қитъавӣ, мусоидат дар рушди иқтисодӣ ва ҳамкориҳо дар рушди устувори қитъаи Авруосиё медиҳад. Кишварҳои узви ин созмони бонуфузи байналмилалӣ ҷонибдори таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар тамоми самтҳо ва бахшҳо бо мақсади ба даст овардани шароити муътадил ва

пешгӯйишавандаи беруна дар атрофи кишварҳои аъзо ба хотири некуаҳволии наслҳои ҳозира ва оянда мебошанд [5, 1].

## АДАБИЁТ


1. Алимов Р.К. С голосом ШОС все больше считаются на международной арене. (Захираи электронӣ). URL: https://www. asiaplustj.info. (Санаи муроҷиат: 12.06.2025с.).

2. Дай Вэйцзин. Экономическое сотрудничество стран ШОС: проблемы и перспективы развития. (Захираи электронӣ). URL: https://cyberleninka.ru. С.1. (Санаи муроҷиат: 10.06.2025с.).

3. Кузиева М. М. Галиуллин М. З. Ролӣ Шанхайской организаҷии сотрудничества (ШОС) в современном мире. Захираи электоронӣ. URL: https://cyberleninka.ru. С.1. (Санаи муроҷиат: 15.06.2025с.).

4. Михаил Мишустин: объем взаимной торговли РФ и стран ШОС за первое полугодие вырос на 5,5%. Захираи электоронӣ. URL: https://объясняем. рф. (Санаи муроҷиат: 03.06.2025с.).

5. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон принял участие и выступил на Втором саммите «Центральная Азия-Китай». Захираи электоронӣ. URL: https://khovar.tj. (Санаи муроҷиат: 03.06.2025).

6. Путин В.В. Шанхайская организация сотрудничества утверждается как один из центров силы в многополярном мире. Захираи электоронӣ. URL: https:// https://iz.ru. С. 1. (Санаи муроҷиат: 05.06.2025).

7. Потеенко А. Основные направления международного сотрудничества в рамках ШОС. (Захираи электронӣ(. URL: https:// cyberleninka.ru. С. 1. (Санаи муроҷиат: 07.06.2025).

8. Салимов Ф. Н. Стратегия ШОС по формированию и укреплению стабильности в Центральной Азии. (Захираи электронӣ). URL: https://tnu.tj. С.1. (Санаи муроҷиат: 12.06.2025).

9. Созмони Ҳамкории Шанхай. (Захираи электронӣ). URL: https://tg.wikipedia.org/wiki. С.1. (Санаи муроҷиат: 20.06.2025).

10. Тоҷикистон ва Созмони Ҳамкории Шанхай. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Захираи электронӣ). URL: https://mfa.tj. С.1. (Санаи муроҷиат: 20.06.2025).

11. Шойгу: роль ШОС в качестве центра силы растет на фоне международной обстановки. (Захираи электронӣ). URL: https:// https://vpk.name. –С. 1. (Санаи муроҷиат: 22.06.2025).

12. ШОС: итоги уходящего года. Интернет-портал СНГ. (Захираи электронӣ). URL: https://e-cis.info. С.1. (Санаи муроҷиат: 25.06.2025с.).

13. Хартия Шанхайской организации сотрудничества от 6 июня 2002 г. (Захираи электронӣ). URL: http://kremlin.ru. (Санаи муроҷиат: 25.06.2025).

14. Чжан Мин. Генсек ШОС: расширение организации– естественный процесс развития. (Захираи электронӣ). URL: https://tass.ru. (Санаи мурочиат: 10.06.2025).

15. Matthew Hall. The Shanghai Cooperanion Organisation. A Partner for stabilizing Afganistan? Centre for Defence College – 2009. –С. 3.

# ШАНХАЙСКАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ СОТРУДНИЧЕСТВА: ВЧЕРА, СЕГОДНЯ, ЗАВТРА

**МАЛИКОВ КОБИЛШО КУКАНОВИЧ,**
кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17;
тел.: (+992) 008-55-44-03; e-mail: m.koba@mail.ru

*Статья посвящена анализу особенностей становления и развития Шанхайской организации сотрудничества как влиятельной организации многостороннего сотрудничества на Евразийском континенте.*

*Отмечается, что ШОС, как пример успешной многосторонней дипломатии, стала одним из центров силы в современном многополярном мире. Свою деятельность эффективно ведет в соответствии с геополитической реальностью и национальными интересами государств-членов в следующих основных направлениях сотрудничества: укрепление безопасности, экономическое, культурное и гуманитарное сотрудничество.*

*Сделан вывод о том, что Шанхайская организация сотрудничества на международной арене имеет глобальное влияние и играет важную роль в обеспечении стабильности Евразийского континента, а также способствует успешному развитию сотрудничества во всех областях и отраслях, укреплению дружбы и взаимного доверия.*

**Ключевые слова:** *Шанхайская организация сотрудничества, Союз советских социалистических республик, интеграционные объединения, международные отношения, пограничные переговоры, Шанхайская пятерка, Евразийский континент, современный многополярный мир.*

# SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION: YESTERDAY, TODAY, TOMORROW

**MALIKOV KOBILSHO KUKANOVICH**,
candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 008-55-44-03; e-mail: m.koba@mail.ru

*The article is devoted to the analysis of the features of the formation and development of the Shanghai Cooperation Organization as an influential organization of multilateral cooperation on the Eurasian continent. It is noted that the Shanghai Cooperation Organization, as an example of successful multilateral diplomacy, has become one of the centers of power in the modern multipolar world. It effectively carries out its activities in accordance with the geopolitical reality and national interests of the member states in the following main areas of cooperation: strengthening security, economic cooperation, cultural and humanitarian cooperation.*

*It was concluded that the Shanghai Cooperation Organization has global significance and influence in the international arena, plays an important role in ensuring the stability of the Eurasian continent, contributes to the successful development of cooperation in all areas and industries, strengthening friendship and mutual trust.*

***Keywords:*** *Shanghai Cooperation Organization, Union of Soviet Socialist Republics, integration associations, international relations, border negotiations, Shanghai Five, Eurasian continent, modern multipolar world.*

**УДК: 351.86:008**

# ҶАНБАҲОИ ФАРҲАНГИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВИИ ФАРҲАНГӢ

**НАЗРИЕВ КАРИМ,**
муовини сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (992) 988-01-53-11; e-mail: nar.norov.79@mail.ru

*Дар мақола ҷанбаҳои фарҳангии амнияти миллӣ, инчунин, омилҳое, ки онро заиф ва тақвият медиҳанд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, робитаи байни сатҳи рушди фарҳангӣ ва вазъи амнияти миллӣ таъкид мегардад. Омили фарҳангӣ дар заминаи фаҳмиши муосири амнияти миллӣ ҳамчун шарти зарурии рушди устувор баррасӣ мешавад. Бо дарназардошти таъсири ҷаҳонишавӣ, вазъ ва тамоюлҳои фарҳанги ҷомеаи тоҷикӣ таҳлил карда шуда, нақши он ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ муайян карда мешаванд.*

*Дар мақола қайд мегардад, ки мураккабӣ ва зиддиятҳои замони муосир ба ҷаҳонишавӣ рабт доранд. Ҷаҳоншавӣ хусусияти дугона дорад. Аз як тараф, он дурнамои ҳамкории байнифарҳангиро васеъ карда, аз тарафи дигар, мушкилоти ҳувияти фарҳангӣ ва тамаддуниро шадидтар мекунад. Дар айни замон, маълум аст, ки фарҳанги миллӣ муҳимтарин ядрои генетикии миллат аст, ки қобилияти зинда мондани онро дар ҷаҳони имрӯзаи зудтағйирёбанда муайян мекунад, фазои маънавиро дар байни мардум эҷод менамояд ва ба онҳо эътимод ба оянда медиҳад. Аз ин рӯ, фарҳанги миллӣ бояд имрӯз яке аз муҳимтарин унсурҳои амнияти миллии кишвар ҳисобида шавад.*

**Калидвожаҳо:** *фарҳанг, амнияти миллӣ, фарҳанги миллӣ, ҷаҳонишавии фарҳангӣ, бӯҳрони фарҳангӣ, бӯҳрони ҳувият, маънавиёт, таҳмили фарҳангӣ, экспансияи зеҳнии англо-амрикоӣ, вестернизатсия, таҳдидҳои фарҳангӣ, либерализм, “неруи нарм”, ҳифзи фарҳанги миллӣ.*

Таъмини амнияти миллии кишвар наметавонад танҳо бо таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва неруҳои махсус маҳдуд шавад. Асоси амният вақте гузошта мешавад, ки истиқлоли иқтисодӣ таъмин гардида, давлат фарҳанги асили худро нигоҳ дошта, мардум мақсади худро дарк намуда, худшинос бошанд. Масъалаҳои амнияти миллӣ ва фарҳанг ба ҳамдигар бевосита алоқамананданд.

Асосан, фарҳанг фаъолияти инсонро дар зуҳуроти мухталифи худ, аз ҷумла тамоми шаклу усулҳои худшиносии инсон, андӯхтани маҳорату

малака аз ҷониби инсон ва тамоми ҷомеаро дар бар мегирад. Ин муҳити ҳастии шахси иҷтимоӣ, «табиати дуюм»-и ӯст, ки он дар шакли арзишҳои муқарраршуда, устувор (моддӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ), рамзҳо, меъёрҳо, анъанаҳо, расму оинҳо офарида, дубора тавлид ва паҳн карда, ба наслҳо интиқол медиҳад. Мазмуни фарҳанг ва махсусан, шаклҳои зуҳури он ҳамеша миллӣ буда, аз ин рӯ, такрорнашаванда ва беназир аст.

Аҳаммияти фарҳангро дар ҷомеа арзёбӣ намудан душвор аст. Дар доираҳои илмӣ коршиносон зарурати донистани фарҳанг, маориф ва тарбияро ҳамчун соҳаҳои муҳимми организми ҷамъиятӣ, ки ба амнияти миллӣ таъсир мерасонанд, асоснок мекунанд:

1. Аввалан, фарҳанг унсури асосии ҳаёти ҳар як инсон ва ҳар ҷомеа мебошад.
2. Сониян, на дар сиёсат ё иқтисод, балки дар фарҳанг ҳадафҳои ҷомеа амалӣ мешаванд. Фарҳанг руҳи аслии мардум, худдаркунӣ, ҳисси худшиносии он аст.
3. Сеюм, фақат дар фарҳанг ҷаҳони маънавии инсон, моликияти умумии ӯ ошкор ва амалӣ мегардад.
4. Чаҳорум, фарҳанги ҳар як халқ дорои хусусият, асолат ва нотакрор буда, фаҳмиши худро дар бораи ҷаҳон ифода мекунад.

Барои дарёфти роҳҳои таъмини амнияти миллӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои фарҳангӣ зарурати шинохти таҳиду хатарҳо, хавҳо ва чолишҳо ба миён меояд. Бидуни ташхиси таҳдиду хатарҳои фарҳангӣ ба амнияти миллӣ имкони баррасии минбаъдаи масъала ғайримантиқ ба шумор меравад. Аз ин хотир, дар қадами нахуст падидаи таҳдидҳо ба фарҳанг матраҳ мегардад.

Таҳдидҳои асосии дохилӣ ба маънавиёту фарҳанги ҷомеаи муосир метавонанд инҳо бошанд:

–мавҷуд набудани низоми ташаккулёфта ва аз ҷониби умум эътирофшудаи арзишҳои маънавии миллӣ;

–шаклдигаркунии шуури ҷамъиятӣ ва дар натиҷа аз байн рафтани худшиносии ватандӯстона;

–дар шуури ҷамъиятӣ ҷорӣ намудани қолабҳои тафаккур ва тарзи ҳаёти ба тафаккури миллӣ бегона;

–ислоҳоти беасос дар забони тоҷикӣ;

–фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ки фарҳангҳои бегонаро таблиғ менамоянд;

–сиёсати давлатҳои хориҷӣ ба ҷорӣ намудани фарҳанги оммавии бегона дар фазои маънавии миллӣ;

1. нигилизми маънавии шаҳрвандон;

–бегонапарастӣ ва тақлиди фарҳанги бегона;

–набудани ғояи (идеологияи) ягонаи миллӣ.

Ҳамзамон, хатарноктарин зуҳуроти эҳтимолии буҳрони фарҳангӣ–маънавӣ барои ояндаи кишвар инҳоянд:

–паст шудани сатҳи зеҳнӣ ва фарҳангии ҷомеа;

–беқурбшавии арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшуда ва таҳрифи арзишҳо;

–афзоиши хашмгинӣ ва таҳаммулнопазирӣ, зуҳуроти рафтори зиддиҷамъиятӣ;

–шаклдигаркунии хотираи таърихӣ ва арзёбии манфӣ нисбати давраҳои муҳимми таърихи миллӣ;

–атомишавии ҷомеа–шикастани робитаҳои иҷтимоӣ (дӯстона, оилавӣ, ҳамсоягӣ), афзоиши шахспарастӣ, беэътиноӣ ба ҳуқуқи дигарон.

Аммо дар амал универсаликунонии фарҳанг дар шароити бартарии фарҳангии кишварҳои пешрафта аксар вақт бо дахолати башардӯстона иваз карда мешавад, ки ҳадафи он ғарбикунонии кишварҳои ғайриғарбӣ аст [1, с. 296–304]. Дар ҷаҳони муосир ин мудохила, пеш аз ҳама, бо ёрии технологияҳои неруи нарм ё «soft power» сурат мегирад, ки ҳамчун ташвиқи дигарон ба он коре бидуни истифодаи зӯроварии мустақим дида мешавад [3].

Дахолати башардӯстона бо "экспансияи зеҳнии англо-америкоӣ" ҳамроҳ карда шуда, тавассути паҳн кардани арзишҳои либералӣ дар фазоҳои гуногуни геофарҳангӣ, априори универсалии фарҳангӣ барои тамоми башарият эълон шудааст. Пеш аз ҳама, ин арзишҳое мебошанд, ки бо сохти ҷамъиятии либералӣ–демократӣ, иқтисодиёти бозорӣ, этикаи протестантӣ ва ҳуқуқи инсон алоқаманданд, ки «догматикӣ ҳамчун мутлақ, бебаҳс ва муҳимтар аз ҳама, ба исбот ниёз надоранд” [2, с.21] ва ба ҳеч гуна шубҳа роҳ намедиҳанд.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, мавҷҳои модернизатсионӣ ва вестернизатсионӣ ба фазои пасошуравӣ ба таври таври барҷаста ворид гардида, муҳосираи пӯлодини идеологии шуравиро шикастанд. Модернизатсияи фарҳангӣ ва ғарбикунонӣ тибқи арзишҳои ғарбӣ воқеияти ҳаёти кишварҳои собиқ Шуравӣ гардид. Ворид гардидани маҳсулоти синамоии кишварҳои ғарбӣ, намунаҳои фарҳангӣ, молу брендҳои ғарбӣ таҳаввулоти бузурги фарҳангиро дар ҷомеаи постшуравӣ ба вуҷуд овард. Аз миён рафтани маҳдудиятҳои идеологӣ боиси он гардид, ки тамоми унсурҳои фарҳангӣ ва санъат, жанрҳои мусиқии ғарбӣ, ба мисли “хип-хоп”, “поп” ба таври фаъол дар ҷомеа нуфуз пайдо мекард. Воситаҳои ахбори омма, ки аз чорчӯби “сензураи давлатӣ” раҳо гардидида буданд, ба таври васеъ ба таблиғу ташвиқи фарҳангӣ ғарбӣ пардохтанд. Ҷомеа ногузир ба пазириши шакли навъи ҳаёти фарҳангӣ оғоз кард, зеро алтернативаи дигар мавҷуд набуд.

Ҷиҳати дигар зарур ба баррасӣ аст, ки системаи шуравӣ низоми секулярии давлатдориро агарчи зоҳиран изҳор намекард, тақвият мебахшид.

Дар андозаи муайян бо мухолифат ба низоми буржуазию капиталистии ғарбӣ унсурҳои фарҳанг ва санъати ғарбиро дар ҷомеаи шуравӣ густариш медод. Ба гунаи мисол метавон аз санъати эстрада ва опера ва балет ёддовар гардид. Бо ғаразҳои идеологӣ аз эътирофи баъзе воқеиятҳои мавҷуда худдорӣ сурат мегирифт, то пайвандӣ бо решаҳои таърихӣ-фарҳангии ғарбӣ дар сатҳи афкори умум эҳсос кард нашавад.

Шароити дунявии шуравӣ бо таблиғоти атеистӣ, ки тайи солҳои зиёд "фарди шуравӣ"-ро бавуҷуд оварда буд, шароити фароҳам овард, то фарҳанги секулярии либералии ғарбӣ ба таври осон дар ҷомеаи баъдишуравӣ тавсеа ёбад. Вазъи зикршуда таваҷҷуҳи махсуси коршиносиро тақозо дорад. Аз як ҷониб, қабули фарҳанги ғарбӣ ягон навъ мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд наовард, вале дар масъалаи гузариш аз як режими сиёсӣ ба режими сиёсии дигар, аз тоталитаризм ба демократия, мухолифатҳои калон пайдо шуданд. Сабаб дар он буд, ки чанбаи фарҳангӣ барои "фарди шуравӣ" мушкилот надошт, вале бо он иллат, ки элитаи сиёсии шуравӣ зери чорчӯбаи идеологияи давлатии тоталитарӣ ташаккул ёфта буд, қабули арзишҳои либераливу демократӣ вазнин афтод. Модернизатсияи фарҳангӣ бошад, зери таҳмили арзишҳои фарҳангии ғарбӣ батадриҷ амалӣ мегардид.

Таҳмили фарҳангӣ ва қабули арзишҳои ба фарҳанги миллӣ бегона, боиси он гардид, ки масъалаи ҳувият–"мо кистем?" зери суол равад. Ин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки зери таъсиррасонии ҳамаҷонибаи фарҳангии бегона бо воситаҳои гуногуни иттилоотӣ дар ҳама бахшҳо фарди миллӣ пайвандиашро бо фарҳанги аслиаш гум мекунад. Дар робита ба ин. дар ҷомеа нигилизми миллӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳолати мазкур муҳимтарин таҳдиди фарҳангиву ҳувиятӣ ба амнияти миллӣ маҳсуб мешавад. Манқуртнамоӣ дар зери борнамоии арзишҳои фарҳанги бегона ба сари миллати дигар, ки дар натиҷа миллат дар шинохти аслу рисолати худ оҷиз мемонад, аз ҳама таҳдиди бузург ба ҳисоб меравад.

Дар доираи таҳқиқоти байнисоҳавӣ се гурӯҳи чолишҳои геофарҳангӣ ва таҳдидҳо ба амнияти миллиро метавон муайян кард:

–Гурӯҳи якуми чолишҳо ва таҳдидҳо, ки бо мушкилоти асосии замон – ҷаҳонишавӣ ва виртуалишавӣ алоқаманданд, паҳншавии идеологияи истеъмолӣ дар ҷомеаи ватаниро дар бар гирифта, хилофи арзишҳои миллӣ буда, бартарии принсипҳои моддӣ бар принсипҳои маънавиро тасдиқ мекунад; ба таври оммавӣ паҳн кардани маҳсулоти пастсифати фарҳанги оммавӣ, ки ба талаботи маънавии табақаҳои поёнӣ нигаронида шудааст; тиҷоратикунонии фарҳанг; иттилоот ва нобаробарии рақамӣ робитаи ногусастанӣ доранд.

Мушкилоти асосии ҷомеаи ватанӣ камчинии маънавӣ ва батадриҷ дур гардидани ҷомеа аз унсурҳои маънавӣ бо чандин омилҳо дар тули даҳсолаҳо мебошад. Мушкилоти мазкурро дар умум, метавон бухрони фарҳангию

маънавӣ номид. Зери таъсири таҳмили фарҳангии бегона, ки он бо исми модернизатсияи фарҳангӣ дар ҷомеаи ватанӣ татбиқ мегардад, батадриҷ хусусияти фарққунандаи фарҳанги миллӣ аз байн рафта, ба ҳамин тариқ, унсурҳои миллӣ ва хоссатан давлату давлатдории миллӣ аз миён мераванд.

Таҷрибаи таърихӣ шоҳиди бисёр ҳодисаҳое мебошад, ки зери таъсири таҳмили фарҳангӣ миллату халқиятҳои гуногун фарҳангу забони худро аз даст додаанд. Зери арабикунонии Ховари Миёна, кишварҳое, амсоли Миср ва Сурия забони миллии худро аз даст доданд. Зери иқдоми модернизатсионии Пётри Кабир дар Русия фарҳанги ғарбӣ тамоми ҷиҳатҳои муҳимми фарҳанги умумии русҳоро ишғол кард. Таҳти режими мустамликадорӣ ва империализми фарҳангии Британияи Кабир кишвари Ҳиндустон забони англисиро нисбати забони миллӣ афзалият бахшид. Ҳамчунин, зери иқдоми шуравикунонӣ ва крилликунонии ҳадафноки Иттиҳоди Шуравӣ аксари кишварҳои тобеи Шуравӣ аз фарҳанги миллӣ ва алифбои худ маҳрум монданд.

Тоҷикистон дар раванди таърихӣ шоҳид ва дучори чунин таҳмилҳои фарҳангӣ гардида буд, ки пайомадҳои он боиси тафриқаи иҷтимоӣ, нигилизми миллӣ, таҳрифи таърихи миллӣ, буҳрони ҳувият, манқуртсозӣ гардиданд. Дар раванди таърихӣ миллати тоҷик танҳо тавонист унсури муҳимитарини фарҳанг–забони тоҷикиро ҳифз намояд. Ин амал бо шарофати сиёсати махсуси давлати Сомониён дар раванди мавҷҳои азими арабикунонии Хилофати Араб воқеият пайдо кард. Ба забони илму шеър табдил додани забони форсии дарӣ боис гардид, ки забони тоҷикӣ ҳамчун муҳиматрин ҷиҳати фарққунандаи миллати тоҷик маҳфуз бимонад. Дар ин росто, хидмати Абулқосими Фирдавсӣ бо эҷоди “Шоҳнома” тавонист бо сутуни мустаҳакаме барои ҳифзу нигаҳдошти забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) бино намояд. Бо гузаштани солҳо ва дарки ҳодисаҳои олам, ба ин фаҳм муаяссар мегардем, ки онҳо хидмати шоистаеро ба насли имрӯз анҷом додаанд.

Муҳимтарин таҳдиди фарҳангӣ ба баданаи амнияти миллӣ нобуд кардани забони миллат ва ба ин васила манқуртгардонии соҳиббони он мебошад. Муносибатҳои байнимиллатҳо ҳамеша, сарфи назар аз ҳусни тафоҳум ва ҳифзи ҳамшарикӣ, таъсироти мутақобилаи нонавиштае дорад, ки таҳти “иконография ва коммуникатсия” ногузир иродаю арзишҳо аз яке ба дигаре интиқол мегардад.

Забони тоҷикӣ баъди суқути сулолаи Сомониён тайи чанд қарн дар як маҳдудаи сулолаҳои ғайримиллӣ қарор гирифта, ҳамзамон, забони илму фарҳанг буд. Дар асри бисти милодӣ зери таъсири шадиди идеологияи давлатӣ ва афзалияти забони русӣ давраи дигари маҳдуднамоиро паси сар намуд.

Даврони шуравӣ ба густариши фарҳангҳои миллӣ бо эътибори “интернтсионализм” мусоидат намекард ва раванди тахриби осори фарҳангӣ бо фарогирии арзишҳои миллию таърихӣ воқеияти он замон буд. Гарчанде қонунгузории Иттиҳоди Шуравӣ ба масоили забонҳои миллии кишварҳои узви иттифоқ ва корбарии забон имкон медод, аммо ин амр воқеият пайдо намекард. Интернатсионализм тараннум мегардид, вале этносентризми русӣ ҳукмрон дар равандҳо буд.

Муҳимтарин масъала, ки дар давлатдории миллии тоҷикон ҷойгоҳи махсус дорад, ин ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ маҳсуб меёбад. Дар миёни кишварҳои узви Иттиҳоди Шуравӣ иқдоми миллие буд, ки роҳи расидан ба истиқлоли миллиро ҳамвор кард. Бузургии иқдоми мазкур, ки тибқи идеологияи шуравӣ ҳамчун “миллатчигии буржуазӣ” тафсир мегардад, истихбороти Иттиҳоди Шуравиро ба таҳрик овард. Агарчанде аксулҷавоб ба ин иқдоми миллӣ роҳандозӣ карда шуд, вале ҷараёни раванди худшиносии миллиро гирифта натавонистанд.

Дар қиболи матлабҳои зикршуда ҷониби Тоҷикистон дар раванди таърихӣ бо якчанд таҳдиду чолишҳои фарҳангӣ дучор гардид, ки дар умум, онҳо амнияти миллиро халалдор менамоянд. Гуфтан бамаврид аст, ки замоне фарҳанги миллӣ хатти сурхи таҳдидшиносӣ бо зовияи манфиатҳои миллӣ қарор намегирад, таъмини амнияти миллӣ имконнопазир мегардад. Чунки субъекти давлатӣ ташхис дода наметавонад, ки бо кадом нишондод ва меъёр афзалиятҳои миллӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ ба эътибор гирифта шаванд. Намунаҳои гуногуни чунин вазъият дар кишварҳои мухталиф вуҷуд дорад. Ба гунаи мисол дар шароити муосир Русия зидди кишварҳои ғарбӣ дар набарди ошкор қарор дорад, вале тамоюлҳои ҳукмрони фарҳангӣ дар ҷомеаи русӣ унсурҳои фарҳанги ғарбӣ мебошанд. Русия дар шароити муосир қодир нест худро аз вобастагии фарҳангии ғарбӣ канда бошад. Системаи таҳсилоти русӣ, саноати кино, сабки ҳаёти иҷтимоӣ, фардгароӣ, эгоизм, гедонизм, моддапарастӣ–чун тамоюли дунёпарастӣ арзишҳои ҳукмрони фарҳангӣ дар ҷомеаи русӣ ҳастанд, ки зери модернизатсияи фарҳангии ғарбӣ ба вуҷуд омаданд. Дар сатҳи зиёиёни русии мустақил аз матритсаи ғарбӣ ҳолати мазкур дарк шуда, он ҳамчун таҳдиди системавӣ ба амнияти миллӣ шумурда шудааст. Вале вақт ва шароит имкон намедиҳад, ки тарҳи русии фарҳангӣ татбиқ карда шавад. Бо дарназардошти ҳамин нукта мубориза бо ҷаҳони Ғарб натиҷаи зарурӣ намедиҳад. Сабаб дар он аст, ки мубориза бо арзишҳои ғоявии миллӣ мусаллаҳ нагардида, аз ҷониби дигар ҷомеае, ки дар зери вестернизатсияи фарҳангӣ тарбият ёфтааст, асли мубориза бо фарҳанги бегонаро дарк намекунд. Воситаҳои ахбор таблиғоти зидиғарбӣ мебаранд, вале дар асл филмҳои ғарбӣ ташаккулдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ маҳсуб мегарданд. Дарки ин нукта басо мушкил барои миллатҳоест, ки мақоми “манқурт”-ро касб карданд.

Як мушкилоти ҷомеаи ватанӣ ҳамчуноне, ки баррасӣ гардид, набудани тавонии ташхиси таҳдиду чолишҳои фарҳангӣ ба амнияти миллӣ мебошад. Унсури хурдтарин, ки дар ҷомеаи русӣ буд, дар кишвар ба чашм мерасад. Зери юғи таҳмилҳои фарҳангии системавӣ дарёфти "мани миллӣ" мушкил гардидааст. Ин бо якчанд масъала асоснок карда мешаванд. Аввалан, дар кишвар буҳрони ҳувият воқияти ошкор аст. Яъне масъалаи айният дар ҷомеаи миллӣ мушкилоти хос дорад. Дар зери таъсироти фарҳангии бегона ҷомеа ва махсусан аҳли зиё, ки вектори равшанавоии ҷомеа ба шумор меравand, якчанд шаклу навъи ҳувият ташаккул ёфтааст. Дар мақоми аввал метавон доираи ҷомеаро гузошт, ки онҳо "ҳувияти шуравӣ" доранд. Дар зери андешаи чунин навъ ҳувият, мақоми арзишҳои миллии тоҷикӣ паст зада шуда, афзалият ба таълимоти коммунистӣ ва арзишҳои шуравӣ дода мешавад. Бо дарназардошти он ки Иттиҳоди Шуравӣ охирин умеди эшон аз миён рафтааст, руҳияи пессимистиро ба насли нав муназам интиқол медиҳанд. Аз зовияи дигар, дар заминаи таълимоти шуравӣ, ки ҳама гуна таълимоти марбут ба миллатгароиро "рукни манфӣ" мешумориданд, дар вазъияти нав "шуури депатриотизм"-ро роҳандозӣ менамоянд.

Дар чунин навъи шинохт таблиғи унсурҳои миллии тоҷикӣ бо дидгоҳи гузашта манфӣ шуморида шуда, таҳрифи таърихи гузаштаи миллӣ ва шахсиятҳои бузурги миллӣ ба амал бароварда мешавад. Онҳо наметавонанд ба насли нав шакли дурусти ҳаёт, ватандӯстӣ ва муҳаббат ба кишварро интиқол бидиҳанд. Бо як шакли хосси тафаккур нигоҳи насли ҷавонро ба масъалаҳои миллӣ ва равандҳои дигар бетафовут намуда, муносибати соф нигилистиро роҳандозӣ менамоянд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва хоссатан равандҳои истиқлолхоҳӣ доираи мазкур бо мавқеи сирф доктриналӣ наметавонистанд аз истиқлоли миллӣ ҳимоят кунанд, зеро ҳолати мазкур дарвоқеъ, зидди давлати Шуравӣ буд. Ҳамин гуна номуайяниҳо ва камҳаракатиҳо боис гардид, ки раванди истиқлолхоҳӣ ба монеаҳои мухталиф дучор гардад.

Дар раванди шинохти ҷанбаҳои фарҳангии таъмини амнияти миллӣ бо дидгоҳи доираи мазкур "дидгоҳи коммунистӣ" афзалият пайдо мекунад. Дар чунин ҳолат афзалият бахшидан ба арзишҳои таърихию миллӣ мушкилот эҷод мекунад. Падидаҳои миллӣ метавонанд, ҳамчун мушкилот баррасӣ гарданд. Ҳамин ҳолатро метавон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри бисти милодӣ дида баромад. Шахсиятҳои миллии кишвар, ки ба ҳифзи арзишҳои миллӣ пардохтанд, қурбони сиёсати болшевикӣ шуданд. Ба ҳамин хотир, шинохти вазъи мазкур дар ҳифзи амнияти миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ мақоми калон дорад.

*Дар мақоми дувум,* доирае метавон дида баромад, ки зери таъсири афкори мутфаккирону форсу тоҷик дидгоҳашон шакл гирифта, баррасӣ ва мавқеъгирию андозагирии падидаю равандҳо тибқи ин парадигма сурат

мегирад. Доираи мазкур дар мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ дар охирҳои умри Иттиҳоди Шуравӣ нақши калон гузошта, консепсияи истиқлоли миллиро дар он вазъи буҳронӣ муҳим гардониданд.

Нақши доираи мазкур дар милликунонии равандҳои соҳибистиқлолӣ бо ба кор гирифтани таълимоти ниёкон назаррас буда, заминаи фарҳангсозии миллиро ба вуҷуд оварданд. Онҳо баҳри ҳифзи фарҳанги миллии оммавӣ метавонистанд амалкарди беҳтаре дошта бошанд, аммо бо дарназардошти он ки адабиёти классикии форсу тоҷик унсури диниро сарфи назар намекард, бо тақозои давр ҷойгоҳи доираи мазкур маҳдуд карда шуд.

Рӯ овардан ба таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик дар даврони муосир баҳри ҳифзи фарҳанги миллӣ, хотираи таърихӣ ва ҳифзи шароити маънавии ҷомеа аз таъсироти гуногуни идеологияҳои секулярӣ, аз ҷумла либрелизм аҳаммияти калон дорад. Бояд таълимоти мутафаккирони гузаштаи тоҷик дар равандҳои муосири идеологию фарҳангӣ ва фарҳангию маънавӣ ҳукмрон бошад. Яке аз мушкилоти буҳрони маънавии дар ҷомеаи ватанӣ дур гардидан аз таълимоти бузургони гузаштаи миллӣ мебошад. Бо адабиёт ва таълимоти муосир, ки дар муассисаҳои кишвар мавриди тадрис қарор дода мешаванд, наметавон мушкилоти маънавиро дармон бахшид. Дар ҷомеа сухан доир ба буҳронҳои мухталифи соҳавӣ меравад, вале агар аз дидгоҳи хирадмеҳвар ба он назар афканем, дармеёбем, ки решаи ҳама гуна мушкилоти ҷомеа буҳрони маънавист.

Таълимоти муосир ба инсонҳо донишҳои шаклӣ медиҳанд, вале, мутаассифона, ҷанбаи ахлоқии таълимоти муосир заиф аст. Бо пешрафт кардани ратсионализм ва прагматизм, ки дар пайомади он фитрати инсон ба инобат гирифта нашуда, инсон чун “ҷондори биоиҷтимоӣ” баррасӣ шуда, замина барои буҳрони маънавӣ фароҳам мегардад. Эмансипатсия ва кандани инсон аз ҳама гуна арзишҳои инсонӣ, суннатшиканӣ баҳри баромадан ба зинаи баланди рушди инсонӣ–постмодерн таҳдиду чолишҳои навро барои фарҳанги миллии тоҷикӣ ба бор меорад. Дар постмодерн идеологияи либерализм ба марҳалаи нави таъсиррасонӣ ва тамаддунсозии барҷаста ворид гардидааст. Дар чунин шароит ҳифзи фарҳанги миллӣ дар раванди тамаддунсозии либералӣ аз афзалиятҳои амнияти миллӣ маҳсуб мешавад, чунки либерализм бо нигоҳи бетафовутӣ ҷавҳарҳои миллиро нобуд карда, деаксиологизатсия (беарзишнамоӣ)-ро дар ҷомеа роҳандозӣ менамояд.

Дар таҳти таъсири таълимоти либералӣ муҳимтарин арзишҳои иҷтимоиву фарҳангии миллӣ осебпазир гардида, ҷойгоҳи аслиашонро гум мекунанд. Таълимоти фардгароии либерализм ба он оварда мерасонад, ки инсон танҳо дар бораи манфиатҳои фардӣ фикру амал карда, ба манфиатҳои ҷамъиятӣ осеб расонад. Тибқи ин таълимот ҳадафу нафси инсон дар меҳвари ҳама равандҳо гузошта шуда, саодати дигарон ба эътибор гирифта намешавад. Гуфтан зарур аст, ки саодат ва хушбахтӣ падидаи ҷамъист.

Замоне манфиатҳои афроду гурӯҳе афзал шумурда мешавад, маъниаш ин аст, ки саодати миллӣ осеб дидааст. Ин ба суботу ваҳдати миллӣ осеб мерасонад.

Дар фарҳанги миллӣ ҷойгоҳи ниҳоди хонавода мақоми махсус дорад. Суботу устувории оила, ки давлат бар пояҳои он устувор мегардад, дар фарҳангу тамаддуни форсу тоҷик аз ҷойгоҳи хос бархӯрдор мебошад. Таълимоти либералӣ бо талқини ғояи худмеҳварӣ, худпарастӣ ба ниҳоди хонавода бо ташвиқи озодии марду зан, баробарии гендерӣ, феминизм таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамин аст, ки дар солҳои охир бебандуборӣ дар оилаҳо, парокандашавии бармаҳали хонаводаҳо тамоюли иҷтимоиву фарҳангии муосир гардида, бемайлӣ нисбати барпокунии оила меафзояд. Дар ҷойи оилаҳои суннатӣ хонаводаҳои навъи нав ба вуҷуд меоянд. Ба вуҷуд омадани падидаҳои манфии даврони постмодерн, ки дар миёни онҳо ҳамҷинсгарой роиҷтар аст, ба фарҳанги оиладории миллӣ тазодди рӯйрост дорад. Ин падидаҳои нав на тавассути мустамликадории классикӣ, балки ба василаи таблиғоти фарҳангӣ густариш ёфтаанд. Бинобар ин, зарур аст, ки ба муҳтавои таблиғоти фарҳангӣ диққати ҷиддӣ дод.

Ба таблиғоти фарҳангии беруна тамоми унсурҳои системаи давлатӣ сафарбар мегарданд. Барои ин аввал зарур аст, ки давлат чиро мехоҳад ба дигар кишварҳо мунтақил намояд. Дар асоси ҳамин ғоя воситаҳои ахбори омма, киноиндустирия, саноати истеҳсолӣ ба кор шуруъ мекунанд. Дар натиҷаи амали дастаҷамъонаи системавӣ симои фарҳанг дар дигар ҷомеаҳо шакл мегирад [4]. Ҳангоми ба наворгирии филми “Инсон–анкабут”(Spiderman) тамоми унсурҳое, ки барои ҳукумати ИМА зарур буд, таблиғу ташвиқ карда шуд. Баъди расонаинамоии филм, ба тамошо гузоштани он дар тули чандин солҳо, таблиғи он тавассути мултфилмҳо, либосҳо, бозичаҳо ба он оварда расонид, ки дар шуури оммавӣ (аз боғча то ба боло) ҷойгоҳ касб намояд. Ин дар ҳолест, ки тарбиятгирандагони муассисаҳои тобактабӣ аз шахсиятҳои миллии таърихӣ дида, дар бораи қаҳрамонҳои филм бештар маълумот доранд. Вобаста ба ин, метавон хулоса баровард, ки дар муборизаи фарҳангии муосир бояд хеле фаъол буд. Ин фаъолнокӣ на танҳо тавассути суханронӣ, балки таҳияи маводҳои видеоӣ, филмҳои таърихӣ, роликҳо, филмҳои кутоҳметраж, ки таъсири бештар доранд, амалӣ карда мешавад. Вобаста ба зарфиятҳои молиявии кишвар татбиқи иқдоми мазкур бисёр муҳим ва дархурди замон мебошад. Кишварҳое ҳастанд, ки дар такя ба таърихи дигарон ва азхудкунии он барои худ ҳувиятсозӣ менамоянд. Ба гунаи мисол филмҳои Геракл, Гладиатор, ки ба таърихи ИМА ҳеч пайвандӣ надоранд, сиёсати амрикоӣ тамаддунсозиро ба амал мебарорад. Вале таърихи форсу тоҷик аз чунин падидаҳо, ки битавонанд дар фарҳангсозӣ ва тамаддунсозии нав мусоидат кунад, ба таври кофӣ ғанӣ аст. Дар филмҳои таърихии туркӣ шахсиятҳои бузурги форсу

тоҷик бо иллати он ки дар ин раванд пешрафт дар мо дида намешавад, азхуд карда мешаванд. Албатта, гуфтан бамаврид аст, ки таълимоти бузургони форсу тоҷик барои миллати мушаххас офарида нашуда, хислати умумибашарӣ доранд. Аммо ин иқдоми инҳирофӣ, ки бо азхудкунии шахсиятҳои таърихӣ риштаи таърихии миллатро бурида, холӣ мегардонанд, ҷиддӣ муносибат кардан зарур аст.

Таҳияи намоишҳои театрӣ дар қадами аввал барои эҳёи хотираи таърихӣ бисёр муҳим буда, барои филмсозӣ шароит фароҳам меоварад. Барои мисол метавон дар театрҳои миллӣ вариантҳои мухталифи таърихи суололаи Сомониёнро рӯйи саҳна гузошт. Дар қадами навбатӣ қисмҳои хурде аз саҳнаи театриро бо истифодаи аз технологияи зеҳни сунъӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба намоиш гузоштан зарур аст. Иқдоми мазкур дар кутоҳтарин муддат самараҳои худро хоҳад дод.

Масъалаи дигар ба роҳ мондани экспедитсияҳо ба шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд ба мақсади таҳкими робитаҳо бо марказҳои фарҳангӣ дар шароити нави ҳамкориҳои ҳасанаи байнидавлатӣ ба манфиати фарҳангии кишвар мебошад. Дигар масъалаи муҳим ба роҳ мондани пиёдравиҳо/роҳпаймоиҳо бахри зиёрати ҷойҳои таърихӣ ва махсусан оромгоҳи Исмоили Сомонӣ, дар пайванди тоҷикони бурунмарзӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

*Дар мақоми сеюм,* доирае шинохта мешавад, ки ба тамаддуни тоисломӣ рағбати худашонро намоиш дода, мутаассифона, нисбати либерализм ва таҳмилҳои фарҳангии ғарбӣ мухолифат надоранд. Дар ин парадигма бештар масъалаҳои ғайриэътиқодӣ ва зиддидинӣ матраҳ гардида, дар зери ташвиқи секляризм ба беахлоқишавии ҷомеа мусоидат мекунанд. Доираи мазкур бо доираи аввал дар мавқеъгириҳо ҳусни тафоҳум доранд, вале вақти таърихӣ бо равандҳояш онҳоро зидди ҳам мегузорад.

Фарҳангсозӣ тибқи маросимҳои гузаштаи ниёкон дар шароите, ки расму суннатҳои бутпарастӣ, амсоли ҷашни Ҳеловин дар кишвар густариш меёбад, айни муддаост. Вобаста ба ҳар давраи тақвимӣ ва мавсим, ки идҳои миллии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада махсус гардиданд, бо муайян кардани мазмуну муҳтавои маросим таҷлили онҳо бамаврид буда, бояд неруҳои ақлонӣ ва ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба маъракаҳои ҷашнгирӣ ҷалб карда шаванд. Консепсияи рӯзмарра ва зиндаи идҳои мазкур таҳия гардида, вобаста ба тақозои замон ва ҳифзи рӯйкарди миллӣ самимона таҷлил карда шаванд.

Таҳдиди асосӣ дар ҷанбаҳои фарҳангии амнияти миллӣ неруҳои фарҳангии зиддимиллӣ маҳсуб меёбанд. Неруҳои зиддимиллӣ нисбат ба хотираи таърихӣ бетафовут буда, рушди равандро дида наметавонад. Танқидҳои ҳамешагӣ аз гузаштаи таърихӣ ба амал оварда, роҳи дигари пешрафти масъаларо пешниҳод карда наметавонанд. Дар эҳё кардани

хотираи таърихӣ ва зинда намудани ҷасорати миллӣ тавассути таърихи гузаштаи пуршараф мусоидат карда наметавонанд.

Доштани таърихи куҳан ва фарҳанги ғанӣ дар он ҳолат метавонад таъсиргузор бошад, ки агар он дар фарҳангсозии кунунӣ мусоидат карда тавонад. Яъне бакоргирии он бисёр муҳим аз худи вуҷуди гузаштаи он мебошад. Аз ин рӯ, осори гузаштаи мутафаккирони форсу тоҷик бояд ба таври хос мавриди таҳқиқ ва баъдан мавриди тадрис қарор дода шавад. Ҳамчунин, дар раванди таҳия гардидани фалсафаи миллӣ, педагогикаи миллӣ ва дигар илмҳо, ки ҳоло дар муассисаҳои олии таълимӣ омӯзонда мешаванд, таълимоти соҳавии донишмандони форсу тоҷик ҷой дода шавад.

*Гурӯҳи дуюми чолишҳо ва таҳдидҳо* ба амнияти миллӣ аз тафриқаи иҷтимоию фарҳангӣ дар ҷомеа ба вуҷуд меояд, ки он аз аномияи иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи тезутунд шудани зиддиятҳои байни фарҳанг ва муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, сарчашма мегирад.

*Гурӯҳи сеюми чолишҳо ва таҳдидҳо* ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг чолишҳо ва таҳдидҳоеро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи тасмимҳои нодуруст дар сиёсати фарҳангӣ ва идоракунии фарҳанг ба вуҷуд омадаанд: деформатсияи афзоянда дар маориф, фаъолияти ВАО, махсусан телевизион; дар шуури оммавӣ ҷой додани арзишҳои материалӣ, ки дар байни онҳо парастиши моддӣ аҳаммияти калон дорад; паст шудани сифати таълим; бесамар будани назорати ҷамъиятӣ аз рӯйи ҷанбаҳои ахлоқии воситаҳои ахбори омма; беэътиноӣ аз ҷониби бисёре аз шаҳрвандон ҷиҳати фаромӯш кардани рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ, қаҳрамонони миллӣ ва анъанаҳои тамаддунӣ.

Раванди тадриси таърихи миллӣ бояд битавонад дар насли ҷавон ифтихори миллӣ ва ҳиси ватандӯстиро ба вуҷуд биоварад. Таърихи халқи тоҷик ва адабиёти марбут ба онро бояд аз абстрактизм ва номуайяниҳо раҳо бахшид. Таърихи миллӣ бояд дар ҳувиятсозӣ мусоидат карда тавонад. Бинобар ин, омӯзиши таърихи миллӣ бояд тибқи парадигма ва рӯйкарди миллӣ дарс дода шавад. Аз он ҷиҳат ки насли муосири кишвар нисбат ба шароити гузаштаи фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ-иқтисодии куҳан ҷиддӣ муносибат надорад, иллаташ ин аст, ки раванди таълим ва субъектҳои тадрисдиҳанда масъалаҳои таърихиро ҷиддӣ қабул надоранд. Бояд таърихи халқи тоҷик дар ниҳоди толибилмон энтузиазм ва ваҷдро ба вуҷуд оварда, онҳо худро ҷузъи раванди таърихии миллӣ шуморанд.

Ҳамзамон, таъкид кардан бамаврид аст, ки омӯзиши адабиёти миллӣ, ки унсури муҳим ва ҷавҳари фарҳанги миллат ба ҳисоб меравад, бояд муфассал мавриди тадрис қарор дода шавад. Ба як шеър ва тарҷумаи ҳоли бузургони адабиёт қонеъ нашуда, бояд таълимоти онҳо пурра ва муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ ва баъдан тадрис қарор дода шавад.

Дар шароете, ки ҷомеа давраи буҳрони маънавии худро паймуда истода, василаҳои моддӣ объекти парастиш қарор гирифтанд, рӯй овардан ба мероси адабии мутафаккирони бузурги форсу тоҷик тақозои давр мебошад. Насли ҷавони кишвар бояд бевосита бо хат ва бо осори ниёкон шинос гардида, муҳтавои аслии назму насри донишмандонро хуб дарк намояд ва ба масоили муосири фарҳангӣ–иҷтимоӣ посух дода тавонад.

Дар шароите, ки ифтихор аз бузургони гузаштаи миллӣ менамоем, зарур аст, ки таълимоти онҳо муаянкунанда ва ташаккулдиҳандаи афкори ҷамъиятӣ дар шароити таҳмилҳои фарҳангӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ва бархӯрди тамаддунҳо гардад. Таълимоти бузургони гузаштаи миллӣ тавассути воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғ карда шаванд.

Дар заминаи рақобати геофарҳангӣ ва экспансияи гуманистӣ, парадигмаи арзишҳо дар омӯзиши амнияти миллӣ аҳаммияти хосса доранд. Дар доираи он мафҳуми амнияти миллӣ ҳамчун ҳифзи арзишҳои миллӣ, ки дар меъёрҳои миллӣ ва идеалҳои миллӣ таҷассум ёфтаанд, аз таҳдидҳои гуногуни геофарҳангӣ ташаккул ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳдиди фарҳангӣ ба амнияти миллӣ таъсири манфии фарҳанги оммавӣ, кӯшиши бозингарии таърихи миллӣ, ҷорӣ намудани арзишҳои хилофи арзишҳои миллӣ, инчунин, аз байн бурдани мероси фарҳангӣ ва ҳувияти фарҳангӣ тавассути муассисаҳои таълимӣ ва иттилоотиро дар бар мегирад. Омилҳои берунӣ ва дохилӣ, аз қабили густариши фарҳанги оммавии хориҷӣ ва таъсири харобиовар ба муассисаҳое, ки мероси фарҳангиро пахш мекунанд, ба амнияти фарҳангии кишвар низ таҳдид мекунанд.

Дар асри бархӯрди фарҳангҳо тақозои асосӣ ҳамин аст, ки бояд фарҳанги миллӣ ба фарҳангҳои таҳмилӣ рақобат намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки воситаҳои ҳифз ва тавсеи фарҳанги миллӣ бо дарназардошти рақобатпазирӣ муайян, коркард ва дар амал татбиқ карда шаванд.

Дар шароити муосир тамоми ниҳодҳои фарҳангӣ–илмӣ ва фарҳангӣ–таълимӣ, ниҳодҳои эҷодӣ дар заминаи осори фарҳангӣ–таърихии миллӣ бояд фарҳангсозӣ намуда, дар эҷоди фазои фарҳангии миллӣ дар дохил ва хориҷ мусоидат намоянд.

Бо ташхиси таҳмили фарҳанги бегона, ки даҳсолаҳои охир ба фазои фарҳангӣ–иҷтимоӣ ва маънавӣ–равонии кишвар таъсири манфии худашро расонидааст, эҷоди механизми миллӣ барои ҳифз ва густариши фарҳанги миллӣ зарур аст. Ҳамчуноне ки маълум аст, осебпазирии фарҳангӣ дар шароити муосир аз саноати мусиқӣ ва филм сурат мегирад. Беҳуда нест, ки дар дар сиёсати фарҳангӣ–хориҷии кишварҳои пешрафта саноати филм ва филмсозӣ бо эътибори бавуҷудоии фазоияи ягонаи иттиилоотии ҷаҳонӣ мақоми асосиро касб кардааст. Тавассути маҳсулоти синамоӣ назорати

афкори омма, зеҳн ва орзую омоли одамон ба роҳ монда мешавад. Маҳз вобаста ба ҳолати мазкур зарур аст, то мақомоти соҳавии мо дар ин бахш аз пештара дида хеле фаъол бошанд, зеро василаи муҳимтарини таъмини амнияти иттилоотии кишвар муваффақ будан дар рақобатпазирии фарҳангӣ ва ҳифзи фазои иттиллоотӣ мебошад.

Дар робита ба рушди «неруи нарм» сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бар пояи осори фарҳангии миллӣ асос ёфта, дар ташаккули симои воқеии Тоҷикистон мусоидат намояд. Ба ин хотир, бо ҷалби донишмандони ватанӣ ва ҳамзабонони бурунмарзӣ, ки тавоноии хуби фаҳм ва шарҳу тавзеҳи адабиёту фалсафаи миллиро доранд, тавассути шабакаҳои телевизионии ватанӣ намоиши онҳо батадриҷ ва ба таври доимӣ ба роҳ монда шавад. Иқдоми мазкур зарфияту тавононии маънавии халқи тоҷикро дар шароити буҳрони маънавии ҷаҳонӣ нишон дода, дар роҳи ҳалли мушкилоти маънавию ахлоқӣ мусоидат менамояд.

Фарҳангу илми миллати тоҷик ҳеч гоҳ аз унсури ахлоқӣ ҷудо набуд. Ба ин хотир тақозо мегардад, ки дар раванди таҳсил ҷанбаи ахлоқии назарияи илмиро ҳамаҷониба санҷида, мавриди омӯзиш ва тадрис қарор диҳанд.

Замоне зеҳни насли кишвари мо дар зинаҳои таҳсилот дар руҳияи худшиносии миллӣ ва чорчӯби ахлоқӣ ташаккул дода намешаванд, дарси тарбиявӣ ҳеч таъсире надорад. Зарур ба таъкид аст, ки маориф ва илми тадрисшаванда бояд дар моҳияти худ унсури тарбиявӣ ва худшиносии миллиро дошта бошанд. Ба ҳамин тариқ замоне иқдоми мазкур натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки дар байни аҳолӣ ва махсусан, дар низоми хизмати давлатӣ фардҳои миллӣ бо нигоҳи давлатмеҳвар пайдо мешаванд.

Баҳри ташвиқ ва густариши фарҳанги миллӣ ва хусусан забони тоҷикӣ дар хориҷ иқдомҳои мушаххас ба роҳ монда шуда, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғи забони тоҷикӣ аз зовияи арзишҳои миллӣ бояд амалӣ гардад. Вобаста ба иқтидори молиявии кишвар ва эҷоди робита ба диспораҳои миллӣ дар ҳар гӯшаи олам ташкили марказҳои фарҳангии хурд баҳри дур нашудани онҳо аз фарҳанги миллӣ омӯзиши мақсадноки забону фарҳанги миллӣ амали шоиста мебошад. Дар ин ҷода ҳамкоии зич ва самарабахш бо ҳамзабонони бурунмарзӣ аз ҷумлаи авлавиятҳои сиёсати фарҳангии кишвар ба шумор меравад.

Ҳифзи фарҳанги миллӣ танҳо бо роҳи фаъолнамоӣ ва густариши арзишҳои фарҳангию таърихӣ муаяссар мегардад. Доштани фарҳанги бузург замоне аз худ дарак медиҳад, ки он дар воқеияти муосир дар муборизаҳои фарҳангӣ коромад бошад. Ҳамзамон, он бояд дар пайванди насли муосир ва ниёкон мусоидат намояд. Кори фарҳангӣ ва фарҳангсозӣ бо дарназардошти арзишҳои фарҳангию таърихӣ бояд дар меҳвари сиёсати фарҳангии кишвар бошад. Фарҳанг дарвоқеъ, ҳастии миллат аст ва рисолати наҷиб ва муҷаддаси худро бояд ҳамеша анҷом диҳад.

## АДАБИЁТ

1. Иноземцев В.Л. Потерянное десятилетие. М., 2013.

2. Ракитянский Н.М. Догматические основания англо-американской ментальной экспансии // Информационные войны. 2010. № 4 (16).

3. Nye S.J. Soft Power. The Means to Success in World Politics. N.Y., 2004.

4. Nazriev Karim. Satanizzazione come modernizzazione. [Electronic version] /Access mode: https://www.geopolitika.ru/it/article/satanizzazione-come-modernizzazione (date of access. 24.03.2021).

# КУЛЬТУРНЫЕ АСПЕКТЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ КУЛЬТУРНОЙ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**НАЗРИЕВ КАРИМ,**

заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шохтемур 27;

тел.: (992) 988-01-53-11; e-mail: nar.norov.79@mail.ru

*В статье рассматриваются культурные аспекты национальной безопасности, а также факторы, ослабляющие и усиливающие её, подчёркивая взаимосвязь между уровнем культурного развития и состоянием национальной безопасности. Культурный фактор рассматривается в контексте современного понимания национальной безопасности как необходимого условия устойчивого развития. С учётом влияния глобализации анализируются состояние и тенденции культуры таджикского общества, определяется её роль как фактора общественного развития и национальной безопасности.*

*В статье отмечается, что сложности и противоречия современной эпохи связаны с глобализацией. Глобализация имеет двойственную природу. С одной стороны, она расширяет перспективы межкультурного взаимодействия, а с другой – обостряет проблемы культурно-цивилизационной идентичности. При этом известно, что национальная культура является важнейшим генетическим стержнем нации, определяющим её способность к выживанию в современном быстро меняющемся мире, создающим духовную атмосферу среди людей и дающим им уверенность в будущем. Поэтому национальную культуру следует считать одним из важнейших элементов национальной безопасности страны сегодня.*

***Ключевые слова:*** *культура, национальная безопасность, национальная культура, культурная глобализация, культурный кризис, кризис*

*идентичности, духовность, культурное навязывание, англо-американская интеллектуальная экспансия, вестернизация, культурные угрозы, либерализм, «мягкая сила», сохранение национальной культуры.*

# CULTURAL ASPECTS OF ENSURING NATIONAL SECURITY IN THE CONTEXT OF CULTURAL GLOBALIZATION

**NAZRIEV KARIM,**
Deputy Head of the Department of analysis and forecasting of domestic policy of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shohtemur str. 27;
tel.: (992) 988-01-53-11; e-mail: nar.norov.79@mail.ru

*This article examines the cultural aspects of national security, as well as factors that weaken and strengthen it, emphasizing the relationship between the level of cultural development and the state of national security. The cultural factor is considered in the context of the modern understanding of national security as a necessary condition for sustainable development. Taking into account the influence of globalization, the state and trends of Tajik culture are analyzed, and its role as a factor in social development and national security is determined.*

*The article notes that the complexities and contradictions of the modern era are linked to globalization. Globalization has a dual nature. On the one hand, it expands the prospects for intercultural interaction, while on the other, it exacerbates problems of cultural and civilizational identity. At the same time, it is well known that national culture is the most important genetic core of a nation, determining its ability to survive in today's rapidly changing world, creating a spiritual atmosphere among people, and giving them confidence in the future. Therefore, national culture should be considered one of the most important elements of a country's national security today.*

***Keywords:*** *culture, national security, national culture, cultural globalization, cultural crisis, identity crisis, spirituality, cultural imposition, Anglo-American intellectual expansion, Westernization, cultural threats, liberalism, "soft power", preservation of national culture.*

**УДК: 327(73:4):355.01**

# ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ТРАНСАТЛАНТИКӢ: АЗ ТАРҲИ МАРШАЛЛ ТО ИТТИҲОДИ АВРУПО

**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОҚОСУМОВНА,**
номзади илмҳои сиёсӣ, ходими пешбари илмии ИМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: (+992) 93-521-96-83; e-mail: nekbaht2004@mail.ru.

*Муаллиф дар мақола раванд ва марҳилаҳои асосии ташаккулёбии муносибатҳои трансатлантикӣ миёни ИМА ва ИА дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳои таърихиро аз "Эъломияи Монро" аз соли 1823 то замони муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки гузариши сиёсати хориҷии ИМА аз изолятсионизм ба нақши глобалӣ дар ташаккули сохторҳои амниятӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ, аз қабили Тарҳи Маршалл*[1] *ва НАТО нақшаи калидӣ бозидааст. Дар мақола равандҳои ҳамгироии аврупоӣ аз таъсиси Иттиҳоди ангишт ва пӯлоди Аврупо то имзои Созишномаи Маастрихт ва татбиқи "Рӯзномаи нави трансатлантикӣ", ҳамчун заминаи таҳкими ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ арзёбӣ мешаванд.*

*Инчунин, тағйироти муносибатҳои трансатлантикӣ аз давраи Ҷанги сард то замони муосир, сиёсати маъмурияти Доналд Трамп, хуруҷи Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо, буҳрони Украина ва рақобати геополитикии Русия бо Чин баррасӣ мегарданд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки новобаста ба ихтилофоти манфиатҳои миллӣ ва иқтисодӣ, равобити миёни ИМА ва ИА дар асоси арзишҳои демократӣ, амнияти умумиаврупоӣ ва тартиботи байналмилалии устувор монда, аҳаммияти стратегии худро дар низоми бисёрқутбаи ҷаҳонӣ ҳифз намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ИМА, Иттиҳоди Аврупо, "Эъломияи Монро", сиёсати трансатлантикӣ, Тарҳи Маршал, НАТО, рақобати геополитикӣ, демократия.*

Равобити байналмилалии миёни ИМА ва ИА таърихи чандинсола дошта, бар асоси принсипҳои дӯстӣ, эътимод ва шарикии стратегӣ ба роҳ монда шудааст. Таҳлили ин муносибатҳо имкон медиҳад, ки мо ҳамкориҳои

---

[1] *Тарҳи Маршалл, номгӯйи аслӣ бо забони англисӣ: Marshall Plan. "Барномаи барқарорсозии Аврупо". Барномаи ИМА барои расонидани кумакҳои хориҷӣ ба Аврупо пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ буд. Он соли 1947 аз ҷониби Котиби давлатии ИМА Ҷорҷ Маршалл пешниҳод шуда, моҳи апрели соли 1948 эътибор пайдо кард. Аз ин барнома ҳаждаҳ кишвари аврупоӣ баҳра бурданд.*

дуҷонибаро дар чаҳорчӯби низоми байналмилалӣ амиқтар дарк намуда, нақши муҳимми онҳоро дар ташаккули сиёсати минтақавӣ ва глобалӣ дуруст арзёбӣ кунем.

Доктор Искендер Каракайа дар таҳқиқоти худ, яъне сиёсати трансатлантикии ИМА ва муносибатҳои миёни ИМА ва Аврупоро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунад, ки онҳо дар тули таърих марҳалаҳои гуногунро аз сар гузаронидаанд. Ба андешаи ӯ, ин марҳалаҳо метавонанд ба самтҳои амниятӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ–фарҳангӣ гурӯҳбандӣ шаванд, на танҳо сиёсати трансатлантикии ИМА-ро шакл диҳанд, балки боиси тағйироти ҷиддӣ дар сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ–фарҳангии Аврупо низ гардиданд [8].

Сиёсати трансатлантикии ИМА пас аз давраи таъсисёбӣ марҳалаи муҳимми ташаккулро аз сар гузаронд. Бояд тазаккур дод, ки Эъломияи Монро (1823), ки моҳияти он пешгирӣ аз дахолати қудратҳои аврупоӣ ба қитъаи Амрико ва ҳифзи истиқлоли сиёсии давлатҳои навташкилшудаи Амрикои Лотиниро дар бар мегирифт, заминаи аввалин барои ташаккули сиёсати мустақили хориҷии ИМА гардид [10]. Заминаи дигар барои афзоиши зарурати ҳузури фаъоли ИМА дар арсаи байналмилалӣ ва гузаштан аз чорчӯби маҳдуди миллӣ ба сиёсати глобалӣ нокомии ташаббуси Лигаи Миллатҳо пас аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ буд. Дар натиҷа, ИМА на танҳо сиёсати амниятӣ ва иқтисодии Аврупоро ба манфиати худ ҳадафмандона ҳамоҳанг кард, балки дар ташаккули сохторҳои нави байналмилалӣ ва қоидаҳои танзими равобити байнидавлатӣ низ нақши муҳим бозид. Ҳамин тариқ, гузариш аз сиёсати ҷудогона ба сиёсати глобалӣ ба ИМА имкон дод, ки ба яке аз меҳварҳои асосии низоми ҷаҳони сиёсӣ табдил ёбад.

Бояд қайд кард, ки дар ин бора “Доктринаи Трумэн” бамаврид буд, ки 12 марти соли 1947 Президенти ИМА Гарри Трумэн дар ҷаласаи муштараки Конгресс дар шаҳри Вашингтон суханронӣ намуда, ин доктринаро эълон кард. Моҳияти ин доктрина “дастгирии халқҳои озод” дар мубориза бар зидди фишорҳои беруна ва зери тасарруф қарор додани онҳо буд. Дар баробари ин, дастгирии молиявӣ ба Юнон ва Туркия, ки барои устувории сиёсӣ ва амниятӣ 400 млн. доллар ҷудо карданд, дар шароите, ки Британия дигар тавони идомаи дастгириро надошт. Аз нигоҳи стратегӣ ин доктрина оғози сиёсати “боздорандагӣ” (containment) бар зидди Иттиҳоди Шуравӣ (коммунизм) дар Аврупо ва ҳавзаи Бахри Миёназамин гардид. Паёмадҳои он, оғози сиёсати фаъолонаи ИМА дар саҳнаи ҷаҳони дар давраи Ҷанги сард, фароҳамсозии замина барои Тарҳи Маршал барои солҳои 1948-1952 ва баъдан барои таъсиси НАТО дар соли 1947 ва гузариши ИМА аз ҳолати изолятсия ба нақшаи роҳбарии глобалӣ тақвият дод [13].

Тибқи баъзе маълумот, соли 1948 пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ “Барномаи барқарорсозии Аврупо” (Тарҳи Маршал) аз ҷониби Котиби давлатии ИМА

Ҷорҷ Маршал эълон карда шуд. Дар доираи ин барнома ба 16 кишвари Аврупоӣ 13 миллиард доллар кумаки ИМА тақсим карда шуд ва дар баробари ин, ҳамкориҳои байналмилалиро дар Аврупо ташвиқу тарғиб мекард [6].

Даниэл Фрид ва Ёрн Флек дар мақолаи худ таҳти унвони “Равиши нав барои чор соли ояндаи равобити ИМА ва ИА” чунин ишора мекунанд, ки Канслери Олмон Конрад Аденауэр соли 1949 дар суҳбат бо Котиби давлатии ИМА Дин Ачесон гуфта буд, ки “америкоиҳои беҳтарин аврупоиҳо буданд”. Ин изҳорот ифодаи он аст, ки ИМА дар солҳои баъдиҷангӣ ҷонибдори ташаккули Аврупои пурқувват, озод ва муттаҳид буд, на як қитъаи ҷудошуда, ноором ва пур аз низоъ ва бесуботӣ. Ҳар ду шахсият, ки бо диди стратегӣ ва арзишҳои умумибашарии худ барои ташкили тартиботи ҷаҳонии осоишта, шукуфон ва озод пас аз яке аз давраҳои хунини таърихи муосир шинохта шудаанд, дар зумраи меъморони асосии муносибатҳои муосири трансатлантикӣ қарор доранд [5]. Ин раванд бо заҳмат ва иштироки фаъолонаи сиёсатмадорони сатҳи баланд ва ҷонибдорони тартиботи ҷаҳонии осоишта пеш бурда шуд, имкон дод, ки муносибатҳои дуҷонибаро барои чанд даҳсола бо як сутуни устувори амнияти байналмилалӣ, рушди иқтисодӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ табдил диҳанд.

ИМА ҳадаф дошт, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо иттифоқчиёни аврупоии худ сиёсат, иқтисод ва амниятро дар барқарорсозии Аврупо таъмин намояд ва аз Аврупо як бозори иқтисодӣ эҷод кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд, барои расидан ба ин ҳадафҳои худ Доктринаи Трэман эълон гардид, Тарҳи Маршал амалӣ шуд, аз кӯшишҳои ҳамгироии Аврупо ИМА пуштибонӣ кард. Дар муқобили таҳдиди Иттиҳоди Шуравӣ ташкили низоми нави амнияти байналмилалӣ, аз ҷумла НАТО ташкил карда шуд ва дар барҳам додани давлатии Шуравӣ нақши калидӣ бозид.

Чи тавре дар боло қайд кардем, муносибатҳои дипломатӣ миёни ИМА ва ИА таърихи тулонӣ доранд, марҳалаи дигари ин муносибатҳо ба солҳои аввали баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рост меояд. Таҳкими ин муносибатҳо дар доираи ниҳодҳои пешгузаштаи ИА, аз ҷумла Иттиҳоди ангишт ва пӯлоди Аврупо (ECRC), заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои рушди минбаъдаи равобити трансатлантикиро фароҳам овард.

Фиристодани аввалин нозирони амрикоӣ ба Иттиҳоди ангишт ва пӯлоди Аврупо дар соли 1950 ва таъсиси намояндагии дипломатии ИМА дар ин иттиҳод соли 1956 ҳамчун мисоли равшани талошҳои сиёсии Амрико барои барқарорсозии ҳамкориҳои дуҷониба ба Аврупо баъд аз ҷанг ба шумор меравад.

Ваколатдори Комиссияи Аврупоӣ дар ИМА дар шаҳри Вашингтон соли 1954 ва Намояндагии ИМА дар назди Иттиҳоди Аврупо, ки ҳоло ба ҳайси Намояндагии ИМА дар Иттиҳоди Аврупо фаъолият мекунад, соли 1961 дар шаҳри Брюссел таъсис ёфт. Дар Брюссел санаи 25-уми ноябри соли 2003 ва 6-

уми майи соли 2004 ИМА ва ИА 50-солагии муносибатҳои дипломатии худро ҷашн гирифтанд [14].

Бояд тазаккур дод, ки муносибатҳои ИМА бо ИА яксон набуданд. Бо ҳадафи коҳиши вабастагӣ аз ИМА ва ниҳодисозии ҳамгироӣ, Фаронса, Олмони Ғарбӣ, Италия, Белгия, Нидерланд ва Люксенбург 25 марти соли 1957 дар шаҳри Рим Шартномаҳои Римро ба имзо расиданд ва ду санади муҳим, яъне "Созишномаи таъсиси Ҷомеаи иқтисодии Аврупо (ЕЕС)" ва "Созишномаи EURATOM" мебошад. Ин санадҳо аз 1 январи соли 1958 ба иҷро даромаданд ва бунёди бозори муштарак, тарифҳои умумии беруна, ниҳодҳои умумӣ (Комиссия, Шуро, Суди адлияи Аврупо ва Маҷлис–Парлумон) ва минбаъд сиёсатҳои умумиро гузоштанд [4].

Иқдоми Президенти ИМА Ҷон Кеннеди дар соли 1962 ҷиҳати пешниҳоди "Эъломияи вобастагии мутақобила миёни Аврупо ва Амрико" ҳамчун далели возеҳи эътирофи зарурати муносибатҳои баробар ва ба ҳамвобастаи ду канори уқёнуси Атлантик ба ҳисоб маравад. Дар асоси ин пешниҳод, робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ аз марҳалаи танҳо шарикии амниятӣ ба сатҳи ҳамкории васеътар, фаромиллӣ расонида шуданд. Бояд қайд кард, ки ин ташаббус аз ҷониби Британия дастгирӣ ёфт, вале аз тарафи Фаронса бошад, рад карда шуд. Барои он ки Фаронса мехост ба таври мустақил, новобаста аз ИМА, қувваи ҳастаии миллӣ созад.

Дар бораи раванди ҳамгироии Аврупо Паскал Лами, ки дар солҳои 1984–1994 роҳбари дастгоҳи раиси Комиссияи Аврупо Жак Делор буд, дар мусоҳиба изҳор доштааст, ки "ҳамеша то андозае тафовут ва баъзан номувофиқӣ миёни тасаввури расмии ИМА доир ба ҳамгироии Аврупо ҳамчун падидаи мусбат ва воқеияти аслии ин муносибатҳо мавҷуд буд" [11]. Бо гузашти вақт, маҳз равандиислоҳот ва тағйироти сохторӣ дар муассисаҳои аврупоӣ, ки дар Брюссел сурат гирифтанд, Иттиҳоди Аврупоро ба як ниҳоди нав ва такмилёфта табдил доданд, ки аз модели ибтидоии соли 1957 фарқ мекард ва дар натиҷа, ба ташаккули дидгоҳи нави ИМА нисбат ба Иттиҳоди Аврупо таъсири назаррас расонид.

Марҳалаи нави робитаҳои ИМА ва ИА бошад, аз соли 1990 баъди ба имзо расидани "Эъломияи Трансатлантикӣ"-и ҳамоишҳои мунтазами сатҳи олӣ ва нишастҳои вазирон миёни ИМА ва ИА ба низом дароварда шуданд. Ин иқдом замина барои ҳамоҳангсозии сиёсатҳои хориҷӣ, амниятӣ ва иқтисодии ду ҷониб дар баробари таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Дар доираи созмони Иттиҳоди Аврупо 7 феврали соли 1992 "Созишномаи Маастрихт" ё "Шартномаи Иттиҳоди Аврупо" ба имзо расид ва аз моҳи ноябри соли 1993 татбиқ шудан гирифт. Ҷомеаи Аврупо номи Иттиҳоди Аврупоро гирифт. Созишномаи мазкур яке аз муҳимтарин созишномаҳоест, ки дар доираи созмони ин иттиҳодия баста шудаанд, Дар ин созишнома омадааст, ки шартномаҳои қаблан таъсисёфтаи Аврупо бо мақсади

таъсиси Иттиҳоди Аврупо дар асоси се пойгоҳи асосӣ тағйир дода шудаанд. Ин пойгоҳҳо ҷомеаҳои аврупоӣ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои адлия ва корҳои дохилӣ (JHA), сиёсати ягонаи хориҷӣ ва амният (CFSP) мебошанд. Бо ин тағйирот шартнома ба Иттиҳоди Аврупо тамдид карда шуд. Ба ҳамин монанд ба шарофати "Аҳдномаи Амстердам" (баъдтар баста шуд), кӯшиш карда шуд, ки фаъолияти муассир ва демократии тавсеаро, ки дар шартномаи қаблӣ пешниҳод шуда буд, кафолат диҳад [1].

Бояд қайд кард, ки на ҳамаи давлатҳои Аврупо дар соли 1992 аъзои иттиҳод буданд. Кишварҳое, ки созишномаро имзо карданд, Белгия, Ирландия, Олмон, Дания, Фаронса, Испания, Юнон, Италия, Нидерланд, Люксембург, Португалия ва Британияи Кабир буданд. Баъдан дар соли 1995 Финляндия, Австрия, Шветсия, Кипр, Словения, Чехия, Словакия, Маҷористон, Эстония, Литва, Малта, Лаҳистон ва Латвия ҳамроҳ шуданд. Руминия ва Булғористон соли 2007 созишномаро имзо карданд. Хорватия соли 2013 ба Паймони Иттиҳоди Аврупо ҳамроҳ карда шуд.

Соли 1995 бо тасвиби "Рӯзномаи нави трансатлантикӣ" ва "Тарҳи амали муштараки ИА ва ИМА" ҳамкорӣ ба сатҳи амалӣ ва системавӣ гузаронида шуд. Ҳадафи аслии ин санадҳо вокуниш ба мушкилоти глобалӣ буд [6].

"Рӯзномаи нави трансатлантикӣ", ки дар ҳамоиши Мадрид соли 1995 оғоз гардида буд, боиси рушди равандҳои ҳамкорӣ гардид. Рӯзнома чаҳор ҳадафи асосии ҳамкории миёни ИМА ва ИА-ро дар бар мегирад:

- тарғиби сулҳ ва субот,
- демократия ва рушд дар саросари ҷаҳон;
- посух додан ба чолишҳои глобалӣ;
- саҳмгузорӣ дар густариши тиҷорати ҷаҳонӣ ва таҳкими робитаҳои иқтисодӣ;
- сохтани пулҳои иртиботӣ миёни ду соҳили Уқёнуси Атлантик.

Дар робита ба қабули "Рӯзномаи нави трансатлантикӣ", "Нақшаи амали муштараки ИА ва ИМА" таҳия гардид, ки Иттиҳоди Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ухдадор месозад, ки дар самтҳои умумии ҳамкорӣ як қатор чораҳоро амалӣ намоянд. Дар идомаи талошҳои "Рӯзнома" (Барнома), дар ҳамоиши Лондон соли 1998 созиш ба даст омад, ки ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорат тақвият дода шаванд. Натиҷаи он ташкили "Шарикии иқтисодии трансатлантикӣ" (Transatlantic Economic Partnership) гардид. [14]

Чи тавре дар боло қайд кардем, дар муқобили таҳдиди Иттиҳоди Шуравӣ блоки ҳарбии НАТО ташкил карда шуд. Пажуҳишгари бразилиягӣ Маркус менависад, ки «Бо анҷоми Ҷанги сард ва аз байн бурдани Иттиҳоди Шуравӣ соли 1991 ҳамкориҳои НАТО ба кишварҳои Блоки Шарқии "Паймони Варшава" (Лаҳистон, Маҷористон ва Ҷумҳурии Чехия) васеъ гардид. Ҳадафи асоси ин низоми амниятӣ таҳкими демократия ва субот, пешгирӣ аз таъсири эҳтимолии Русия ва идомаи ҳузури ИМА дар Аврупо буд.

Дар амал дахолати НАТО дар нимҷазираи Балкан, махсусан дар Босния ва Косово, қобилияти эътилофро барои нигоҳ доштани аҳаммият дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ ва буҳронҳои башардӯстона нишон дод. Ҳамзамон, кишварҳои аврупоӣ, махсусан Фаронса, барои сиёсати амниятии мустақил талош карданд, ки ба ташаккули "Сиёсати Амнияти Умумӣ ва Мудофиавии Иттиҳоди Аврупо (CSDP)" оварда расонд.

Ба ақидаи ин муҳаққиқ, ҳамлаҳои террористии 11 сентябри соли 2001 ба ИМА иттиҳоди давлатҳои аъзои блоки НАТО-ро аз нав қавӣ гардонид. Банди 5-уми оинномаи НАТО, ки ҳамла ба як узв ҳамчун ҳамла ба ҳамаи кишварҳо ҳисобида мешавад, бори аввал барои нишон додани дастгирии якдилона ба иҷро дароварда шуд. Кишварҳои аврупоӣ дар амалиёти НАТО дар Афғонистон саҳм гузоштанд, вале ин дастгирии якдилона на ҳама вақт якхел сурат мегирад. Мисоли одӣ, нисбат ба амалиёти ИМА дар Ироқ соли 2003 баъзе кишварҳои аврупоӣ, аз ҷумла Фаронса ва Олмон, муқобили амалиёти ИМА шуданд, ба тақсимшавии Иттифоқи Ғарбӣ ва пайдо шудани нофаҳмиҳо дар муносибатҳои трансатлантикӣ оварда расонд [9].

Намояндаи Ҳизби муҳофизакори Британия ва узви Парлумони Аврупо дар соли 1984-2014 Ҷеймс Эллес зимни мусоҳиба изҳор доштааст: "Он чи зарур буд, ин буд, ки Аврупо ба як шарики мустақил ва ба камолрасида табдил ёбад ва маҳз ҳамин ҳам иттифоқ афтод. Иттиҳоди Аврупо тайи ин солҳо корҳои зиёдеро анҷом дод. Он марҳалаҳои муҳимми таҳаввулро аз тариқи Созишномаҳои Маастрихт, Амстердам, Нитса ва Лисбон паси сар кардааст. Ин чор марҳалаи асосӣ баъд аз эълони "Рӯзномаи нави трансатлантикӣ" (аз ҷониби Брюссел ва Вашингтон) амалӣ шуд. Агар имрӯз вазъи Аврупоро ба соли 1992 муқоиса кунем, мебинем, ки Иттиҳоди Аврупо ба як шарики ба камолрасида табдил ёфтааст, ки қобили иҷрои он амалҳоест, ки ИМА аз ӯ интизор аст [11].

Чи хеле, ки дар боло қайд карда шуд, тибқи банди 5-уми Оинномаи НАТО, ҳамла ба як узви ин иттиҳод ҳамчун ҳамла ба ҳамаи кишварҳои аъзо арзёбӣ мегардад. Вақти ҳамрошавии Қрим ба Русия соли 2014 ва оғози низоъҳо дар шарқи Украина (минтақаҳои Луганск ва Донеск), кишварҳои НАТО бо роҳбарии ИМА бори дигар иттиҳоди сиёсӣ ва арзишҳои худро нишон доданд. Онҳо дар як мавқеи воҳид истода, зидди Русия таҳримҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва дипломатии васеъ ҷорӣ намуданд. Ин иқдомҳо нишон доданд, ки новобаста аз он ки ИМА дар тули солҳои зиёд бар зидди Иттиҳоди Шуравӣ мубориза бурд ва дар барҳам додани он нақши бориз дошт, аммо муносибати Вашингтон нисбат ба Русия ҳамоно эҳтиёткорона ва танқидӣ боқӣ мондааст. То имрӯз Федератсияи Русия аз нигоҳи стратегӣ барои ИМА ва ИА ҳамчун вориси ҳуқуқии Иттиҳоди Шуравӣ боқӣ мондааст ва яке аз таҳдиди эҳтимолии амниятӣ дар фазои евроатлантикӣ арзёбӣ мешавад.

Ҳодисаҳои соли 2014 оғози марҳалаи нави рақобати геосиёсӣ миёни Ғарб ва Русия гардиданд, ки дар натиҷа, муносибатҳои трансатлантикӣ ба сатҳи нав баромаданд. Ҳамкории наздики сиёсӣ, низомӣ ва иттилоотӣ миёни ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дар доираи НАТО тавсеа ёфт ва масъалаи амнияти энергетикӣ, дифоъ аз арзишҳои демократӣ ва ҳифзи истиқлоли кишварҳои Аврупои Шарқӣ ба яке аз ҳадафҳои муҳимми сиёсати трансатлантикӣ табдил ёфт.

Дар давраи президентии Ҷо Байден муносибатҳои байни ИМА ва Иттиҳоди Аврупо хусусияти ҳамкории созанда ва бисёрҷониба касб намуданд, ки ин раванд дар муқоиса бо сиёсати муқовиматангези маъмурияти Доналд Трамп, ки аз ҷунбишҳои евроскептикӣ ҷонибдорӣ мекард ва Иттиҳоди Аврупоро дар истифодаи якҷониба аз имкониятҳои тиҷоратию сиёсӣ айбдор менамуд, фарқи назаррас дорад. Маъмурияти Байден, бо такя ба принсипи барқарорсозии эътимод ва таҳкими шарикӣ бо иттифоқчиён, сиёсати хориҷии худро ба самти ҳамоҳангсозии иқдомҳо бо шарикони байналмилалӣ равона намуд. Дар ин замина, ҳамкориҳои ИМА ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои муҳимми амният, тиҷорат, тағйирёбии иқлим ва технологияҳои рақамӣ тавсеа ёфтанд. Аз ҷумла, бозгашти ИМА ба “Созишномаи Париж оид ба иқлим”, афзоиши саҳмгузорӣ ба “Барномаҳои байналмилалии COVAX”, инчунин, муколамаи ИА ва ИМА доир ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва татбиқи таҳримҳои ҳамоҳангшуда нисбат ба масъулони чинӣ дар робита ба нақзи ҳуқуқи инсон дар вилояти Шинҷон аз омилҳои муҳимтарини таҳкими муносибатҳои трансатлантикӣ ба шумор мераванд. Бо вуҷуди ин, бархе ихтилофоти сохторӣ ва иқтисодӣ, аз қабили масъалаи ҳаққи моликияти зеҳнӣ барои ваксинаҳои “COVID–19”, ихтилофот дар атрофи механизми сарҳадии карбон ва боқимондани тарифҳои пӯлод ва алюмин то ҳол пурра ҳалли худро наёфтаанд. Бо вуҷуди чунин мушкилот, сиёсати Ҷо Байден ба таври умум, заминаи нав барои эҳёи иттифоқи трансатлантикиро фароҳам овард, ки бар принсипҳои ҳамоҳангсозӣ, эътимод ва масъулияти муштарак дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ асос ёфта буд [12].

Бояд ёдовар шуд, ки пеш аз Ҷо Байден ба сари қудрат омадан, Доналд Трамп дар давраи президентии худ аз як қатор созишномаҳо ва ниҳодҳои байналмилалӣ хориҷ гардид, ки ин иқдомҳо сиёсӣ ва дуршавии Вашингтон аз анъанаҳои бисёрҷонибаи дипломатиро инъикос мекарданд. Доналд Трамп баъди ба сари қудрат расидан дар моҳи июни соли 2017, ИМА-ро аз “Созишномаи Париж оид ба тағйирёбии иқлим” хориҷ кард, ки ин санади ҷаҳонӣ барои коҳиши партовҳои карбон ва маҳдудсозии гармшавии глобалӣ равона шуда буд. Ӯ ин созишномаро “фишоровар ва зараровар” [15] барои иқтисоди ИМА номид ва изҳор дошт, ки шартҳои он бештар ба манфиати кишварҳои дигар, аз ҷумла Чин ва Ҳиндустон, хизмат мекунанд. Ба гуфтаи ӯ, дар натиҷаи татбиқи чунин сиёсати тиҷоратӣ то соли 2025 иқтисоди ИМА

метавонад зиёда аз 2,7 миллион ҷойи кориро аз даст диҳад. Дар заминаи ҳамин сиёсати протексионистӣ, Доналд Трамп ҳамчунин қарор кард, ки ИМА аз "Созишномаи ҳамгироии иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором (TPP)" хориҷ шавад.

Созишномаи мазкур яке аз муҳимтарин ташаббусҳои тиҷоратии байналмилалӣ ба шумор мерафт, ки бо роҳбарии ИМА таҳия шуда, ҳадаф дошт иқтисодҳои12 кишварро муттаҳид намояд. Бо вуҷуди ин, рад ё хориҷ шудани он дар доираи сиёсати муҳофизакоронаи иқтисодии "баргардонидани ҷойҳои корӣ ба Амрико" сурат гирифт, ки дар натиҷа нақши пешбари ИМА дар низоми тиҷорати ҷаҳонӣ ба таври назаррас суст гардид.

Ҳамзамон, дар моҳи октябри соли 2017 ИМА аз Созмони Милали Муттаҳид оид ба илм, фарҳанг ва маориф (ЮНЕСКО) баромад, ки онро Трамп ва мақомоти кишвараш ба "ғаразнокии зидди Исроил" муттаҳам карданд. Ин маротибаи дуюмин буд, ки Вашингтон ин ниҳоди фарҳангиро тарк карда буд. Бори аввал дар соли 1984 дар давраи Президенти ИМА будани Роналд Рейган [7] чунин сурат гирифта буд. Пас аз бозгашт ба ЮНЕСКО дар соли 2002, дар давраи Ҷорҷ Буш, муносибат боз дар соли 2011 бад шуд, вақте ки амалдорони Барак Обама маблағгузории созмонро баъд аз шомил шудани Фаластин ба ташкилоти байналмилалӣ қатъ кард. Сарвари онвақтаи ЮНЕСКО Ирина Бокова хуруҷи ИМА аз ин созмонро "зарбаи ҷиддӣ ба низоми ҳамкориҳои бисёрҷониба" арзёбӣ намуд [16]. Дар навбати худ, Дабири кулли СММ Антонио Гутерриш аз ин тасмим "сахт изҳори таассуф" намуд, таъкид кард, ки чунин иқдом метавонад ба принсипҳои ҳамбастагӣ ва ҳамкории байналмилалӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар моҳи майи соли 2018 Президенти ИМА Доналд Трамп аз "Созишномаи ҳамаҷонибаи барномаи ҳастаии Эрон (JCPOA)" низ хориҷ шуд. Ҳоло он, ки ин санад дар давраи президентии Барак Обама яке аз муҳимтарин дастовардҳои дипломатии бисёрҷониба бо иштироки Британия, Фаронса, Олмон, Русия ва Чин ба ҳисоб мерафт. Бар асоси ин созишнома, Ҷумҳурии Исломии Эрон ухдадор шуда буд, ки фаъолияти ҳастаии худро маҳдуд созад, дар ҳоле, ки кишварҳои ғарбӣ ухдадор мешуданд, ки таҳримҳои иқтисодиро нисбати ин кишвар бекор кунанд. Хуруҷи ИМА аз ин созиш боиси барқарор шудани таҳримҳои сахт алайҳи Эрон ва ба вуҷуд омадани марҳалаи нави танишҳои геополитикӣ гардид. Иттиҳоди Аврупо, Русия ва Чин ин тасмимро шадидан танқид карданд, дар ҳоле, ки танҳо Исроил онро истиқбол намуд [15].

Ба ғайр аз ин, дар соли 2018 ИМА аз Шурои ҳуқуқи башари СММ низ хориҷ шуд. Намояндаи вақти ИМА дар СММ Никки Ҳейли фаъолияти ин ниҳодро "риёкорона ва зидди Исроил" номид [17] ва изҳор дошт, ки аксари кишварҳо ҷуръати ҳамроҳ шудан ба мубо125ризаи ИМА барои ислоҳи он надоранд. Қарори мазкур баъд аз он қабул гардид, ки Шурои ҳуқуқи башар

таҳқиқи байналмилалиро дар бораи кушторҳои оммавии сокинони Фаластин дар минтақаи Ғазза оғоз намуд, ки дар натиҷаи он беш аз 60 нафар ҳалок шуда буданд. Ин ва дигар иқдомҳо нишон медиҳанд, ки маъмурияти Доналд Трамп тадриҷан аз сиёсатҳои бисёрҷониба ва ҳамкории ниҳод (институтсионалӣ) дар доираи созмонҳои байналмилалӣ дур шуда, муносибатҳои ИМА бо ИА ва дигар сохторҳои ҷаҳониро ба марҳалаи нави шиддат ва коҳиши эътимод ворид намуд.

Яке аз омилҳои муҳимме, ки муносибатҳои трасатлантикиро зич менамояд, рақобати афзояндаи иқтисодии Вашингтон ва Пекин мебошад. Ҷумҳурии Мардумии Чин имрӯз яке аз бозигарони асосии иқтисоди ҷаҳон ба шумор меравад. Ташаббуси стратегии Чин тариқи “Як камарбанд, як роҳ” (“Belt and Road Initiative”) бо ҳадафи густариши шабакаҳои транзитӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ нуфузи иқтисодии Пекинро аз Осиёи Марказӣ то Иттиҳоди Аврупо ба таври назаррас афзоиш дод. Ин раванд боиси тағйироти ҷиддӣ дар тавозуни геоиқтисодӣ ва дипломатии ҷаҳонӣ гардида, муносибатҳои байни ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Русия ва Чинро ба сатҳи нав ворид кард. Бояд тазаккур дод, ки Русия ва Чин, новобаста аз рақобати геополитикӣ, дар як қатор масъалаҳои калидии сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ ҳамчун шарикони стратегӣ низ баромад мекунанд. Дар ин замина, ҷаҳони яккутба ба поён расида, низоми нави ҷаҳони бисёрқутба ташаккул меёбад, ки дар он рақобат ва ҳамкории қудратҳои бузург самти асосии сиёсати бисёрмилалиро муайян мекунад. Аз ин рӯ, таъсири афзояндаи Русия ва Чин ба тавозуни геополитикӣ яке аз омилҳои асосии шаклдиҳанда ва таҳкими равобити трансатлантикӣ дар давраи муосир ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, низоми ҷаҳони яккутба тадриҷан аз байн рафта, ҷаҳони бисёрқутба шакл мегирад. Дар чунин шароит тавозуни қудрат дар муносибатҳои байналмилалӣ аз нав муайян мегардад. Аз ин рӯ, яке аз омилҳои аслии шаклидиҳанда ва таҳкими равобити трансатлантикӣ таъсири афзояндаи Русия ва Чин дар муҳити геополитикии муосир ба ҳисоб меравад.

Яке аз талафоти бузург барои Иттиҳоди Аврупо дар солҳои охир хуруҷи Шоҳигарии Британияи Кабир аз узвияти ИА 31 январи соли 2020 ба шумор меравад. Ин рӯйдод, ки бо номи Brexit машҳур аст, нуқтаи гардиши муҳим дар таърихи ҳамгироии аврупоӣ гардид. Дар ин бора Президенти Ҷумҳурии Чехия Милош Земан дар мусоҳиба ба шабакаи телевизионии «Prima» таъкид намуд, ки “қарори Британияи Кабир оид ба хуруҷ аз Иттиҳоди Аврупо барои ҳар ду ҷониб, ҳам барои Лондон ва ҳам барои Брюссел оқибатҳои манфӣ дорад”. Ӯ ҳамчунин изҳор дошт, ки эҳтимол Шотландия дар оянда барои истиқлол овоз диҳад ва талош намояд, ки ба Иттиҳоди Аврупо бипайвандад. Зимнан қисми айби ин рӯйдодро ба Комиссияи Аврупо нисбат дода, таъкид кард, ки ИА “як азимҷуссаи иқтисодӣ вале хурдҷуссаи сиёсӣ” боқӣ мондааст. Ба гуфтаи ӯ,

“Аврупо бояд тавонад дар арсаи ҷаҳонӣ баробар бо Чин, Русия ва ИМА гуфтугӯ ва рақобат кунад”.[2]

Бояд таъкид кард, ки Брекзит (Brexit) яке аз рӯйдодҳои сарнавиштсоз дар таърихи муосири Аврупо ба шумор меравад, ки таъсири амиқ ба сохтори сиёсӣ, иқтисодӣ ва дипломатии қитъа гузошт. Раванди хориҷшавии Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо пас аз раъйпурсии умумихалқии моҳи июни соли 2016 оғоз ёфт, ки дар он 52 дарсад [3] шаҳрвандон ба ҷонибдорӣ мустақил будан аз ИА овоз доданд. Амалӣ намудани ин қарор бо баҳсҳои шадиди сиёсӣ дар дохили кишвар ва музокироти тулонӣ бо мақомоти Брюссел ҳамроҳ буд, ки то 31 январи соли 2020 идома ёфт. Ин раванд нишон дод, ки раванди ҳамгироии аврупоӣ, сарфи назар аз муваффақиятҳои муассисавӣ ва иқтисодии худ, дорои осебпазирии сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ мебошад.

Пас аз хориҷшавӣ аз Иттиҳоди Аврупо, Британияи Кабир талош дорад сиёсати хориҷии мустақил ва чандсамтаро дар сатҳи байналмилалӣ пеш барад, ки дар он робита бо ИМА нақши меҳварӣ дорад. Аз ҷониби дигар, Иттиҳоди Аврупо маҷбур шуд, то низоми ҳамоҳангсозии дохилии худро тақвият бахшида, роҳҳои нави таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, амниятӣ ва дипломатиро ҷустуҷӯ намояд. Брекзит на танҳо як ҷудоии сиёсӣ буд, балки оғози марҳалаи нави бозсозии геополитикии Аврупо гардид, ки дар он ҳам Британия ва ҳам Иттиҳоди Аврупо мавқеи худро дар тартиботи нави ҷаҳонӣ аз нав муайян мекунанд.

Дар шароити мураккаб ва тағйирёбандаи низоми байналмилалии муосир, муносибатҳои ИМА ва ИА вориди марҳалаи нави ҳамоҳангсозии сиёсӣ ва стратегӣ гардидаанд. Ин раванд зери таъсири як қатор омилҳои муҳимми геополитикӣ, аз ҷумла буҳрони Украина, сиёсати таҳримҳо нисбат ба Русия ва рақобати афзоянда бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ташаккул меёбад. Омилҳои мазкур зарурати тавсеа ва тақвияти ҳамкории наздик миёни Вашингтон ва Брюсселро дар соҳаҳои амният, иқтисод, энергетика ва сиёсати ҷаҳонӣ бештар таъкид менамояд.

Бо вуҷуди ин, вобастагии иқтисодии кишварҳои аврупоӣ аз бозорҳои ҷаҳонӣ, мушкилоти сохтории дохилии Иттиҳоди Аврупо ва тағйироти амиқи сохтори низоми байналмилалӣ зарурати бознигарии ҷиддии муносибатҳои трансатлантикиро пеш меорад. Дар маҷмуъ, таҳаввулоти мазкур гувоҳи онанд, ки ИМА ва Иттиҳоди Аврупо, сарфи назар аз ихтилофи манфиатҳои миллӣ ва стратегии худ, барои ҳифзи арзишҳои демократӣ, таъмини амнияти умумиаврупоӣ ва нигоҳдории тартиботи устувори байналмилалӣ ҳамкориҳои худро пайваста таҳким мебахшанд.

Дар шароити тағйирёбандаи низоми байналмилалӣ муносибатҳои трансатлантикӣ аҳаммияти стратегӣ ва устувори худро нигоҳ доштаанд. Сиёсати якҷонибаи ИМА дар давраи Трамп, хуруҷ аз як қатор созишномаҳои байналмилалӣ ва рӯйдодҳое чун Брекзит ба мураккабии равобити Амрико ва

Аврупо таъсир расонданд, аммо таҳдидҳои муштараки геополитикӣ, аз ҷумла бухрони Украина, рақобат бо Чин ва Русия зарурати ҳамкории наздиктарро миёни Вашингтон ва Брюссел афзоиш доданд. Дар натиҷа, сарфи назар аз ихтилофи манфиатҳо, ду ҷониб дар ҳифзи арзишҳои демократӣ, амнияти умумиаврупоӣ ва тартиботи байналмилалии асосёфта ба ҳамкории устувор идома медиҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Аҳдномаи Маастрихт: ҳадафҳо, имзокунандагон ва таъсир ба иқтисод[Захираи электоронӣ]\\https://tg1.warbletoncouncil.org/trata do-de-maastricht-3932/(Санаи муроҷиат: 20.10.2025).
2. Милош Земан: Баромадани Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо барои ҳар ду ҷониб бад аст. [Захираи электронӣ]//https://khovar.tj/ 2016/07/milosh-zeman-baromadani-britani yai-kabir-az-itti-odi-avrupo-baroi-ar-du-onib-bad-ast//(Санаи муроҷиат: 15.10.2025).
3. Ҳамкории нави Иттиҳоди Аврупо бо Британияи Кабир [Захираи электронӣ]\\https://www. asiaplustj.info/ru/node/278063/(Санаи муроҷиат 25.09.2025).
4. 1955–1957 The European revival and the Rome Treaties. [Захираи электронӣ]/https://www.cvce.eu/en/education/unit-content/-/unit/02bb76df-d066-4c08-a58a-d4686a3e68ff/c4d6b088-d168-44b7-9b35-cea11aac485a/ (Санаи муроҷиат: 18.09.2025).
5. Daniel Fried and Jörn Fleck. A new agenda for the next four years of US-EU Relations [Захираи электронӣ]/https://www.atlanticcouncil.org/wp-content/uplo ads/2024/10/Transatla ntic-Horizons_Final.pdf/(Санаи муроҷиат: 17.09.2025).
6. EU-USARelations. [Захираи электронӣ]/https://www.civitas.org.uk/ eu-facts/eu-overview/eu-usa-relations // (Санаи муроҷиат: 26.09.2025).
7. Isaac Kaplan The US is withdrawing from UNESCO-What Happens Now? [Захираи электронӣ]/ https://www.artsy.net/article/artsy-editorial-withdrawing-unesco-now/(Санаи муроҷиат: 28.10.2025).
8. İskender KARAKAYA. Us Transatlantic Policies and Us-Eu Transatlantic Relations From a Historical, Political, Economic and Socio-Cultural Perspective”, İMGELEM, 7 (12): 73-92. /(Санаи муроҷиат: 14.10.2025).
9. Marcus Vinicius De Freitas. Transatlantic Relations in Times of Transition/Policy Brief - N° 56/24 - October 2024 page 3
10. Monroe Doctrine (1823) [Захираи электронӣ] /https:// www.archives.gov/milestone-documents/monroe-doctrine/ (Санаи муроҷиат: 17.10.2025).
11. Setting the table: More than half a century of US-EU relations [Захираи электронӣ]/https://www.europarl.europa.eu/RegData/etudes/IDAN/2022/739278/EPRS_IDA%282022%29739278_EN.pdf/(Санаи муроҷиат: 11.09.2025).

12. The emerging contours of President Biden's foreign policy [Захираи электоронӣ]/ https://www.europarl.europa.eu/RegData/etudes/BRIE/2021/690650/EPRS_BRI (2021)690650_EN.pdf7/(Санаи муроҷиат: 15.10.2025).

13. The Truman Doctrine, 1947[Захираи электронӣ]/ https://history.state.gov/milestones/1945-1952/truman-doctrine/(Санаи муроҷиат: 07.10.2025).

14. The U.S.-EU Partnership [Захираи электронӣ]/ https://useu.usmission.gov/his tory//(Санаи муроҷиат: 19.10.2025).

15. Trump's top five withdrawals from international agreements/ [Захираи электоронӣ]https://www.trtworld.com/article/13109728/ (Санаи муроҷиат: 02.10.2025).

16. U.S. Will Withdraw From Unesco, Citing Its ‘Anti-Israel Bias’[Захираи электоронӣ]/ https://www.nytimes.com/2017/10/12/us/politics/ trump-unesco-withdrawal.html/(санаи муроҷиат 20.10.2025).

17. US quits 'biased' UN human rights council [Захираи электронӣ]/ https://www.bbc.com/news/ 44537372/(Санаи муроҷиат: 19.10.2025).

# ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ТРАНСАТЛАНТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ: ОТ ПЛАНА МАРШАЛЛА ДО ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА

**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОКОСУМОВНА,**

кандидат политических наук, ведущий научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ.

734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33;

тел: (+992) 93-521-96-83; e-mail: nekbaht2004@mail.ru.

*В данной статье автор рассматривает процесс и основные этапы формирования трансатлантических отношений между Соединёнными Штатами Америки и Европейским союзом на основе научных исследований и исторических источников от Доктрины Монро 1823 года до современного периода. Результаты исследования показывают, что переход внешней политики США от изоляционизма к глобальной роли стала ключевым фактором в формировании международных структур безопасности и экономики, таких как план Маршалла и НАТО. В статье также анализируются процессы европейской интеграции от создания Европейского объединения угля и стали до подписания Маастрихтского договора и реализации «Новой трансатлантической повестки дня» как основы для укрепления политического экономического и оборонного сотрудничества.*

*Кроме того, исследование охватывает трансформацию трансатлантических отношений от периода холодной войны до современности, включая политику администрации Дональда Трампа, выход Соединённого Королевства из ЕС, украинский кризис и геополитическое соперничество с*

*Россией и Китаем. Автор приходит к выводу, что, несмотря на различия в национальных и экономических интересах, отношения между США и ЕС остаются устойчивыми, основанными на демократических ценностях, общеевропейской безопасности и стабильном международном порядке, сохраняя своё стратегическое значение в формирующемся многополярном мире.*

***Ключевые слова:*** *Соединённые Штаты Америки, Европейский союз, Доктрина Монро, трансатлантическая политика, план Маршалл, НАТО, геополитическое соперничество, демократия.*

## THE EMERGENCE AND CHARACTERISTICS OF THE FORMATION OF TRANSATLANTIC RELATIONS: FROM THE MARSHALL PLAN TO THE EUROPEAN UNION

**DORONSHOEVA NEKBAKHT SHOQOSUMOVNA,**
Candidate of Political Sciences, Senior Researcher, USA and Canada Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the NAST
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 935-21-96-83; e-mail: nekbaht2004@mail.ru

*In this article, the author examines the process and key elites involved in the formation of transatlantic relations between the United States of America and the European Union, based on scientific research and historical sources from the Monroe Doctrine of 1823 to the present day. The results of the study show that the transition of US foreign policy from isolationism to a global role was a key factor in the formation of international security and economic structures, such as the Marshall Plan and NATO. The article also analyzes the processes of European integration from the creation of the European Coal and Steel Community to the signing of the Maastricht Treaty and the implementation of the "New Transatlantic Agenda" as a basis for strengthening political, economic, and defense cooperation.*

*In addition, it examines the transformation of transatlantic relations from the Cold War period to the present day, including the policies of the Donald Trump administration, the United Kingdom's withdrawal from the EU, the Ukrainian crisis, and geopolitical rivalry with Russia and China. The author concludes that, despite differences in national and economic interests, relations between the US and the EU remain stable, based on democratic values, pan-European security, and a stable international order, retaining their strategic importance in the emerging multipolar world.*

***Keywords:*** *United States of America, European Union, Monroe Doctrine, transatlantic policy, Marshall Plan, NATO, geopolitical rivalry, democracy.*

**УДК: 321.01:351.86**

# НАҚШИ ИМИҶИ СИЁСИИ ДАВЛАТ ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ: ОМИЛҲОИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

**ҲУСАЙНЗОДА АМИНҶОН БУРИХОН**,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16;
тел.: (+992) 987-93-20-88; e-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

**НЕКРӮЗИ МАҲМАДХОҶА**,
омӯзгори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кучаи С.Сафаров 16;
тел.: (+992) 989-24-25-26

*Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои назариявии ташаккули имиҷи сиёсии давлат ва нақши он дар таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст. Дар асоси таҳқиқоти илмии муосир, тафовут миёни мафҳумҳои «имиҷи сиёсии давлат» ва «имиҷи сиёсии кишвар» баррасӣ гардида, сохтори дохилӣ ва хориҷии имиҷи сиёсӣ муайян мегардад. Омилҳои таъсиргузор ба имиҷи давлатӣ, аз ҷумла қонуният, машруият (легитимият), самаранокии ниҳодҳои сиёсӣ, сиёсати хориҷӣ, нуфузи байналмилалӣ ва робитаҳои геополитикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ташаккули имиҷи устувори сиёсӣ ҳамчун заминаи таҳкими суботи дохилӣ, эътимоди шаҳрвандон, болоравии мақоми байналмилалӣ ва таъмини амнияти маҷмуии миллӣ арзёбӣ мегардад. Зарурати таҳияи сиёсати хориҷӣ, дипломатия ва мақоми байналмилалии барномаи стратегии ташаккули имиҷи мусбат дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотӣ таъкид шудааст.*

***Калидвожаҳо****: имиҷи сиёсии давлат, амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ, омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ, нуфузи байналмилалӣ, идоракунии сиёсӣ, таҳкими субот.*

Таҳлилу таҳқиқи имиҷи сиёсии давлат дар шароити ҷаҳони муосир ба яке аз мавзуъҳои калидии илмҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Давлат ҳамчун субъекти асосии системаи сиёсии ҷомеа дар ташаккули он нақш ва манфиати муайянкунанда дорад. Мавқеи давлат дар низоми муносибатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба дараҷаи ташаккул ва муаррифии дурусти имиҷи сиёсии он вобаста мебошад.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ, мафҳуми «имиҷи сиёсӣ» маҷмуи тасаввурот ва арзёбиҳое, ки дар шуури ҷомеа нисбат ба субъектҳои сиёсӣ шахсиятҳо,

ниҳодҳо (институтҳо), ҳизбҳо ва давлат ишора мешавад, тавсиф мегардад. Имиҷи сиёсӣ на танҳо абзори таблиғотӣ, инчунин, омили таъсиррасон ба эътимоди ҷамъиятӣ, суботи дохилӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ аст. Маҳз ҳамин моҳият ва хусусияти маънои он боис мегардад, ки дар таҳқиқот фарқ байни имиҷи сиёсии кишвар ва имиҷи сиёсии давлат ба таври возеҳу равд баррасӣ шавад.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки мафҳумҳои «имиҷи сиёсии давлат» ва «имиҷи сиёсии кишвар» дар адабиёт на ҳамеша бо як мазмун истифода мешаванд. Имиҷи кишвар бештар ба унсурҳои фарҳангӣ, таърихӣ, динӣ ва ҷуғрофӣ такя мекунад. Мавқеи геостратегӣ, анъанаи давлатдории қадимӣ, мероси фарҳангӣ ва хусусиятҳои этникӣ метавонанд имиҷи сиёсии мусбати кишварро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муарифӣ намуда, мавқеи давлатро тақвият бахшад ва ҳамчун манбаи «неруи нарм» хизмат намоянд [11].

Дар муқоиса имиҷи сиёсии давлат бештар хусусияти сиёсӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ) дошта, ба сифати идоракунӣ ва самаранокии ниҳодҳои ҳокимият вобаста аст. Он дар натиҷаи фаъолияти муассисаҳои давлатӣ, тарзи татбиқи салоҳият, самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, инчунин, муносибати ҳокимият бо шаҳрвандон ташаккул меёбад. Қобилияти давлат дар таъмини волоияти қонун, мубориза бо фасод, амалӣ сохтани ислоҳоти сиёсӣ ва иштироки фаъол дар созмонҳои байналмилалӣ аз омилҳои муҳим дар таҳкими имиҷи сиёсӣ ба ҳисоб мераванд.

Муҳаққиқон робитаи байни ду мафҳумро ҷудонопазир мешуморанд. Имиҷи кишвар ҳамчун заминаи арзишӣ ва фарҳангӣ метавонад ба ташаккули имиҷи сиёсии давлат кумак намояд, дар ҳоле ки имиҷи сиёсии давлат ба маърифати фарҳангӣ ва таърихии кишвар қувват мебахшад. Омезиши ин ду ҷанба имкон медиҳад, ки давлат дар дохил суботро таъмин ва дар хориҷ нуфузи худро тақвият кунад.

Муҳаққиқони рус Э.Соловёв ва А.Смирнов таъкид менамоянд, ки мафҳумҳои «давлат» ва «кишвар» ҳамчун падидаҳои вобаста бояд баррасӣ шаванд. Ба андешаи онҳо, «имиҷи миллӣ ё давлатӣ бар асоси тасаввуроти устувор ба вуҷуд меояд ва ба он арзишҳое такя мекунад, ки дар шуури ҷомеа ҷойгоҳи амиқ доранд». Аз ин рӯ, имиҷи давлат ва сиёсати он дар сатҳи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, аз сифати иртиботи дохилӣ ва қобилияти ҳифз ва таблиғи арзишҳои миллӣ вобаста мебошад [9, 19–33]. Имиҷи сиёсӣ на танҳо унсури таблиғӣ, балки ҷузъи муҳимми амнияти миллӣ низ мебошад. Он ба ташаккули эътимоди шаҳрвандон, устувории муҳити сиёсӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонад. Дар ин замина, таҳкими имиҷи устувори давлат ба болоравии нуфузи байналмилалӣ, такмили идоракунии сиёсӣ ва таъмини суботи дохилӣ мусоидат мекунад.

Пажуҳишгар Ф.Котлер чунин имиҷи сиёсиро чунин тавзеҳ додааст: «Имиҷи сиёсӣ маҷмуи тасаввурот, таҷассум ва арзёбиҳое мебошад, ки дар шуури ҷомеа нисбат ба кишвари муайян ва низоми сиёсии он ташаккул меёбанд» [5, с. 205]. Ӯ дар заминаи муносибатҳои муосир, таҳлили сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба хулосае омадааст, ки имиҷ ҳамчун падидаи мураккаб таҳти таъсири омилҳои гуногун аз муҳити дохилӣ то равандҳои глобалӣ ташаккул меёбад.

Тавре ки пажуҳишгар К.Скляренко зикр мекунад, дар илми сиёсӣ то ба ҳол таърифи ягонаи ин мафҳум вуҷуд надорад, ки он бо гуногунандешии назариявӣ ва усули таҳқиқ иртибот мегирад. Ба андешаи ӯ, аксар таҳқиқоти муосир паҳлуҳои ҷудогонаи имиҷро баррасӣ мекунанд, дар ҳоле ки барои шинохти воқеии он зарурати таҳияи модели маҷмуавии таҳлил ба миён омадааст, ки алоқамандии амиқи он бо арзишҳои миллӣ, руҳияи сиёсӣ ва таҷрибаи таърихиро дар бар гирад [8, 1299]. Муҳаққиқ имиҷи сиёсиро танҳо маҳдуд ба маҳсулоти пиарӣ намедонад, онро чун раванд ва падидаи иҷтимоию сиёсӣ арзёбӣ менамояд, ки дар он омилҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва иттилоотӣ ба ҳам пайванданд. Ба гуфтаи ӯ, имиҷи устувори ҳокимият бояд дар заминаи воқеият ва эҳсоси умумии ҷомеа ташаккул ёбад, то ҳамзамон натиҷаи фаъолияти самараноки ниҳодҳои сиёсӣ ва таҷассумгари иртиботи муассири онҳо бо шаҳрвандон бошад [8, с. 1301–1302].

Имиҷи сиёсии давлат ин тасаввурот ва назарҳоест, ки дар бораи идоракунии сиёсӣ ва низоми давлатдорӣ ташаккул меёбанд. Он дар натиҷаи фаъолияти ҳадафмандонаи субъектҳои дохилӣ (ниҳодҳои ҳокимият, аҳолӣ, сохторҳои давлатӣ) ва берунии ҷомеа (гурӯҳҳои иҷтимоӣ, васоити ахбори оммаи хориҷӣ) ба вуҷуд омада, мунтазам рушд меёбад. Дар баробари ин, имиҷи сиёсии кишвар бештар ба ташаккули бардошти умумӣ оид ба имиҷи он дар дохил ва хориҷ равона буда, афкори аҳолии дохилӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ашхоси воқеии хориҷиро фаро мегирад.

Дар доираи таҳлили сиёсӣ метавон ду навъи асосии имиҷи сиёсии давлатро ҷудо кард:

1. Имиҷи сиёсии дохилӣ (қабулкунанда) – ин навъи имиҷ дар шуури аҳолии кишвар ташаккул ёфта, бар пояи бардоштҳо дар бораи тарзи идоракунӣ, сохтори сиёсии ҷомеа, фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ, мақомоти маъмурию қудратӣ ва арзишҳои режими амалкунанда асос меёбад. Он ҳамчун омили муҳимми шинохти давлат дар назари ҷомеа ва эътирофи он ҳамчун механизми асосии идоракунии сиёсӣ хизмат мекунад.

2. Имиҷи сиёсии хориҷӣ (эътирофкунанда)–ин навъи имиҷ дар шуури аҳолии кишварҳои дигар, элитаи сиёсии хориҷӣ, созмонҳои байналмилалии сиёсӣ ва минтақавӣ шакл мегирад. Омилҳои таъсиргузори он иборатанд аз устувории низоми идоракунӣ, сатҳи маданияти сиёсӣ, қобилияти таъмини

амнияти миллӣ ва мақоми байналмилалии сарвари сиёсӣ дар ҳалли мушкилоти глобалӣ.

Тавре муҳаққиқ Д.Олшанский таъкид менамояд, имиҷи сиёсӣ тасвири рамзӣ ва хаёлии давлат аст, ки дар зеҳни шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаккул меёбад. Ба гуфтаи ӯ, ин тасвир натиҷаи таъсири муштараки сиёсатмадорон, воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотӣ буда, муаррифгари шахсияти сиёсии давлат дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад. Имиҷи мазкур дар сатҳи иртиботи сиёсӣ нақши муҳим бозида, ба ташаккули афкори умум, муносибати ҷомеаи байналмилалӣ ва ҷойгоҳи геополитикии давлат таъсири ҷиддӣ мерасонад [7, 166].

Имиҷи сиёсии дохилӣ ва хориҷии давлат дар ҳамбастагӣ қарор дошта, таҳти таъсири омилҳои мутақобила ташаккул меёбанд ва рушд мекунанд.

Имиҷи сиёсӣ як низоми мураккаби сохторӣ мебошад, ки аз унсурҳои зерин иборат аст:

1. Имиҷи ниҳодҳои сиёсӣ–имиҷ ва эътибори муассисаҳои ҳокимият дар раванди идоракунии давлат ва мавқеи онҳо дар назари ҷомеа.

2. Имиҷи сиёсии сарвари давлат–шахсияти аввали сиёсӣ, ки ҳамчун чеҳраи намоёни давлат муаррифӣ мешавад ва устувории эътирофи имиҷи сиёсиро дар фазои ҷамъиятӣ таъмин менамояд.

3. Имиҷи элитаи ҳокими сиёсӣ–муносибати ҷомеа ба фаъолияти гурӯҳи роҳбарикунандаи сиёсӣ ва сатҳи эътимоди аҳолӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ.

4. Шуури сиёсии омма ва зеҳнияти (минталитети) сиёсӣ–сатҳи дарку фаҳми сиёсат аз ҷониби аҳолӣ, ки муносибати иҷтимоиро нисбат ба низоми давлатдорӣ ташаккул медиҳад.

5. Моҳияти демократии низоми сиёсӣ – иштироки фаъоли ҷомеа дар идоракунии давлатӣ, ки дар асоси арзишҳои демократӣ ва эътирофи нақши мардум ташаккул меёбад.

6. Сифати сиёсати дохилӣ–самаранокии идоракунии давлатӣ дар робита бо ҷомеа, риояи қонуният ва ҳукмронии ҳуқуқ дар равобити байни ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ.

7. Сиёсати хориҷӣ, дипломатия ва мақоми байналмилалӣ–нишондиҳандаи равобити хориҷӣ ва саҳми давлат дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, ки онро сарвари сиёсӣ тавассути муколамаҳо, аҳдномаҳо ва ташаббусҳо амалӣ менамояд.

8. Сиёсати миллӣ ва байниминтақавӣ–танзими муносибатҳои этникӣ, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва таъмини баробарии иҷтимоиву фарҳангӣ дар дохили кишвар, ки давлатро ба унвони субъекти фаъоли минтақа муаррифӣ мекунад.

9. Мавқеи геополитикии кишвар–нақши стратегӣ ва таъсири давлат дар равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ки тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои ҷуғрофӣ ва мавқеи байналмилалӣ амалӣ мегардад.

10. Рамзҳои давлатӣ–таҷассумгари арзишҳои миллӣ ва шиносоии сиёсии давлат дар шакли нишонаҳо, парчам, нидо ва дигар аломатҳои расмӣ.

11. Навсозии низоми сиёсӣ ва иҷтимоисозии идоракунӣ–мутобиқсозии сиёсати давлатӣ бо талаботи замон, ки ба устувории низоми сиёсии кишвар ва рушди имиҷи давлатӣ мусоидат менамояд.

Маҷмуаи хосси имиҷи сиёсии давлат унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳадафҳои иҷтимоии имиҷи сиёсӣ, муҳтавои идеологӣ ва маънавии он, имконият ва салоҳиятҳое, ки дар раванди тағйирёбии имиҷ нисбат ба дигар ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, инчунин, хусусиятҳои муносибатҳои барқароршуда бо ҷомеа, миллатҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ. Самаранокии имиҷи сиёсии ташаккулёфта метавонад ҳамчун меъёри асосии муваффақияти давлат арзёбӣ гардад. Ин нишон медиҳад, ки имиҷи сиёсии давлат то чӣ андоза ба вазъи умумии сиёсӣ, сатҳи рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар таъсир мерасонад ва ҳамзамон робитаҳои хориҷии давлатро муайян ва муассир месозад. Дар раванди ташаккули имиҷи сиёсӣ, муносибати динамикӣ бо тағйироти ҷомеа ва муҳити сиёсию иҷтимоӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Барои ҷавобгӯй будан ба талаботи давр, зарур аст, ки имиҷи сиёсии давлат мунтазам дар иртибот бо рушду тағйироти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, геополитикӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва демографӣ навсозӣ гардад. Имиҷи сиёсии муосир бояд дорои хусусиятҳои арзишии устувор ва ҷавобгӯй ба манфиатҳои миллӣ бошад.

Таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ташаккули имиҷи сиёсии давлат доимӣ ва назаррас мебошад. Ин ду гурӯҳи омил дар ҳамбастагӣ амал карда, имиҷи сиёсиро дар дохил ва хориҷ шакл медиҳанд. Мазмуни асосии онҳо чунин ҷузъҳоро дарбар мегирад:

Омилҳои дохилӣ:

–Эътирофи мақоми олии халқ ҳамчун манбаи асосии ҳокимият дар идоракунии давлатӣ нисбат ба дигар субъектҳои интихобшуда ва ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли фаъолияташон;

–Ҳукмронии қонун ва уҳдадорӣ ба қарорҳои қабулшуда дар низоми идоракунӣ;

–Самаранокии фаъолияти субъектҳои сиёсӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ;

– Эътирофи машрулияти ҳокимияти амалкунанда аз ҷониби ҷомеа;

– Радди истифодаи зӯроварӣ ҳамчун воситаи асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ;

– Паст будани сатҳи ҷинояткорӣ;

– Таъмини амнияти миллӣ ва давлатӣ;

– Иҷтимоикунонии фаъолияти давлатдорӣ;

– Огоҳӣ аз сарнавишти таърихию сиёсӣ ва арзиши фарҳанги миллӣ;

– Пешбурди рушди устувори иқтисоди миллӣ;

– Баланд бардоштани самаранокии низоми ниҳодҳои сиёсӣ бо ҳадафи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва қонеъ гардондани ниёзҳои аҳолӣ;

– Таъмини адолати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва судӣ;

– Сохтори муассир ва мантиқии давлатдорӣ бо тақсими функсионалӣ байни муассисаҳои гуногун;

– Шаффофияти иттилоотӣ тавассути ВАО доир ба фаъолияти мақомоти сиёсӣ дар шароити дохилии кишвар;

– Волояти қонун ва баробарии шаҳрвандон, новобаста аз мавқеи иҷтимоӣ;

– Бартарафсозии ҷудоии байни мардум ва ҳокимияти давлатӣ;

– Эътирофи ниҳодҳои интихобшуда аз ҷониби ҷомеа;

– Қабули қонунгузорӣ мутобиқ ба воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар;

– Дастгирии давлат ҳамчун низоми сиёсии асосии ҷомеа аз ҷониби халқ.

Омилҳои хориҷӣ:

– Эътирофи байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамчун давлати мутамаддин ва демократӣ;

– Ҷалби сармоягузорӣ ва гирифтани кумакҳои молиявӣ барои ҳалли мушкилоти умумиҷаҳонӣ;

– Қобилияти мудофиавии баланд ва мутобиқат ба стандартҳои низомии байналмилалӣ;

– Ҳузур дар мубориза бо таҳдидҳои амнияти минтақавию байналмилалӣ;

– Тарғиби фарҳанг ва таърихи миллӣ дар хориҷ ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ;

– Мавқеи стратегӣ ва истифодаи самарабахши иқтидорҳои ҷуғрофии кишвар;

– Пешрафт дар соҳаҳои илму технология тавассути ихтироъ ва навоварии шаҳрвандон;

– Саҳмгузорӣ дар ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ;

– Ба инобат гирифтани арзишҳои гуманистӣ дар идоракунии сиёсӣ;

– Фаъолият ҳамчун субъекти боварбахши муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳалли ихтилофоти минтақа;

– Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ, новобаста аз шароитҳои маконӣ ва замонӣ;

– Эҳтироми арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангии умумибашарӣ;

– Таваҷҷуҳи доимӣ ба пешгирӣ ва бартарафсозии хатарҳо ба амнияти минтақа ва ҷаҳон;

– Саҳм дар мубориза бо таҳдидҳои муосир, аз ҷумла: хатарҳои экологӣ, терроризм, экстремизм ва таҳдидҳои ядроӣ;

– Пойгоҳи устувор дар системаи геополитикии ҷаҳон;

– Омезиши хусусиятҳои миллию ҷуғрофӣ бо нақши таърихии кишвар дар шаклгирии равобити байналмилалӣ;

– Мутобиқати тарзи идоракунии давлат ба режими сиёсии интихобшуда;

– Пешрафти саноат ва содироти маҳсулот ба бозори ҷаҳонӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ;

– Эътирофи истиқлоли давлатӣ аз ҷониби дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ;

– Тақвияти истиқлоли сиёсати хориҷӣ ва мубориза бо таҳдидҳои беруна;

– Дипломатияи фаъол ва муносибатҳои созанда бо ҷомеаи ҷаҳонӣ;

– Ташаккули стратегияи мукаммали сиёсати хориҷӣ тавассути ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо дигар давлатҳо.

Муҳаққиқ В.Королко дар таҳқиқоти худ хусусиятҳои умумии имиҷро, ки дар амалия ташаккул меёбанд, ҷамъбаст намуда, талаботи асосӣ ба имиҷи сиёсии давлатро мушаххас кардааст. Ба ақидаи ӯ, имиҷи сиёсии давлат бояд дорои ин хусусиятҳо бошад:

–хусусияти тарҳрезишуда–имиҷи сиёсӣ бояд бо истифода аз аломату рамзҳо таассуроти мушаххас ва идрокшавандаро дар шуури омма ба вуҷуд оварад;

–эътимоднокӣ ва боварибахшӣ–тасвири сиёсӣ бояд як давлати мушаххасро муаррифӣ намояд ва ба эътимоди мардум асос ёбад;

–равшанӣ ва возеҳӣ–барои таъсири самаранок ба ҷомеа бояд арзишҳо ва паёмҳои он фаҳмо ва шаффоф бошанд; чунин имиҷ зуд дарк шуда, хусусиятҳои хосси давлатро муаррифӣ менамояд;

–мутобиқ ба эҳсос ва мантиқ –тасвири сиёсӣ бояд байни эҳсосот ва ақл, интизориҳо ва воқеият мувозинат дошта бошад ва ба тағйирёбии афзалиятҳои сиёсӣ ва талаботи гуногуни ҷомеа ҷавобгӯй бошад [4, саҳ. 336].

Имрӯз ҳар як давлат ба ташаккули имиҷи мусбат ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ манфиатдор аст. Дар шароити муосир ҳукуматҳо таваҷҷуҳи махсусро ба имиҷи сиёсии дохилӣ равона менамоянд, ки пеш аз ҳама, ба афкори шаҳрвандон нигаронида шудааст. Ин падида, бахусус барои кишварҳои соҳибихтиёр, хусусияти объективӣ дорад.

Ташаккули имиҷи устувори сиёсӣ ҳамчун як раванд ва падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ аз сатҳи эътимод ва пуштибонии ҷомеа нисбат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва сиёсати амалкунандаи ҳокимият вобастагии амиқ дорад. Дастгирии мунтазами қишрҳои гуногуни аҳолӣ аз сиёсати расмӣ на танҳо заминаи тавсеаи ҳамгироии миллӣ ва таҳкими эҳсоси тааллуқ ба давлатро фароҳам месозад, балки шароити мусоидро барои суботи дохилии сиёсӣ ва амнияти иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Имиҷи устувори давлатӣ, аз ин лиҳоз ба унвони як абзори муҳимми таҳкими ҳамгироии дохилӣ ва пуштибонии консепсияҳои стратегии рушди сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар арзёбӣ мешавад. Пажуҳишгар В.Н. Задорожний дар ин робита ишора мекунад, ки имиҷи мусбати давлат метавонад ба раванди ҷалби сармояи хориҷӣ, тақвияти иқтидори иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии кишвар таъсири назаррас расонад: «Тасвири имиҷи мусбати давлат метавонад ба афзоиши сармоягузорӣ, рушди иқтисодиёт ва устувории муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат намояд» [3].

Дар таҳлили равандҳои геополитикии муосир, яке аз тамоюлҳои фарққунанда тавассути тавсеаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таври равшан зоҳир мегардад. Ин раванд боиси коҳиши аҳаммияти сарҳадҳои анъанавии давлатҳо ва болоравии нақши муаррифии хориҷии онҳо дар муҳити байналмилалӣ мегардад. Ҷаҳонишавии сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳам моҳияти робитаҳои байналмилалиро тағйир медиҳад ва ҳам зарурати бознигарии стратегияи ташаккули имиҷи сиёсӣ ва ахлоқии давлатро дар сатҳи глобалӣ ба миён меорад. Дар ин замина, муборизаи геополитикӣ барои нуфуз ва эътимод ҳарчи бештар тавассути воситаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ВАО ва шабакаҳои рақамӣ, анҷом дода мешавад. Дар чунин шароит, идоракунии самараноки имиҷи хориҷӣ ҷузъи муҳими сиёсати хориҷии давлат буда, ба сифати василаи калидии ҳифзи амнияти иттилоотӣ низ арзёбӣ мегардад ва дорои хусусияти стратегӣ мебошад.

Бо назардошти ин, таҳкими имиҷи сиёсӣ ҳамчун унсури таркибии амнияти миллӣ бояд дар асоси фаҳмиши фарогир ва низомманди сиёсати амният амалӣ карда шавад. Ба андешаи муҳаққиқи маъруфи соҳаи амниятшиносӣ Б.Бузан, амнияти миллӣ бояд дар доираи васеъ арзёбӣ гардад ва ҳифзи он на танҳо ба масъалаи ҳудуду иқтидори низомӣ, балки ба тамоми сохторҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ низ тааллуқ дошта бошад. Ӯ таъкид менамояд: «Фаҳмиши амнияти миллӣ бояд васеъ карда шавад, то тамоми мушкилоти низоми ҷаҳонӣ, аз ҷумла шахс, давлат ва муҳити байналмилалиро дар бар гирад» [10, 114]. Ин нуқтаи назар бо андешаи Т.Мелникова мувофиқ аст, ки бар нақши афзояндаи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои рақамӣ дар ташаккули имиҷи сиёсӣ таъкид мекунад. Ба гуфтаи ӯ: «ВАО ва воситаҳои электронии ахбор нақши калидӣ дар ташаккули имиҷи

сиёсӣ доранд, ки тавассути онҳо ғояҳо, арзишҳо ва сиёсати сарвар ба ҷомеа интиқол меёбанд» [6, 89].

Дар шароити рақамикунонии ҷаҳонӣ, муҳити иттилоотӣ ҳам василаи интиқоли маълумот ҳам низоми мураккаби созиши маънии сиёсӣ ва равобити ҳокимият бо ҷомеа мебошад. Ба воситаи технологияи муосир, алгоритмҳои интеллектуалӣ ва муҳтавои рақамӣ, давлатҳо имкони таъсиргузорӣ ба раванди шаклгирии афкори омма ва таҳкими нуфузи сиёсиро пайдо кардаанд. Аз дидгоҳи таҳлили сиёсӣ, ташаккули имиҷи ҳокимият дар шароити рақобати иттилоотӣ, танҳо бо дастрасӣ ба платформаҳои таблиғотӣ маҳдуд намешавад, балки як раванди мураккаби психологӣ ва коммуникатсионӣ мебошад, ки омилҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва идеологиро дар бар мегирад. Дар ин раванд тасвири сиёсӣ натиҷаҳои тасодуфӣ ва маҳсулоти стратегияҳои мақсадманд ва равишҳои таблиғотии ниҳодҳои давлатӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин хусусияти ҳадафмандии имиҷи сиёсиро пажуҳишгар О.Гундар зикр мекунад: «Имиҷи сиёсии давлат натиҷаи тарроҳии бошуурона ва ҳадафмандонаест, ки барои расидан ба манфиатҳои мушаххаси сиёсӣ истифода мешавад» [1, 145].

Сиёсати хориҷии давлат ҷузъи таркибии имиҷи сиёсии он ба ҳисоб меравад ва дар шаклгирии имиҷи байналмилалии кишвар нақши калидӣ мебозад. Аҳаммияти сиёсати хориҷӣ дар ташаккули имиҷи сиёсӣ аз маҷмуи омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст, ки дар заминаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ ва зарурати ҳамгироӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ташаккул меёбад.

Дар шароити муосир зарурати муҳофизати давлат аз фишорҳои геополитикӣ ва таҳдидҳои низомии беруна, инчунин, талоши элитаи ҳоким барои ба даст овардани дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба аҳаммияти бештари имиҷи хориҷии давлат далолат мекунад. Ба ин васила, имиҷи мусбати давлат метавонад ҳамчун абзори қавӣ дар мубориза бо оппозитсияи сиёсӣ, ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ, истифода шавад. Ҳамчунин, элитаи сиёсӣ аз имкониятҳои имиҷи мусбат барои таҳкими мавқеи худ дар рақобатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо дигар кишварҳо истифода мебарад.

Ташаккули муваффақонаи сиёсати хориҷӣ ба бунёди имиҷи устувор ва боэътимоди байналмилалии давлат мусоидат мекунад. Он дар густариши муносибатҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоягузориҳо, ҳавасмандсозии тиҷорат ва муаррифии кишвар ҳамчун таъминкунандаи маҳсулоти босифат ва маркази ҷолиби сайёҳӣ нақши муассир мебозад. Имиҷи мусбати сиёсӣ дар арсаи байналмилалӣ яке аз заминаҳои асосии муваффақияти стратегии кишвар маҳсуб шуда, кафолати ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъсиси муҳити мусоид барои гуфтушунидҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомиро таъмин мекунад. Бо дарназардошти хусусияти иҷтимоии фаъолияти давлат, бояд зикр намуд,

ки муваффақияти идоракунӣ фақат дар сурате имконпазир аст, ки ҷомеа пайваста аз самтҳои гуногуни фаъолияти мақомоти давлатӣ огоҳ бошад. Ҳамзамон, дар сатҳи байналмилалӣ низ иттилооти воқеӣ ва мусбат доир ба фаъолияти давлат шарти муҳими шаклгирии имиҷи устувор мебошад.

Имиҷи сиёсии давлат, бо вуҷуди аҳаммияти стратегиаш, як падидаи нозук ва муҳитсоз аст. Он метавонад дар тӯли солҳо ва ҳатто асрҳо ташаккул ёбад, аммо дар як фурсат зери хатар қарор бигирад. Имиҷи манфӣ назар ба мусбӣ таъсири зуд ва фарогир дошта, ба раванди идоракунӣ, сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои дипломатӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ташаккули имиҷи сиёсӣ ҳамеша ба самаранокии фаъолияти низоми давлатӣ, устувории режими сиёсӣ, мавқеи ҷуғрофии кишвар ва нишондиҳандаҳои демографӣ вобаста аст. Омилҳои объективӣ низ дар ин раванд нақши муҳим доранд, аз ҷумла: иқтидори иқтисодӣ, сатҳи рушди иҷтимоӣ, маданияти сиёсӣ ва қудрати низомии кишвар.

Ҳамаи ин унсурҳо маҷмуан имиҷи сиёсие эҷод мекунанд, ки на танҳо барои муаррифии давлат дар арсаи байналмилалӣ, балки барои ҳифзи амнияти миллӣ ва рушди устувори давлатдорӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Имиҷи сиёсии давлат яке аз омилҳои муҳими таъминкунандаи некуаҳволии ҷомеа ва суботи умумии кишвар маҳсуб мешавад. Имиҷи мусбии сиёсӣ, хусусан дар дохили кишвар, метавонад ба таҳкими устувории иҷтимоӣ, коҳиши шиддати таҳдидҳои дохилӣ ва афзоиши эътимоди шаҳрвандон ба оянда мусоидат намояд. Ин бовар ва пуштибонии оммавӣ аз ҳукумат, сиёсати амалкунанда ва раванди ислоҳотро тақвият бахшида, шароити заруриро барои татбиқи самарабахши онҳо фароҳам месозад.

Дар муқобил, имиҷи манфии сиёсӣ метавонад ба низоми арзишҳои мутақобилаи байни давлат ва шаҳрванд, инчунин, ба муносибатҳои бо кишварҳои ҳамсоя халал ворид намояд. Омилҳое чун тағйирпазирии доимии қонунгузорӣ, бюрократияи аз ҳад зиёди идорӣ, маҳалгароӣ дар сиёсати кадрӣ, коррупсия ва сатҳи баланди ҷинояткорӣ метавонанд сабаби ташаккули имиҷи манфии давлат гарданд. Паёмади чунин ҳолат метавонад коҳиши ҷалби сармоя, беэътимодӣ ва норизоиятӣ аз ҷониби ҷомеаи дохилӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ бошад.

Дар чунин вазъ давлат бояд тамоми имкониятҳои мавҷударо барои бартараф кардани ҷанбаҳои манфии имиҷи сиёсӣ сафарбар намояд. Пеш аз ҳама, ин ба таҳкими волоияти қонун, мубориза бо коррупсия, соддасозии тартиботи гумрукӣ, фароҳамсозии шароити мусоиди транзит ва кам кардани монеаҳои ҳуҷҷатгузорӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ марбут аст. Ҳамзамон, давлат бояд ба тағйироти шароити дохилӣ ва байналмилалӣ саривақт вокуниш нишон дода, ба онҳо мутобиқ гардад. Бо ин роҳ имкон

фароҳам мешавад, ки паҳлуҳои мусбат ва устувори имиҷи сиёсӣ рушд дода шаванд ва имиҷи давлат ба таври динамикӣ ва муттасил такмил ёбад [2, 11].

Ба ҳамин тартиб, таъсири воқеии имиҷи сиёсии давлат ҳамчун субъекти марказии низоми сиёсӣ, ба механизми идоракунии дохилӣ ва ташаккули сиёсатҳои умумимиллӣ иртиботи мустақим дорад. Самаранокии он дар заминаи модели идории ҳокимият, тақсими функсионалии салоҳиятҳо миёни шохаҳои давлатӣ, тавозуни ниҳодҳои сиёсӣ ва шаклгирии низоми арзишӣ ва идеологияи расмӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор тарҳрезӣ ва тасдиқ мегардад, муайян мешавад. Илова бар ин, омилҳои таъсиргузоре, ба монанди нуфузи гурӯҳҳои манфиатдор, самаранокии амалӣ шудани қонунгузорӣ, сохтори дастгоҳи маъмурӣ ва рафтори электоралӣ ва сиёсиву иҷтимоии аҳолӣ, дар раванди машруъияткунонии (легитимкунонии) сиёсати давлатӣ ва рушди имиҷи сиёсии давлат нақши калидӣ мебозанд.

Дар натиҷаи таҳлилҳои илмӣ метавон хулоса кард, ки имиҷи сиёсии давлат танҳо абзори намоишӣ ё таблиғотӣ набуда, инчунин, ҷузъи муҳимми стратегии сиёсати давлатӣ ва амнияти миллӣ мебошад. Он дар дохили кишвар ба таҳкими суботи иҷтимоӣ, боло гардидани сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба низоми сиёсӣ ва ташаккули эҳсоси тааллуқ ба давлат мусоидат намуда, дар сатҳи байналмилалӣ бошад, ба таҳкими нуфуз, тавсеаи ҳамкориҳои хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ нақши калидӣ мебозад. Имиҷи сиёсии мусбат дар дохили давлат қодир аст ҳамгироии миллӣ ва пуштибонии иҷтимоиро аз ислоҳоти давлатӣ тақвият бахшида хавфу таҳдидҳои эҳтимолии дохилиро коҳиш диҳад. Дар мавқегири хориҷии давлат бошад ҳамчун воситаи муассири дипломатӣ таъсиргӯзор буда, барои ҷалби сармоягузорӣ, густариши робита-ҳои иқтисодӣ ва болоравии мақоми байналмилалии давлат шароити мусоид фароҳам меорад. Баръакс, ташаккули имиҷи сиёсии манфии давлат метавонад боиси коҳиши эътимоди ҷамъиятӣ, халалдор гардидани равандҳои ҳамкорӣ, суст шудани рушди устувор ва афзоиши изтиробу ноороміи дохилӣ гардад.

Аз ин рӯ, ташаккули имиҷи сиёсии давлат ҳамчун бахши таркибии сиёсати амниятии давлатӣ бояд арзёбӣ гардад. Таваҷҷуҳи устувор ба таҳкими унсурҳои мусбат аз ҷумла волоияти қонун, мубориза бо фасод, шаффофият ва устуворсозии арзишҳои миллӣ, шарти муҳими ташаккули имиҷи сиёсии устувори давлатро шаклдода заминаи мусоиди фаъолиятро барои субъектҳои сиёсӣ ва ҷомеа фароҳам менамояд. Равиши динамикӣ ва дурандешонаи давлат дар самти ташаккули имиҷи сиёсӣ, мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамзамон, такя ба арзишҳои миллӣ, заминаи эътимодбахши рушди сиёсати устуворро фароҳам месозад. Дар маҷмӯъ, таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна ба ташаккули имиҷи сиёсии давлат зарурати ба сифати авлавияти сиёсати давлатӣ пазируфтани онро

тақозо мекунад. Барномаҳои муназзами иттилоотӣ, идеологӣ ва таблиғотӣ бояд бо амалҳои воқеии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ҳамоҳанг бошанд. Ҳамин тавр, ташаккули имиҷи сиёсии давлат бояд ҷузъи ҷудонопазири стратегияи амнияти миллӣ бошад, зеро маҳз дар шароити ҷаҳонишавии муосир он ба ҳифзи суботи дохилӣ, таҳкими нуфузи байналмилалӣ ва рушди устувори давлат мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ

1. Гундарь О. Феномен политического лидерства в социальном контексте современности : дис. … д-ра филос. наук. – Ставрополь, 2001. – 268 с.

2. Деркача А. Политическая имиджеология / под ред. Л. А. Перелыгиной. – М. : Ин-т психологии РАН, 2006. – 209 с.

3. Задорожный В. Н. Влияние политического имиджа государства на экономический рост [Электронный ресурс] // Элитариум. – URL: http://www.elitarium.ru/vlijanie_imidzha_gosudarstva_na_jekonomicheskij_rost/ (Lата обращения: 04.05.2025).

4. Королько В. Г. Основы паблик рилейшнз. – Киев : Рефл-бук, 2000. – 336 с.

5. Котлер Ф., Асплунд К., Рейн И., Хайдер Д. Маркетинг мест : как повысить привлекательность городов, регионов и стран. – СПб. : Стокгольмская школа экономики, 2002. – 205 с.

6. Мельникова Т. Политический имидж государственной власти в электронных средствах массовой информации : дис. … канд. полит. наук : 23.00.02. – Саратов : СГСЭУ, 2013. – 170 с.

7. Ольшанский Д. В. Политико-психологический словарь. – М. : Ин-т психологии РАН, 2002. – 166 с.

8. Скляренко К. В. Политический имидж: к исследованию понятий // Экономика и социум. –2020. –№ 11(78).–С. 1298–1302.–URL: https://www.iupr.ru (Дата обращения: 04.05.2025).

9. Соловьёв Э. Г., Смирнов А. Н. Международный имидж современной России: дефицит привлекательности или дефицит идей? // Polis. Political Studies. – 2008. – № 5. – С. 19–33.

10. Buzan B. People, States and Fear: The National Security Problem in International Relations. – 2nd ed. – Boulder : Lynne Rienner Publishers, 1991. – 320p.

11. Nye, Joseph S. *Soft Power: The Means to Success in World Politics.* New York: PublicAffairs, 2004. URL:«Harvard University, Weatherhead Center for International Affairs», https://www.wcfia.harvard.edu/publications/soft-power-means-success-world-politics (Дата обращения: 04.05.2025).

# РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКОГО ИМИДЖА ГОСУДАРСТВА В УКРЕПЛЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ: ВНУТРЕННИЕ И ВНЕШНИЕ ФАКТОРЫ

**ХУСАИНЗОДА АМИНДЖОН БУРИХОН**,
кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой юриспруденции Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки
735360, Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16;
тел.: (+992) 987-93-20-88; e-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

**НЕКРУЗИ МАХМАДХОДЖА**,
преподаватель кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки
735360, Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16;
тел.: (+992) 989-24-25-26

*Статья посвящена анализу теоретических аспектов формирования политического имиджа государства и его роли в обеспечении национальной безопасности. На основе современных научных исследований рассматриваются различия между понятиями «политический имидж государства» и «политический имидж страны», определяется внутренняя и внешняя структура политического имиджа. Анализируются факторы, влияющие на государственный имидж, включая законность, легитимность, эффективность политических институтов, внешнюю политику, международный авторитет и геополитические связи. Формирование устойчивого политического имиджа оценивается как основа укрепления внутренней стабильности, доверия граждан, повышения международного статуса и обеспечения комплексной национальной безопасности. Подчеркивается необходимость разработки стратегической программы формирования позитивного имиджа в условиях информационной глобализации.*

***Ключевые слова:*** *политический имидж государства, национальная безопасность, внешняя политика, внутренние и внешние факторы, международный авторитет, политическое управление, укрепление стабильности.*

# THE ROLE OF THE POLITICAL IMAGE OF THE STATE IN STRENGTHENING NATIONAL SECURITY: INTERNAL AND EXTERNAL FACTORS

**HUSAYNZODA AMINJON BURIKHON**,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Law, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki

735360, Tajikistan, Kulob city, S. Safarov str. 16;
tel.: (+992) 987-93-20-88; t-mail: aminjonsharifov86@gmail.com

**NEKRUZ MAHMADKHOJA**,
Lecturer at the Department of Political Science,
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, S. Safarov str. 16;
tel.: (+992) 989-24-25-26

*The article is devoted to the analysis of the theoretical aspects of shaping the political image of the state and its role in ensuring national security. Based on contemporary scientific research, the distinction between the concepts of "political image of the state" and "political image of the country" is examined, and the internal and external structure of the political image is defined. Factors influencing the state's image — including legality, legitimacy, effectiveness of political institutions, foreign policy, international authority, and geopolitical relations — are analyzed. The formation of a stable political image is assessed as a foundation for strengthening domestic stability, citizens' trust, enhancing international status, and ensuring comprehensive national security. The necessity of developing a strategic program for building a positive image in the context of informational globalization is emphasized.*

***Keywords:*** *political image of the state, national security, foreign policy, internal and external factors, international authority, political governance, strengthening stability.*

**УДК: 32.019.51**

# ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪСИРРАСОН БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**НУРИДДИНЗОДА САЙҶАМОЛИДИН ҲАЙДАР,**
номзади илмҳои сиёсӣ, унвончӯ–докторанти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16; тел.: (+992) 988-50-00-08; e-mail: mp.kulob@mail.ru

*Дар шароити ҷаҳонишавии технологияҳои рақамӣ шабакаҳои иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи одамон гардида, ба тамоми соҳаҳои ҷомеа, аз ҷумла ба амнияти миллӣ таъсири назаррас мерасонанд. Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили таъсир-расон ба амнияти миллӣ бахшида шудааст, ки ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфии таъсири онҳоро дар бар мегирад. Дар мақола имкониятҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, таблиғи ғояҳои ифротгароӣ, ташкили ҳаракатҳои эътирозӣ, ҷосусии киберӣ ва дигар навъҳои фаъолияти харобиовар, ки ба амнияти миллӣ таҳдид мекунанд, таҳқиқ карда шудаанд.*

*Ба таҳлили механизмҳои ташаккул ва паҳнкунии хабарҳои қалбакӣ, инчунин, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар радикализатсияи ҷавонон ва фаъолсозии гурӯҳҳои террористӣ диққати махсус дода шудааст. Дар мақола инчунин имкониятҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои таҳкими амнияти миллӣ, аз ҷумла иттилооти фаврии аҳолӣ дар бораи ҳолатҳои фавқулода, мубориза бо маълумоти бардурӯғ, мониторинги афкори ҷамъиятӣ ва муайян кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ баррасӣ карда шудаанд.*

*Стратегияҳо ва усулҳое, ки мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд, таҳлил гардидаанд. Дар ҷамъбасти мақола тавсияҳои амалӣ доир ба такмили қонунгузорӣ ва таҳияи чораҳои муассир дар муқовимат ба таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ, истифодаи зарфияти онҳо барои таҳкими амнияти миллӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *шабакаҳои иҷтимоӣ, амнияти миллӣ, паҳн намудани маълумоти носаҳеҳ, таблиғот, таҳдидҳои киберӣ, экстремизм, ҳифзи иттилоот.*

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва паҳншавии васеи интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи муҳимми муошират ва мубодилаи иттилоот табдил ёфтанд. Онҳо равишҳои

муоширатро тағйир доданд, онро дастрастар ва фавритар карданд, ки дар навбати худ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва сохтори ҳамкории иҷтимоӣ таъсири назаррас расонид. Аммо бо рушди шабакаҳои иҷтимоӣ ҷанбаҳои манфии онҳо, алахусус дар низоми амнияти миллӣ, ба сатҳи нав баромаданд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ барои ифодаи фикру андеша фазои озод фароҳам меоранд, аммо сӯиистифодаи онҳо барои анҷом додани назарфиребӣ ва дигар аъмоли ҷиноятӣ низ афзоиш меёбад. Бо дарназардошти афзоиши онҳо дар саросари ҷаҳон, баррасии таъсири онҳо ба амнияти давлатҳо муҳим мегардад. Шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ҳамчун воситаи паҳн намудани иттилооти бардурӯғ, дасткории иттилоот ва ҳатто фаъолиятҳое, ки бар зидди суботи кишварҳо равона шудаанд, истифода шаванд. Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки маълумоти бардурӯғ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад эътимоди аҳолиро ба ниҳодҳои давлатӣ коҳиш диҳад, мунокишаҳои иҷтимоиро ба вуҷуд орад ва ҳатто ба натиҷаҳои интихобот таъсир расонад, ки барои амнияти миллии кишварҳо оқибатҳои ногувор дорад [3, с.69].

Аз ин рӯ, мубориза бо маълумоти бардурӯғ вазифаи муҳимми тамоми ҷомеа, аз ҷумла ҳукумат, моликони шабакаҳои иҷтимоӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳар як истифодабарандаи алоҳида мебошад. Ҳукуматҳо бояд қонунгузории мувофиқро таҳия ва қабул кунанд, ки паҳнкунандагони маълумоти бардурӯғро ба ҷавобгарӣ кашад ва ҳамзамон озодии баёнро таъмин намояд. Ширкатҳои шабакаҳои иҷтимоӣ бояд алгоритмҳои худро такмил диҳанд, то маълумоти бардурӯғро муайян ва нест кунанд, инчунин, бо корбарони худ дар бораи санҷиши далелҳо ва арзёбии иттилоот ҳамкорӣ намоянд. Созмонҳои ҷамъиятӣ метавонанд дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардум дар бораи хатари маълумоти бардурӯғ ва тарғиби саводнокии рақамӣ саҳм гузоранд.

Ҳар як истифодабарандаи шабакаҳои иҷтимоӣ бояд пеш аз мубодилаи иттилоот онро бодиққат тафтиш кунад ва аз паҳн кардани маълумоти шубҳанок худдорӣ намояд. Инчунин, муҳим аст, ки ба манбаъҳои гуногуни иттилоот дастрасӣ дошта бошад ва танҳо ба як нуқтаи назар такя накунад. Мубориза бо маълумоти бардурӯғ як раванди доимиест, ки аз тамоми ҷомеа саъю кӯшиши дастаҷамъиро талаб мекунад. Бо ҳамкорӣ ва табодули таҷриба мо метавонем таъсири манфии маълумоти бардурӯғро коҳиш диҳем ва амнияти миллии кишварҳоро таъмин намоем.

Мубрамии таҳқиқи ин масъала дар шароити бӯҳронҳои ҷаҳонӣ, вақте ки ҳамлаҳои иттилоотӣ ба яке аз омилҳои асосии рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ табдил меёбанд, шиддат мегирад. Ҳодисаҳои дахолат ба равандҳои интихоботии кишварҳои гуногун, инчунин, маъракаҳои иттилоотии

бардурӯғ, ки мунокиша ва ҳаракатҳои эътирозиро фаро мегиранд, тасдиқ мекунанд, ки назорати ҷараёни паҳншавии иттилоот барои таъмини субот ва амният дар сатҳи давлатҳо зарур мегардад [8, 287].

Ҳамин тариқ, таҳқиқи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ на танҳо муҳим, балки дар шароити муосир амали сариваҳтӣ маҳсуб меёбад. Фаҳмидани механизмҳое, ки тавассути онҳо шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд таҳдид кунанд, инчунин муайян кардани усулҳои муқовимат ба онҳо барои ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва эҷоди стратегияҳое, ки ба кам кардани хатарҳо дар фазои иттилоотӣ нигаронида шудаанд, зарур аст. Ин на танҳо таҳияи қонунгузорӣ ва стратегияҳои амнияти иттилоотӣ, балки баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотӣ дар байни корбаронро дар бар мегирад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки иттилооти паҳншударо ба таври дуруст тафсир кунанд ва дурустии онро арзёбӣ карда тавонанд.

Мақсади асосии таҳқиқи ин масъала таҳлили таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ, инчунин, ошкор кардани механизмҳои таъсири онҳо тавассути ошкор кардани маълумоти нодуруст ва амалияҳои манипулятивӣ мебошад. Дар замони муосири иттилоотӣ, вақте ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаҳои асосии коммуникатсионӣ табдил меёбанд, муҳим аст муайян карда шавад, ки маҳз чӣ гуна онҳо метавонанд ба суботи давлатҳо ва шуури ҷамъиятӣ таъсир расонанд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф як қатор вазифаҳоро ҳал кардан лозим аст, ки ҳар кадоми онҳо барои амиқтар фаҳмидани хусусияти масъалаи таҳқиқшаванда кӯмак мекунанд:

1. Механизмҳои паҳнкунии маълумоти бардурӯғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бояд таҳқиқ гардад. Ин таҳлили роҳҳои интиқол ва дарки маълумоти бардурӯғ аз ҷониби корбарон ва арзёбии самаранокии усулҳои мавҷудаи мубориза бо онро дар бар мегирад. Бо дарназардошти он, ки ҳамасола шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ афзоиш меёбад, фаҳмидани он муҳим аст, ки кадом омилҳо ба паҳншавии бомуваффақияти маълумоти бардурӯғ мусоидат мекунанд [17, 16].

2. Арзёбии таъсири маълумоти бардурӯғ ба афкори ҷамъиятӣ ва суботи сиёсӣ дар кишварҳои гуногун. Фаҳмидани он муҳим аст, ки чӣ гуна хабарҳо ва маълумоти қалбакӣ ба интихобот, эътирозҳои ҷамъиятӣ ва инчунин, дарки ниҳодҳои давлатӣ таъсир мерасонанд. Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо маълумоти нодуруст метавонад омили шиддат гирифтани низоъҳо ва ноором кардани ҷомеаҳо бошад.

3. Таҳлили истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби корбарон ба сафи созмонҳои ифротӣ ва барои фаъолияти экстремистӣ. Ба амал омадани чунин зуҳурот, ба монанди радикализатсияи ҷавонон ва ташаккули гурӯҳҳои ба зӯроварӣ нигаронидашуда таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқон ва

сохторҳои давлатиро талаб мекунанд. Муайян кардан муҳим аст, ки кадом шабакаҳо барои ин мақсадҳо бештар истифода мешаванд ва барои пешгирии онҳо чӣ чораҳо андешидан мумкин аст [18, 29].

4. Таҳлил кардани намунаҳои ҳамлаҳои воқеии киберӣ ва амалҳои ҷиноятии марбут ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ. Намунаҳои дар амал татбиқшуда барои нишон додани миқёси мушкилот ва фароҳам овардани заминаи тавсияҳо оид ба беҳтар кардани амният дар фазои иттилоотӣ кӯмак мекунанд.

5. Таҳияи тавсияҳо доир ба баланд бардоштани сатҳи амният ва ҳифзи шаҳрвандон аз таъсири маълумоти бардурӯғ. Ин метавонад ҳам ташаббусҳои таълимӣ ва ҳам таҳияи қарорҳои техникиро барои полоиш додани маълумоти нодуруст дар бар гирад.

Дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои дар боло зикршуда, фаҳмиши ҳамаҷонибаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои кам кардани таъсири манфии онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад.

Масъалаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти давлатҳо таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқон, олимон ва мутахассисони соҳаи коммуникатсияи иттилоотӣ, сотсиология ва сиёсатшиносиро ҷалб мекунад. Бо афзоиши шумораи корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, омӯзиши механизмҳои таъсири онҳо ва муайян кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ торафт муҳимтар мегардад.

Яке аз аввалин таҳқиқоти ҷиддие, ки робитаи байни шабакаҳои иҷтимоӣ ва амниятро ошкор мекунад, пажуҳише, ки дар маҷаллаи «International Security» нашр шудааст. Дар он муаллифон нишон медиҳанд, ки чӣ гуна паҳншавии маълумоти бардурӯғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба равандҳои интихоботӣ ва бӯҳронҳо дар кишварҳои гуногун таъсир мерасонанд. Дар ин таҳқиқот таъкид мегардад, ки самаранокии назарфиребӣ ва маъракаҳои дезинформатсионӣ аз хусусиятҳои заминаи фарҳангӣ ва сиёсии ҳар як кишвар вобаста аст [14, 222].

Дар солҳои охир афзоиши нашрияҳои илмӣ дар мавзуи паҳн кардани хабарҳои қалбакӣ ва таъсири онҳо ба афкори ҷамъиятӣ мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, ҳамкории зичи байни маълумоти беасос ва руҳияи ҷамъиятӣ дар асарҳое, ки ба маълумоти эмпирикӣ асос ёфтаанд, муфассал таҳлил карда мешавад. Масалан, мақолаи машҳуре, ки дар маҷаллаи илмии «Journal of Communication» нашр шудааст, нишон медиҳад, ки чӣ гуна хабарҳои қалбакӣ метавонанд тасаввуроти манфии ниҳодҳои давлатиро ташаккул диҳанд ва поляризатсияи сиёсиро ба вуҷуд оваранд [4, 195].

Инчунин, як қатор пажуҳишҳо доир ба таҳлили истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ мавҷуданд. Дар

ҳисоботи ниҳодҳои амниятӣ таъкид мегардад, ки чунин гурӯҳҳо шабакаҳои иҷтимоиро барои ҷалби аъзо, паҳн кардани идеология ва ташкили ҳамлаҳо истифода мебаранд. Чунин ҳолат ба амнияти миллӣ таҳдидҳои мушаххас эҷод мекунад. Мақолае, ки дар маҷаллаи илмии «Terrorism and Political Violence» нашр шудааст, ҳолатҳоеро таҳлил мекунад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ дар банақшагирӣ ва амалисозии амалҳои террористӣ нақши калидӣ доштанд. Ин гуна пажуҳишҳо ба маълумот дар бораи он, ки чӣ гуна технологияи рақамӣ метавонад воситаи зӯроварӣ гарданд, донишҳо ва тасаввуроти навро илова мекунанд [10, 249].

Ғайр аз ин, таҳқиқи саводнокии иттилоотӣ нишон медиҳад, ки сатҳи тафаккури интиқодӣ дар байни корбарон ба ҳассосияти онҳо ба маълумоти бардурӯғ таъсир мерасонад. Ин самтҳои навро барои ташаккули барномаҳои таълимӣ мекушояд, зеро ташкили чунин курсҳи таълимӣ ба таҳкими малакаҳои таҳлили иттилоот ва муайян кардани хабарҳои қалбакӣ нигаронида шудаанд. Махсусан, як қатор нашрияҳо усулҳои омӯзишиеро пешниҳод мекунанд, ки метавонанд ба аҳолии гуногун, аз ҷумла ҷавонон ва пиронсолон, мутобиқ карда шаванд.

Дар маҷмуъ, баррасии адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки масъалаҳои марбут ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъмини амнияти миллӣ гуногунҷабҳа ва серпаҳлу мебошанд. Гуногунии равишҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ барои омӯзиши минбаъдаи ҳамаҷонибаи ин мавзуъ ва муайян кардани тавсияҳои амалӣ барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо як воситаи муҳим барои муошират, балки барои паҳн кардани иттилоот низ шудаанд, аммо ин барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ имконият фароҳам меоварад. Механизмҳое, ки тавассути онҳо маълумоти бардурӯғ ба шуури омма ворид мешавад, гуногун ва мураккаб мебошанд. Яке аз омилҳои асосии мусоидат ба паҳншавии маълумоти нодуруст алгоритмҳое мебошанд, ки аз ҷониби моликони шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия шудаанд. Ин гуна алгоритмҳо барои бештар намудани иштироки корбарон пешбинӣ шудаанд. Ин алгоритмҳо аксар вақт мундариҷаи иттилоотро афзалтар медонанд, аз ин рӯ, онҳо аксуламалҳои шадиди эҳсосиро ба вуҷуд меоваранд. Бо дарназардошти ин гуна хусусияти шабакаҳои иҷтимоӣ гуфтан мумкин аст, ки паёмҳои иғвоангез ва бардурӯғ эҳтимолияти вирусӣ доранд [15, 54].

Бояд қайд кард, ки паҳншавии маълумоти бардурӯғ на танҳо масъалаи алгоритмҳост. Истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ низ дар ин раванд нақши муҳим мебозанд. Бисёр вақт одамон маълумотро бидуни тафтиш ва санҷиши он мубодила мекунанд, ки ин ба паҳншавии маълумоти нодуруст мусоидат мекунад. Инчунин, баъзе корбарон аз паҳн кардани

маълумоти бардурӯғ манфиатдор буда, онро барои таблиғи сиёсӣ, тиҷоратӣ ва ё дигар мақсадҳо истифода мебаранд.

Таъсири маълумоти бардурӯғ ба ҷомеа метавонад харобиовар бошад. Он метавонад боиси беэътимодӣ ба муассисаҳои давлатӣ, танишҳои иҷтимоӣ ва ҳатто зӯроварӣ гардад. Маълумоти бардурӯғ махсусан, дар замони интихобот хатарнок аст, зеро он метавонад ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонад ва натиҷаҳои интихоботро ба манбаи ташаккули шиддати сиёсию иҷтимоӣ табдил диҳад. Мубориза бо паҳншавии маълумоти бардурӯғ вазифаи мураккабест, ки ҳалли фаврии он вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, як қатор чораҳое ҳастанд, ки метавонанд барои коҳиш додани таъсири он андешида шаванд. Яке аз муҳимтарин қадамҳо ин баланд бардоштани сатҳи огоҳии корбарон дар бораи хатарҳои маълумоти бардурӯғ ва тарзи тафтиши маълумот мебошад. Инчунин, муҳим аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ барои мубориза бо маълумоти бардурӯғ масъулияти бештар ба дӯш гиранд. Онҳо бояд алгоритмҳои худро тавре танзим кунанд, ки паҳншавии маълумоти бардурӯғро маҳдуд созанд ва ба корбарон имкон диҳанд, ки маълумоти шубҳанокро ба онҳо хабар диҳанд. Ғайр аз ин, бояд барои ошкор ва ҷазо додани шахсоне, ки дар паҳн кардани маълумоти бардурӯғ даст доранд, чораҳо андешида шаванд.

Дар ин ҳолат, дар раванди паҳнкунии маълумоти бардурӯғ барномаҳои компютерии ба таври худкор сохташуда, ки бо номи «ботҳо» маъруфанд, нақши муҳим мебозанд. Ин ботҳо метавонанд иттилоотро тавлид намуда, паҳн кунанд. Онҳо шумораи мақолаҳои чопшударо ба таври назаррас афзоиш медиҳанд ва ҳисси бардурӯғи маъруфият ва ҳақиқати иттилоотиро ба вуҷуд меорад. Мавҷудияти шумораи зиёди ботҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки мавзуъҳои муайянро мақсаднок пеш баранд, аудиторияи васеъро нодуруст огоҳ кунанд ва таъсиррасонии маълумоти нодурустро тақвият диҳанд [16, 183].

Илова бар ин, ботҳо қодиранд, ки рафтори одамонро тақлид кунанд, шарҳҳо ва паёмҳоро ба таври худкор нашр кунанд, баҳсҳоро барангезанд ва дар мубоҳисаҳои онлайнӣ иштирок намоянд. Ин амалҳо метавонанд эътимодро ба иттилооти мавҷуда суст кунанд ва муҳити иттилоотии ноустуворро ба вуҷуд оранд. Зеро дар чунин ҳолат муайян кардани манбаъҳои боэътимод мушкил мегардад. Ботҳо метавонанд ба таври махфӣ кор кунанд, шахсияти аслии худро пинҳон доранд ва истифодабарандагони дигарро гумроҳ созанд. Ботҳо инчунин, метавонанд дар маъракаҳои сиёсӣ нақши муҳим дошта бошанд. Дар чунин шароит онҳо барои паҳн кардани таблиғоти бардурӯғ, таҳқири рақибон ва тақвияти ақидаҳои мушаххас истифода мешаванд. Чунин амалҳо метавонанд ба раванди интихобот таъсир расонанд, афкори ҷамъиятиро тағйир диҳанд ва ба поляризатсияи

ҷомеа мусоидат кунанд. Ботҳо метавонанд ба таври автоматӣ ҳазорҳо паёмҳоро нашр кунанд, ки барои паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва эҷоди таассуроти дастгирии васеъ аз мавқеи муайян пешбинӣ шудаанд.

Ҷиҳати дигари хатарноки ботҳо ин қобилияти онҳо дар эҷоди «посуххо ба акси садо» мебошад. Дар чунин ҳолат корбарон танҳо бо иттилооте дучор меоянд, ки бо ақидаҳои мавҷудаи онҳо мувофиқат мекунанд. Ботҳо метавонанд ин гуна посуххои иттилоотиро тақвият бахшанд. Ин раванд метавонад ба мустаҳкам шудани эътиқодҳои нодуруст, гум шудани қобилияти тафаккури интиқодӣ ва афзоиши ташаннуҷи иҷтимоӣ оварда расонад. Дар мубориза бо паҳншавии маълумоти бардурӯғ бо иштироки ботҳо, муҳим аст, ки чораҳои муассир андешида шаванд. Ин метавонад ташхиси худкори ботҳо, беҳтар кардани саводнокии рақамии ҷомеа, дастгирии ташаббусҳои санҷиши фактҳо ва таъмини шаффофияти бештар дар шабакаҳои иҷтимоиро дар бар гирад. Ҳамчунин, ҳамкорӣ байни платформаҳои онлайнӣ, ҳукуматҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои эҷоди муҳити иттилоотии солим ва муҳофизат кардани ҷомеа аз таъсири манфии маълумоти бардурӯғ зарур аст.

Илова ба ботҳо, инчунин, саҳифаҳои қалбакие, ки аз ҷониби корбарони воқеӣ сохта шудаанд, фаъолона истифода мешаванд, аммо бо мақсади паҳн кардани маълумоти бардурӯғ. Чунин саҳифаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ё бо исми мустаор ё нусхаи корбарони воқеӣ бошанд. Истифодаи саҳифаҳои қалбакӣ имкон медиҳад, ки афкори ҷамъиятӣ идора карда шавад, зеро чунин саҳифаҳо муайян кардани манбаъҳои иттилоот ва эътимоднокии онҳоро душвор мекунад. Ин гуна саҳифаҳои қалбакӣ аксар вақт ба гурӯҳҳо ва саҳифаҳои дигари шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамроҳ мешаванд, то ки дар он ҷо онҳо тавонанд аудиторияи худро бештар таблиғ кунанд.

Механизми дигар дар шакли вирус паҳн кардани иттилооти бардурӯғ мебошад. Масалан, як корбар маълумоти шубҳанокро бо пайравонаш мубодила мекунад, ки дар навбати худ онро минбаъд интиқол медиҳанд ва ҳамин тавр иттилоот миқёсеро ба даст меорад, ки назорат карданаш душвор мегардад. Паҳншавии вирусӣ аксар вақт аз мундариҷаи аз ҷиҳати эмотсионалӣ ғанӣ ба вуҷуд меояд. Чунин навъи иттилоот ба осонӣ дар хотир нигоҳ дошта шуда, паҳн карда мешавад [19, 144].

Илова бар ин, алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ин падидаро боз ҳам шадидтар кунанд. Онҳо аксар вақт ба мундариҷае афзалият медиҳанд, ки диққати одамонро ба таври фаъол ҷалб мекунад, новобаста аз дурустии он. Ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки хабарҳои бардурӯғ нисбат ба хабарҳои воқеӣ зудтар паҳн мешаванд, зеро онҳо аксар вақт барои эҷоди вокуниши эмотсионалӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Инчунин, дар шароити зуҳуроти иттилооти вирусӣ, тасдиқи маълумот ва санҷиши воқеияти он мушкилтар мегардад. Вақте ки иттилоот хеле зуд паҳн мешавад, ниҳодҳои санҷишгари воқеият наметавонанд бо он ҳамқадам бошанд. Ин ба мардум имкон медиҳад, ки ба хабарҳои бардурӯғ бовар кунанд ва онро паҳн созанд.

Оқибати паҳншавии иттилооти вирусӣ метавонад харобиовар бошад. Он метавонад боиси тарсу ҳарос, беэътимодӣ ва ҳатто хушунат гардад. Дар ҳолатҳои шадид, он метавонад ба қарорҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ таъсир расонад. Барои мубориза бо ин таҳдид, муҳим аст, ки огоҳ бошем, иттилоотро пеш аз мубодила тафтиш кунем ва манбаъҳои боэътимодро дастгирӣ намоем. Ниҳоят, барои кам кардани таъсири иттилооти бардурӯғ, муҳим аст, ки муносибати танқидӣ ба мундариҷаи иттилооти фазои маҷозиро инкишоф диҳем. Мо бояд дарк кунем, ки на ҳама чизе, ки дар интернет мебинем, ҳақиқат аст ва мо бояд ҳамеша манбаъҳо ва моҳияти иттилоотро зери шубҳа гузорем. Ин як қисми муҳимми мубориза бо паҳншавии иттилооти вирусӣ ва таъмини он аст. Ин гуна рафтор ва ин гуна бархӯрд бо иттилооти вирусӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар ҷомеаи иттилоотии солим ва огоҳ зиндагӣ кунем.

Маъракаҳои мақсаднок як шакли дигари паҳн намудани маълумоти бардурӯғ мебошанд. Онҳо тавассути омезиши васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешаванд. Чунин маъракаҳо метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ё субъектҳои дорои манфиатҳои хусусӣ, ки ҳадафи онҳо идоракунии афкори ҷамъиятӣ мебошад, ташкил карда шаванд. Одатан, онҳо эҷоди паёмҳои мукаммалро дар бар мегиранд, ки баъдан тавассути каналҳои гуногун, аз ҷумла тавассути таблиғот ва ташвиқот паҳн карда мешаванд [20, с. 312].

Дар маъракаҳои мақсаднок аксар вақт аз технологияҳои пешрафта, аз қабили таҳлили махзанҳои калони иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ истифода мешавад, то ба таври дақиқ муайян кардани аудиторияи мақсаднок ва мутобиқ кардани паёмҳо ба манфиатҳо ва эҳтиёҷоти хосси онҳо анҷом дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки таъсири маълумоти бардурӯғ зиёдтар шавад ва эътимоди ҷомеа ба он афзояд. Яке аз хусусиятҳои маъмулии маъракаҳои мақсаднок истифодаи ботҳо ва троллҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин аккаунтҳои қалбакӣ ба таври сунъӣ маъруфияти паёмҳои муайянро афзоиш дода, таассуроти дастгирии васеъро эҷод мекунанд. Илова бар ин, ботҳо метавонанд дар мубоҳисаҳо иштирок кунанд, ба саволҳо ҷавоб диҳанд ва баҳсҳоро ба самти дилхоҳ равона кунанд.

Оқибатҳои маъракаҳои мақсаднок метавонанд васеъ ва харобиовар бошанд. Онҳо метавонанд ба ташаннуҷи ҷомеа, коҳиши эътимод ба муассисаҳо ва ВАО-и давлатӣ, инчунин қабули қарорҳои нодуруст дар

сатҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ оварда расонанд. Ҳамчунин, маълумоти бардурӯғ метавонад ба саломатии равонии одамон таъсири манфӣ расонад, боиси изтироб, депрессия ва ҳисси ноамнӣ гардад. Мубориза бар зидди маъракаҳои мақсаднок як вазифаи мураккабе аст, ки талошҳои ҳамоҳангшудаи ҳукумат, ВАО, ширкатҳои технологӣ ва худи ҷомеаро талаб мекунад. Муҳим аст, ки сатҳи огоҳии мардумро дар бораи усулҳо ва тактикаи истифодашаванда дар маъракаҳои мақсаднок баланд бардорем, инчунин малакаҳои таҳлилӣ ва интиқодии онҳоро инкишоф диҳем. Илова бар ин, зарур аст, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ барои мубодилаи таҷриба ва таҳияи стандартҳои муштарак дар мубориза бар зидди маълумоти бардурӯғ тақвият дода шаванд.

Хулоса, бояд тазаккур дод, ки механизмҳои паҳнкунии маълумоти нодуруст дар шабакаҳои иҷтимоӣ як системаи мураккабе мебошанд, ки дар он алгоритмҳо, ботҳо, саҳифаҳои қалбакӣ ва паҳнкунии иттилооти вирусӣ дар як сенарияи ягона барои сохтани воситаҳои самараноки идоракунии афкори ҷамъиятӣ амалӣ мешаванд. Фаҳмиши ин равандҳо барои таҳияи чораҳои муассир барои мубориза бо маълумоти бардурӯғ ва ҳифзи амнияти миллӣ зарур аст.

Маълумоти бардурӯғ, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шудааст, ба афкори ҷамъиятӣ ва суботи сиёсӣ таъсири назаррас расонида, ба амнияти дохилӣ ва хориҷии давлатҳо хатар эҷод мекунад. Паёмҳои қалбакӣ ва коркарди иттилоот, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, қодиранд на танҳо эътиқоди инфиродӣ, балки тасаввуроти дастаҷамъиро низ ташаккул диҳанд, ки метавонанд эҳсосоти шадидро ба вуҷуд оранд ва эътимодро ба ниҳодҳои давлатӣ халалдор кунанд.

Таҳлили равандҳо ва рӯйдодҳои сиёсии замони муосир нишон медиҳад, ки маълумоти бардурӯғ метавонад ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ истифода шавад. Масалан, дар арафаи интихобот, хабарҳои қалбакӣ метавонанд ба рӯҳияи интихобкунандагон таъсири калон расонанд ва тасвири таҳрифшудаи номзадҳо ва барномаҳои онҳоро ташаккул диҳанд. Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки чунин маъракаҳо метавонанд рафти овоздиҳиро ба таври назаррас тағйир диҳанд ва ташаннуҷро дар байни аҳолӣ эҷод кунанд ва ба таври сунъӣ онро ташаккул диҳанд [13, 15].

Ғайр аз ин, иттилооти бардурӯғ метавонад ҳамчун омили таъсиррасон барои пайдоиши мунокишаҳои иҷтимоӣ баромад кунад. Дар кишварҳое, ки аллакай ташаннуҷи этникӣ, динӣ ё сиёсӣ доранд, ҳатто иғвоҳои хурд метавонанд вокуниши пай дар пайро ба вуҷуд оранд, ки боиси шиддат гирифтани низоъҳо мегардад. Намунаҳои чунин ҳолатҳоро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар он ҷо хабарҳои

қалбакӣ низоъҳои гуногунро ба вуҷуд оварданд, аз ҷумла эътирозҳои оммавӣ ва зӯроварӣ. Фаҳмиши дақиқи раванди паҳнкунии иттилооти нодуруст ва оқибатҳои он метавонад ба пешгирии ин сенарияҳои манфӣ мусоидат кунад.

Илова бар ин, паҳншавии иттилооти бардурӯғ метавонад боиси аз байн рафтани эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ ва воситаҳои ахбори омма гардад. Вақте ки ҷомеа ба дақиқии хабарҳо ва маълумоти пешниҳодшуда шубҳа мекунад, ин метавонад боиси беэътимодӣ ба ҳукумат, судҳо, полис ва дигар сохторҳои муҳим гардад. Ин ҳолат махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ хатарнок аст, зеро суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар он ҷо зери таҳдиду хатарҳои гуногун қарор мегиранд. Инчунин, иттилооти бардурӯғ метавонад ба раванди қабули қарорҳои муҳим таъсири манфӣ расонад. Шахсоне, ки ба маълумоти нодуруст такя мекунанд, метавонанд қарорҳои хато қабул кунанд, ки ба ҳаёти шахсӣ, касбӣ ва иҷтимоии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Дар сатҳи давлатӣ ин метавонад ба сиёсати нодуруст ва ҳатто буҳронҳои сиёсӣ оварда расонад.

Яке аз мисолҳои равшани ин гуфтаҳо истифодаи иттилооти бардурӯғ дар шароити ба амал омадани низоъҳои байналмилалӣ мебошад. Дар чунин ҳолатҳо, таблиғот ва паҳн намудани маълумоти бардурӯғ метавонанд барои вайрон кардани симои душман ва эҷоди дарки манфии ҳам аҳолӣ ва ҳам ҷомеаи байналмилалӣ мақсаднок истифода шаванд. Ин метавонад ба бад шудани муносибатҳои дипломатӣ ва ҳатто шиддат гирифтани низоъҳои низомӣ оварда расонад. Бояд қайд кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ иттилоот фавран паҳн мешавад ва аз назорат ва танзими дуруст канорагирӣ мекунад [7, 121].

Нақши ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн кардани иттилооти бардурӯғ мушкилотро боз ҳам мураккабтар мекунад. Масалан, як қатор шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди «Twitter» ва «Facebook» ба мубодилаи фаврии иттилоот мусоидат мекунанд, аммо на ҳамеша эътимоднокии онро ба назар мегиранд. Вокуниши возеҳи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ташаккули вокунишҳои муассир ҷиҳати кам кардани таъсири маълумоти бардурӯғ талаб карда мешавад. Ин метавонад барномаҳои таълимиеро дар бар гирад, ки ба баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ ва тафаккури интиқодии аҳолӣ, инчунин, таҳияи қонунҳои сахттар барои мубориза бо паҳншавии иттилооти бардурӯғ нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, таъсири маълумоти бардурӯғ ба афкори ҷамъиятӣ ва суботи сиёсӣ диққати ҷиддӣ ва андешидани чораҳои саривақтиро талаб мекунад. Мушкилоти дар ин самт мавҷуда на танҳо таҳрифи иттилоот, балки қобилияти он барои оғози равандҳое мебошад, ки метавонанд ба амнияти миллӣ таҳдид кунанд. Фаҳмиши ин равандҳо калиди идоракунии

самараноки муҳити иттилоотӣ ва нигоҳ доштани суботи сиёсӣ дар ҷомеа мебошад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби созмонҳои экстремистӣ барои ҷалби аъзои нав ва паҳн кардани идеологияи худ торафт бештар истифода мешаванд. Онҳо имкониятҳои иттилоотии дастрас ва муассире мебошанд, ки барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо аудиторияи васеъ имкон медиҳанд. Созмонҳои экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи номзадҳои эҳтимолӣ маълумот ҷамъ мекунанд ва маъракаҳои паҳн сохтани маълумоти бардурӯғро мегузаронанд. Номуайянӣ ва осонии дастрасӣ ба ин платформаҳо ба гурӯҳҳои экстремистӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми дар пинҳон мондан дарки корбаронро идора кунанд.

Яке аз механизмҳои асосии мағзшӯйии корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ эҷоди мундариҷаи ҷолиб аст. Онҳо паёмҳои пурқудрати визуалӣ ва матниро дар бар мегиранд. Гурӯҳҳои экстремистӣ аксар вақт тасвирҳо ва видеоҳои аз ҷиҳати эмотсионалӣ ғаниро истифода мебаранд. Ин метавонад ҳам таблиғи зӯроварӣ ва ҳам ҳавасмандгардонии ҳаёти тарафдорони ин гурӯҳҳо бошад, ки дар аъзои нав дарки он, ки иштирок дар фаъолияти экстремистӣ интихоби дуруст аст, ташаккул меёбад [5, 99].

Усулҳои таблиғоте, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд, нақлҳо, ҳикояҳо, афсонаҳо дар бораи «муборизаи муқаддас» ва инчунин таҳрики тарсҳои ҷамъиятиро дар бар мегиранд. Экстремистҳо метавонанд рӯйдодҳои ҷорӣ ва мушкилоти иҷтимоиро барои ҷалби аъзои нав ба ғояҳои худ истифода баранд ва беадолатӣ, зулм ва зӯроварииро таъкид кунанд. Ин унсурҳои эҷодкорӣ робитаҳои сабабӣ эҷод мекунанд. Чунин тарзи муносибати онҳо идеологияи созмонҳои экстремистиро тақвият медиҳанд, дар натиҷа одамон зери таъсири идеологияи экстремистӣ зарурати амал карданро гӯё эҳсос мекунанд, ки ин аксар вақт ба радикализатсия оварда мерасонад.

Ҷанбаи дигари муҳим истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои эҷод ва нигоҳ доштани гурӯҳҳои маҷозӣ мебошад, ки дар он иштирокчиён қобилияти муошират, мубодилаи афкор ва ғояҳоро доранд ва барои ҷалби минбаъда замина мегузоранд. Тавассути чунин гурӯҳҳо мубодилаи маводди таълимӣ, дастурҳо барои омодагӣ ва иштирок дар амалҳои зӯроварӣ ё шаклҳои маҳдуди радикализатсия амалӣ карда мешавад. Ин байни иштирокчиён робитаҳои қавӣ эҷод мекунад ва ба ташаккули шабакаи боэътимоди дастгирӣ ва кумаки мутақобила мусоидат менамояд.

Инчунин, бояд истилоҳи «барангехтани кинаю адоват ва ҳисси нафрат», ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ фаъолона паҳн карда мешавад, ба назар гирифта шавад. Гурӯҳҳои экстремистӣ аксар вақт шабакаҳои иҷтимоиро барои паҳн кардани бегонапарастӣ, нафрати нажодӣ ва дигар

шаклҳои нафрат истифода мебаранд. Чунин омилҳо ҷомеаро дар маҷмуъ, нооро мекунанд. Ин нафрат на танҳо асоси идеология, балки воситаи сафед кардани зӯроварӣ алайҳи гурӯҳҳои мухолиф ҳисобида мешавад. Чунин амалияҳо баҳсҳои оммавиро ба вуҷуд меоранд, робитаҳои иҷтимоиро халалдор мекунанд ва ба барангехтани нафрат дар ҷомеа мусоидат мекунанд [9, 134].

Дар натиҷаи истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби корбарон ба сафи созмонҳои экстремистӣ ва пешбурди фаъолияти экстремистӣ, таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ вуҷуд дорад. Муҳити иттилоотии фазои маҷозӣ ба экстремистҳо имкон медиҳад, ки аз мониторинги анъанавӣ канорагирӣ кунанд ва инчунин ба онҳо имкон медиҳанд, ки ба тағйирёбии муҳити нав зуд мутобиқ шаванд. Ин барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони давлат, ки бояд чораҳои навро барои муқовимат ба ин таҳдид таҳия кунанд, мушкилот эҷод мекунад.

Шабакаҳои иҷтимоӣ торафт бештар ба арсаи ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои киберӣ ва содир кардани ҷиноятҳои марбут ба таъсиррасонии иттилоотӣ ва назарфиребии сиёсӣ табдил меёбанд. Онҳо ба ифротгароён ва гурӯҳҳои ҷиноӣ барои пешбурди муошират, паҳн кардани иттилоот ва омода кардани ҳамлаҳо дар шароити номуайянӣ ва назорати камтар шароит муҳайё мекунанд. Яке аз намунаҳои барҷастаи истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҳамлаҳои киберӣ ҳамла ба интихоботи ИМА дар соли 2016 мебошад. Дар ин ҳодисаҳо муайян карда шуд, ки ҳакерҳои рус «Facebook» ва «Twitter»-ро барои паҳн кардани маълумоти нодуруст ва вайрон кардани эътимод ба раванди интихоботӣ истифода кардаанд. Тафтишоти расмӣ нишон додааст, ки гурӯҳҳои махсус саҳифаҳои қалбакӣ таъсис дода, тавассути онҳо хабарҳои бардурӯғ ва хабарҳои иғвоангезро таблиғ кардаанд. Ин ба шиддати ҷомеа мусоидат кард ва эътимодро ба ниҳодҳои демократӣ коҳиш дод, ки онро ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ баррасӣ кардан мумкин аст [2, 48].

Инчунин, бояд маъракаи ҳамлаҳои киберӣ ба инфрасохтори Украинаро, ки дар солҳои 2015 ва 2016 рӯй дод, қайд кард. Як гурӯҳи тахрибӣ, ки бо номи «Fancy Bear» маъруф аст, шабакаҳои иҷтимоиро барои ҷамъоварии маълумоти иктишофӣ ва сохтани шабака барои ҳамоҳангсозии амалҳои худ истифода бурд. Дар натиҷаи ҳамлаҳои киберӣ дар соли 2015 таъминоти барқ дар Украинаи Ғарбӣ қатъ карда шуд ва дар соли 2016 бо мақсади таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ махзани маълумоти махфӣ рахна карда шуда, оммавӣ гардониша шуд [12, 87]. Ин ҳодисаҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна ҳамлаҳои киберӣ метавонанд шуури ҷамъиятиро идора кунанд ва ба оқибатҳои ҷисмонӣ оварда расонанд ва ба инфрасохтори муҳим таҳдид кунанд.

Киберҷинояткорӣ, дар навбати худ, инчунин, шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун воситаи ҷалби қурбониён фаъолона истифода мебарад. Зарару зиёни ҳамлаҳои қаллобон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ миллионҳо долларро ташкил медиҳанд. Бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷинояткорон профилҳои қалбакӣ ташкил мекунанд, то ки тавассути маълумоти шахсӣ ё амалиёти молиявӣ одамонро фиреб диҳанд. Масалан, пандемияи "COVID–19" боиси афзоиши ҳолатҳои қаллобӣ дар робита бо пешниҳодҳои эмкунӣ ва ёрии тиббӣ тавассути платформаҳои иҷтимоӣ гардид.

Ғайр аз ин, афзоиши кибербуллинг ва таҳқир дар шабакаҳои иҷтимоӣ диққати махсусро талаб мекунад. Беэҳтиётӣ ба маълумоти шахсӣ метавонад ба оқибатҳои ҷиддӣ, аз ҷумла осеби равонӣ дар қурбониён оварда расонад. Таъсири эҳсосии кибербуллинг метавонад на танҳо суботи психологии инфиродӣ, балки ягонагии иҷтимоию фарҳангиро низ халалдор кунад, дар байни гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ихтилоф эҷод кунад ва ҳолатҳои эҳтимолии низоъро ба вуҷуд орад [6, с.239]. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки чораҳои қатъӣ барои ҳифзи корбарон дар фазои маҷозӣ андешида шаванд. Ин бояд ҳам тавассути таҳияи қонунгузории муассир, ки ба рафтори зараровар дар шабакаҳои иҷтимоӣ муқобилат мекунад ва ҳам тавассути маърифатнокии корбарон амалӣ карда шавад. Маориф бояд тарзи шинохтан ва пешгирии ҳолатҳои кибербуллингро дар бар гирад, инчунин, таълим додани корбарон дар бораи усулҳои муҳофизат аз дуздӣ ва истифодаи беиҷозати маълумоти шахсӣ муҳим аст.

Ғайр аз ин, провайдерҳои хидматрасониҳои онлайнӣ бояд барои таъмини фазои бехатар ва муҳофизатшуда барои корбарони худ масъул бошанд. Онҳо бояд алгоритмҳои мураккаберо ҷорӣ кунанд, ки метавонанд рафтори шубҳанокро муайян кунанд ва онро сари вақт ба мақомоти дахлдор гузориш диҳанд. Ҳамчунин, ташкили хатҳои доимоамалкунандаи боварӣ барои қурбониёни кибербуллинг ва додани кӯмаки равонӣ ва ҳуқуқӣ муҳим аст. Дар ин раванд, ҳамкории байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Табодули таҷриба ва маълумот дар байни давлатҳо барои мубориза бо кибербуллинг ва дигар шаклҳои таҳқир дар шабакаҳои иҷтимоӣ зарур аст. Ин метавонад таҳияи протоколҳои умумии амали мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар гирад ва ин имкон медиҳад, ки парвандаҳои киберҷиноятҳоро фавран ва муассир таҳқиқ кунанд.

Дар охир, муҳим аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин масъала фаъолона ширкат варзад. Ташкили маъракаҳои маърифатнокӣ, семинарҳо ва чорабиниҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба ин масъала ва ташвиқ намудани рафтори масъулиятнок дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ зарур аст. Бо ҳамкорӣ ва талоши муштарак мо метавонем фазои маҷозиро ба ҷои бехатар

ва муҳофизатшуда барои ҳама табдил диҳем. Беҳтар кардани саводнокии рақамӣ низ муҳим аст. Шахсони алоҳида бояд малакаҳои арзёбии иттилоотро, ки дар интернет пайдо мекунанд, инчунин фаҳмиши умумии хатарҳои марбут ба мубодилаи маълумоти онлайнӣ, аз қабили фишинг ва дигар намудҳои қаллобиро дар худ инкишоф диҳанд. Ин метавонад тавассути барномаҳои таълимии мушаххас ва инчунин, тавассути дарсҳои мунтазам дар мактабҳо ва донишгоҳҳо амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҳамоҳангсозии ҳамлаҳои киберӣ ва амалҳои ҷиноятӣ ба амнияти миллӣ ба таври назаррас таҳдид мекунад. Зарурати таҳияи чораҳои муассир барои муқовимат ба чунин таҳдидҳо торафт муҳимтар мегардад, зеро технологияҳои иттилоотӣ таҳаввулоти худро идома медиҳад ва ҷинояткорон усулҳои худро барои дастрасии минбаъдаи корбарони нав ва баланд бардоштани самаранокии онҳо мутобиқ мекунанд.

Манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ ба яке аз стратегияҳои муассир дар раванди сиёсии муосир истифодашаванда табдил ёфтааст, алахусус бо истифодаи фаъолонаи шабакаҳои иҷтимоӣ. Ин платформаҳо воситаҳои пурқувватро барои ташаккул ва идоракунии дарки аҳолӣ таъмин мекунанд, ки метавонанд ба натиҷаҳои интихобот, рӯҳияи ҷамъиятӣ ва тағйипазирии иҷтимоӣ таъсири амиқ расонанд.

Усулҳои таъсиррасонии иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ аз таблиғоти пинҳонӣ то кӯшиши ба таври ошкоро паҳн намудани маълумоти бардурӯғро дар бар мегирад. Яке аз равишҳои маъмултарин эҷоди хабарҳои қалбакӣ мебошад, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн карда мешаванд. Чунин маъракаҳо метавонанд технологияҳои мақсадноки идора кардани корбаронро фаъолона истифода баранд ва ба ифротгароён ва гурӯҳҳои онҳо имкон диҳанд, ки гурӯҳҳои мушаххаси одамонро дар асоси манфиатҳо, маълумоти демографӣ ва ҳатто профилҳои психографии худ ҳадаф қарор диҳанд. Ин боиси афзоиши фазоҳои хурди иттилоотӣ мегардад, ки дар он корбарон танҳо маълумотеро мебинанд, ки ғаразҳо ва андешаҳои онҳоро тасдиқ мекунанд [11].

Ҷанбаи муҳимми манипулятсия истифодаи маводди аз ҷиҳати эмотсионалӣ ғанӣ, аз қабили тасвирҳо ва видеоҳое мебошад, ки тарс, хашм ё шодиро ба вуҷуд меоранд. Ин равишҳо аксар вақт дар маъракаҳои интихоботӣ истифода мешаванд, вақте ки диққати интихобкунандагонро ҷалб кардан лозим аст. Масалан, дар интихоботи президентии ИМА дар соли 2020 ба назарфиребии марбут ба масъалаҳои пандемия ва вазъи иқтисодӣ диққати зиёд дода шуд. Гурӯҳҳои сиёсӣ шабакаҳои иҷтимоиро барои паҳн кардани иттилооти нодуруст истифода бурданд. Дар ин раванд

онҳо далелҳоро таҳриф мекарданд ва эътимодро ба рақибон коҳиш медоданд [1, 88].

Ғайр аз ин, шабакаҳои иҷтимоӣ ташкил ва ҳамоҳангсозии маъракаҳои сиёсиро тавассути баланд бардоштани самаранокии онҳо осон мекунанд. Онҳо барои эҷоди дастгирӣ ва баланд бардоштани эътимод, ҷойгиркунии мундариҷа, мубоҳисаҳо ва мониторинги аксуламалҳои ҷамъиятӣ ва мутобиқ кардани стратегияҳо дар вақти воқеӣ истифода мешаванд. Тавассути таҳлили маълумот, гурӯҳҳои сиёсӣ метавонанд зуд муайян кунанд, ки кадом паёмҳо вокуниши бештарро ба бор меоранд ва дар асоси онҳо амалҳои худро танзим мекунанд.

Ин равиши ғаразнок ба иттилоот инчунин, таъсири манфии худро дар шакли афзоиши шиддати иҷтимоӣ ва радикализатсияи ҷомеа нишон медиҳад. Вақте ки гурӯҳҳо дар фазоҳои иттилоотии худ ба вуҷуд меоянд, ин боиси амиқтар шудани ихтилофот байни бахшҳои гуногуни аҳолӣ ва паст шудани арзёбии интиқодии иттилоот мегардад. Ҳамин тариқ, равандҳои интихоботӣ на танҳо барои овозҳо, балки барои афкори интихобкунандагон низ майдони мубориза мешаванд, ки дар натиҷа чунин тамоюлот ба тамоми системаи сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Хулоса, назарфиребии афкори ҷамъиятӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барои равандҳои демократӣ ва суботи умумии ҷомеа таҳдиди назаррас дорад. Иштироки шаҳрвандон дар равандҳои интихобот метавонад танҳо дар сурате таъсир расонад, ки онҳо ба маълумоти воқеӣ ва объективӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Аз ин рӯ, вазифаи сохторҳои давлатӣ, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ таҳияи равишҳо барои коҳиш додани таъсири иттилооти манипулятивӣ ва фароҳам овардани муҳит барои муҳокимаи мутавозини масъалаҳо мебошад.

Дар маҷмуъ, дар рафти таҳқиқи масъалаҳои дар боло овардашуда механизмҳои асосии таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ, инчунин, таҳдидҳое, ки дар натиҷаи паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ва таҷрибаҳои экстремистӣ ба вуҷуд меоянд, муайян карда шуданд. Яке аз бозёфтҳои асосӣ ин аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи тавоно барои идоракунии афкори ҷамъиятӣ хидмат мекунанд. Онҳо метавонад равандҳои демократиро мустақиман халалдор кунанд ва ба ноором шудани вазъи дохилии кишварҳо оварда расонанд. Аз ҷумла, истифодаи хабарҳои қалбакӣ ва иттилооти манипулятивӣ ташаннуҷи ҷомеаро афзоиш медиҳад ва дар асоси тасаввуроти бардурӯғ дар бораи воқеият муноқишаҳо ба вуҷуд меорад. Ғайр аз ин, хавфҳои ҷалби аъзои нав ба созмонҳои экстремистӣ тавассути чунин платформаҳо бояд аз мадди назар дур карда нашаванд. Зеро чунин зуҳурот на танҳо ба амнияти дохилӣ, балки ба ҳамкориҳои байналмилалии давлатҳо низ таҳдид мекунанд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, бояд стратегияи муқовимат ба таҳдиду хатари шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия карда шавад. Андешидани чораҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. *Таҳкими қонунгузорӣ.* Давлатҳо бояд санадҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқиеро таҳия ва татбиқ кунанд, ки ба назорати паҳншавии маълумоти бардурӯғ, манъ кардани қаллобӣ дар интернет ва таъмини масъулият барои кибербуллинг ва ба пешгирии таблиғоти экстремистӣ мусоидат кунанд. Ин бояд муқаррар кардани қоидаҳо барои фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ ва масъулияти онҳо барои танзими мундариҷаи иттилоотро дар бар гирад.

2. *Баланд бардоштани саводнокии иттилоотии корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ.* Ташаббусҳои таълимиро барои баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ дар байни шаҳрвандон оғоз кардан муҳим аст. Омӯзиш доир ба арзёбии интиқодии иттилоот, ошкор кардани хабарҳои қалбакӣ ва иғвоангез ба истифодаи бошууронаи иттилоот ва коҳиш додани таъсири он ба афкори одамон мусоидат хоҳад кард.

3. *Сохтани фазоҳои маҷозӣ барои пешбурди муколама.* Бо ин мақсад бояд платформаҳое сохта, ба истифода дода шаванд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва сиёсӣ бо иштироки коршиносон, намояндагони ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳокима карда мешаванд. Ин барои бартараф кардани нофаҳмиҳо, ғаразҳо ва беҳтар кардани ҳамбастагии иҷтимоӣ кӯмак хоҳад кард.

4. *Таҳияи технологияҳои мониторинг.* Бояд ба технологияҳое сармоягузорӣ кард, ки метавонанд маълумоти бардурӯғ ва таблиғоти экстремистиро дар шабакаҳои иҷтимоӣ самаранок муайян кунанд. Алгоритмҳое, ки метавонанд маълумоти бардурӯғро ошкор кунанд, инчунин схемаҳои манипулятсияро таҳлил кунанд, бояд ҷузъи калидии мубориза бо паҳншавии иттилооти зараровар бошанд.

Ин тавсияҳо на танҳо ба коҳиш додани оқибатҳои таҳдидҳои ҷорӣ, балки ба таҳкими ниҳодҳои демократӣ, баланд бардоштани устувории ҷомеа дар шароити паҳншавии иттилооти бардурӯғ мусоидат мекунанд. Муқовимат ба ин таҳдидҳо муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Ин раванд ҳам чораҳои ҳуқуқӣ ва ҳам ҷамъиятиро дар бар мегирад. Дар ниҳояти кор, амният дар фазои иттилоотӣ талошҳои муштараки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро талаб мекунад. Дар ин раванд ҳукумат, ширкатҳои хусусӣ, доираҳои илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд иштироки фаъол дошта бошанд.

## АДАБИЁТ

1. Ахременко А.С. Сеть или текст? Факторы распространения протеста в социальных медиа: теория и анализ данных [Текст] / А.С.

Ахременко, Д.К. Стукал, А.П. Петров // Полис. Политические исследования. – 2020. – № 2. – С. 73–91.

2. Башева О.А. Цифровой активизм как новый метод гражданской мобилизации [Текст] / О.А. Башева // Научный результат. Социология и управление. – 2020. – Т.6. – № 1. – С. 41-57.

3. Гафиатулина Н.Х. Социальное здоровье и восприятие рисков студенческой молодежью Юга России (на материалах социологического опроса в г. Ростов-на-Дону) [Текст] / Н.Х. Гафиатулина, Л.В. Тарасенко, С.И. Самыгин, С.Ю. Елисеева // Анализ риска здоровью. – 2017. – № 4. – С. 66-75.

4. Гольбрайх В.Б. Социальные сети как ресурс для институционализации общественного движения (на примере конфликта вокруг строительства мусорных полигонов в Архангельской области) [Текст] / В.Б. Гольбрайх // Власть и элиты. – 2020. – Т.7. – № 1. – С. 183-203.

5. Гомилевская Г.А. Специфика использования социальной сети TikTok как инструмента формирования имиджа территории Приморского края [Текст] / Г.А. Гомилевская, А.Р. Коростылева // Территория новых возможностей. Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. – 2021. – Т.13. – №1. – С.93-104.

6. Иванюшина В.А. Антишкольная культура и социальные сети школьников [Текст] / В.А. Иванюшина, Д.А. Александров // Вопросы образования. – 2013. – № 2. – С. 233–251.

7. Кононова О.В. Изучение социокультурного интернет-пространства города через анализ поведения пользователей в системах социального обмена [Текст] / О.В. Кононова, Д.Е. Прокудин, Е.Г. Гаевская, А.И. Козырева // Информационное общество: образование, наука, культура и технологии будущего. – 2022. – № 6. – С.111–128.

8. Корчажкина О.М. Как гаджеты и социальные сети «моделируют» мышление незрелой личности [Текст] / О.М. Корчажкина // Информационное общество: образование, наука, культура и технологии будущего. – 2018. – № 2. – С. 281-296.

9. Креховец Е.В. Социальные сети студентов: факторы формирования и влияние на учебу [Текст] / Е.В. Креховец, О.В. Польдин // Вопросы образования. – 2013. – № 4. – С.127-138.

10. Кузьмин А.А. Национальная безопасность, роль и место гражданской обороны в системе ее обеспечения [Текст] / А.А. Кузьмин, В.В. Панченков, В.В. Симонов // Вестник Университета гражданской защиты МЧС Беларуси. – 2018. – Т.2. – № 2. – С. 243-255.

11. Никифоров А.А. Возможности и ограничения протестной мобилизации через социальные сети [Текст] / А.А. Никифоров // Право и политика. – 2014. – №12. – С.1903-1909.

12. Рослякова М.В. Социальные сети в профессиональной деятельности государственных служащих: российская практика и зарубежный опыт [Текст] / М.В. Рослякова // Социодинамика. – 2019. – № 9. – С. 82-99.

13. Савенков В.Д. Социальные медиа как блог-платформы [Текст] / В.Д. Савенков // Социодинамика. – 2018. – № 6. – С.9–20.

14. Селезенев Р.С. Социальные сети в контексте мировой политики: актор или инструмент? [Текст] / Р.С. Селезенев // Международные отношения. – 2016. – № 3. – С. 215–226.

15. Сергеев К.В. «Периферийное знание» в дискурсе креативности: социальные сети интересного [Текст] / К.В. Сергеев // Полис. Политические исследования. – 2003. – № 1. – С. 50-62.

16. Сирмаи Э. От свободного университета до #Freeuniversity: активизм студентов и преподавателей в офлайн- и онлайн-пространстве в Венгрии [Текст] / Э. Сирмаи // Мониторинг общественного мнения: экономические и социальные перемены. – 2021. – № 6 (166). – С.171-202.

17. Солдатова Г.У. Особенности межличностных отношений российских подростков в социальных сетях [Текст] / Г.У. Солдатова, О.И. Теславская // Национальный психологический журнал. – 2018. – № 3 (31). – С.12-22.

18. Сухарев М.В. Идеоматериальные полисистемы и национальная безопасность: системно-исторический подход [Текст] / М.В. Сухарев // Национальная безопасность / Nota Bene. – 2019. – №3. – С.23–37.

19. Тихонова С.В. Социальные сети: проблемы социализации Интернета [Текст] / С.В. Тихонова // Полис. Политические исследования. – 2016. – № 3. – С.138-152.

20. Шумов В.В. Общественная и национальная безопасность: анализ, моделирование и верификация [Текст] / В.В. Шумов // Политика и общество. – 2015. – № 3 (123). – С. 303–319.

# СОЦИАЛЬНЫЕ СЕТИ КАК ФАКТОР ВОЗДЕЙСТВИЯ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ

**НУРИДДИНЗОДА САЙДЖАМОЛИДИН ХАЙДАР**,
кандидат политических наук, соискатель-докторант кафедры политологии Кулябского государственного университета имени А.Рудаки
735360, Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С.Сафарова 16;
тел.:( +992) 988-50-00-08; e-mail: mp.kulob@mail.ru

*В эпоху цифровой глобализации социальные сети стали неотъемлемой частью повседневной жизни, оказывая существенное влияние на все сферы общества, в том числе и на национальную безопасность. Данная статья посвящена комплексному анализу социальных сетей как фактора воздействия на национальную безопасность, рассматривая как позитивные, так и негативные аспекты их влияния. В работе исследуются возможности использования социальных сетей для распространения дезинформации, пропаганды экстремистских идей, организации протестных движений, кибершпионажа и других видов деструктивной деятельности, представляющих угрозу для национальной безопасности. Особое внимание уделяется анализу механизмов формирования и распространения фейковых новостей, а также роли социальных сетей в радикализации молодежи и активизации террористических группировок. В статье также рассмат-риваются возможности использования социальных сетей для укрепления национальной безопасности, включая оперативное информирование населения о чрезвычайных ситуациях, борьбу с дезинформацией, мониторинг общественного мнения и выявление потенциальных угроз. Анализируются стратегии и методы, используемые государственными органами и организациями для защиты национальных интересов в социальных сетях. В заключение предлагаются рекомендации по совершенствованию законодательства и разработке эффективных мер по противодействию негативному влиянию социальных сетей на национальную безопасность, а также по использованию их потенциала для укрепления национальной безопасности и обеспечения устойчивого развития общества.*

***Ключевые слова:*** *социальные сети, национальная безопасность, дезинформация, пропаганда, киберугрозы, экстремизм, защита информации.*

## SOCIAL NETWORKS AS A FACTOR INFLUENCING NATIONAL SECURITY

**NURIDDINZODA SAYJAMOLIDIN HAYDAR,**
Candidate of Political Sciences, applicant of the Department of Political Science of the Kulob State University named after A. Rudaki
735360, Tajikistan, Khatlon region, Kulob city, S. Safarov street, 16;
tel.: (+992) 988-50-00-08; e-mail: mp.kulob@mail.ru

*In the context of globalization of digital technologies, social networks have become an integral part of people's daily lives and have a significant impact on all spheres of society, including national security. This article is devoted to a comprehensive analysis of social networks as a factor influencing national security, which includes both positive and negative aspects of their impact. The article*

*examines the possibilities of using social networks to spread false information, propagate extremist ideas, organize protest movements, conduct cyber espionage, and carry out other types of destructive activities that threaten national security.*

*Special attention is paid to the analysis of the mechanisms of formation and dissemination of fake news, as well as the role of social networks in the radicalization of youth and the activation of terrorist groups. The article also examines the possibilities of using social networks to strengthen national security, including prompt information to the population about emergency situations, combating disinformation, monitoring public opinion, and identifying potential threats.*

*The strategies and methods used by state bodies and organizations to protect national interests in social networks are analyzed. The article concludes with practical recommendations for improving legislation and developing effective measures to counter the negative impact of social networks on national security, using their potential to strengthen national security, and ensuring sustainable development of society.*

***Keywords:*** *social media, national security, disinformation, propaganda, cyber threats, extremism, information security.*

**УДК: 327:341.123(4+55)**

# МУНОСИБАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ВА ЭРОН ДАР ЧОРЧӮБИ СОЗИШНОМАИ БАРҶОМ

**МАДИМАРОВА ГУЛҲАЁ МАДИМАРОВА,**
ходими калони илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
734018, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: (+992) 935-081-989; e-mail: gulhayomadimar@gmail.com

*Дар мақола равобити Эрон ва Иттиҳоди Аврупоро дар заминаи барномаи ҳастаии Эрон таҳлил шудааст. Мувофиқи таҳқиқот, Иттиҳоди Аврупо ҳамчун миёнарав ва актори муҳим дар музокироти ҳастаӣ нақши калидӣ дорад, ки тавассути Созишномаи Барномаи ҷамъи иқдоми муштарак (БАРҶОМ) соли 2015 ин нақш тақвият ёфт. Созишномаи мазкур ба мувозинати геополитикӣ ва суботи минтақавӣ мусоидат намуд, вале таҳримҳои ИМА дар соли 2018 шиддат ва мушкилотро дар муносибатҳо афзуданд. Иттиҳоди Аврупо бо истифода аз дипломатия, стратегияҳои гуногун ва дастгирии техникию молиявӣ талош мекунад, ки музокиротро нигоҳ дошта, равобити иқтисодӣ ва сиёсиро бо Эрон тақвият бахшад. Муносибатҳои Эрон ва Иттиҳоди Аврупо намунаи барҷастаи дипломатияи бисёрҷониба буда, дар баробари таҳримҳо роҳҳои ҳалли мушкилот ва ҳамкориҳои мутақобиларо ҷустуҷӯ мекунад. Ин раванд нишон медиҳад, ки Иттиҳоди Аврупо нақши муҳиме дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳифзи субот дар минтақаи Ховари Миёна мебозад.*

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Аврупо, Эрон, барномаи ҳастаӣ, БАРҶОМ, дипломатия, таҳримҳо, геополитика, субот, ҳамкорӣ, музокирот, иқтисод, амният, Ховари Миёна.*

Дар солҳои охир муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон[2] ва Иттиҳоди Аврупо яке аз мавзуъҳои муҳимми пажӯҳишҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ гардидааст. Ҳарчанд муносибатҳои таърихии ин давлат бо кишварҳои аврупоӣ, бахусус се кишвари асосии минтақа–Фаронса, Олмон ва Британияи Кабир дорои таърихи тулонӣ мебошад, аммо равобити бо худи Иттиҳоди Аврупо пас аз таъсисёбии он шакли ҷиддитар пайдо кард. Дар аввалҳои соли 2010 мавзуи ҳамкориҳои Эрон бо Иттиҳоди Аврупо яке аз масъалаҳои муҳимму афзалиятноки сиёсати хориҷии Эрон буд. Дар шароити пас аз таҳаввулоти ҷаҳонӣ, сиёсати хориҷии Эрон ба дунболи роҳандозии ҳамкории фаъол ва мутақобила бо маҷмуаи амниятии Иттиҳоди Аврупо

[2] Минбаъд Эрон

равона мегардад. Муносибатҳои Эрон ва Иттиҳоди Аврупо аз аввал ба мувозинатҳо ва тағйироти зиёд мувоҷеҳ буданд аз танишҳои сиёсӣ пас аз Инқилоби исломӣ ва ҳодисаҳои муҳим мисли парвандаи Миконус[3], то ҳамкориҳои нисбатан иқтисодӣ пеш аз шиддатёбии бухрони ҳастаии (атомии) Эронро дар пай дорад. Ҳассосияти Аврупо нисбат ба барномаи ҳастаии Эрон ва махсусан, таҳримҳои сахти татбиқшуда дар соли 2012, зарбаи бузург ба муносибатҳои дуҷониба задааст, таҳримҳое, ки таъсири амиқе бар иқтисоди Эрон, бахусус дар бахши нафт ва тиҷорат доштанд. Бо вуҷуди ин, Созишномаи Барномаи ҷамъи иқдоми муштарак (БАРҶОМ) соли 2015 марҳалаи муҳимме дар ин муносибатҳо буд ва Иттиҳоди Аврупо ҳамчун узви асосии созишнома нақши муҳим дар кам кардани таҳримҳои иқтисодӣ ва молиявӣ алайҳи Эрон иҷро намуд. Аммо, аз тарафи дигар, монеаҳо ва халалрасониҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, махсусан, фишор бар ширкатҳо ва бонкҳои калони аврупоӣ, ҳамчунон монеи густариши муносибатҳо боқӣ мемонад.

Бо иштироки худ дар музокирот ва ба имзо расонидани созишномаи минбаъда, Иттиҳоди Аврупо омодагии худро барои иштироки фаъолона дар сатҳи баландтарин доир ба масъалаҳои сиёсати амнияти глобалӣ нишон дод. Илова бар ин, Иттиҳоди Аврупо возеҳ таъкид кард, ки мувофиқи доктринаи амнияти худ аз соли 2003, ӯ ҷонибдори ҳама гуна ташаббусҳоест, ки ба паҳн нашудани силоҳҳои қатли ом нигаронида шудаанд. Холӣ будани минтақаи Ховари Миёна аз силоҳи ҳастаиро Иттиҳоди Аврупо яке аз вазифаҳои муҳими худ ҳамчун як актори муҳимми минтақавӣ медонист. Масалан, муҳаққиқон В.Андрейко ва Т.Плеханов дар мақолаи ҳаммуаллифиашон доир ба "Барномаи ҳастаии Эрон дар низоми манфиатҳои геополитикӣ” қайд менамоянд, ки Иттиҳоди Аврупо кӯшиш мекунад, ки тавассути дипломатия ва созишномаҳо, ба монанди БАРҶОМ, тавозуни геосиёсиро ҳифз кунад ва паёмадҳои манфии эҳтимолии онро пешгирӣ намояд [1,150]. Яъне бо имзои Созишномаи БАРҶОМ ва миёнҷигиаш Иттиҳоди Аврупо нақши худро на танҳо дар муносибатҳои дуҷониба, балки минтақа ва ҷаҳон низ нишон дод. Муҳақиқони зиёди соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳони нисбат ба ин қазия изҳори назар кардаанд. Масалан, муҳаққиқ Павел Турчинский бар он андеша аст, ки Барномаи атомии Эрон ва талошҳои Иттиҳоди Аврупо барои ҳифзи тавозуни геосиёсӣ дар давраи 2005–2015 бо фишори сиёсию иқтисодӣ ва пешниҳодҳои ҳамкорӣ дар соҳаи таҳқиқоти атомӣ анҷом ёфт, ки бо созишномаи июли 2015 хулоса гардид [2, 249]. Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯби Барномаи ҷамъи иқдоми муштарак

[3] Парвандаи Миконос (1992) парвандаи додгоҳӣ дар Юнон буд, ки дар он ҳукумати Эрон барои даст доштан дар қатли сиёсӣ дар хориҷа масъул дониста шуд. Ин парванда намунаи муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъсири он ба равобити дипломатӣ маҳсуб мегардад.

(БАРҶОМ–JCPOA), ки соли 2015 имзо шуд, кӯшиш кард барои ба эътидол овардани муносибатҳо бо Эрон ва маҳдуд сохтани имконоти эҳтимолии истеҳсоли силоҳи ҳастаӣ, як равиши мувозинатнок ва ҳуқуқиро амалӣ кунад. Он бо иқтидори сиёсиву иқтисодӣ ва таҷрибаи дипломатӣ дар бартараф кардани мушкилоти байналмилалӣ кӯшиш кард, ки тавассути музокирот ва дипломатия роҳи ҳалли мусолимтомезро бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар масъалаи барномаи ҳастаии Эрон пайдо кунад. Дар ин раванд Комиссияи Муштарак барои назорат бар иҷрои Созишномаи ҳастаӣ таъсис дода шуд, ки Иттиҳоди Аврупо ҳамчун координатор ва пешсаф дар назорати иҷрои Созишномаи БАРҶОМ, дар чорчӯбаи ду гурӯҳи корӣ, яке барои харидҳо ва дигаре барои татбиқи лағви таҳримҳо нақши калидӣ бозид [5, 67].

Ҳокимияти дипломатӣ расман дар ҳуқуқи байналмилалӣ сабт шуд, вақте ки Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид БАРҶОМ-ро тасдиқ кард ва қарорномаи Созишномаи амниятии Созмони Миллали Муттаҳид № 2231-ро қабул намуд [17]. Чор вохӯрӣ дар сатҳи мудирони сиёсӣ аз кишварҳои узви БАРҶОМ бо муовини Дабири кулли Хадамоти амалиёти хориҷии Иттиҳоди Аврупо Ҳелга Шмид ва як вохӯрӣ дар сатҳи вазирон таҳти раёсати намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо Федерика Могерини дар чорчӯби Маҷлиси Умумии СММ соли 2016 баргузор шуданд.

Дар ин созишнома Эрон розӣ шуд, ки барномаи ҳастаии худро маҳдуд намуда ва барои таҳқиқоти байналмилалӣ шаффоф бошад. Дар иваз, таҳримҳои иқтисодӣ барҳам дода шуданд. Бо ин роҳ Эрон имкон ёфт, то ба бозорҳои байналмилалӣ, бахусус аврупоӣ, дастрасӣ пайдо кунад ва сармоягузории хориҷиро ҷалб намояд. Инчунин, дар соҳаи бонкдорӣ, нафту газ ва тиҷорати озод роҳҳо боз шуданд. Аз ҳама муҳим, ин созиш Эронро аз таҳдиди ҷанг ва шиддату таниши сиёсӣ то андозае раҳо кард. Аммо соли 2018 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ин созишнома хориҷ шуд ва таҳримҳои сахтро бар Эрон бозгардонд, ки боиси шиддат гирифтани танишҳо гардид. Бо вуҷуди ин, Иттиҳоди Аврупо талош дорад, ки созишнома боқӣ монад ва дар роҳҳои дипломатӣ барои ҳалли мушкилот фаъол бошад. Иттиҳоди Аврупо бо истифода аз қудрати иқтисодӣ, эътибори дипломатӣ ва таъсир ба ИМА, кӯшиш мекунад, ки барномаи атомии Эронро бо такя ба ҳамкории бештар ва фишори дипломатӣ, ҳифз ва тавозуни геосиёсиро таъмин кунад [8, 157]. Иттиҳоди Аврупо дар баробари тавсеаи таҳримҳо алайҳи Эрон, кӯшиш мекард, ки дар канори фишорҳо роҳи музокиротро низ нигоҳ дорад ва бо тавзеҳоти амиқ ва баррасии талаботи тарафайн барои расидан ба созишнома саҳмгузорӣ намояд. Чунонки зикраш рафт, Иттиҳоди Аврупо нақши миёнаравро дар музокироти байни Эрон ва Гурӯҳи 1+5 (ИМА, Русия, Чин, Британия, Фаронса ва Олмон) мебозад. Ҳадаф ин буд, ки тавассути созишномаи муштарак, ки бо номи Барномаи ҷамъи иқдоми муштарак

(БАРҶОМ) маъруф аст, назорат бар барномаи атомии Эрон таъмин шавад ва таҳримҳои иқтисодӣ барҳам хӯранд. Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Эрон дар масъалаи неруи атомӣ намунаи возеҳи ҳамкориҳои мураккаби дипломатӣ мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ замина мегузоранд. Дахолати Иттиҳоди Аврупо дар шаклгирии дипломатияи ҳастаии Эрон нақши ҳалкунанда бозид, аммо набудани як созишномаи ҳуқуқии ҳатмӣ ва фишорҳои беруна, бахусус, аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, боис гардид, ки равобит ноустувор боқӣ монад ва бухрон тулонӣ шавад. Кӯшишҳои Иттиҳоди Аврупо барои ба даст овардани як роҳи ҳалли дипломатӣ бо монеаҳо мувоҷеҳ шуданд, аз ҷумла, ҳадафҳои стратегии Эрон, таъсири ИМА ба сиёсатҳои Иттиҳоди Аврупо ва тафсирҳои мухталиф дар бораи он ки кадом фаъолиятҳои ҳастаӣ дар чорчӯби низоми пахн нашудани силоҳҳои ҳастаӣ қонунӣ ҳастанд [3, 32].

Аз назари муҳақиқони дохилӣ, яъне Эрон, Иттиҳоди Аврупо, ки яке аз дороёни муҳимми фанноварӣ, дониш ва бозори бузурги содирот ва воридоти ҷаҳонӣ буда, барои Эрон аз аҳаммияти хос иборат аст. Онҳо бар онанд, ки ҳамкориҳои бисёрҷониба, талоши пайваста ва зарурати дастёбӣ ба роҳҳалҳои муштарак барои мушкилоти умум, махсусан, дар замоне ки низоми байналмилалӣ ҳанӯз устувор нест, равобити дипломатӣ бо Иттиҳоди Аврупо дар ин раванд нақши муҳим мебозад [5, 69]. Худи Иттиҳоди Аврупо низ кӯшиш кард, ки тавассути дипломатия ва музокироти гуногунҷабҳа таҳримҳои иқтисодиро, ки ба аҳолии Эрон таъсири манфӣ доранд, батадриҷ сабуктар кунад ва бо ин роҳ фазои ҳамкориро беҳтар созад. Иттиҳоди Аврупо, ки нақши миёнаравро мебозад, дар таҳкими ин созишнома, ба ҷуз муколамаҳои сиёсӣ, тавассути дастгирии техникӣ ва молиявӣ низ нақши муҳим дорад. Аз ҷумла, тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногун, ки беш аз 5 миллион евро маблағгузорӣ шудаанд, бо мақсади тақвияти назорати бехатарии атомӣ ва беҳбуди сохторҳои танзимгарӣ дар Эрон ҳамкорӣ мекунад [9].

Ин лоиҳаҳо ба таври возеҳу равшан нишон медиҳанд, ки ҳамкории Иттиҳоди Аврупо ва Эрон бештар аз як созишномаи сиёсӣ аст ва ба амалӣ намудани стандартҳои ҷаҳонии бехатарӣ ва илмии атомӣ равона шудааст. Бо амалӣ шудани Созишномаи БАРҶОМ ва лағви таҳримҳои иқтисодӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо, муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии ду ҷониб аз нав барқарор шуданд. Пеш аз таҳримҳо, Иттиҳоди Аврупо яке аз шарикони асосии иқтисодии Эрон буд ва пас аз имзои созишнома тиҷорати дуҷониба қариб ду маротиба афзоиш ёфт. Ҳамзамон, Иттиҳоди Аврупо барои мусоидат ба воридшавии Эрон ба созмонҳои ҷаҳонии тиҷоратӣ, аз ҷумла Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ), кумак мерасонад. Дар ин роҳ, ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, туризм, кишоварзӣ ва саноат васеътар шудааст.

Ҳамчунин, дар ин замина муҳаққиқон бар он назаранд, ки Барномаи ҳастаии Эрон ва талошҳои Иттиҳоди Аврупо барои ҳифзи тавозуни геосиёсӣ боиси муҳиммияти Эрон дар сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо, хусусан дар муқобили Чин, Русия ва ИМА ва эҳтиёҷ ба равобити мутақобила мебошад. Дар заминаи сиёсат, муносибатҳои байнимиллатӣ ва муҳити геополитикии минтақа, равобити Эрон бо кишварҳои дигар, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Арабистони Саудӣ, таъсири мустақим мерасонанд. Аммо Иттиҳоди Аврупо бо “Стратегияи 4С” (Comprehensive, Cooperative, Critical, Constructive) тавонистааст як равиши мураккаб ва мутавозин барои идомаи муносибатҳо бо Эронро ташкил диҳад, ки дар он ҳам корбурд ва ҳам интиқоди сохторӣ ҷой доранд. Пажушиҳгарони масоили геополитика дар Ховари Миёна бар онанд, ки Барномаи атомии Эрон метавонад тавозуни геосиёсиро дар Осиёи Ғарбӣ тағйир диҳад ва боиси шиддат гирифтани рақобат байни кишварҳо, аз ҷумла Арабистони Саудӣ, ки барои ҳифзи манфиатҳои худ талош меварзад, гардад, аммо Иттиҳоди Аврупо, кӯшиш мекунад, ин мушкилотро ҳал намояд [7,256].

Агарчи итминон надоштан ва печидагиҳо дарояндаи Иттиҳоди Аврупо дар сиёсати ҷаҳонӣ мавҷуд аст, вале як воқеияти инкорнопазир ин аст, ки новобаста ба оянда, Иттиҳоди Аврупо ба хотири муваффақияташ дар ваҳдати фарҳангҳо, сиёсатҳои гуногун ва ташкили як ҳувияти аврупоӣ яке аз муассиртарин созмонҳои байналмилалӣ мебошад. Бар асоси ҳамин воқеиятҳо, сиёсати хориҷии фаъол ва динамикии Эрон, бо дарназардошти дурнамои мутақобилаи равобит, махсусан, бар пояи санадҳои стратегии муҳим, мисли "Дурнамои бистсола"-и ин кишвар, нигоҳе амиқ ва чандҷониба ба Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи байналмилалӣ дорад. Эрон ва Иттиҳоди Аврупо ду актори муҳим дар низоми байналмилалӣ ба шумор меравнд. Ин масъала аз тарафи коршиносони зиёд ва ниҳодҳои байналмилалӣ аллакай таъйид шудааст.

Ҳамин тавр, таҳлили равандҳои ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Эрон дар робита ба барномаи ҳастаӣ нишон медиҳад, ки Иттиҳоди Аврупо дар давоми зиёда аз 15 сол ҳамчун як неруи кафолатдиҳандаи дипломатияи чандҷониба ва сиёсати таҳаммулгаро баромад кард. Дар ҳар марҳала аз ибтидои “Eu-3” то амалигардонии Созишномаи БАРҶОМ, Иттиҳоди Аврупо кӯшиш кардааст бо роҳи муколама, қонунмандӣ, эътимодсозӣ ва ҳамкории иқтисодӣ як роҳи алтернативӣ пешниҳод кунад. Ин раванд на танҳо созишномаи сиёсӣ ва назоратӣ, балки ҳамкории техникии амиқ, таҷрибаомӯзӣ, бозсозии иқтисодӣ ва тақвияти иртиботҳои фарҳангиро дар бар мегирад.

Хулоса, равобити сиёсиву дипломатии Иттиҳоди Аврупоро ва Эрон дар қаринаи Барномаи ҳастаии Эрон ва Барномаи ҷамъи иқдоми муштарак

(БАРҶОМ) аз марҳалаҳои гуногун бо тағйири вазъи сиёсӣ ва геополитикӣ тавҳам аст. Дар аввали соли 2014 муносибатҳои байни Эрон ва Иттиҳоди Аврупо дар руҳияи ҳамкории фаъол ва эҳтиётӣ бо дарназардошти таҳримҳои сахт ва шиддати сиёсии байналмилалӣ қарор доштанд. Иттиҳоди Аврупо ҳамчун як бозигари мустақил ва миёнарав дар сатҳи байналмилалӣ нақши муҳимме дар равандҳои музокиротӣ ва дипломатӣ бозид, ки бо таъсиси Созишномаи БАРҶОМ дар соли 2015 ба куллӣ таҳаввул ёфт. Бо имзои БАРҶОМ, Иттиҳоди Аврупо кӯшиш намуд тавассути дипломатия ва ҳамкорӣ барномаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эронро дар чорчӯби ҳуқуқи байналмилалӣ ва мувозинати геополитикӣ идора кунад ва ба таври ҳамзамон таҳримҳои иқтисодиро сабук намуда, имкониятҳои тиҷоратӣ ва сармоягузориро барои Эрон боз намояд. Иттиҳоди Аврупо тавассути ин созишнома на танҳо робитаҳои дуҷониба, балки равандҳои амниятӣ ва иқтисодии минтақавиро таҳким бахшид ва нишон дод, ки музокироти бисёрҷониба ва ҳамгироӣ роҳи муассири ҳалли мушкилоти глобалӣ мебошанд. Бо вуҷуди саҳми муҳим ва таъсири дипломатии Иттиҳоди Аврупо, қудрат ва манфиатҳои якҷонибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки дар соли 2018 аз Созишномаи БАРҶОМ хориҷ шуд ва таҳримҳоро баргардонид, равобитро мураккаб ва ноустувор сохт. Ин ҳолат таъкид мекунад, ки равобити Эрон ва Иттиҳоди Аврупо дар муҳити ниҳоят мураккаби геополитикӣ қарор дорад, ки дар он таъсири кишварҳои бузурги ҷаҳонӣ ва манфиатҳои минтақавӣ нақши асосӣ мебозанд. Муҳимтарин дастоварди ин раванд дар он аст, ки Иттиҳоди Аврупо тавонист нақши фаъоли миёнаравиро дар музокироти ҳастаӣ нигоҳ дорад ва тавассути дипломатия ва ҳамкории иқтисодӣ як роҳи муваффақи бисёрҷонибаро барои ҳалли як масъалаи глобалӣ пешниҳод кунад. Ин раванд дар заминаи муколама, эътимодсозӣ ва ҳамкорӣ пайваста таҳаввул ёфта, намунаи олии дипломатияи муосир ва мутақобилан судмандро намоиш дод. Дар маҷмуъ, равобити Эрон ва Иттиҳоди Аврупо дар мавриди барномаи ҳастаӣ ба таври возеҳу равшан нишон медиҳад, ки ҳарчанд таҳримҳо ва таъсири сиёсати якҷонибаи кишварҳои бузург мушкилоти зиёд эҷод мекунанд, дипломатияи бисёрҷониба ва ҳамкории иқтисодӣ метавонад роҳи ҳалли устувор ва оқилона пешниҳод намояд. Иттиҳоди Аврупо ҳамчун актори муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ дар минтақа ва дар арсаи байналмилалӣ нақши таъйинкунанда дорад ва дар баробари дигар қудратҳои ҷаҳонӣ барои ҳифзи субот ва амнияти байналмилалӣ фаъолият мекунад. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ҳадафи Иттиҳоди Аврупо дар робита бо Эрон на танҳо ҳифзи манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо, балки ташаккули мувозинат ва амнияти минтақавӣ мебошад, ки ба таъмини суботи дарозмуддат дар минтақаи Ховари Миёна ва ба куллӣ дар ҷаҳон мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Андрейко В., Плехова Т. Иранская ядерная программа в системе геополитических интересов // Вестник Ужгородского национального университета. -2024. -№ 2(33). –С. 147–157.
2. Turczyński P. Rola Unii Europejskiej wnegocjacjach nad irańskim programem atomowym // Uniwersytet im. Adama Mickiewicza w Poznaniu.- Wrocław: University of Wrocław, 2015. -№ 9. -P. 241–264.
3. Matthias, Jade. Power Politics and Nuclear Weapons: A Geopolitical Analysis of Iran's Nuclear Program // Rwanda: Post-Genocide Restoration and Peacebuilding. - 2024. - № 2(3). –P. 3–45.
4. European Parliament. Sections 6 and 7 of Annex IV of the JCPOA. 14th July 2015. [Манбаъи электронӣ] https://www.europarl.europa.eu/cmsdata/ (Санаи мурочиат: 12.10.2025).
5. Хушандом Б. Иттиҳоди Аврупо ва идоракунии масъалаи ҳастаии Ҷумҳурии Исломии Эрон: таҳлили равандҳо ва оянданигарии манфиатҳо // Роҳи стратегия. –2015.-№ 75. – С. 53–84.
6. Niknami R. Iran and the EU: The Role of Geostrategic Factors in the Post-JCPOA Era // Palgrave Macmillan, Singapore. -2021. p. 317–340.
7. Ismail M. Iran's Nuclear Program: Regional Implications and Possible Outcomes // Asian Politics & Policy.- 2015.- № 7(2). p. 245–263.
8. Тормӣ К., Мурадӣ И. Баррасии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон нисбат ба Иттиҳоди Аврупо дар се даҳаи охир // Фаслномаи таҳқиқоти равобити байналмилалӣ. –2015. – № 28. –С. 133–166.
9. Tehran Times. Post-JCPOA trade with EU up 79%.: [Захираи электронӣ] https://www.tehrantimes.com/news/413009 (Санаи мурочиат: 09.10.2025).
10. Tasnim News. Iran, EU Ink First Ever Nuclear Safety Cooperation Project: [Захираи электронӣ] https://www.tasnimnews.com/en/news/ 2017/04/18/1383183) (Санаи мурочиат: 03.10.2025).


## ОТНОШЕНИЯ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА И ИРАНА В РАМКАХ СОГЛАШЕНИЯ ПО ЯДЕРНОЙ ПРОГРАММЕ (JCPOA)


**МАДИМАРОВА ГУЛХАЁ МАДИМАРОВНА,**

старший научный сотрудник отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

734018,Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33;

тел.: (+992) 935-081-989; e-mail: gulhayomadimar@gmail.com



*В статье анализируются отношения между Ираном и Европейским Союзом в контексте иранской ядерной программы. Согласно исследованию, Европейский Союз играет ключевую роль в ядерных переговорах как посредник и независимый игрок, что было укреплено благодаря Совместному*

*всеобъемлющему плану действий (СВПД) 2015 года. Это соглашение способствовало геополитическому балансу и региональной стабильности, однако санкции США 2018 года усилили напряженность и проблемы в отношениях. Европейский Союз, используя дипломатию, различные стратегии, а также техническую и финансовую поддержку, стремится поддерживать переговоры и восстанавливать экономические и политические связи с Ираном. Отношения между Ираном и ЕС являются ярким примером многосторонней дипломатии, которая, несмотря на санкции, ищет пути решения проблем и взаимовыгодного сотрудничества. Этот процесс демонстрирует важную роль ЕС в международной политике и поддержании стабильности в регионе Ближнего Востока.*

***Ключиввый слова:*** *Европейский Союз, Иран, ядерная программа, СВПД, дипломатия, санкции, геополитика, стабильность, сотрудничество, переговоры, экономика, безопасность, Ближний Восток.*

## RELATIONS BETWEEN THE EUROPEAN UNION AND IRAN WITHIN THE FRAMEWORK OF THE JCPOA AGREEMENT

**MADIMAROVA GULHAYO MADIMAROVNA**,
Senior Researcher at the Department of the Middle and Near East, Institute for the Study of Asian and European Countries, NAST
734018, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 935-081-989; e-mail: gulhayomadimar@gmail.com

*The article analyzes the relations between Iran and the European Union in the context of Iran's nuclear program. According to the study, the European Union plays a key role in the nuclear negotiations as a mediator and independent actor, a role strengthened by the 2015 Joint Comprehensive Plan of Action (JCPOA). This agreement contributed to geopolitical balance and regional stability; however, the 2018 U.S. sanctions increased tensions and complications in the relations. The European Union, utilizing diplomacy, various strategies, and technical and financial support, strives to maintain negotiations and restore economic and political ties with Iran. The Iran-EU relationship is a prominent example of multilateral diplomacy that, despite sanctions, seeks solutions and mutually beneficial cooperation. This process demonstrates the significant role of the EU in international politics and in preserving stability in the Middle East region.*

***Keywords:*** *European Union, Iran, nuclear program, (JCPOA), diplomacy, sanctions, geopolitics, stability, cooperation, negotiations, economy, security, Middle East.*

**УДК: 327.7:339.9(4)**

# МОДЕЛИ АВРУПОИИ ҲАМГИРОӢ: ВАЗЪ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**МАҲМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАҲМОНОВНА,**
ходими хурди илмии шуъбаи масоили сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикиситон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 37-221-56-89; e-mail: fmahmadova@list.ru

*Муаллиф дар мақолаи мазкур вазъ, мушкилот ва дурнамои модели аврупоии ҳамгироиро таҳлил намудааст. Ӯ кӯшиш кардааст, ки раванди рушди ҳамгироии аврупоиро таҳқиқ карда, модели ҳамгироии мазкурро ҳамчун намунаи беназири ҳамкории бисёрҷониба дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ намояд.*

*Дар мақола дар баробари баъзе дастовардҳои модели ҳамгироии аврупоӣ, мушкилоти он низ мавриди баррасӣ қарор гирифта аст. Инчунин, дар мақола масъалаҳои авлавиятноки Иттиҳоди Аврупо барои солҳои 2024-2029 нишон дода шудаанд.*

*Дар охир муаллиф андешаҳои худро доир ба мавзуи таҳқиқ ҷамъбаст намуда, ба хулосае меояд, ки барои пешгӯӣ кардани ояндаи Аврупо роҳҳои зиёде вуҷуд дорад. Ва барои муайян кардани ояндаи Аврупо омилҳои гуногуни заруриро нишон додааст, ки таваҷҷуҳ ба масъалаҳои мазкур барои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо муфид хоҳад буд.*

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Аврупо, модели ҳамгироӣ, ҳамгироии минтақавӣ, евро, ҳамгироии иқтисодӣ, ҳамгироии сиёсӣ, арзишҳои муштарак, равишҳои гуногун, бисёрфарҳангӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва геополитикӣ, популизм ва ҷангҳои тиҷоратӣ, сиёсати хориҷӣ ва амниятӣ, муҳоҷират, мудофиаи Аврупо, рақобати геополитикӣ, раванди васеъшавӣ, дурнамо ва ояндаи Аврупо.*

Модели аврупоии ҳамгироӣ як раванди мураккаби ҳамкории сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки асосан тавассути Иттиҳоди Аврупо пеш бурда мешавад. Он бозори ягона, ҳаракати озоди молҳо, хизматрасонӣ, сармоя ва одамон, инчунин асъори ягона (евро) ва муассисаҳои муштаракро дар бар мегирад. Ин модел инчунин ӯҳдадориҳои муштаракро ба демократия, волоияти қонун ва ҳуқуқи инсон фаро гирифта, дар бисёр ҳолат, аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо ҳамчун модели беназири ҳамгироӣ барои дигар минтақаҳо тарғиб карда мешавад.

Модели аврупоии ҳамгироӣ баъд аз раванди “British exit”, яъне баромадани Британия аз Иттиҳоди Аврупо, ҳоло аз 27 кишвар иборат мебошад. Аммо, вақте ки пояҳои ин иттиҳоди иқтисодӣ гузошта шуданд, яъне дар замони имзои “Паймони Париж” дар бораи Иттиҳоди ангишт ва пӯлоди Аврупо дар соли 1951 танҳо шаш давлат буданд: Фаронса, Олмон, Италия, Белгия, Нидерландия ва Люксембург [1].

Аз аввали солҳои 1950-ум, Иттиҳоди Аврупо дар ҳамгироии минтақавӣ пешсаф буд. Принсипҳои муҳимтарини муваффақияти тарҳи Иттиҳоди Аврупо инҳоянд:

–Сиёсатмадорони дурандеш, ба монанди Роберт Шуман аз Фаронса ва Конрад Аденауэр аз Олмон, ки шакли нави сиёсатро дар асоси "усули ҷомеа"-и фавқултабиӣ, на модели анъанавии тавозуни қудрат, тасаввур карданд. Дастгирии ИМА низ дар солҳои аввал муҳим буд.

Роҳбарӣ аз ҷониби кишварҳои меҳварии он Фаронса–Олмон ба вуҷуд омада буд. Бо вуҷуди мушкилоти зиёд, Париж ва Берлин қувваи пешбарандаи ҳамгироии Аврупо буданд ва боқӣ монданд.

Иродаи сиёсӣ барои соҳибихтиёри кишварҳои аъзо, инчунин, бунёди муассисаҳои муштараки қавӣ, қонунӣ ва мустаҳкам ҷиҳати назорати лоиҳаи ҳамгироӣ татбиқ гардид.

Равиши консенсусӣ дар якҷоягӣ бо ҳамбастагӣ ва таҳаммулпазирӣ ба роҳ монда шуд. Иттиҳоди Аврупо бар он асос ёфтааст, ки дар ҳолати мушкилии ҷиддии кишвари узв, омодагии ҷонибҳо барои таъмини интиқоли назарраси молиявӣ ҷиҳати кумак ба кишварҳои камбизоати аъзо ба меъёрҳо манзур мегардад.

Ҳеч як ниҳоди дигари минтақавӣ аз нигоҳи ҳамкории сиёсӣ ё иқтисодӣ ба ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо баробар шуда наметавонад[4].

Ин чор принсип дар тӯли солҳо Иттиҳоди Аврупоро хуб роҳнамоӣ кардаанд ва ба ниҳоди мазкур имкон додаанд, ки аз бухронҳои зиёде наҷот ёбад. Масалан, на ҳама кишварҳои узв дар минтақаи евро ё дар минтақаи бидуни шиносномаи Шенген қарор доранд. Ин тартиб ба баъзе аз кишварҳо, аз собиқ кишвари узви Иттиҳоди Аврупо, ба монанди Британия имкон додааст, ки аз баъзе уҳдадориҳо даст кашад. Бо вуҷуди ин, принсипи асосии Иттиҳоди Аврупо омода аст, ки соҳибихтиёриро тақсим кунад ва тавассути ниҳодҳои қавии муштарак фаъолият намоянд.

Ба андешаи баъзе коршиносон калиди муваффақияти ҳамгироии Аврупо дар нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI на танҳо дар анъанаи муштараки ҳуқуқии аврупоии кишварҳои узв, балки дар мутобиқшавии муассисаҳои Иттиҳоди Аврупо барои дарёфт ва ба даст овардани мувофиқат ё дар бадтарин ҳолат, созиш аст. Омилҳои дигари муҳим инҳоянд:

1. *Геополитика.* Кишварҳои узви ИА аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба тарзе ҷойгир шудаанд, ки дар тули таърихи худ бо ҳамдигар фаъолона ҳамкорӣ кардаанд.

2. *Рушди пешрафта.* Иттиҳоди Аврупо тадриҷан аз иттиҳодияи гумрукии бозорҳои ангишт ва пӯлод ба иттиҳодияи иқтисодӣ, энергетикӣ, сиёсӣ ва низомӣ, ки аз рӯйи дараҷаи ҳамгироии худ ба федератсия монанд аст, табдил ёфтааст.

3. *Таҷрибаи беназир.* Олимон изҳор доштанд, ки таҷрибаи ҳамгироии Аврупоро пурра дар дигар минтақаҳо (масалан, Амрикои Лотинӣ) такрор кардан мумкин нест. Аммо ворид кардани таҷрибаи ҳамгироии Аврупо ба дигар лоиҳаҳои ҳамгироӣ арзишманд ва муҳим аст [2].

Ҳадафҳои асоси модели аврупоии ҳамгироӣ дар аввал таблиғи сулҳ, арзишҳои Иттиҳоди Аврупо ва некуаҳволии мардуми он буд. Тадриҷан, бо амиқтар ва густариш гардидани ҳамгироии Аврупо, ин ҳадафҳо бо ин самтҳо пурра карда шуданд:

– таъсиси минтақаи озодӣ, амният ва адолат бидуни марзҳои дохилӣ;

– рушди бозори дохилӣ бо рақобати озод;

– рушди устувори минтақа, ки бар асоси рушди мутавозини иқтисодӣ ва устувории нархҳо, иқтисоди бозори иҷтимоии рақобатпазири баланд, ки ба шуғли пурра ва пешрафти иҷтимоӣ ва сатҳи баланди ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст:

– мусоидат ба пешрафти илмӣ ва технологӣ;

– мубориза бо инзиво ва табъизи иҷтимоӣ, таблиғи адолат ва ҳифзи иҷтимоӣ, баробарии байни занон ва мардон, ҳамбастагии байни наслҳо ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон [1].

Бояд қайд намуд, ки дар низоми модели аврупоии ҳамгироӣ чунин ченак ва самтҳои асосии ҳамкорӣ амал менамояд:

Самтҳои асосии ҳамкорӣ чунинанд:

1. *Ҳамгироии иқтисодӣ*. Бозори ягона бо ҳаракати озод аз марзҳо ва асъори умумӣ (евро) барои кишварҳои иштирокчӣ амал мекунад.

2. *Ҳамгироии сиёсӣ.* Низоми муассисаҳои муштарак ва сатҳи баланди ҳамкорӣ байни кишварҳои узв эҷод шудааст, гарчанде ки сатҳи соҳибихтиёрии онҳо фарқ мекунад.

3. *Ҳамгироии ҳуқуқӣ ва танзимкунанда*. Ба чаҳорчӯбаҳои муштараки ҳуқуқӣ ва танзимкунанда дар соҳаҳо, ба монанди ҳифзи муҳити зист ва сиёсати рақобатпазирӣ, тамаркуз мекунад.

4. *Озодии ҳаракат*. Минтақаи Шенгенро дар бар мегирад, ки барои бисёре аз аъзо сафари бидуни шиносномаро иҷозат медиҳад [5].

Вобаста ба арзишҳои муштарак дар низоми модели аврупоии ҳамгироӣ, метавон гуфт, ки ҳамгироӣ, инчунин, ба чунин арзишҳои

муштарак ба монанди демократия, волоияти қонун ва ҳуқуқҳои асосӣ асос ёфтааст.

Дар низоми модели аврупоии ҳамгироӣ равишҳои гуногун амал менамоянд. Аввалан, бояд қайд намуд, ки ин модели ҳамгироӣ сиёсати фарогири баробарҳуқуқиро барои ҳамаи шаҳрвандон таъкид месозад. Дуюм он, ки модели мазкур бар принсипи эътироф ва эҳтиром ба тафовути байни шаҳрвандон дар заминаи равиши бисёрфарҳангӣ асос ёфтааст.

Вобаста ба таҳаввулоти модели аврупоии ҳамгироӣ ҳаминро бояд гуфт, ки он аз замони пайдоиши худ то ин давра аз тарҳи ҳамкории иқтисодӣ ба як низоми сиёсӣ ва мураккабтар таҳаввул ёфтааст.

Таҳаввулоти охир равишҳои наверо дар бар мегиранд, ки ба ҳамкории байниҳукуматӣ, фишори гурӯҳҳои ҳамрақиб, махсусан дар соҳаҳо, монанди сиёсати шуғл, асос ёфтаанд.

Дар марҳалаи кунунӣ дар доираи модели ҳамгироии мазкур иттиҳоди иқтисодӣ ва пулӣ, аз ҷумла пули ягона (евро), барои бисёре аз кишварҳои узв амал менамояд.

Дар умум, метавон модели мазкурро ҳамчун намунаи камназири ҳамкории бисёрҷониба арзёбӣ намуд. Дар баробари муваффақиятҳо баъзан мушкилот низ дар доираи ин раванди ҳамгироӣ дида мешавад. Масалан, дар шароити имрӯза дар доираи ин модели ҳамгироӣ мушкилоти ҷойдоштаро метавон ба ду гурӯҳи умумӣ–дохилӣ ва берунӣ ҷудо намуд. Дар чаҳорчӯби мушкилоти кунунии дохилии модели аврупоии ҳамгироӣ, ихтилоф байни кишварҳои узв дар масъалаҳои муҳоҷират, иқтисод ва сиёсати хориҷӣ ба назар мерасад. Дар чаҳорчӯби мушкилоти кунунии берунии модели аврупоии ҳамгироӣ бошад, мушкилоти иқтисодӣ ва геополитикӣ, ба монанди ҷанги Украина, афзоиши популизм ва ҷангҳои тиҷоратӣ дохил мешаванд.

Масъалаи дигаре, ки имрӯзҳо дар доираи модели аврупоии ҳамгироӣ ба назар мерасад, ин афзоиши популизм дар баъзе кишварҳои узв мебошад, ки ба назари коршиносон метавонад пояҳои ҳамгироиро халалдор намояд.

Илова бар ин, мушкилоти кунунии модели аврупоии ҳамгироӣ нишондиҳандаҳои сусти иқтисодӣ, тақсимоти сиёсӣ ва касри демократиро дар бар мегиранд. Иттиҳоди Аврупо бо мушкилоти ҳосилнокии паст ва бозорҳои парокандаи сармоя мувоҷеҳ аст, дар ҳоле ки набудани иродаи сиёсӣ ва манфиатҳои гуногуни миллии пешрафтро дар масъалаҳои монанди амният, муҳоҷират ва тағирёбии иқлим бозмедоранд. Илова бар ин, масъалаҳои евроскептисизм ва бюрократияи душвор раванди қабули қарорҳоро суст мекунанд ва ин бар он оварда мерасонад, ки асосҳои қонунии иттиҳод барои баъзе шаҳрвандон камранг ба назар мерасанд.

Дар ин ҷо баъзе мушкилоти асоси дигари ҷойдоштаро дар доираи модели аврупоии ҳамгироӣ таҳлилу баррасӣ менамоем.

Дар доираи мушкилоти иқтисодӣ чунин омилҳоро метавон номбар намуд:

–*Самаранокии паст:* Аврупо аз дигар иқтисодҳои бузург, ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар афзоиши самаранокӣ қафо мондааст.

–*Бозорҳои пароканда:* бозорҳои сармоя ва меҳнат то ҳол дар сатҳи миллӣ парокандаанд, ки ширкатҳоро аз тавсеаи фаъолият бозмедорад ва ба сармоягузорӣ дар бахшҳои инноватсия монеъ мешавад.

–*Бозорҳои сусти сармоя:* бозорҳои молиявии Аврупо, ки аз ҷониби бонкҳо бартарӣ доранд, пасандозҳоро ба корхонаҳои нав ва хатарнок ба таври самаранок равона намекунанд ва ҳамгироии бозори сармоя вуҷуд надорад.

Дар доираи мушкилоти сиёсӣ ва ниҳодӣ бошад, чунин омилҳоро метавон номбар намуд:

–*Набудани иродаи сиёсӣ:* дар байни кишварҳои узв норасоии роҳбарӣ ва иродаи сиёсӣ барои қабули қарорҳои душвор, бахусус, дар мавриди васеъшавӣ, амният ва тағйирёбии иқлим вуҷуд дорад.

–*Тафовути миллӣ:* манфиатҳои гуногуни миллӣ ва ниёз ба тавофуқ байни кишварҳои узв аксар вақт боиси суст ва душвории қабули қарорҳо мешаванд.

–*Мураккабии бюрократӣ:* сохтори мураккаби институтсионалӣ ва бюрократияи васеи Иттиҳоди Аврупо метавонад монеае барои татбиқи сиёсати самаранок ва саривақтӣ бошад.

–*Касри демократӣ:* баъзе мунаққидон даъво доранд, ки Иттиҳоди Аврупо аз ҳад зиёд бюрократӣ аст ва қудрат ва шаффофияти демократӣ надорад, ки боиси евроскептисизм ва тасаввуроте мегардад, ки ҳамгироӣ боиси халалдор шудани соҳибихтиёрии миллӣ хоҳад шуд.

Дар доираи сиёсати хориҷӣ ва амниятӣ бошад, чунин омилҳоро метавон номбар намуд:

–*Муҳоҷират ва амният.* Ҳамгироии сиёсати муҳоҷират ва амнияти дохилӣ як масъалаи дугона ва душвор боқӣ мемонад.

–*Мудофиаи Аврупо.* Дар воситаҳо ва эҳтимолан ҳадафҳои ниҳоии стратегияи муштараки мудофиаи Аврупо фарқҳои назаррас вуҷуд доранд.

–*Рақобати геополитикӣ.* Иттиҳоди Аврупо бо манзараи мураккаби геополитикӣ, аз ҷумла муносибати он бо дигар қудратҳои ҷаҳонӣ мувоҷеҳ аст, ки равиши ягона ва стратегиро талаб мекунад.

–*Мушкилоти васеъшавӣ.* Раванди васеъшавии Иттиҳоди Аврупо аз ҷиҳати сиёсӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ) мураккаб аст, махсусан, бо

дарназардошти воқеияти кунунии геополитикӣ ва назарҳои гуногун байни кишварҳои узв [6].

Бояд тазаккур дод, ки роҳбарони Иттиҳоди Аврупо дар рӯзномаи стратегии худ барои солҳои 2024–2029, се самти афзалиятнокро барои роҳнамоии кори ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо тайи панҷ сол муайян кардаанд. Зарурати як нақшаи стратегии равшан торафт муҳимтар шудааст. Дар чанд соли охир Иттиҳоди Аврупо бо буҳронҳои зиёде мувоҷеҳ шудааст, аз мубориза бо тағйирёбии иқлим то пандемияи “COVID-19” ва дастгирии Украина пас аз ҳамлаи Русия. Бо тамаркуз ба самтҳои нави афзалиятнок, Иттиҳоди Аврупо ба он мусоидат мекунад, ки Аврупо соҳибихтиёртар гардад ва барои мубориза бо мушкилоти оянда беҳтар омода бошад.

Мувофиқи рӯзномаи стратегии Иттиҳоди Аврупо барои солҳои 2024-2029 се самти афзалиятнок инҳоянд:

1. *Аврупои озод ва демократӣ:* пайгирии арзишҳои аврупоӣ дар дохили Иттиҳоди Аврупо, риояи арзишҳои Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи ҷаҳонӣ;

2. *Аврупои қавӣ ва амн:* таъмини амали пайваста ва таъсирбахши беруна; тақвияти амният ва мудофиаи Иттиҳоди Аврупо ва ҳифзи шаҳрвандони Иттиҳоди Аврупо; омодагӣ барои иттиҳоди бузургтар ва қавитар; пайгирии равиши ҳамаҷониба ба муҳоҷират ва идоракунии марз;

3. *Аврупои шукуфон ва рақобатпазир:* тақвияти рақобатпазирии Иттиҳоди Аврупо: муваффақияти гузаришҳои “сабз” ва рақамӣ; пешбурди муҳити инноватсионӣ ва тиҷоратӣ; пешрафти муштарак [3].

Ба андешаи мо, дурнамои модели аврупоии ҳамгироиро метавон ба таҳкими ягонагӣ, васеъшавӣ, амиқ гардонидани ҳамгироӣ ва таҳкими нақши модели мазкур дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ тавсиф намуд.

Вобаста ба таҳкими ягонаги модели мазкур метавон гуфт, ки Иттиҳоди Аврупо метавонад дар ҷаҳон боз ҳам муттаҳидтар ва таъсиргузортар гардад. Пиромуни васеъшавии ин модели ҳамгироӣ гуфтан мумкин аст, ки густариши минбаъдаи Иттиҳди Аврупо бо фарогирии кишварҳои нав, ки метавонад ба субот ва рушд мусоидат кунад, эҳтимол ба амал ояд. Доир ба амиқ намудани ҳамгироӣ дар низоми модели мазкур метавон арзёбӣ намуд, ки тақвияти ҳамгироӣ дар соҳаҳои монанди мудофиа, иқлим ва рақамикунонӣ бештар ба амал меоянд.

Вобаста ба таҳкими нақши модели аврупоии ҳамгироӣ бояд гуфт, ки Иттиҳоди Аврупо метавонад нақши худро дар ҷаҳон тавассути рушди иқтисодиёт ва сиёсати хориҷиаш тақвият диҳад.

Илова бар ин, роҳҳои зиёде барои пешгӯйӣ кардани "ояндаи Аврупо" вуҷуд доранд: ояндаи Иттиҳоди Аврупо ҳамчун як ниҳоди сиёсии фаромиллӣ; қобилияти нигоҳ доштани суботи сиёсӣ ва шукуфоӣ дар саросари қитъа; Аврупо ҳамчун як қисми Ғарби озод ва демократӣ; ваҳдати аврупоӣ; "мухторияти стратегӣ"; ё танҳо нигоҳ доштани сулҳ дар қитъае, ки аксари мардум ҳаштод сол боз ҷангро намедонанд.

Барои муайян кардани ояндаи Аврупо бояд даҳҳо омил ба назар гирифта шаванд: аз демография, рушди иқтисодӣ, зеҳни сунъӣ ва қудрати низомӣ то рақобатпазирӣ, навоварӣ, популизм ва суботи иҷтимоӣ; аз таҳдидҳои беруна ва дастрасӣ ба бозорҳо ва маъданҳо то масъалаҳои ҳувият, муҳоҷират ва нақши ИМА дар Аврупо. Бисёре аз ин масъалаҳо, гарчанде ки на ҳама дар дохили Иттиҳоди Аврупо бошиддат ва қатъӣ баррасӣ ва музокира карда мешаванд, як раванди одӣ ва таърихан бесобиқа дар ҳамкории сиёсӣ мебошанд, ки инчунин, бартарии иловагии фаъолияти хеле бефосила дорад.

Ҳамин тариқ, метавон хулосабарорӣ намуд, ки модели аврупоии ҳамгироӣ ҳамчун намунаи беназири ҳамкорӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалии муосир ба шумор рафта, дигар кишварҳои ҷаҳон метавонан тариқи мутобиқсозии усулу равишҳои модели мазкур ба минтақаҳои худ бо мақсади рушди иқтисодӣ ва суботи минтақавӣ истифода намоянд.

## АДАБИЁТ

1. Елена Семак, Екатерина Кумец. Модель интеграции Европейского союза// журнал международного права и международных отношений 2015 — № 4 [Электронный ресурс]. URL: // https://evolutio.info/ru/journal-menu/2015-4/2015-4-semak (Дата обращения: 04.11.2025 г.)

2. Кропанева В.Г.. Идея европейской интеграции сквозь века[Электронный ресурс]. URL: //https://russiancouncil.ru/blogs/ Kropanev/ideya-evropeyskoy-integratsii-skvoz-vek. (Дата обращения: 04.11.2025 г.)

3. EU strategic agenda for 2024-2029. [Электронный ресурс]. URL: //https://european-union.europa.eu/priorities-and-actions/eu-priorities/european-union-priorities-2024-2029_en?prefLang=ru (Дата обращения: 04.11.2025 г.)

4. Fraser Cameron. The European Union as a Model for Regional Integration. [Электронный ресурс]. URL: //https://www.cfr.org/ report/european-union-model-regional-integration (дата обращения: 04.11.2025 г.)

5. Kelemen, R. Wider and deeper? Enlargement and integration in the European Union / R. Kelemen, A. Menon, J. Slapin // Journal of European Public Policy. – 2014. – N 5. – P. 647–663.

6. Ricardo Borges de Castro. European integration is at a crossroads. Why is the EU struggling to define its future? [электронный ресурс]. URL: // https://www.euronews.com/my-europe/2024/10/03/european -integration-is-at-a-

crossroads-why-is-the-eu-struggling-to-define-its-future#:~:text=The%20magnitude%20of%20challenges%20Europe,the%20short%20or%20medium%20term. (Дата обращения: 04.11.2025 г.)

# ЕВРОПЕЙСКАЯ МОДЕЛЬ ИНТЕГРАЦИИ: СОСТОЯНИЕ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**МАХМАДОВА ФАРЗОНА АБДУРАХМОНОВНА,**
младший научный сотрудник отдела политических проблем и международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана
734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;
тел.: 992 372 21 56 89; e-mail: fmahmadova@list.ru

*В данной статье автор анализирует состояние, проблемы и перспективы европейской модели интеграции. Автор рассмотирвает процесс развития европейской интеграции и оценить эту модель интеграции как уникальный пример многостороннего сотрудничества в системе международных отношений.*

*В данной статье наряду с некоторыми достижениями европейской модели интеграции рассматриваются и её проблемы. В статье также изложены приоритеты Европейского союза на 2024–2029 годы.*

*В заключение автор резюмирует свои размышления по данной статье и приходит к выводу, что существует множество способов прогнозировать будущее Европы. Для определения будущего Европы она выделила ряд необходимых факторов, которые, по мнению автора, должны учитываться государствами-членами Европейского Союза.*

***Ключевые слова:*** *Европейский Союз, модель интеграции, региональная интеграция, евро, экономическая интеграция, политическая интеграция, общие ценности, разные подходы, мультикультурализм, экономические и геополитические проблемы, популизм и торговые войны, внешняя политика и политика безопасности, миграция, европейская оборона, геополитическая конкуренция, процесс расширения, перспективы и будущее Европы.*

# THE EUROPEAN INTEGRATION MODEL: STATUS, PROBLEMS, AND PROSPECTS

**MAHMADOVA FARZONA ABDURAHMONOVNA**,
Junior Researcher, Department of political problems and international relations, Institute of Philosophy, Political Science, and Law, named after A. Bakhovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan

734025,Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 372-21-56-89; e-mail: fmahmadova@list.ru

*In this article, the author analyzes the status, problems, and prospects of the European integration model. The author attempts to examine the development of European integration and evaluate this integration model as a unique example of multilateral cooperation in the international relations system.*

*This article, along with some of the achievements of the European integration model, also examines its challenges. The article also outlines the European Union's priorities for 2024–2029.*

*In conclusion, the author summarizes her thoughts on this article and concludes that there are many ways to predict the future of Europe. To determine the future of Europe, she identified a number of necessary factors that, in the author's opinion, they should be taken into account by the member states of the European Union.*

***Keywords:*** *European Union, integration model, regional integration, euro, economic integration, political integration, common values, different approaches, multiculturalism, economic and geopolitical problems, populism and trade wars, foreign and security policy, migration, European defense, geopolitical competition, the process of enlargement, prospects and the future of Europe.*

**УДК: 327.7:504.03**

# ЭКОЛОГИЧЕСКАЯ ПОВЕСТКА ТАДЖИКИСТАНА ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ: РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА В ФОРМИРОВАНИИ «ЗЕЛЁНОЙ» ДИПЛОМАТИИ

**КУРБОНОВ МАЪРУФ МУИДИНОВИЧ,**
научный сотрудник Научно-исследовательского института устойчивого развития и зелёной экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
734055, Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад 48/5,
тел: (+992) 936-66-02-95; e-mail: mustafam30@mail.ru

*В статье исследуется процесс становления и эволюции экологической повестки Таджикистана во внешней политике с особым акцентом на роль Президента Республики в продвижении концепции «зелёной дипломатии». Подчёркивается, что в условиях современных глобальных вызовов именно экологическая проблематика становится одним из ключевых направлений внешнеполитического курса страны. Особое внимание уделено инициативам, ориентированным на рациональное и устойчивое управление водными ресурсами, расширение использования возобновляемых источников энергии и формирование новых механизмов международного сотрудничества в области охраны окружающей среды. Отмечается, что лидерство главы государства позволило интегрировать экологический компонент в стратегические документы национального развития и вывести его за рамки внутренней политики, превратив в часть глобальной дипломатической дискуссии. Анализируется, как выдвинутые инициативы способствовали укреплению международного имиджа Таджикистана как ответственного и активного участника мирового диалога по вопросам устойчивого развития, «зелёной экономики» и климатической безопасности. Подчёркивается значимость данного направления для долгосрочной стратегии страны и её роли в решении глобальных экологических проблем.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, внешняя политика, зелёная дипломатия, экологическая повестка, устойчивое развитие, международное сотрудничество, водная энергетика, Президент Республики Таджикистан, мягкая сила, политический приоритет, международное сотрудничество.*

В современном мире проблема экологии и окружающей среды все больше набирает популярность и становиться неотъемлемой частью политики государств глобального мира. Необходимость принятия важных мер для борьбы с изменением климата, загрязнением окружающей среды, опустыни-ванием, эрозиям почв, уничтожением озонового слоя и других климатических проблем вынуждают государства сотрудничать между собой на глобальных

площадках. Данный подход государств и кооперация в рамках сохранения и гармонии с экологией является зелёной дипломатией. Для стран Центральной Азии данный подход является весьма актуальным, а для Республики Таджикистана жизненно важным вопросом.

Республики Таджикистан, которая географически расположена на горной местности, экономика которой очень зависима и уязвима от экологического изменения, поэтому руководство страны очень серьезно относиться к данному вопросу. Кроме того, гидроэнергетический потенциал страны на данный момент даёт возможность стране обеспечивать электричеством как внутренний рынок страны так экспортировать электроэнергию за рубежом. Но глобальное потепление и опустынивание ставит очень серьёзную задачу перед руководством страны, поскорее переходить на зелёную экономику и достичь цели устойчивого развития.

Ключевую роль в формировании зеленой дипломатии страны играет Основатель мира и национального единства Лидер нации Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон. С раннего периода своего руководства, уважаемый Президент Эмомали Раҳмон постепенно сформировал почву для поэтапного перехода страны к «зеленой» экономике и зеленая тематика приобретает приоритетное направление во внешней политики государства. Так под руководством уважаемого Президента была принята «Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы» [10]. В рамках данной стратегии наша страна постепенно переходит к зеленой экономике, углубляя сотрудничество с другими странами. Продвигая зелёную повестку уважаемый Президент предложил несколько инициатив связанной с водным вопросом в Генеральной Ассамиблее ООН [5]. На данный момент Республика Таджикистан одна из стран лидеров в борьбе против изменения климата, глобальной устойчивости и достижения устойчивого развития. Поднимая вопросы таяния ледников Таджикистана уважаемый Президент, выступая в 80-х дебатах Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций отметил: «Мы не должны оставаться безучастными к процессу решения проблем, связанных с источником жизни человечества, то есть воды [6]». Следовательно Таджикистан занимает активную позицию в области водной дипломатии. Наша страна в сотрудничестве со своими партнерами принимает практические меры во исполнение своей очередной инициативы в водной сфере в рамках Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития, 2018-2028 годы» [8]. Это говорит о том, что Таджикистан серьёзно озабочен данной проблематикой. Первая инициатива уважаемого Президента об объявлении 2003 года «Годом пресной воды» на 54-ой сессии Генеральной Ассамблеи ООН, было 1 октября 1999 года, несмотря на то что, в то время Таджикистан почти недавно поправлялся от

деструктивной гражданской войны. Именно такой верный шаг стал важным этапом формирования и развития зеленой дипломатии внешней политики Республики Таджикистана.

Понятие «Зелёная дипломатия» или «экологическая дипломатия» направления относительно новые. Актуальность данных направлений стало мировым, благодаря научными открытиями учёных экологов. Как отмечает Пода Т. «экологическая дипломатия» возникла как реакция мирового сообщества на угрозу экологической катастрофы» [12]. До XX века данная проблематика не рассматривалась столь важной. Первые важные тревожные сигналы мирового масштаба были объявлены со середины XX ввеков, когда руководящие круги стран в основном развитых стран начали осознавать, что, проблема экологии охватывает каждую страну по отдельности и весь земной шар в целом. Как отмечают К. Я. Кондратьев и К. С. Демирчан, одной из основных экологических проблем современности является «замкнутость глобальных биогеохимических круговоротов» [4, с.1002]. Таким образом нарушается экологический баланс, который вследствие может нарушать экосистему нанося огромный ущерб природе. С момента начала промышленной революции, развития технологии и расширения капиталисткой системы, страны мира безрассудно и бесперебойно начали эксплуатировать природные ресурсы. Таким образом в мире сформировался система где экономический рост ставится на первом месте, чем экологическая устойчивость. Мировые лидеры, в основном опирающиеся на реалистический взгляд введения политики, стремились обогащать и развивать экономическую мощь своих государств. Каждое государство на основе своих национальных интересов не принимали во внимание экологические аспекты. Такой подход лишь усугубил ситуацию. На сегодняшний день экосистема сталкивается с вымиранием видов животных, вырубки лесов, опустыниванием, и других видов деструктивных последствий.

Появление зеленой дипломатии связано с осознанием человечества последствий своих безрассудной деятельности, внутреннего эго и стремлением стать еще богаче. По мнению А. А. Алимова и А. И. Шестакова, само ее возникновение связано с необходимостью предотвратить глобальную экологическую катастрофу, что требует широкомасштабных мероприятий на общесистемном уровне [1, с. 98].

Существуют разного рода определений термина зелёной дипломатии, так как во внешней политики она может сыграть как мягкая сила для обеспечения своего национального интереса. По мнению Т.В. Колпакова «Зелёная дипломатия деятельность, осуществляемую субъектами международных отношений посредством переговоров и других мирных способов для регулирования международных отношений по охране окружающей среды» [3, с 69]. Таким образом зелёная дипломатия играет ключевую роль не

только для обеспечения национальных интересов посредством ведения переговоров и добрых отношений, но также акцентируют внимание на экологический аспект. Это подтверждает Р.А Исмаилов сказав ««зеленая дипломатия» – «мягкая сила» при использовании экологических проблем. [2].

Было бы разумно излагать что зелёная дипломатия тщательно разработанная стратегия для перехода стран более выгодному экологию сотрудничества и сохранения земного шара. По мнению Тюбьяна Л. «Климатические изменения стали определяющей силой в изменении глобального порядка. Для Европы, чтобы наслаждаться миром и процветанием в XXI веке, необходимо соответствующим образом ориентировать свою стратегию» [10]. Это говорит о том что Европейский Союз за последнее время активно продвигает зеленую повестку на своей внешней политики.

Республика Таджикистан начиная с 2023 до 2037 года собирается полностью перевести свою экономику к зелёной модели экономики, активно принимая правовые юридические документы. [7]. Согласно данной стратегии Республика постепенно до 2037 года полностью откажется от углеродных выбросов, вместо них переходит к возобновляемых источников энергии, что очень важен для экологии страны. Также государство акцентирует внимание на инновации и технологии при строительстве разных сооружений. Данный метод является энергоэффективным, так как спрос к энергетике в стране ежегодно растёт. Самым важным моментом является принятия мер по сохранения экосистемы, поощряя создания лесов, массовая высадка деревьев, эффективности использования водных ресурсов. Немаловажным моментов является привлечения иностранных инвестиций для продвижения экологических проектов и инициатив.

Как было отмечено выше, уважаемый Президент за последние годы активно выступает на международных площадках о глобальном изменении климата и сохранения ледников. Так как водя является основой хозяйства и продвижения экономики, уважаемый Президент предложил несколько инициатив относительно воды, как важного ресурса всего человечества. Именно проблема воды и её бережное использование в мире и в регионе Центральной Азии является жизненно важным. В своей деятельности глава государства последовательно подчёркивает, что рациональное использование водных ресурсов напрямую влияет на продовольственную безопасность, развитие сельского хозяйства и энергетический потенциал стран региона. Он отмечает, что лишь совместные усилия всех государств, обладающих трансграничными водными бассейнами, способны обеспечить устойчивое управление реками и озёрами, предотвращая экологические катастрофы и напряжённость между странами. Эта мера необходима для сохранения стабильности в мире и сотрудничество в рамках водной повестке. Эксперты

указывают что истощения и дефицит воды может мотивировать страны мира конфликтовать между собой. [6, с 22-32]. Именно сотрудничество в рамках водной повестки или водной дипломатии является одним из приоритетных направлений Президента Республики Таджикистан. Как отмечает Шарипов А.Н. и Б.Б. Назаров, вода является важным составляющим стабильности и необходимости стран сотрудничества между государствами. [9, с 973-984]. Эффективное управление водными ресурсами требует опоры на научные исследования, внедрения современных технологий по очистке, хранению и рациональному использованию воды, а также активного создания международных платформ для обмена знаниями и успешными практиками. Также в стране в рамках перехода к зелёной экономике особое внимание уделяется подготовке молодых специалистов, которые в будущем смогут сохранить и приумножить этот жизненно важный природный ресурс, обеспечив его рациональное использование на долгие годы.

Реализация подобных инициатив укрепляет позиции Таджикистана как влиятельного участника международного экологического диалога и свидетельствует о глубокой ответственности государства перед будущими поколениями. Центральным элементом этих усилий остаются ледники — стратегические хранилища пресной воды, сохранение которых напрямую связано с устойчивым развитием региона. Президент отмечает, что системная работа в области водных ресурсов создаёт прочную основу для долгосрочного экономического роста, содействует мирному сосуществованию народов Центральной Азии и формированию надёжного международного сотрудничества.

Зелёная дипломатия в рамках внешней политики нашего уважаемого Президента улучшила имидж нашей страны и превратила страну в одного из активных участников в сфере экологии и улучшению состоянию мира. Давайте рассмотрим основные инициативы Президента Республики в Генеральной Ассамблее ООН.

1. Международный год пресной воды 2003 г.
2. Международного десятилетия действий «Вода для жизни»- 2005-2015 г.
3. Международный год сотрудничества в области воды. 2013 г.
4. Международное десятилетие действий «Вода для устойчивого развития» 2018–2028 г.
5. Международный год сохранения ледников и поддержка криосферных наук.

Важно отметить что уважаемый Президент также в эти годы активно поддерживает стабильность в мире и в регионе Центральной Азии продвигая разного рода борьбы против терроризма, экстремизма и сепаратизма, проблемы связанное с наркотрафиком, и связной о мире в Афганистане. Кроме того, инициативой нашего уважаемого Президента на 79-ой сессии

Генеральнй Ассамблеи ООН было принято две резолюции про Искусственному интеллект под названием «Роль искусственного интеллекта в создании новых возможностей для устойчивого развития в Центральной Азии» [3], и «Десятилетие укрепления мира для будущих поколений» [15] в ООН, что сделало страну еще более активным игроком для поддержания мира и стабильности в земном шаре.

Республика Таджикистан как страна в начале независимости перенёсшую гражданскую войну и нестабильность под разумным руководством Президента Республики постепенно шла на пути развития, занимаясь активно экономическим развитием, поддержанием стабильности и улучшением качества жизни населения в лучшую сторону. Данный подход отразил позитивные влияния на международные рейтинги Республики. Переход к зеленой экономики и ведение зеленой дипломатии во внешней политики превращает страну в одну из самых подходящих стран для привлечения иностранных зелёных инвестиций со стороны международных доноров. Данных подход превращает Республику в страну стремящиеся достигать устойчивого развития не только внутри страны, но в глобальном мире. Несмотря многие успехи существуют и вызовы, которые требуют разумных мер для решения. Столкнувшаяся с немалыми трудностями зелёная дипломатия государства Таджикистан сегодня сталкивается с поверхностными экономическими проблемами и международной обстановкой, которые вызывают свои собственные сложности. Возможные проблемы прежде всего может касаться распределения воды в пределах стран Центральной Азии [5, с. 288-296]. Зелёная дипломатия укрепляет внешнеполитический курс страны на глобальном уровне и подчёркивает серьезность намерений руководства к международным климатическим вызовам. Зелёная дипломатия интегрирует страну глобальной устойчивости и достижения устойчивого развития.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Алимов А., Шестаков А. Экологическая дипломатия в XXI веке. // Общество. Среда. Развитие (Terra Humana). 2017, №2. –С. 97–101.

2. Восканян Елена. «Рашид Исмаилов: «Россия недостаточно использует мягкую силу «зеленой дипломатии»»» // Эковестник. 28 мая 2019 г. URL: http://ekovestnik.ru/article/377701/ (Дата обращения: 15.05.2020).

3. «Генеральная Ассамблея ООН приняла историческую резолюцию об искусственном интеллекте, инициированную Таджикистаном» / Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. — Душанбе, 16.07.2024.–Режим доступа: https://www.mfa.tj/ru/main/view/17356/generalnaya-assambleya-oon-prinyala-istoricheskuyu-rezolyutsiyu-ob-iskusstvennom-intellekte-initsiirovannoi-tadzhikistanom (Дата обращения: 09.12.2025).

4. Колпакова Т. Китайская «экологическая дипломатия» и формирование международного механизма охраны окружающей среды // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена, 2010. –№ 123. –С. 68–73.

5. Кондратьев К., Демирчян К. Климат земли и «Протокол Киото» // Вестник Российской Академии Наук. 2001, №11. –С. 1002–1009.

6. Лидер нации и инициативы мирового уровня / Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. –Душанбе, 03.02.2023. Режим доступа: https://mfa.tj/ru/main/view/12001/lider-natsii-i-initsiativy-mirovogo-urovnya (Дата обращения: 09.12.2025).

7. Маруф К. Таджикистан на пути зеленой дипломатии: внешнеполитические стратегии и международное сотрудничество // Постсоветские исследования. – 2025. – Т. 8. – №. 3. – С. 288-296.

8. Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Участие в 80-х дебатах Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций / MFA.TJ. (Электронный ресурс). URL: https://mfa.tj/ru/berlin/view/17598/uchastie-v-80-kh-debatakh-generalnoi-assamblei-organizatsii-obedinjonnykh-natsii (Дата обращения: 01.12.2025).

9. Муродова Х., Мухаммадова Г. Дефицит воды и геополитика— проблемы 21 века //Лучшие интеллектуальные исследования. – 2025. – Т. 42. – №. 1. – С. 22-32.

10. Правительство Республики Таджикистан. Постановление от 30 сентября 2022 года №482 «О Стратегии развития «зеленой» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы». –Душанбе, 2022. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36243197. (Дата обращения: 02.10.2025).

11. Рахмон Э. Мы не должны оставаться безучастными к решению проблем, связанных с источником жизни человечества / Э. Рахмон // НИАТ «Ховар». –2025.-URL: https://khovar.tj/rus/2025/09/emomali-rahmon-my-ne-dolzhny-ostavatsya-bezuchastnymi-k-resheniyu-problem-svyazannyh-s-istochnikom-zhizni-chelovechestva/ (Дата обращения: 30.09.2025).

12. Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023–2037 годы: утверждёна Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 сентября 2022 г. № 482. — Душанбе, 2022. Режим доступа: https://faolex.fao.org/docs/pdf
/taj221507.pdf (Дата обращения: 09.12.2025).

13. Участие в 80-х дебатах Генеральной Ассамблеи Организации Объединённых Наций» / Представительство Министерства иностранных дел Республики Таджикистан в г. Москва. –Душанбе / Москва, 23.09.2025.–Режим доступа: https://mfa.tj/ru/moscow/view/17598/uchastie-v-80-kh-debatakh-generalnoi-assamblei-organizatsii-obedinjonnykh-natsi (Дата обращения: 09.12.2025)

14. Шарипов А., Назаров Б. Роль водной дипломатии Республики Таджикистан в решении общих проблем современного мира //Вестник науки. – 2025. – Т. 4. – №. 5 (86). – С. 973-984.

15. Laurence Tubiana Europe Needs a Green Foreign Policy [Электронный ресурс] // Project Syndicate. – 2025. – Режим доступа: https://www.project-syndicate.org/onpoint/europe-green-foreign-policy-climate-is-central-to-economy-and-security-by-laurence-tubiana-2025-07

16. Poda, T. Environmental diplomacy: history and current issues / T. Poda // *Proceedings of the National Aviation University. Cultural Studies*. — 2022. –Vol. 35, № 1.–DOI: 10.18372/2412-2157.35.16564.

# МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶӢ: НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ШАКЛГИРИИ ДИПЛОМАТИЯИ “САБЗ”

**ҚУРБОНОВ МАЪРУФ МУИДИНОВИЧ,**
ходими илмии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисодиёти сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5;
тел: (+992) 936-66-02-95; e-mail: mustafam30@mail.ru,

*Дар мақола раванди ташаккул ва такомули рӯзномаи экологии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди мафҳуми «дипломатияи сабз» мавриди омӯзиш қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки дар шароити даъвоҳои глобалии муосир маҳз масъалаҳои экологӣ ба яке аз самтҳои калидии сиёсатҳои хориҷии кишвар табдил ёфтаанд. Ба ташаббусҳое таваҷҷуҳ мешавад, ки ба идоракунии оқилона ва устувори захираҳои обӣ, густариши истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи неру ва ташаккули механизмҳои нави ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист равона шудаанд.*

*Қайд мегардад, ки роҳбарии Сарвари давлат имкон дод, то ҷузъи экологӣ ба санадҳои стратегии рушди миллӣ ворид гардида, аз доираи сиёсати дохилӣ берун рафта, ба бахши муҳимми баҳси дипломатии ҷаҳонӣ табдил ёбад. Ҳамзамон, таҳлил мегардад, ки чӣ гуна ташаббусҳои пешниҳодшуда ба таҳкими обрӯ ва нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии масъул ва фаъол дар муколамаи ҷаҳонӣ доир ба рушди устувор, иқтисоди “сабз” ва амнияти иқлимӣ мусоидат намуданд. Таъкид мешавад, ки аҳаммияти ин самт барои стратегии дарозмуддати кишвар ва нақши он дар ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ ниҳоят бузург аст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, дипломатияи сабз, рӯзномаи экологӣ, рушди устувор, ҳамкории байналмилалӣ, энергетикаи обӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, неруи нарм, афзалияти сиёсӣ, ҳамкории байналмилалӣ.*

## ENVIRONMENTAL ISSUES OF TAJIKISTAN IN FOREIGN POLICY: THE ROLE OF THE PRESIDENT IN SHAPING "GREEN" DIPLOMACY

**QURBONOV MA'RUF MUIDINOVICH,**
Scientific researcher of Research Institute for Sustainable Development and Green Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734055, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad str. 48/5;
tel.: (+992) 936-66-02-95; e-mail: mustafam30@mail.ru

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар талоши сулҳу салоҳ ва оромии ҷомеа мебошад. Ҳодисаҳои вазнину нангини солҳои навадуми асри гузаштаро ба инобат гирифта, ҳузури ҷашни ваҳдатро пайваст будани

робитаҳои қавӣ ва муттаҳидии тоҷиконро бо ҳамдигар дар давраи муосир нишон медиҳад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, дар таҳияи стратегия ва барномаҳои миллии муқовимат бо радикализми сиёсӣ, экстремизм ва терроризм хеле фаъол мебошад. Дар самти муқовимат "Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020", "Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025", "Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи"-ро қабул намудааст, ки ҳамчун санадҳои хусусияти барномавӣ дошта, мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат бо радикализми сиёсӣ ва терроризми байналмилалӣ муайян менамоянд.

Мавриди қайд аст, ки радикализми сиёсӣ заминаи хавфу хатарҳои на танҳо минтақавӣ , балки асоси таҳдидҳои нави ҷаҳониро ба миён меорад ва дар бисёр мавридҳо ноайён ва баҳснок мемонад. Албатта, махсусияти номаълумии радикализм дар он зуҳур меёбад, ки радикализм бо навъҳои худ ҳамчун идеологияи экстремизм фаъолият намуда, дар якҷоягӣ бо экстремизм асоси зуҳуроти дар амал татбиқ намудани терроризмро ташкил менамоянд.

Барои пешгирӣ ва муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми Тоҷикистони азиз хеле баланд арзёбӣ мегардад. Мардуми кишвари мо бо амалҳои бунёдкоронаи Президенти кишвар боварӣ дошта, ба сиёсати дурусти пешгирифтаи Пешвои муаззами миллат ифтихору арҷгузорӣ доранд. Муттаҳидии миллату давлат асоси пешгирӣ ва муқовимат ба ҳама гуна радикализму экстремизми сиёсӣ мебошад.

## АДАБИЁТ

[1] Махмадов П.А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии). [Матн] // П.А.Махмадов. Душанбе:– ЭР-граф, 2017. – 305 с.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-1999, -№11, мод. 275; соли 2005, –№ 3, мод. 116; соли 2007, №11, мод. 647; мод.648, ҚҶТ аз 25.12.2015 сол. №1266

[3] Эмомалӣ Раҳмон. Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам(р). [Матн]// Эмомалӣ Раҳмон .–Душанбе, 2009.–С.7.

[4] Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар шаҳри Душанбе.09.03.2024. https: //mfa.tj/tg/ saudi/ view/14685/sukhanroni-dar-muloqot-bo-faolon-namoyandagoni -jomea-va-kh.30.03.2024.

[5] Муҳаммад А. Раҷабов С. Қудусов Х. Кибертерроризм–таҳдид ба суботи ҷомеа. Брошюра. (таҷрибаи Тоҷикистон) [Матн] // А.Н.Муҳаммад, Раҷабов С.А., Қудусов Х.С.–Душанбе, 2019.- 68 с.

[6] Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. [Матн] // А.Н.Маҳмадов - Душанбе, 2010.- С. 145

## ПОЛИТИЧЕСКИЙ РАДИКАЛИЗМ – ОСНОВА УГРОЗ И НОВЫХ ГЛОБАЛЬНЫХ ВЫЗОВОВ

**САИДОВ МУХАММАДЖОН РАДЖАБМАДОВИЧ,**
преподаватель кафедры политологии и международных отношений Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава
786103, Таджикистан, город Бохтар, ул. Айни 67;

*В данной статье рассматривается феномен политического радикализма, который автор анализирует как основу возникновения новых глобальных угроз и вызовов. Несмотря на то, что большинство исследователей рассматривают политический радикализм как особую форму политического насилия, автор, усиливая их позиции, определяет его как экстремистскую и террористическую идеологию. Кроме того, отмечаются некоторые новые особенности и иные формы радикализма, проявляющиеся в виде трансграничного терроризма, который сегодня выступает как современное явление и используется против нашего народа целенаправленно и зачастую скрытно.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, независимость, политический радикализм, риски и опасности, новые глобальные угрозы, Национальная стратегия, Национальная концепция сопротивления, религиозный радикализм, экстремизм и терроризм, исламский радикализм, национальные интересы, обеспечение политической ситуации, социальная безопасность.*

## POLITICAL RADICALISM AS A SOURCE OF GLOBAL THREATS AND NEW CHALLENGES

**SAIDOV MUHAMMADJON RAJABMADOVICH,**
lecturer in the Department of Political Science and International Relations of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav
786103, Tajikistan, Bokhtar city, Ayni str. 67;

*This article analyzes the phenomenon of political radicalism, which the author interprets as a foundation for the emergence of new global threats and challenges. Although most researchers regard political radicalism as a specific form of political violence, the author, reinforcing their views, defines it as an extremist and terrorist ideology. Furthermore, the study highlights certain new characteristics and alternative forms of radicalism manifested in the form of transnational terrorism, which today represents a modern phenomenon deliberately and covertly used by those unfamiliar with our nation's values and identity.*

***Keywords:*** *Tajikistan, independence, political radicalism, risks and threats, new global threats, National Strategy, National Concept of Resistance, religious radicalism, extremism and terrorism, Islamic radicalism, national interests, ensuring political stability, social security.*

**УДК: 320.019.5:94**

# ИДЕОЛОГИЯИ СИЁСӢ: МОҲИЯТИ ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪРИХИЮ СИЁСИИ ОН

**ДАМИНОВА ГУЛНОЗА БАРОТОВНА,**
омӯзгори кафедраи фалсафаи факултаи
сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
786103, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67;

*Муаллиф дар мақола моҳияти пайдоиш ва хусусиятҳои таърихию сиёсии идеологияи сиёсиро мавриди таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои мухталифи онро арзёбӣ намудааст. Идеологияи сиёсӣ ҳамчунин маҷмуи нияти ахлоқӣ барои рушди устувори ҷомеа аст, дараҷаи ахлоқии худшиносӣ ва масъулият, вақте ки инсон худро ҳамчун шахсият ва қисми ҷомеа дарк мекунад.*

*Муаллиф устувории идеологии ҷомеаро дар мақола, на дар он ки ҳама ба риторикаи ҳокимият пайравӣ мекунанд, балки дар равандҳои сиёсие, ки одамон қодир ба фикр кардани интиқодӣ ва арзёбии дуруст дарк кардани воқеияти иҷтимоӣ ҳастанд, баррасӣ намудааст. Инчунин, асоснок кардани вазифаҳои идеологияи сиёсӣ барои рушду инкишофи ҷомеа хеле аз назари методологию назариявӣ дар раванди дигаргуниҳои ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *идеологияи сиёсӣ, моҳият, пайдоиш, хусусиятҳои таърихию сиёсӣ, соҳибистиқлолӣ, Тоҷикистон, деидеологизатсия, ҳокимият, идеологияи милатгароӣ, дингароӣ, норозигии сиёсӣ, ифродгароӣ, сепаратистӣ.*

Идеологияи сиёсӣ ва хусусиятҳои таърихию сиёсии пайдоиши он, албатта, вижагиҳои зиёдеро дар бар мегиранд. Аммо моҳияти асосии пайдоиши ин зухурот вобаставу пайваста ба вақт, замон ва ҳокимият мебошад. Агар мо идеологияро ҳамчун мафкура шарҳу баён кунем, албатта, таърихи хеле тулониро фаро мегирад. Одамон барои ба даст овардан, азхуд кардан ва тарзи ҳаёташонро дигар кардан, пеш аз ҳама, ягон ғоя ва ё идеологияро фикр карда мебароварданд ва ба онҳо такя мекарданд. Оҳиса-оҳиста дар раванди инкишофи давраҳои таърихию сиёсӣ идеологияҳо ҳам моҳияти худро тағйир дода, мавқеи худро дар ҷомеа мустаҳкам кардан гирифтанд. Ҳамзамон, вобаста ба инкишофи ҷомеа ва рушди инсонҳо фарзияҳои гуногуни мафкуравӣ пайдо гардиданд, баъдан онҳо ба назарияҳои мухталиф мубаддал гашта, дар худ хусусиятҳои гуногуни илмию назариявиро ифода намуданд.

Маълум аст, ки пайдоиши идеологияи сиёсӣ дар таърихи башарият зинаҳои гуногуни таърихиеро тай намудааст, ки дар ҳар як марҳалаи таърихӣ вазифаҳои гуногуни сафарбаркунӣ ва муттаҳидкуниро иҷро намудааст. Умуман, идеологияи сиёсӣ вазифаҳои гуногунеро, ба монанди тарғиботию ташвиқотӣ, сафарбарнамоӣ, ҳамгироӣ, маърифатӣ ва ғайра иҷро менамояд, вале вазифаи аз ҳама муҳимми идеология самтдиҳии он мебошад.

Аз ин рӯ, идеология дар симои доктрина хусусияти самтдиҳанда пайдо мекунад, ки дар он арзишҳои идеологӣ, роҳу усулҳо ва шаклҳои амалишавии онҳо ташаккул мeёбанд. Инчунин, таълимоти сиёсӣ дар фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳо вазифаи ҳамгироӣ (интегратсионӣ) ва сафарбарнамоиро иҷро менамояд. Дар асоси садоқати одамон ба доктрина ва барномаҳои сиёсӣ интихоб ва пешбарии кадрҳо дар зинаҳои гуногуни ташкилоти сиёсӣ ба амал бароварда мешавад. Сатҳи дастгирии таълимоту барномаҳои сиёсӣ аз ҷониби аъзои ташкилот ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсир мегузорад.

Вобаста ба чунин вазъ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2023 вазъи ташвишовар, хавфу хатар ва таҳдидҳои нави ҷаҳониро таҳлил намуда, изҳори андеша карданд, ки *“вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва хатарҳои муосир, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем”*[1]. Воқеан, таҳдидҳое, ки дар ин ҷо номбар шудаанд, пеш аз ҳама, ба идеологияи махсуси номатлуби ҷомеа равона гардидаанд. Масалан, идеологияи экстремистӣ зуҳуроти «терроризм» аст, ки маънои асосии он даҳшатафканӣ буда, муқобили зиндагии осоиштаи мардум аст.

Мавриди тазаккур аст, ки мувофиқи моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст” [2].

Пайдоиши идеологияи сиёсӣ ва вазифаҳои гуногуни он дар худ хусусиятҳои гуногуни таърихию сиёсӣ дорад, масалан, идеологияи либерализм. Дар таърих аввалин идеологияи сиёсӣ идеологияи либерализм (аз лотинӣ liberalis–“озод”) буд, ки дар асри XVII ба вуҷуд омада, ниҳоят дар миёнаҳои асри XIX ташаккул ёфтааст.

Идеологияи консерватизм ин низоми ғояву андешаҳо дар муносибат ба муҳити атроф мебошад, ки дар шакли шуури ҷамъиятӣ ва меъёрҳои сиёсию идеологӣ зоҳир гардида, на ҳама вақт бо ҳизбҳои сиёсии мушаххас худро алоқаманд мегардонад. Консерватизм ҳамчун ҷараёни классикӣ ва идеологияи сиёсӣ дар муддати дурударози таърихӣ ҳамчун васила таъмини умумияти идеологӣ дар шаклгирии самти рушди кишвару ҷомеаҳо нақши босазо гузоштааст.

Дар кишварҳои ғарбӣ дар баробари либерализм консерватизм яке аз муҳимтарин таълимоти идеологӣ ва сиёсӣ мебошад бори нахуст соли 1818 аз нашри маҷаллаи «Консерватор» шуруъ гардидааст.

Консерватизм, ҳамчун ҷараёни идеологӣ, дорои ҷанбаҳои ғоявӣ ва функсионалӣ буда, ҳифз ва нигоҳдошти арзишҳои ғоявии универсалии абадӣ ва асосноккунӣ, нигоҳдошт, рушд ва устуворгардонии сохтори мавҷудаи муосирро низ тақозо менамояд [3].

Идеали сиёсии консерватизм давлати пурқувват ва табақабандии равшани сиёсӣ мебошад, ки дар он ҳокимият ба элита тааллуқ дорад, озодӣ итоат ба ҳокимият ва садоқатро ба он пешбинӣ мекунад. Барои консерватор, бар хилофи либерал, манфиатҳои давлат, миллат ва ҷомеа аз манфиатҳои як шахс ё гурӯҳе болотар аст.

Неоконсерваторҳо ба рушди бозори озод дар соҳаи иқтисод такя намуда, дахолати давлатро ба иқтисодиёт рад намекунанд, вале бар ин ақидаанд, ки он бояд ҳадди ақал бошад ва афзалият бояд ба бозор тааллуқ дошта бошад. Мутобиқшавии он ба талаботи замон ва бознигарии баъзе меъёрҳои идеологияи консерватизм ба ташаккули неоконсерватизм мусоидат намуд.

Назариячиёни либерализм, махсусан Ҷон Лок ва пайравони ӯ – Шарл Луи Монтеске, меъёри тақсими ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судиро асоснок менамуданд ва ба ақидаи онҳо шохаҳои ҳокимият бояд якдигарро дастгирӣ намуда, ҳамзамон, онҳо баробарҳуқуқ бошанд ва мустақилият ва мухторияти худро нигоҳ дошта тавонанд [4].

Бисёре аз «ғояхои либерализм инкишофи бемахдуди бозор; рақобати озод, дахолат накардан ё аз рӯйи зарурат дахолат намудани давлат ба иқтисодиёт, эътирофи ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ ҳамчун шарти асосии рушди иқтисодӣ ва озодии сиёсӣ ва ғайра дар амалияи ҷамъиятӣ” [5]. истифода мегарданд.

Марксизм ва назарияи коммунизми илмӣ бошанд, бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд, онҳо зери таъсири синфи коргар рушду инкишоф меёфтанд. Заминаҳои назариявии пайдоиши коммунизми илмӣ, ҳамчун идеологияи ҳаракати коммунистӣ, аз сотсиализми утопиявӣ сарчашма

мегирад. Ғояҳои марказии идеологияи мазкур дар асарҳои Карл Маркс ва Фридрих Энгелс баён гардида буданд.

Дар давраҳои гуногуни мавҷудияти худ паҳлуҳои гуногуни идеологияи марксистию ленинӣ зери шубҳа қарор дода мешавад. Аз замоне, ки дар таркиби марксизм ҷараёни ревизионистӣ пайдо мешавад, ин тамоюл оғоз меёбад.

Ҳаракатҳои коммунистӣ дар ҳамаи кишварҳои собиқ сотсиалистӣ боқӣ мондаанд, аммо таъсиру нуфуз ва қудрати пештараи худро аз даст додаанд. Тамоми неруи кишварҳои Ғарб тайи ҳафтод соли мавҷудияти Иттифоқи Шуравӣ ба он равона карда шуда буданд, ки коммунизм ҳамчун идеология маҳв карда карда шавад.

Идеологияи сотсиал-демократӣ ҳамчун алтернативаи сармоядорӣ дониста мешавад. Бинобар ин, дар марҳалаҳои аввали пайдоиши худ вай ғояҳои муҳимтарини таълимоти марксистӣ, аз қабили барҳам задани сармоядорӣ, ба таври қатъӣ дигаргун намудани ҷомеа ва ба амал баровардани диктатураи пролетариат, умумигардонии воситаҳои истеҳсолот, баробарии иҷтимоӣ ва ғайраро ҷонибдорӣ менамуд.

Дар таълимоти сотсиал-демократия озодии одамон аз ҳама гуна маҷбурнамоии сиёсӣ, амал намудан дар доираи мақсадҳои шахсӣ ва мавҷудияти имкониятҳои фардӣ мазмуни озодиро ифода менамояд.

Хусусиятҳои муҳимтарини идеологияи сотсиал–демократӣ дар он ифода меёбад, ки вай дар баробари дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ худро тағйир дода, бо воқеиятҳои давру замон мутобиқ мегардонад. Пеш аз ҳама, он тавонистааст, ки дастовардҳои афкори сиёсии самтҳои гуногунро таҷзия намуда, идеологияеро созад, ки он манфиатҳои доираи васеи табақаҳои ҷамъиятиро ифода намояд.

Сотсиал-демократҳо бошанд, ҷонибдори демократикунонии ҷомеа, васеъ ва мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои одамон, инчунин, гуногунақидагии сиёсиро дастгирӣ менамоянд. Сиёсати ҳама ҳизбҳои сотсиал–демократие, ки дар сари ҳокимият ҳузур доранд, хусусият ва тамоюли иҷтимоигароӣ доранд.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки идеологияи сиёсӣ як системаи донишҳои зинда мебошад, ки дар таҷриба ва амалияи ҳам шахсони инфиродӣ ва ҳам ҷомеаҳо амалӣ мегардад. Ба андешаи мо, идеология метавонад на танҳо дар шакли таълимоти махсус, балки дар шакли овозаҳо, ақидаҳо ва афсонаҳо зоҳир шавад.

Баъзан, идеологияро ҳамчун модели мукаммали ҷаҳонбинӣ низ ёдовар мешаванд, ки дар раванди муттасил кам кардани мураккабии воқеияти атроф, яъне мутобиқсозии унсурҳои зиддиятнок ба чанд унсури асосӣ ташаккул ёфтааст. Ба ин тартиб, идеология ҳамчун нақша–намунаи

моделҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ бо мақсади муттаҳидсозии ҷомеа дар асоси арзишҳои муайян зоҳир мегардад.

Идеологияи сиёсӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ратсионализми иҷтимоӣ баромад мекунад, ки қаламрави худро бо ҳисоби дигар амалияҳо месозад ва ба онҳо мутобиқ мешавад. Аз ин рӯ, хатароти асосии иҷтимоии идеология дар афзоиши "ратсионализм бидуни ақл" зоҳир мегардад, яъне дар истифодаи воситаҳои ратсионалӣ барои расидан ба ҳадафҳои ирратсионалӣ.

Бояд тазаккур дод, ки идеологияи сиёсӣ, мисли ҳар системаи идеяҳо, ба таъвил ба азхудкунии эҷодӣ, ба хондани интихобӣ ва шарҳи субъективона дучор мешавад, тарзи пешниҳоди ғояҳо ба омилҳои гуногун вобаста аст, аммо асосан, ба субъект–идеолог. Тарзи қабул шудани ғояҳо бошад, дар бисёр ҳолатҳо аз субъектҳои сиёсӣ вобаста аст. Ҳар гуна назарияи идеологӣ бештар на ба шарҳи воқеият, яъне шарҳи мантиқӣ, балки ба фарқи мавқеъҳо, арзишу манфиатҳо, эҳсосоти субъектҳои фаъол, ки дар гурӯҳҳо муттаҳид шудаанд, асос меёбад.

Ҳадафи идеологияи сиёсии давлатӣ на расидан ба ҳақиқат, балки равона кардани одамон ба амал ва рафторҳои муайян мебошад. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки идеологияи сиёсӣ, ҳамчун системаи ғояҳо ва шакли ҳаёти маънавии ҷомеа чӣ чизро шарҳу тавзеҳ медиҳад? Пеш аз ҳама, ҳастӣ, фарҳангро ҳамчун шакли вуҷудияти ҷомеа. Идеологияи воқеӣ, ки дар низоми маънӣ ва мафҳумҳо, аломатҳои муҳим таҷассум ёфтаанд, ин фазои муборизаи рамзӣ мебошад, ки дар асоси истеҳсол ва таъсиррасонии маҷмуи маъниҳо дар манфиати қувваҳои ҳукмрон дар фазои иҷтимоӣ ва акторҳои он амалӣ мегардад. Онҳо тавассути амалисозии стратегияи коммуникативӣ кӯшиш мекунанд, ки функсияҳои идоракунӣ ва назоратро ба роҳ монанд, самти равандҳои иҷтимоишавиро тағйир диҳанд, навъ ва сифати сохторҳои маънавиро тавассути механизмҳои истеҳсолоти маънавӣ, тарбия ва таълим шакл диҳанд.

Аз ин рӯ, марзи тағйироти иҷтимоӣ на дар ихтирои тарзи нави андеша ё арзишҳо, балки дар конфигуратсияи тадриҷии амалҳои аллакай мавҷуд ё дар қабули онҳо ҷойгир аст. Воқеан, таъсири воқеии тадбирҳои радикалӣ дар афзоиши маромноки вазъиятҳои мушкил ва пайдоиши имкониятҳои нави амал кардан аст. Ин ба навбати худ конфигуратсияи амалҳоро вайрон мекунад, гарчанде ки онҳоро тағйир намедиҳад. Дар ниҳоят, устувории фазои идеологӣ бо сатҳи муҳофизат аз таъсири харобкунандаи ғоя ва технологияҳои идеологӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, ягонагии идеологӣ ва устуворӣ на маънои «ягонагии идеологӣ» мебошад, балки баръакс, ин гуногунӣ дар арзёбиҳо ва ақидаҳо мебошад. Яъне ин на он қадар «тасвири умумӣ» дар сари одам аст, ки

чизеро намешавад ба он илова ё кам кард, балки шубҳаҳо ва кӯшиш барои ғолиб омадан бар онҳо мебошад.

Ҳамин тавр, аксари ҳизбу созмонҳои навтаъсисёфта аз надоштани таҷрибаи кофӣ ба идеологияҳои сиёсии мухталиф мувоҷеҳ гашта, мавқеи худро дар ҷомеаи Тоҷикистон ёфта натавонистанд.

Воқеан, аз назари таърихию сиёсӣ пайдоиш ва ташаккули идеологияи сиёсии замони соҳибистиқлолӣ бештар ба фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва равандҳои деидеологизатсияи ҷомеа вобаставу пайваста буд. Аммо дигар дар кишварҳои истиқлол ба дастоварда, байни Ҳизби Коммунист ва дигар ҳизбу созмонҳои навпайдо кашмакашиҳои ғоявӣ не, балки чӣ гуна ба даст овардани ҳокимият ба миён омада буд.

Коммунистҳо, ки шаҳди давлату давлатдорӣ ва ҳокимиятро дар яккатозии ҳизбӣ чашида буданд, дигар бо тамоми ҳастӣ муборизаи беамонро бо ҳар роҳу василаҳои гуногун давом медоданд. Ба онҳо дигар ҳизбу созмонҳои навбаромад на чандон мухолифати сахт доштанд. Аз ин рӯ, исломгароён аз чунин фурсат истифода намуда, худро ба ҷӯши издиҳоми муқовиматкунанда андохта, неруҳои демократӣ ва дигар тазоҳуротгаронро зери қанотҳои худ гирифта тавонистанд. Яъне идеологияи исломгароён ҳама ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва демократикунонии кишварро барбод дода тавонист.

Имрӯз барои пешгирӣ намудани идеологияҳои номатлуби сиёсию динӣ ва амалҳои террористию экстремистӣ, кишвари мо дар сафи пеши мубориза қарор дорад ва корҳои зиёдеро ҳам ба анҷом расонидааст. Ҳамзамон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”, “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”, қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Точикистон, санадҳои байналмилалии эътирофшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо дарназардошти вазъи имрӯзаи ҷомеа “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои барои солҳои 2021-2025” қабул карда шудааст [6].

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи ба зеҳну тафаккури мардум инсон таъсир расонидан ба воситаи идеология ва ташвиқу тарғиби махсус, ба таври манфӣ нишон додани имиҷи ин ё он миллату кишвар хеле нигароникунанда мебошад. Аз ин рӯ, бештар хавфи таъсир ва паҳн шудани идеологияи милатгароӣ, дингароӣ, норозигии сиёсӣ, ифротгароӣ, сепаратистӣ ва ғайра алоқамандӣ дорад.

Дар ин радиф, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Абдураҳмон Муҳаммад қайд кардааст, ки «ҳар як навъи фаъолияти одамон, ҳар як зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҷомеаи синфӣ бо сиёсат алоқаманд аст. Фарҳанги сиёсӣ амалан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гузашта, ба дигар намудҳои

ҳокимият таъсир мерасонад. Соҳиби фарҳанги сиёсӣ набуда, кас сиёсатмадори соҳибтаҷриба ва ботадбир нахоҳад шуд» [7].

Воқеан, идеологияи сиёсӣ низ як навъи фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад, ки дар раванди идоракунии ҳизбу созмонҳои гуногун ва фарҳангсолорӣ ҳамеша мавриди истифода қарор дода мешавад.

## АДАБИЁТ


1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 2023.

2.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.– С.3.

3.Идеологияи сиёсӣ. (дастури таълимию сиёсӣ), мураттибон Муҳаммад А., Хидирзода М.–Душанбе, 2022. – С.36.

4. Муҳаммад А., Хидирзода М., Сафарализода Х. Сиёсатшиносӣ. –Душанбе, 2018.–С. 99-101.

5. Зокиров Г. Сиёсатшиносӣ.–Душанбе, 2010.–С. 120.

6. “Стратегияи миллии Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои барои солҳои 2021-2025”. –Душанбе, 2021.

7. Маҳмадов А. Сиёсатшиносӣ. –Душанбе, 2010. – С.229


# ПОЛИТИЧЕСКАЯ ИДЕОЛОГИЯ: СУЩНОСТЬ, ПРОИСХОЖДЕНИЕ И ЕЁ ИСТОРИКО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ


**ДАМИНОВА ГУЛНОЗА БАРОТОВНА,**

преподаватель кафедры философии факультета политики и государственного управления Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава

786103, Таджикистан, город Бохтар, ул. Айни 67;



*В данной статье автор рассматривает сущность происхождения и историко-политические особенности политической идеологии, анализируя её различные аспекты. Политическая идеология также представляется как совокупность нравственных намерений, направленных на устойчивое развитие общества, как уровень морального самосознания и ответственности, когда человек осознаёт себя личностью и частью социума*

*Следует отметить, что автор рассматривает устойчивость идеологической системы общества не как безусловное следование риторике власти, а как процесс, в котором люди способны мыслить критически, адекватно воспринимать и оценивать социальную реальность. Кроме того, в статье подчёркивается, что обоснование функций политической идеологии в развитии и совершенствовании общества имеет важное методологическое и теоретическое значение в контексте общественных преобразований.*

***Ключевые слова:*** *политическая идеология, сущность, происхождение, историко-политические особенности, независимость, Таджикистан, деидеологизация, власть, националистическая идеология, религиозная идеология, политическое недовольство, экстремизм, сепаратизм.*

## POLITICAL IDEOLOGY: ESSENCE, ORIGIN, AND ITS HISTORICAL AND POLITICAL CHARACTERISTICS

**DAMINOVA GULNOZA BAROTOVNA,**
lecturer of the Department of Philosophy, Faculty of Politics and Public Administration of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav
786103, Tajikistan, Bokhtar city, Ayni str. 67;

*The author in the article examines the essence of the emergence and historical and political characteristics of political ideology, evaluating its various aspects. Political ideology is also a set of moral intentions for the sustainable development of society, the moral level of self-awareness and responsibility, when a person perceives himself as an individual and part of society.*

*The author considers the ideological stability of society in the article not in the fact that everyone follows the rhetoric of power, but in political processes in which people are able to think critically and correctly assess and understand social reality. Also, substantiating the tasks of political ideology for the development and progress of society is considered very important from a methodological and theoretical point of view in the process of social change.*

***Keywords:*** *political ideology, essence, origin, historical and political characteristics, independence, Tajikistan, de-ideologisation, power, nationalist ideology, religious ideology, political discontent, extremism, separatism.*

**УДК: 336.22(575.3)**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗИРИЯВИЮ АМАЛИИ ИҚТИСОДИ ОИЛА

**МУҚАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУҚАДДАС,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Носир 33;
тел.: (+992) 987-77-05-03; e-mail: 918202020p@gmail.com

**БОБОЕВА ГУЛБАҲОР РАҲИМОВНА**,
муаллими калони кафедраи иқтисодиёти байналмилалии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
7340061, Тоҷикистон., ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63/3;
тел: (+992) 918-28-54-76; e-mail: gulbahor8484@mail.ru;

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявию амалии иқтисоди оила ва хоҷагии хонавода баррасӣ гардида, нақш ва мавқеи хоҷагии хонавода дар ташаккули нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мушаххас гардидааст. Муайян карда шудааст, ки дар сохтори масрафи ҳар як аъзои оилаи мамлакат то ҳанӯз хароҷот барои молҳои озуқаворӣ зиёд буда, тамоюли тағйирёбӣ ва болоравии нишондиҳандаҳои сарфу харҷ барои молҳои ғайриистеъмолӣ ва хизматрасониҳо ба назар мерасад. Бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ истифодаи тарзу усулҳои муосири таҳқиқоти хоҷагии хонавода бо истифода аз имкониятҳои иқтисоди рақамӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди оила, хоҷагии хонавода, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, арзиши изофашуда, хароҷоти истеъмолӣ, иқтисоди рақамӣ, таҳқиқоти буҷаи хонаводаҳо, сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ, шуғли аҳолӣ, таваррум ва буҷаи давлатӣ, коэффитсиенти «Ҷини», неруи инсонӣ.*

Муссалам аст, ки хоҷагии хонавода ва аҳолӣ ҳамчун агрегатҳои иқтисодӣ субъектҳои асосии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, тавассути фаъолияти иқтисодӣ бо субъектҳои дигари иқтисодӣ, яъне давлат ва корхонаву ширкатҳои бахши хусусӣ ҳамкории мутақобила доранд. Ин муносибатҳо дар бозори меҳнат ва бозори молу маҳсулот, инчунин, бозори хизматрасониҳои гуногун ба амал омада, ба ташаккулёбии иқтисоди оила ва талаботи иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки аз давраҳои А.Смит то ба имрӯз оила ҳамчун яке аз ниҳодҳои калидии аз лиҳози иқтисодӣ муҳим мавриди омӯзиш қарор дошта, аз соли 1960 инҷониб ба самти асосии таҳлилҳои иқтисодӣ мубаддал гардидааст. Агар Т.Малтус модели рушди

демографӣ ва Ф.Энгелс сохтори оиларо баррасӣ карда бошанд, намояндагони илми муосир Г.Беккер, Ҷ.Минсер ва пайравони онҳо самти иқтисоди нави хоothwadaro дар таҳқиқоти худ роҳандозӣ намудаанд [18].

Ҳоло равишҳои гуногуни назариявӣ доир ба муайянсозии нақш ва мақоми иқтисоди оила арзи ҳастӣ дошта, маъмулан, равиши иқтисодӣ, хусусан, иқтисоди рафторӣ, ки дар шароити маҳдудияти захираҳо ба қабули қарорҳои барои оила самараноктарин водор мекунад, мавқеи хосро доро мебошад. Инчунин, баррасии равиши иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии иқтисоди оила ба паҳлуҳои фарҳангии тарзи зиндагии оила ва талаботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва аҳолӣ вобастагии калон дорад.

Тавре ки зикр мегардад, «нақши иқтисоди оила дар низоми муносибатҳои бозорӣ хеле муҳим буда, оиларо метавон ҳамчун хоҷагии хонавода, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда, маблағгузоркунанда ва сармоягузор баррасӣ карда шавад. Дар робита ба ин, оила масъалаҳои гуногуншакли пешбурди хоҷагии хонавода, тиҷорати оилавӣ, бозтавлиди қувваи корӣ, таъмини сатҳи зарурии талаботи истеъмолӣ, бунёди иқтидори сармоягузорӣ ва дигарро ҳал менамояд» [6].

Ба андешаи мо, раванди ташаккулёбии иқтисоди оила ва самаранокии истифодаи он бештар ба муҳити оилавӣ, инчунин, ба ҷанбаҳои ахлоқиву фарҳангӣ ва фазои ташаккулёфта дар ҷомеа вобастагии калон дорад. Таҷрибаву мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар рушди иқтисоди оила неруи инсонии аъзои он нақши боризро бозида, дар такя ба категорияи фалсафавии «шароити зиндагӣ шуурро муайян менамояд» метавон зикр намуд, ки даромад ва хароҷоти оила аз ин мантиқи илмӣ вобастагӣ дорад. Маҳз омилҳои зикршуда боиси номутобиқатии даромаду хароҷот ва тафриқаи табақаҳои гуногунии иҷтимоӣ дар ҷомеа мегардад.

Аз ҷониби дигар, дар адабиёти илмӣ тафовути мафҳуми хоҷагии хонавода ва мафҳуми иқтисоди оила пешниҳод гардидааст, ки то андозае баҳснокии илмии амиқро нишон медиҳад. Масалан, муҳаққиқ В.Гирник зикр намудааст, ки «зери мафҳуми хоҷагии оилавӣ хоҷагии аз ҷониби як ва ё якчанд нафар пешбаранда, якҷоя истиқоматкунанда ва дорои буҷаи умумӣ фаҳмида мешавад ва хоҷагии хонавода бошад, ҳамаи кормандони кироя, соҳибони сармояи хурду калон, замин ва коғазҳои қиматноке, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ банд ва ё озодро муттаҳид менамояд. Яъне мафҳуми хоҷагии хонавода нисбат ба оила васетар буда, на танҳо хешовандон, инчунин, метавонад аз як ва бисёр аъзо иборат бошад» [2].

Ҳамин тавр, таҳлили нуктаи назари олимону муҳаққиқони гуногун собит менамояд, ки оила ҳамчун сохтори иҷтимоӣ ва ниҳодҳои бунёдии ҷомеа дар ташаккулёбӣ ва рушди хоҷагии хонавода нақши калидӣ дорад.

Тавре зикр мегардад, дар институтсионализми анъанавӣ мафҳуми “хоҷагии хонавода” ба сифати шакли ташкилоти иҷтимоии оила пешниҳод гардидааст, ки он институт – ососи хоҷагии хонавода мебошад [5].

Аз нигоҳи мо, мафҳуми иқтисоди оила идоракунии ҳамаи даромадҳо ва хароҷоти оиларо дарбар гирифта, аз ҳамҷояшавии дороиҳо, даромадҳои аъзои оила *(даромади молиявӣ, яъне маошу нафақа, кумакпулиҳо, даромадҳо аз хоҷагии наздиҳавлигӣ дар ҷамоати деҳот, даромад аз дарсадҳои (фоизҳои) бонкӣ, даромад аз иҷораи амвол ва монанди инҳо)* иборат мебошанд. Масъалаи асосии иқтисоди оила ин дарёфти тавозуни байни даромадҳои маҳдуд ва хароҷоти афзояндаи оила, аз ҷумла доир ба таъмини моддию маънавӣ ва истироҳатию фароғатии фардҳои аъзои оила ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба нақши оила дар хоҷагии хонавода аломатҳои зерини оиларо метавон ҷудо намуд [5]:

–гурӯҳи одамоне, ки бо робитаҳои оилавию хешу таборӣ (хешовандон, зану шавҳар бо фарзандон ва ё бе онҳо);

–гурӯҳи одамони якҷоя ва ё алоҳида истиқоматкунанда;

дорои буҷети якҷоя ва ё ҷудогона;

–аъзои оила метавонанд дорои мақсаду вазифаҳо ва захираҳои ноилшавии гуногун ба ҳадафҳояшон бошанд;

–дар байни аъзои оила мавҷудияти кумаки байниҳамдигарӣ ва ё набудани он;

–оила ин сохтори иҷтимоӣ (низоми иҷтимоӣ) мебошад.

Дар осори илмии иқтисодӣ доир ба мафҳумҳои иқтисоди оила ва иқттисоди хоҷагии хонавода нуктаи назари мухталиф ва баҳснокии амиқ ба назар мерасад. Ба андешаи мо, пажуҳишгар М.Киреева дуруст зикр менамояд, ки оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоии ҷомеа ва хоҷагии хонавода ҳамчун ниҳоди иқтисодӣ баромад намуда, ҳар ду ниҳод тавассути таъсири мутақобилаи фардҳо ба якдигар ташаккул меёбанд ва ниҳодҳо ба фардҳои ҷомеа тавассути низоми меъёрҳо ва урфу одатҳо таъсир мерасонанд [5].

Аз ҷониби дигар, асосҳои консептуалии иқтисоди хоҷагии хонавода нишон медиҳад, ки оила тавассути иштирок дар бозори меҳнат, иштирок дар бозори молу хизматрасонӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ ҷараёни талабот ва пешниҳодотро ба вуҷуд оварда, дараҷаи рушди иқтисодиёт ва сатҳу сифати зиндагии одамон ба якдигар робитаи мутақобиларо доро мебошад.

Дар робита ба ин, барҳақ зикр мегардад, ки мутобиқ ба консепсия иқтисоди хоҷагии хонавода [5; 6; 8]:

1) равиши системавӣ доир ба фаъолияти ҳаётии иқтисодии оила дар муҳити дохила ва беруна рушд мекунад;

2) иқтисоди хоҷагии хонавода бо истеҳсолот ва истеъмолот, меҳнати хонагӣ ва хизматрасониҳо вобаста мебошад;

3) иқтисоди ҷомеа хоҷагии хонаводаро дар сатҳҳои гуногун ва бо ерии механизмҳои гуногун дарбар мегирад.

Ба андешаи мо, вижагиҳои иқтисоди оила ва иқтисоди хоҷагии хонавода нишон медиҳад, ки дар байни ин мафҳумҳо омилҳои умумият ва ҷудогона арзи ҳастӣ дошта, ҳамдигарро то андозае мукаммал мегардонанд.

Аз ин нуктаи назар, хусусиятҳои зерини хоҷагии хонаводаро метавон ҷудо намуд [5; 6; 8; 13]:

–гуруҳи одамоне, ки бо умумияти манфиатҳо, ҳадафҳо, (ҷуфти оилавӣ, ҷуфти ғайриоилавӣ, ҳамкорон ва ё дӯстон) якҷоя зиндагӣ дошта ва хоҷагии умумӣ дошта муттаҳид шудаанд;

–шахсони алоҳидаи якҷоя зиндагикунандаи дорои буҷети умумӣ ва захираҳо, инчунин ба якдигар кӯмаккунанда ва дорои масъулияти умумӣ;

–субъекти хоҷагидорест, ки ҳамчун агенти иқтисодӣ баромад менамояд.

Тибқи асарҳои илмии иқтисодӣ, «аввалин маротиба доир ба хоҷагиҳои хонагӣ дар корҳои мутафаккири Юнони Қадим–Ксенофонта (солҳои 430–355-и то давраи мо) зикр гардида, масъалаҳои амалии иқтисодӣ ва инчунин, донишҳо доир ба усулҳои рӯёнидани ғалладонагиҳо ва боғпарвариро дар бар гирифтааст. Ҳамчунин, доир ба хоҷагии хонаводагӣ файласуфи маъруф Арасту андешаронӣ намуда, мафҳуми «иқтисодиёт»-ро ба истифодаи умум ворид намудааст ва ҳадафи асосии хоҷагии хонаводаро, пеш ҳама, ба даст овардани фоида баён намудааст» [1; 2].

Аз таҳлили маводҳои зикршуда бармеояд, ки иқтисоди оила аз хоҷагидории хонагӣ оғоз шуда, дар ҷараёни таҳаввулоти минбаъда ва бо мурури вақт дар таркиби хоҷагии хонавода ва дар маҷмуъ, ба қисми таркибии низоми иқтисоди миллӣ мубаддал гардидааст. Аз ин лиҳоз, дар замони муосир истифодаи мафҳуми “иқтисоди оила” бештар ҳаёту зиндагии фардии оилавиро инъикос намуда, мафҳуми хоҷагии хонаводаҳо воқеан, фарогирии бештарро касб намудааст. Вале бояд тазаккур дод, ки нишондиҳандаи омории хоҷагии хонавода дар таркиби худ нишондиҳандаҳои иқтисоди оилавиро низ дарбар мегирад.

Дар робита ба ин, таҳлили нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2023 нишон медиҳад, ки ҳиссаи хоҷагии хонаводаҳо дар ташаккули арзиши умумии изофа дар иқтисоди миллӣ хеле назаррас мебошад (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои саҳми хоҷагии хонаводаҳо дар ташаккули арзиши умумии изофа дар иқтисоди миллӣ (бо нархҳои ҷорӣ, мрд сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Арзиши умумии изофа | 71,4 | 76,4 | 91,4 | 107,5 | 119,6 | 141,3 |
| аз ҷумла, аз ҳисоби хоҷагии хонаводаҳо | 31,8 | 34,8 | 41,0 | 48,9 | 54,6 | 64,1 |
| Ҳиссаи хоҷагии хонаводаҳо дар ММД, % | 44,5 | 45,5 | 44,9 | 45,5 | 45,7 | 45,4 |

**Сарчашма:** ҳисоб ва таҳияи муаллифон [17, –С.29].

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки агар соли 2019 саҳми хоҷагии хонаводаҳо дар ташаккулёбии арзиши умумии изофа дар иқтисоди миллӣ ба 44,5 дарсад баробар бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024-юм 0,9 банди дарсадӣ (фоизӣ) зиёд гардидааст. Яъне нақши хоҷагии хонавода дар ташаккули арзиши изофа тадриҷан афзоиш дошта, аз саҳми калони он дар иқтисоди миллӣ гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷониби дигар, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки айни замон дар Тоҷикистон ҳамагӣ буҷаи 3000 хонавода таҳқиқ карда мешавад, ки аз онҳо 1286 хонавода дар шаҳрҳо ва 1714 хонавода дар деҳот ҷойгиранд ва дар натиҷа, иттилои маҷмуӣ доир ба мамлакат, инчунин, дар сатҳи 5 минтақа ба даст оварда мешавад [10].

Ҳол он, ки ба ҳолати 1 январи соли 2025 аҳолии мамлакат беш аз 10508 ҳазор нафарро ташкил дода, дар ҳолати ҳар як оила ба ҳисоби миёна аз 6 нафар иборат будан, миқдори хоҷагии оила дар мамлакат беш аз 1751 ҳазорро ташкил медиҳад. Яъне арзёбии экстрополятсионии буҷаи хонавода тавассути маълумоти таҳқиқии 0,17 дарсад хоҷагии оила то андозае баҳснокии амиқро нишон медиҳад.

Таҳлили таркиби даромади умумии истифодашудаи хоҷагии хонаводаҳо нишон медиҳад, ки давоми солҳои 2017–2025 нишондиҳандаи даромади умумии истифодашуда (ба ҳисоби миёна, ба як аъзои хонавода дар як моҳ) аз 329,7 сомонӣ то ба 1110,4 сомонӣ афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, агар дар соли 2017 дар даромадҳои меҳнатӣ 47,5 дарсади ҷамъи даромади моҳонаи аъзои оиларо ташкил карда бошад, пас ин рақам дар соли 2024 ба 41,8 дарсад баробар гардидааст. Яъне қисми боқимондаи даромади аъзои оила аз трансферҳои иҷтимоӣ, даромад аз хоҷагии ёрирасон, даромад аз амволи ғайриманқул ва дигар сарчашмаҳои мадохилот иборат буда, дар соли 2024 танҳо аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои мадоҳилот наздик ба 35,7 дарсади даромади умумии моҳонаи аъзои хонавода ташаккул ёфтааст [10; 11].

**Ҷадвали 2.**

**Даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ** (млн сомонӣ)

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромад, Ҳамагӣ | 1005,6 | 3755,6 | 13256,0 | 25569,8 | 65347,0 | 146496,6 |
| Хароҷот ва пасандоз | 909,9 | 3796,8 | 13948,5 | 34968,0 | 72555,7 | 152907,2 |
| Таносуби даромад ва хароҷоту пасандозҳои аҳолӣ, бо дарсад (фоиз) | 110,5 | 98,9 | 95,0 | 73,1 | 90,1 | 95,8 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллифон тибқи [11, -С.126].

Ҳамин тавр, таҳлили даромад ва хароҷоти пулии аҳолии мамлакат нишон медиҳад, ки дар баробари зиёдшавии даромадҳои пулии аҳоли хароҷот ва пасандозҳои онҳо низ афзоиш ёфта истодаанд. Вале бузургии хароҷот ва пасандозҳои аҳолӣ дар даҳ соли охир нисбат ба нишондиҳандаи даромади пулии онҳо барзиёд ташаккул ёфта истодааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки на ҳамаи сарчашмаҳои даромади аҳолӣ ба ҳисоботи оморӣ фарогир шудааст.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сифати воҳиди таҳқиқот хонавода қабул карда мешавад, ки он ҳамчун маҷмуи зиндагии якҷояи ашхос, барои онҳое, ки буҷеташон ва ҷойи зиндагиашон умумӣ мебошад (хона, манзил, ҳуҷра, гурӯҳи ҳуҷраҳое, ки ба кӯча ё бино баромади алоҳида доранд) муайян карда мешавад. Дар чунин маврид муносибату робитаҳои хешовандӣ шартҳои ҳатмӣ шуда наметавонанд, яъне дар истиқомати якҷоя ва пеш бурдани хоҷагии умумӣ, аъзои хонавода метавонанд хешу табор набошанд [10]. Вале дар асоси фарҳанг ва урфу одати зиндагии аҳолии мамлакат хулоса баровардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети хоҷагии хонавода тақрибан аз буҷети хоҷагии оила иборат мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои истифодаи ММД собит менамояд, ки дар давоми солҳои 2019-2024 хароҷоти истеъмолии иқтисоди миллӣ дар маҷмӯъ беш аз 2,3 баробар, аз ҷумла хароҷоти истемолии хоҷагии хонавода наздик ба 2,4 баробар зиёд гардида, ҳиссаи хоҷагии хонавода дар ҳаҷми умумии хароҷоти истеъмолӣ аз 86,7 то ба 88,6 дарсад афзоиш ёфтааст (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 2.**

**Нишондиҳандаҳои истифодаи ММД (мрд сомонӣ)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти истеъмолӣ | 69,1 | 74,9 | 92,2 | 115,5 | 133,1 | 162,0 |
| аз ҷумла, хоҷагии хонаводаҳо | 59,9 | 64,6 | 80,4 | 102,7 | 118,2 | 143,5 |
| Ҳиссаи хоҷагии хонаводаҳо дар хароҷоти истеъмолӣ, % | 86,7 | 86,2 | 87,2 | 88,9 | 88,8 | 88,6 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллифон тибқи [17, -С.74].

Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои ҳиссаи даромадҳои хоҷагии хонавода дар ташаккулёбии арзиши изофа (ниг ба ҷадвали 1), даромад ва хароҷоти пулии аҳолии мамлакат (ҷадвали 2) ва ҳиссаи хоҷагии хонавода дар ҳаҷми умумии хароҷоти истемолӣ (ҷадвали 3) собит менамояд, ки роҳандозии усулҳои методологии тадқиқоти буҷети хонавода то андозае аз воқеият тафовут дошта, беҳбудиро тақозо менамояд.

Ҳамчунин арзёбии ҳолати истифодаи даромади хонаводаҳо нишон медиҳад, ки дар солҳои 2017-2024 ҳиссаи хароҷоти даромади умумии истифодашудаи як аъзои хонавода барои молҳои озуқаворӣ аз 49,2 дарсад то 51,3 дарсад ва барои молҳои ғайриозуқворӣ аз 27,1 дарсад то 35,6 дарсад зиёд гардидааст. Дар давраи таҳлилӣ хароҷот барои пардохти хизматрасонии шахсӣ аз 13,6 то 12,2 дарсад коҳиш ёфтааст [6].

Мувофики тадкикоти буҷети хонавода хароҷоти даромади умумии истифодашудаи як аъзои хонавода дар маҳалҳои шаҳрӣ барои молҳои озуқаворӣ аз наздик ба 50 то 54,5 дарсад ва барои молҳои ғайриозуқворӣ аз 24,6 то 31,6 дарсад зиёд гардидааст. Аз ҷониби дигар, хароҷоти даромади умумии истифодашудаи як аъзои хонавода дар маҳалҳои деҳот барои

молҳои озуқаворӣ аз 48,8 то 48,5 дарсад ва барои молҳои ғайриозуқворӣ аз 28,2 то 39,3 дарсад зиёд гардидааст.

Хусусан, дар соли 2024–ум (дар як моҳ) 51,4 дарсади хароҷоти истеъмолии як аъзои хонавода барои хариди хӯрокворӣ равон гардида, хариди молҳои ғайриозуқаворӣ 35,7 дарсадро ташкил додааст. Дар робита ба ин, таҳлили сохтори хароҷоти молҳои ғайриозуқаворӣ нишон медиҳад, ки 26,8 дарсади он барои хариди либосу пойафзор ва газвор, 12,4 дарсад барои хариди масолеҳи бинокорӣ ва 12,8 дарсад барои харидани сӯзишворӣ масраф гардида, барои хариди мол ва асбобу анҷоми рӯзғор, инчунин мебел ҳамагӣ 13,4 дарсад ва барои доруворӣ 1,5 дарсад ва молҳои тиббӣ ва беҳдошти шахсӣ 3,0 дарсад масраф шудааст [11].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ даромадҳои меҳнатии аҳолии Тоҷикистон аз рӯйи бахшҳои иқтисоди миллӣ бахши хизматрасонӣ (42 дарсад) ва соҳаи кишоварзӣ (29 дарсад) дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ саҳми назаррас гузошта истодаанд. Новобаста ба сатҳи пасти даромад ба сари аҳолӣ, дар байни ҳамаи бахшҳои иқтисодӣ соҳаи кишоварзӣ бинобар дастрасиаш сарчашмаи калонтарини даромад ба ҳисоб меравад [ 3]. Аз ин лиҳоз, бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати мамлакат ҳамчун ҳадафи стратегии рушди иқтисоди миллӣ эълон ва дар ин самт тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардида истодааст.

Таҳлили тақсимоти даромадҳо дар байни аҳолӣ, ки тавассути коэффитсиенти «Ҷини» арзёбӣ мегардад, нишон медиҳад, ки нобаробарии даромадҳо бештар ба омилҳои марҳалаи давраи гузариш вобастагӣ дошта, аз 34 дарсади соли 2015 то 38 дарсад дар соли 2023 афзоиш ёфтааст [7 ].

Бояд зикр намуд, ки коэффитсенти «Ҷини» ҳамчун нишондиҳандаи муҳими сатҳи тақсимоти даромадҳо дар таҳияи сиёсат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ хизмат менамояд. Дар шароити кунунӣ ҳолати мазкур ба шуғли бештар дар соҳаи кишоварзӣ ва сатҳи пасти даромад аз он вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқоти коршиносон метавон зикр намуд, ки сатҳи баланди коэффитсиенти «Ҷини» ба омилҳои зерин таъсири номатлуб дорад [7]:

–ба сифати зиндагӣ ва фазои соҳибкорӣ;

–сатҳи тандурустӣ ва соҳаи маориф;

–ба қобилияти харидории аҳолӣ;

–маҳдудшавии бозори фурӯши молҳо.

Бо дарназардошти мушкилоту масъалаҳои зикршуда, ба андешаи мо, дар болоравии сатҳи даромади хоҷагии хонавода ва дар маҷмӯъ, пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлатҳо рушди неруи инсонӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои маориф

ва тандурустӣ аҳамияти хосса дода, ҳамасола дар сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ ба ин соҳаҳо маблағҳои калон равона менамояд.

Тибқи таҳлили коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ нишондиҳандаи рушди нерӯи инсонӣ дар Тоҷикистон тавассути якчанд омилҳои калидӣ ташаккул меебад [ 4]:

–Аввалан, ин сатҳи саводнокии аҳолӣ, ки бо шарофати амалисозии барномаҳои давлатӣ оид ба дастрасӣ ба соҳаи маорифи босифат тадриҷан баланд гардида истодааст;

–Дуюм, соҳаи тандурустӣ, ки дар баробари муваффақиятҳои мушаххас дар масъалаи дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мушкилот мавҷуд мебошад;

–Сеюм, рушди иқтисодӣ, ки аз сатҳи сармоягузорӣ ва милҳои беруна вобастагӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки соҳаи саноат ҳамчун соҳаи сердаромад барои баланд бардоштани сатҳи иқтисоди оила нақши калон дошта, рушди минбаъдаи он омили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, соҳаи саноати мамлакат бояд дар ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши калон дошта бошад.

Мушоҳидаву таҳлилҳои коршиносӣ нишон медиҳанд, ки дар идоракунии иқтисоди оила сатҳи саводнокии молиявии аъзои оила нақши калон дошта, истифодаи муносибатҳои рафтории дуруст ва банақшагирии тавозуни даромад ва талаботу хароҷоти оила боиси хароҷоти қонеъкунандаи буҷети оилавӣ мегардад. Дар ҳолати дигар, оилаҳое, ки аз низом ва танзими даромаду хароҷот бархӯрдор нестанд, бо хароҷоти бемаврид ва дуюмдараҷаи худ доим дар ҳолати норасоиву танқисии маблағҳо қарор дошта, аз ин ҳисоб дар ҳалқаи ногувор ҳаёту зиндагӣ ба сар мебаранд.

Бояд тазаккур дод, ки бо иқдомҳои хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади роҳандозии дурусту самараноки иқтисоди оила қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [15] ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [16] қабул ва мавриди амал қарор дошта, боиси болоравии фарҳангу маданияти истифодаи буҷети оилавӣ ва беҳтаршавии сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат гардида истодааст.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тақозои рушди ҷомеа анъана ва ҷашну маросимҳоро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони

Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Бояд зикр намуд, ки мақсаду вазифа ва доираи амали он аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст.

Ба андешаи мо, самараи тадбирҳои мазкур тавассути коҳишёбии хароҷоти барзиёд ба содагардонии баргузории ҷашну маросимҳо ва аз байн рафтани рақобатҳои бемаънӣ, инчунин, роҳандозии дурусти буҷаи хонавода мусоидат карда, боиси беҳтаршавии сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат ва устувории вазъи иҷтимоии ҷомеа гардида истодааст.

Масалан, маҳз дар натиҷаи ғамхориҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати мамлакат, инчунин, амалисозии меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ даромадҳои пулии аҳолии мамлакат тадриҷан афзоиш ёфта, хароҷоти барзиёди бемаврид сарфа гардида истодааст ва мутобиқан сатҳи камбағалии аҳолӣ аз 53 дарсад соли 2007 то ба 20,4 дарсад дар соли 2024 коҳиш ёфтааст [12]. Дар баробари ин, ҷанбаҳои фарҳангии тадбири мазкур ба ташаккулёбии тафаккури муосири хароҷоти буҷаи оила, тағйирёбии сохтори хароҷоти аҳолӣ, равона гардидани маблағҳои сарфашуда ба таълиму тарбияи фарзандон ва беҳтарсозии шароитҳои истиқоматии аҳолии мамлакат мусоидат карда, тадриҷан зиёдшавии таваҷҷуҳи мардум ба хароҷоти истироҳативу маишӣ ба миён омада истодааст.

Бояд зикр намуд, ки иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҷомеа пурра ҷонибдорӣ гардида, натиҷаву самараҳои он боиси дар як қатор кишварҳои олам, аз ҷумла Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон истифода гардидааст [9; 14].

Дар асоси маълумоти оморӣ хулоса кардан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли тағйирёбии сохтори хароҷоти даромади хонаводаҳо дар самти зиёдшавии хароҷот ба хариди молҳои ғайриозуқаворӣ ва хизматрасониҳои маишӣ ба назар мерасад.

Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки бо иқдомҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маошу нафақа ва дигар даромадҳои хонаводаҳо сол аз сол афзоиш ёфта, сатҳи зиндагии мардум тадриҷан баланд гардида истодааст. Дар баробари ин, иқтидорҳои мавҷудаи иқтисоди оилаҳои мамлакат то ҳанӯз пурра арзёбӣ нагардида истодаанд.

Дар ҳолати роҳандозии усулҳои муосири таҳқиқоти хоҷагиҳои хонавода сатҳи эътимоднокии рақамҳои арзёбишаванда комилан боло рафта, доир ба сифати хароҷоти буҷаи хонаводаҳо, таҳияи дурнамои тавозуни талаботи иқтисоди миллӣ ба молу маҳсулот ва хизматрасониҳо,

инчунин, нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ташаккулёбии талабот ва таваррум дуруст арзёбӣ карда мешавад.

Дар маҷмуъ, истифодаи механизмҳои муосири иқтисоди рақамӣ дар ҷодаи таҳқиқоти буҷаи хонаводаҳо метавонад барои арзёбии сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ ва боз ҳам беҳтар кардани сатҳи даромади буҷаи давлатӣ таъсири мусбат расонида, ба ин восита нишондиҳаҳои маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат боз ҳам баланд бардошта шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Войтов А. История экономических учений. М.: Дашков и К., 2000.
2. Гирник В. Домашние хозяйства в современной экономической системе журнал //Сибирский торгово-экономический журнал, 2011 https://cyberleninka.ru/article/n/domashnie-hozyaystva-v-sovremennoy-ekonomicheskoy-sisteme ( Дата обращения: 18.11.2025г.).
3. Доклад об экономике Таджикистана: с акцентом на цифровую трансформации торговли\ Международный банк реконструкции и развития / Всемирный банк, 2025.–https://documents1.worldbank.org/curated/en/099724307282524132/pdf/IDU-657fe7bd-7eba-4b67-a50b-a6afc63cb531.pdf
4. Индекс человеческого развития (ИЧР), ПРООН (баллы) https://gateway.euro.who.int/ru/hfa-explorer/hdi/tajikistan/#wUSUUYHq0a
5. Киреева М.Анализ категории «домохозяйство» в рамках институционального и неоинституционального подхода / М.М. Киреева // Международный научно-исследовательский журнал. — 2017. — №11 (65). — URL: [object Object] (Дата обращения: 01.12.2025
6. Коновалова Е.В. Экономическая теория семьи как развитие теоретической экономики // Журнал «Теоретическая экономик», 2013. - №3(15).–(Электронный ресурс) –Режим доступа: https://cyberleninka.ru/journal/n/teoreticheskaya-ekonomika (обр.18.11.2025г.).
7. Коэффициент Джини (распределение дохода) (баллы) \ HDI of Таджикистан \\European Health Information Gateway. https://gateway.euro.who.int/ru/hfa-explorer/hdi/tajikistan/#wUSUUYHq0a
8. Круглов С. Экономика семьи в демографическом измерении. дисс. на соиск. кандид. экон. наук. 172 с. https://www.dissercat.com/content/ekonomika-semi-v-demograficheskom-izmerenii
9. Низомнома оид ба тартиби баргузории маросими оиладоршавӣ, ҷашнҳои оилавӣ ва солгардҳо, маросими аъзодории оилавӣ ва чорабиниҳо бахшида ба хотири фавтидагон / Қарори Маҷлиси олии Сенати Ӯзбекистон аз 14 сентбри соли 2019 / https://kun.uz/ru/95385854#!
10. Нишондиҳандаҳои асосии тащқиқоти буҷаи хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо. –Душанбе: АОНПҶТ, 2024. –С.3-4.
11. Омори солона / Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: АОНПҶТ, 2025. –С. 118-126.

12. Сангинзода Д. Закон «Об упорядочении традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан» как модельный закон для государств мирового сообщества // https://amit.tj/ru/zakon-ob-uporyadochenii-tradiciy-torzhestv-i-obryadov-v-respublike-tadzhikistan-kak-modelnyy-zakon

13. Smirnova M.M. Theoretical and economic research and interconnection of categories «household», «family» and «family business» / M.M. Smirnova // In the collection: Science in the modern information society. Materials of the VIII International Scientific and Practical Conference. n.-. c. «Academic». - 2016. - P. 159-162. [in Russian]

14. Фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба танзими ҷашнҳои оилавӣ ва маросимҳои аъзодорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон» / УП №54 аз 24 февраля 2022 года / https://cbd.minjust.gov.kg/5-9849/edition/1129355/ru

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №6, мод.428; соли 2008, №6, мод. 448

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011. –№7-8, мод. 616; соли 2016. –№3, мод. 147; соли 2018, №5, мод. 283)

17. Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе:АОНПҶТ, 2024. -С.29.

18. Экономика семьи //Материал из Википедии — свободной энциклопедии. (Электронный ресурс).–Режим доступа: https://ru.wikipedia.org /wiki (обр.18.11.2025г.).

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ЭКОНОМИКИ СЕМЬИ

**МУКАДДАСЗОДА ФИРДАВС МУКАДДАС,**
доктор экономических наук, профессор кафедры государственного управления и национальной экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, улица С. Носира 33;
тел.: (+992) 987-77-05-03; e-mail: 918202020p@gmail.com

**БАБАЕВА ГУЛБАХОР РАХИМОВНА,**
старший преподаватель кафедры международной экономики Технологического университета Таджикистана
7340061, Таджикистан, город Душанбе, ул. Н. Карабаева 63/3;
тел: (+992) 918-28-54-76; e-mail: gulbahor8484@mail.ru;

*В данной статье рассматриваются теоретические и практические вопросы экономики семьи и экономики домохозяйств, определяются роль и место экономики домохозяйств в формировании макроэкономических показателей. Выявлено, что в структуре расходов каждого члена экономики домохозяйств страны расходы на продукты питания по-прежнему остаются высокими, а показатели расходов на непотребительские товары и услуги имеют тенденцию к изменению и росту. Для улучшения макроэкономических показателей предлагается использовать современные методы и методики обследований экономики домохозяйств с использованием возможностей цифровой экономики.*

***Ключевые слова:*** *семейная экономика, экономика домохозяйств, валовой внутренний продукт, добавленная стоимость, потребительские расходы, цифровая экономика, обследование бюджетов домохозяйств, уровень неформальной экономики, занятость населения, инфляция и государственный бюджет, коэффициент “Джини”, человеческий потенциал.*

## THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF FAMILY ECONOMICS

**MUQADDASZODA FIRDAVS MUQADDAS**,
doctor of economic sciences, professor of the department of public administration and national economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, S. Nosir str. 33;
tel.: (+992) 987-77-05-03; e-mail: 918202020p@gmail.com

**BABAEVA GULBAHOR RAHIMOVNA**,
Senior teacher of the Department of International Economics of the Technological University of Tajikistan
7340061, Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev str. 63/3;
tel.: (+992) 918-28-54-76; e-mail: gulbahor8484@mail.ru;

*This article examines theoretical and practical issues of family and household economics, defining the role and place of the household economy in the formation of macroeconomic indicators. It was revealed that in the structure of expenses of each member of the country’s household economy, food expenses remain high, while expenditure indicators for non-consumer goods and services tend to change and grow. To improve macroeconomic indicators, it is proposed to use modern methods and techniques for surveying the household economy using the capabilities of the digital economy.*

***Keywords:*** *family economy, household economy, gross domestic product, value added, consumer spending, digital economy, household budget survey, level of informal economy, employment, inflation and state budget, Gini coefficient, human potential.*

**УДК: 338.45:502(575.3)**

# ПЕРСПЕКТИВЫ ВНЕДРЕНИЯ ОПЫТА ЮЖНОЙ КОРЕИ ПО РАЗВИТИЮ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**РАХМОН УЛМАСОВ,**
доктор экономических наук профессор кафедры Истории и теории международных отношений Российско-Таджикского (Славянского) университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсун-заде, 30;

**АШУРИЁН ИБРОХИМ ТАГОЙБЕК,**
докторант Института изучения проблем государств Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана
734018, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;

*Развитие зелёной экономики в Республике Таджикистан на основе опыта Южной Кореи представляет собой важный шаг к устойчивому развитию страны. В условиях изменения климата и ограниченности природных ресурсов Таджикистану необходимо внедрять экологически чистые технологии и создавать эффективную институциональную и законодательную базу для поддержки зелёных инициатив. Опыт Южной Кореи в области возобновляемых источников энергии, устойчивого сельского хозяйства, научных исследований и подготовки кадров может стать полезным ориентиром для Таджикистана. Внедрение технологий солнечной и гидроэнергетики, развитие системы управления природными ресурсами, а также стимулирование «зелёных» рабочих мест поможет стране перейти к устойчивой экономике, улучшить экологическую ситуацию и повысить качество жизни населения.*

***Ключевые слова**: зелёная экономика, устойчивое развитие, экотехнологии, Южная Корея, Таджикистан, возобновляемая энергия.*

Тема исследования посвящена анализу возможности адаптации и внедрения опыта Южной Кореи в области зеленой экономики в Республике Таджикистан. В последние десятилетия Южная Корея достигла значительных успехов в сфере устойчивого развития, активно внедряя инновационные технологии, возобновляемые источники энергии, а также разрабатывая экологически чистые производственные процессы. Эти достижения могут служить ценным ориентиром для стран, стремящихся к экологической устойчивости, среди которых находится и Таджикистан.

Особое внимание уделяется сотрудничеству между двумя странами, возможным инвестиционным инициативам, а также международному

обмену опытом и технологиями в рамках региональных и глобальных экологических программ. В конечном итоге, исследование направлено на выработку рекомендаций по оптимизации политики в области устойчивого развития и формированию эффективной системы зеленой экономики в Таджикистане, опираясь на успешный опыт Южной Кореи.

Новые вызовы, стоящие перед человечеством, сопряжены с исчерпаемостью природных ресурсов, неблагоприятными последствиями изменения климата, экологическими проблемами. В последнее десятилетие характерно нарастание кризисного тренда, включая климатический кризис, кризис биоразнообразия, топливный, продовольственный, водный, финансовый кризис и экономики в целом, которые носят глобальный характер. Воздействие этих кризисов ставит под угрозу возможность сохранения и поддержания достигнутого уровня жизни не только в отдельных странах, но и во всём мире. В частности, глобальные изменения климата оказывают негативное влияние на экономику и социальную сферу государств. На сегодняшний день мы наблюдаем беспрецедентный уровень загрязнения окружающей среды. Согласно данным статистики сегодня уровень выброса CO2 приближается к отметке 35 млн т , количество стран, в которых качество воздуха и уровень загрязнения воды неуклонно ухудшается, постоянно растет, а вероятное повышение средней глобальной температуры на 2-5 °C сопоставимо с разницей между температурами последнего ледникового периода и температурой сегодня. В целях предотвращения экологической катастрофы антропогенного характера мировое сообщество находится в поиске такой экономической модели, которая способна ответить на вызовы современности. Данной моделью является модель «зеленой» экономики.

Современный этап знаменуется переходом многих стран на путь зеленых технологий и отказа от модели экономики, которая вызывает дефицит ресурсов и создает широко распространенные угрозы для окружающей среды и здоровья чело века. За последнее десятилетие концепция зеленого роста была продвинута на различных международных форумах, таких как ОЭСР, ЮНЕП, Всемирный банк, на встречах G8 и G20, и также стала стратегическим приоритетом для многих правительств. В этом контексте Республика Корея стала первой страной в мире, которая сделала стратегию зеленого роста национальной. Таким образом, «зеленая» экономика выступает в качестве объективно-обусловленной ступени развития мировой экономики, связанной с экологическим подходом. Многие государства уже реализуют «зеленую» экономическую политику на региональном и глобальном уровне. Республика Корея (РК), следуя мировым тенденциям, становится одной из ведущих стран мира, которые справляются экологическими вызовами. Разработав структуру реформ и

институционально правовые нормы, РК вносит значительный вклад в развитие «зеленого» сектора экономики внутри страны и в мире.

В последние десятилетия вопросы устойчивого развития и защиты окружающей среды становятся все более актуальными для стран с развивающимися экономиками. Одним из ведущих примеров успешного внедрения зеленых технологий и устойчивых практик является Республика Корея, которая сумела интегрировать элементы зеленой экономики в свою стратегию национального развития. Для реализации своих стратегических задач РК необходимо ресурсы. По имеющимся данным, страны Центральной Азии сосредоточивают 38,6 процента мировых запасов марганцевой руды, 30,07 процента запасов хрома, 20 процентов запасов свинца, 2,6 процента запасов цинка и 8,7 процента запасов титана. Кроме того, в регионе имеется значительный потенциал по редкоземельным элементам (РЗЭ), таким как скандий, иттрий и лантаноиды. Только в Казахстане Геологической службой США было зафиксировано 160 месторождений редких и редкоземельных металлов (из 384 по всему региону), а весь список включает также 75 месторождений в Кыргызстане, 60 в Таджикистане, 2 в Туркменистане и 87 в Узбекистане. Значимость добычи и переработки этого сырья подтверждается и структурой экспорта: на минералы и металлы приходится свыше 50 процентов экспорта Кыргызстана, более 30 процентов – у Узбекистана и Таджикистана. После начала боевых действий в Украине и глобальных пертурбаций в цепочках поставок Европейский союз (ЕС) ускорил поиск альтернативных источников критически важных материалов, необходимых для «зеленого» перехода и высокотехнологичных отраслей. Центральная Азия (ЦА) в этом контексте оказалась в центре внимания: регион обладает значительными запасами редкоземельных металлов и стратегических минералов, необходимых для производства микрочипов, турбин, электромобилей и оборудования для возобновляемой энергетики.

Многие центрально-азиатские компании и эксперты указывают на то, что европейскому бизнесу следует действовать быстрее. США и Китай уже активно осваивают новые месторождения и выстраивают производственные цепочки. Открывая доступ к своим минеральным ресурсам, страны региона рассчитывают не только на капитал, но и на технологический трансфер, повышение квалификации кадров, а также на то, что европейские стандарты устойчивости помогут им избежать социальной напряженности и экологических проблем.

Таким образом, на сегодняшний день Центральная Азия превращается в ключевой пункт глобальной гонки за доступ к критически важным ресурсам. ЕС, осознавая риски избыточной зависимости от Китая, активно выходит на этот рынок, предлагая устойчивые, прозрачные и взаимовыгодные решения. Теперь ключевая задача Брюсселя – действовать

быстро, предлагая конкурентоспособные условия и помогая странам региона укреплять технологический потенциал, инфраструктуру и кадровый ресурс, а не быть сырьевым придатком крупных экономических центров. Если это удастся, Центральная Азия станет не просто поставщиком сырья, но полноценным звеном в новой ответственной и диверсифицированной глобальной системе поставок критически важных ресурсов для Европы и мира в целом.

В свою очередь, Республика Таджикистан, обладая богатым природным потенциалом, также сталкивается с вызовами экологической безопасности и необходимости диверсификации своей экономики. По запасам серебра, свинца, бора Таджикистан занимает ведущее место среди стран СНГ. В рудах, добываемых в Таджикистане, присутствует висмут, кадмий, медь, германий, индий, галлий, талий, теллур, селен, уран и др. По запасам сурьмы Таджикистан (10% мировых) занимает 2-е место среди стран мира (после Китая). К настоящему времени в Республике Таджикистан выявлено, разведано и готовится к освоению более 600 месторождений и перспективных проявлений более 50 видов полезных ископаемых: Результаты поисковых и геологоразведочных работ последних лет свидетельствуют, что фонд вновь открываемых месторождений далеко еще не исчерпан.

Этот контекст открывает перспективы для адаптации и применения опыта Южной Кореи в развитии зеленой экономики в Таджикистане. Важно отметить, что Южная Корея старается активно продвигать повестку, чтобы РК не просто закупал сырье, но и развивал местную переработку, инфраструктуру, технологический трансфер и образовательные программы. В отличие от старых подходов, предлагающих масштабные кредиты и скупку активов, ожидается, что Сеул будет продвигать концепцию ответственных цепочек поставок с учетом экологических, социальных и управленческих (ESG) стандартов. РК рассчитывает, что не только обеспечит поставки сырья, но и поддержит внедрение новых технологий переработки, улучшит экологическую ситуацию и создаст рабочие места

Зеленая экономика, как модель экономического роста, ориентирована на эффективное использование природных ресурсов, сокращение вредных выбросов и устойчивое использование экосистемных услуг. В странах, таких как Республика Корея, зеленая экономика стала важным элементом государственной политики, направленным на сокращение загрязнения, энергосбережение, развитие возобновляемых источников энергии, повышение энергоэффективности и улучшение экологической ситуации в стране. Мы считаем, что южнокорейским компаниям следует действовать быстрее. США и Китай уже активно осваивают новые месторождения и выстраивают производственные цепочки. Открывая доступ к своим

минеральным ресурсам, страны региона рассчитывают не только на капитал, но и на технологический трансфер, повышение квалификации кадров, а также на то, что европейские стандарты устойчивости помогут им избежать социальной напряженности и экологических проблем.

Южная Корея активно развивает такие сектора, как возобновляемая энергетика, электромобили, переработка отходов и энергосбережение. Эти направления позволили стране не только достичь значительных успехов в снижении углеродных выбросов, но и стать глобальным лидером в производстве зеленых технологий и инновационных решений.

Республика Таджикистан сталкивается с рядом экологических проблем, включая деградацию земель, загрязнение водных ресурсов, изменение климата и нехватку энергии. Одним из ключевых вызовов является высокая зависимость от ископаемых ресурсов, таких как уголь и минералы, а также изношенная энергетическая инфраструктура. В связи с этим, переход к зеленой экономике представляет собой стратегически важный шаг для обеспечения устойчивого развития страны.

Таджикистан также испытывает последствия изменения климата, такие как сокращение водных ресурсов и увеличение числа природных бедствий, что требует внедрения инновационных экологически устойчивых технологий и подходов. В этой связи опыт Южной Кореи может стать полезным ориентиром для Таджикистана в поиске эффективных решений.

Южная Корея добилась значительных успехов в области зеленых технологий и устойчивого развития. Еще в далеком 2008 году президент Южной Кореи Ли Мен Бак провозгласил новый "зеленый" курс развития страны. С большим портфелем проектов на стыке экономики и экологии Сеул уверенно претендует на роль "азиатского зеленого тигра". В январе 2009 года правительство Южной Кореи приняло программу мер по обеспечению "зеленого" роста экономики, предусматривающую инвестиции в развитие возобновляемых источников энергии ($1,8 млрд), железных дорог ($7,01 млрд), создание автомобилей с низким уровнем выбросов ($1,8 млрд) и энергоэффективных зданий ($6,19 млрд), рациональное использование водных ресурсов и переработку отходов ($13,89 млрд).

Рассмотрим несколько ключевых направлений, которые могут быть адаптированы и внедрены в Таджикистане:

Южная Корея активно развивает возобновляемые источники энергии, такие как солнечные панели, ветряные турбины и биогазовые установки. Таджикистан, обладая значительными запасами гидроэнергетического потенциала, может значительно расширить использование гидро-энергетики. Южная Корея является крупным импортером энергоносителей, закупая за рубежом почти всю потребляемую нефть. Это второй в мире импортёр сжиженного природного газа. Электроэнергия в стране производится в

основном за счет традиционной тепловой энергетики, на которую приходится более двух третей производства, и за счет ядерной энергетики.

Южная Корея не обладает значительными запасами ископаемых энергоресурсов. По запасам газа, которые в 2011 году оценивались в 7,079 млрд м3, страна занимала 80-е место в мире. Основным ископаемым энергоресурсом страны является уголь. В 2024 году доля угля в энергобалансе страны составила 97,3%, на природный газ пришлось оставшиеся 2,7%. Запасы угля по состоянию на 2022 год оценивались в 359 млн коротких тонн, а на конец 2020 года — в 326 млн тонн.

Южная Корея может предложить Таджикистану опыт в модернизации гидроэлектростанций, а также в интеграции солнечных и ветряных источников энергии для обеспечения более устойчивого энергетического баланса.

Южная Корея стала мировым лидером в области энергоэффективности и развития «умных» технологий, таких как «умные» дома и «умные» города. В Таджикистане, где энергоэффективность остается важным вопросом, внедрение корейского опыта в этой сфере поможет значительно снизить потребление энергии и улучшить состояние окружающей среды. Кроме того, использование технологий управления энергией и модернизация инфраструктуры может способствовать снижению потерь энергии в различных секторах экономики.

Южная Корея внедрила передовые системы переработки отходов, что позволило снизить объем мусора, отправляемого на свалки, и эффективно использовать ресурсы повторно. Таджикистан также сталкивается с проблемой утилизации отходов, что оказывает негативное влияние на экологическую ситуацию. Применение корейской модели переработки отходов, создание систем раздельного сбора мусора и расширение масштабов переработки материалов могут стать важным элементом в улучшении экологии Таджикистана.

Южная Корея активно развивает экологическое сознание среди населения, продвигая идеи устойчивого потребления и защиты окружающей среды. Для Таджикистана важно развивать систему экологического образования и просвещения, внедрять программы по повышению осведомленности граждан о важности охраны природы и снижении углеродных выбросов.

Внедрение опыта Южной Кореи в развитии зеленой экономики в Таджикистане представляет собой важную стратегическую задачу. Применение передовых технологий и экологически устойчивых решений позволит Таджикистану не только улучшить состояние окружающей среды, но и ускорить экономический рост, снизить зависимость от ископаемых ресурсов и повысить качество жизни населения. Это потребует внедрения

комплексных реформ в сфере энергетики, промышленности и сельского хозяйства, а также активного участия государства и гражданского общества.

Таким образом, адаптация опыта Южной Кореи в Таджикистане может стать важным шагом на пути к устойчивому развитию, повышению экологической безопасности и улучшению жизненных условий граждан.

Промежуточные выводы.

- Республика Таджикистан и Южная Корея должны подготовить и подписать о формировании «новой модели партнёрства» для более эффективного использования потенциала и продвижения крупных высокотехнологичных проектов кооперации.

- Уделить особое внимание развитию культурно-гуманитарного обмена. Открыт в Таджикистане филиалы ведущих корейских вузов. Отправить на учебу по востребованным специальностям таджикских студентов.

- Укрепляя сотрудничество с Таджикистаном в сфере научно-исследовательских и опытно-конструкторских работ и гуманитарные обмены в области передовых наук и технологий, включая ИКТ, полупроводники для искусственного интеллекта (ИИ).

- Республика Таджикистан активно поддерживает инновации в сфере цифрового образования, чтобы помочь нашей молодёжи адаптироваться к цифровизации с помощью корейских друзей. Будучи ведущей страной в области ИИ и цифрового образования, передать опыт примерами инноваций, интегрированных в процесс обучения, и моделями цифрового образования для совместной работы в будущем.

- Хотя Таджикистан с Южной Кореей разделяет значительное расстояние, у наших народов схожие обычаи и ценности, менталитет и мировоззрение. С этой целью организовать специальные туристические поездки корейских граждан в Таджикистан по историческим и уникальным местам.

- На базе Национальной Академии наук Таджикистана создать на основе модели Корейского института науки и технологий (KAIST). Сегодня он является ведущим учебным и исследовательским вузом Южной Кореи, который готовит специалистов в сфере инженерии и нанотехнологий. Согласно рейтингу лучших инновационных университетов мира «QS World University Rankings», KAIST занимает 41-е место в мире. Открытие аналогичного образовательного учреждения в Таджикистане позволит осуществлять подготовку кадров по самым востребованным на сегодняшний день направлениям науки и специальностям.

- Южная Корея оказывает большое содействие во многих странах мира в создании медицинских центров, повышении квалификации медицинских кадров, оснащении национальных медучреждений современным

оборудованием, обмене опытом по охране здоровья матери и ребенка, наследственных заболеваний и др. и запустить долгосрочную программу по повышению квалификации медработников в ведущих клиниках Южной Кореи.

- Настоящими символами дружбы и партнёрства может стать Дом корейской культуры, многопрофильная детская клиника, Сеульский сад и Сеульская улица в Душанбе.

Развитие “зелёной” экономики в Республике Таджикистан, опираясь на успешный опыт Южной Кореи, может стать ключевым фактором в обеспечении устойчивого экономического роста и экологической безопасности страны. Применение корейских моделей в области возобновляемых источников энергии, эффективного использования природных ресурсов, устойчивого сельского хозяйства и экологически чистых технологий позволит Таджикистану не только справиться с вызовами изменения климата, но и создать новые рабочие места, повысить энергоэффективность и улучшить качество жизни населения. Важным шагом является разработка соответствующих политических и институциональных механизмов, создание образовательных программ и привлечение международных инвестиций для реализации экологически устойчивых проектов. Таким образом, интеграция элементов зелёной экономики в стратегию развития Таджикистана может привести к долгосрочной экологической и экономической стабильности.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Khakimova I.F. Green economy of the Republic of Korea / A green new deal. P. 209.

2. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики». –Душанбе, 28 декабря 2024 года.

3. «Стратегия развития "зеленой" экономики Республики Таджикистан на 2023-2037 годы». –Душанбе, 2022 год.

4. Токарева, О. Политика по сокращению выбросов парниковых газов в рамках южнокорейской стратегии «зеленого роста» / О.Токарева // The Newman in Foreign policy, 2017. №35 (79). – С. 86-91.

5. Lee, Kevin. Korean Banks Introduce Credit Card that Accrues “Eco-Points” // Lee Kevin. – Текст: электронный // The Korea Bizwire. – 2020. – URL: http://koreabizwire.com/korean-banks-introduce-credit-card-that-accrues eco-points/70834.

6. World Bank. – 2020. – URL: http://data.worldbank.org/indicator/ EN.ATM.CO2E.PC/ (Дата обращения: 19.02.2021).

7. Kim, Jeong-Su. Climate change experts say S. Korea is lagging in efforts to reduce carbon emissions // Kim Jeong-Su. – Текст: электронный // Hankyoreh.– 2018.–URL:http://english.hani.co.kr/arti/english_edition/e_ international/944954.html.

8. Hyup Lee, Jisuk Woo. Green New Deal Policy of South Korea: Policy Innovation for a Sustainability Transition// Jae-Hyup Lee, Jisuk Woo. – Текст: электронный // MDPI.–2020.–URL: https://www.mdpi.com/2071 1050/12/23 /10191/pdf.

9. Lim Sung-hyun, Cho Jeehyun. S. Korea determined to promote hydrogen economy with fuel-cell car // Lim Sung-hyun, Cho Jeehyun. –Текст: электронный // Pulse News Korea. – 2020. – URL: https://pulsenews.co.kr/view. php?year=2019&no=35953.

10. Lee, Kevin. Korean Banks Introduce Credit Card that Accrues “Eco-Points” // Lee Kevin. – Текст: электрон ный // The Korea Bizwire. – 2020. – URL: http://koreabizwire.com/korean-banks-introduce-credit-card-that-accrues eco-points/70834.

11. The Korea Emissions Trading Scheme, Asian Development Bank – 2020. – URL: [https://www.adb.org/sites/ default/files/publication/469821/korea-emissions-trading-scheme.pdf.

12. "Зеленая" экономика Южной Кореи. Журнал "Коммерсантъ Власть". 18.10.2010.

13. Global Emission. Center for climate and energy solutions. URL: https://www.c2es.org/content/internationalemissions/ (Дата обращения: 17.10.2023).

14. Stern N. The Economic of Climate Change. The Stern Review. New York: Cambridge University, 2007. P.3.

15. Энергетическая промышленность Южной Кореи. https://aenert.com/ru/ strany/azija/ehnergeticheskaja-promyshlennost-juzhnoi-korei/ License SS BY-SA 4.0 _ Last Updated: November 11, 2024

## ДУРНАМОИ ҶОРӢ НАМУДАНИ ТАҶРИБАИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДОИР БА РУШДИ ИҚТИСОДИ “САБЗ” ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҲМОН УЛМАСОВ**,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи (славянии) Русия ва Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30;

**АШУРИЁН ИБРОҲИМ ТАҒОЙБЕК**,
докторанти Институти омӯзиши мушкилоти давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734018, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;

*Рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ қадами муҳим ба сӯйи рушди устувори кишвар мебошад. Дар шароити тағйиребии иқлим ва маҳдудияти захираҳои табиӣ Тоҷикистон бояд технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро ҷорӣ намуда, барои дастгирии ташаббусҳои “сабз” заминаи муассири ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва қонунгузорӣ таъсис диҳад. Таҷрибаи Кореяи Ҷанубӣ дар соҳаи энергияи барқароршаванда, кишоварзии устувор, таҳқиқоти илмӣ ва омодасозии кадрҳо метавонад барои Тоҷикистон дастури муфид бошад. Татбиқи технологияҳои офтобӣ ва гидроэнергетикӣ, рушди системаи идоракунии захираҳои табиӣ, инчунин, ҳавасмандгардонии ҷойҳои кории "сабз" ба кишвар кумак мерасонанд, ки ба иқтисодиёти устувор гузарад, вазъи экологиро беҳтар кунад ва сифати зиндагии аҳолиро баланд бардорад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди “сабз”, рушди устувор, экотехнология, Кореяи Ҷанубӣ, Тоҷикистон, энергияи барқароршаванда.*

## PROSPECTS FOR IMPLEMENTING SOUTH KOREA’S GREEN ECONOMY DEVELOPMENT EXPERIENCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RAHMON ULMASOV,**
Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of History and Theory of International Relations at the Russian-Tajik Slavic University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Mirzo Tursunzoda str. 30;

**ASHURIYON IBROHIM TAGHOYBEK,**
doctoral student at the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan
734018, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;

*The development of a green economy in the Republic of Tajikistan based on South Korea’s experience represents an important step towards the country’s sustainable development. In the context of climate change and limited natural resources, Tajikistan needs to implement environmentally clean technologies and create an effective institutional and legislative framework to support green initiatives. South Korea’s experience in renewable energy, sustainable agriculture, scientific research, and workforce training can serve as a valuable guide for Tajikistan. The implementation of solar and hydro energy technologies, the development of natural resource management systems, and the promotion of “green” jobs will help the country transition to a sustainable economy, improve the environmental situation, and enhance the quality of life for its population.*

***Keywords:*** *green economy, sustainable development, eco-technologies, South Korea, Tajikistan, renewable energy.*

**УДК: 330.3 (336.1)**

# ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИНАИ ФАЪОЛГАРДОНИИ РАВАНДҲОИ САНОАТИ ИННОВАТСИОНӢ

**БОБОЕВ ҶӮРАХОН ИСЛОМОВИЧ,**
сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии иқтисодиёти соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел: (+992) 987-33-35-09; e-mail: jurakhonboboev@gmail.com

*Дар мақола натиҷаҳои барномаҳои молиявию иқтисодии Ҳукумати мамлакат, махсусан, дар самти сармоягузорӣ, рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва нақлиёту энергетика бо мақсади устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст. Дар маҷмуъ, муаллиф динамикаи рушди соҳаҳои саноату кишоварзиро вобаста ба самаранок истифодабарии захираҳо мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин замина, ворид намудани технологияи муосирро бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои гузариш ба модели нави рушди иқтисоди рақамӣ ва дар сатҳи корхонаҳои истеҳсолӣ ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми ватаниро ҳамчун омили асосии рушди устувор дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти миллӣ нишон додааст.*

*Дар баробари ин, муаллиф дар мақола ба сатҳи рушди иқтисодиёти кишвар аз рӯйи маълумоти оморӣ баҳо дода, сол то сол афзоиши нишондиҳандаҳои соҳаҳои воқеии иқтисоди миллиро ба таҳияи барномаҳои молиявию иқтисодии Ҳукумати мамлакат, саноати инноватсионӣ, рушди зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ ва мукаммалгардонии сиёсати молиявӣ, инчунин, ба самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ алоқаманд муайян кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), ҳадафҳои стратегӣ, корхонаҳои саноатӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, рақобатнокӣ, маҳсулоти ватанӣ, сармоягузорӣ, буҷети давлатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сиёсати молиявӣ.*

Солҳои охир, вобаста ба таъсири омилҳои бошиддати геополитикӣ, канда шудани робитаҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои абарқудрат ва тағйирёбии босуръати иқлим, ки ин раванд хисороти зиёди молӣ ба иқтисодиёти як қисм кишварҳои ҷаҳон ворид мегарданд, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва нақлиёту энергетика мавқеи назаррасро дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ ва танзиму нигоҳдории нишондиҳандаҳои муҳимми макроиқтисодӣ ишғол намуда

истодаанд. Ин ба он ҳадаф амалӣ гардида истодааст, ки таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум дар меҳвари сиёсати роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок муайян гардидаанд.

Роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаҳои иқтисодӣ дар самти ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти рушди инноватсия дар истеҳсолот метавонад дар доираи моликияти давлатию хусусӣ, амалӣ карда шаванд. Аз ин ҷост, ки раванди истеҳсолот дар худ тақсимоти иқтисодию иҷтимоиро ифода менамояд ва барои истеҳсоли шаклҳои гуногуни молҳо ин нишондиҳандаҳоро мавриди омӯзишу баҳодиҳӣ қарор медиҳанд.

Низоми муосири иқтисодӣ бо гузариш аз навъи истеҳсоли муқарарии молу маҳсулот ба навъи инноватсионии рушд тамоюл дорад, ки амалишавии он аз дастовардҳои муосири илмию инноватсионӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ вобаста аст. Ин навъи инкишофи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дигаргунсозиҳои куллиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҳаёти ҷомеа тақозо менамояд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи зерсохтори равандҳои инноватсионӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла таъмини иттилоотии он, низоми молиявию иқтисодӣ, дастгирии равандҳои истеҳсолӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот, низоми омодасозию раванди такмили ихтисоси кадрҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намуда истодааст.

Вазифаҳои асосии фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ аз баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва хизматрасониҳо, диверсификатсия ва такмили сохтори истеҳсолот ва содирот, истифодаи технологияҳои пешқадами истеҳсолот иборат мебошад. Метавон гуфт, ки дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ таъмини рақобатпазирии саноати мамлакат танҳо бо роҳи инкишофи фаъолияти инноватсионӣ имконпазир аст.

Имрӯзҳо рушди низоми иқтисоди ҷаҳонӣ бо дарназардошти ниҳоят тезутунд гаштани авзои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, афзоиши рақобат миёни кишварҳо, шиддат гирифтани манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии абарқудратҳо, зарурати таъмини рақобатпазирии ҳар як давлатро ба миён овардааст. Ҳамзамон, дар охирҳои қарни 20-ум дар қаламрави кишварҳои ҷаҳон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад, ки ба таркиби равандҳою падидаҳои ташаккули давлатдорӣ таъсири манфӣ гузошт. Масалан, захираҳои бузурги табиӣ чун шарти зарурии таъмини рақобатпазирии мамлакатҳо кам гардида истодаанд.

Бинобар ин, кишварҳое, ки қаблан аз захираҳои табиӣ ғанӣ буданд ва қувваи кории нисбатан арзон доштанд, яъне дар гузашта бартарии

назарраси рақобатпазириро доро буданд, мавқеи муфидро дар тиҷорати байналмилалӣ аз даст доданд. Дар ин замина, назари коршиносон вобаста ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ки ба навоварӣ дар истеҳсолот ва рушди иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст, муҳим дониста мешавад. Инчунин, дар шароити муосир таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ аз дараҷаи навоварӣ дар истеҳсолот ва рушди иқтисоди рақамӣ вобастагии бештар дорад.

Дар шароити имрӯза навоварӣ дар истеҳсолот ва рақобатпазирии мамлакат мафҳумҳои гуногунро ифода менамоянд, ки ин ҷо бештар қобилияти мамлакат барои ноил гардидан ба суръати баланди рушди иқтисодӣ дарк карда мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксари кишварҳои ҷаҳон мавриди кушодагардонии иқтисодиёти худ дар давоми даҳсолаҳо ин масъаларо таҳти назорати қатъии ниҳодҳои давлатӣ қарор медиҳанд.

Тавре олими амрикоӣ М. Портер нишон медиҳад, мукаммалгардонии мунтазами истеҳсолот дар асоси ҷоринамоии навовариҳо, яъне истифодаи технологияҳои муосир дар раванди истеҳсолот, хизматрасонӣ, сарчашмаи бартарияти рақобатии устувор на фақат барои корхонаҳо, соҳаҳо, балки мамлакатҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳадафи рушди нави индустриалӣ ин ташкил намудани бахши технологияи иқтисодиёти рақамӣ, васеъ гардонидани иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, ба роҳ мондани истеҳсолот бо истифодаи технологияи инноватсионӣ ва баланд бардоштани неруи зеҳнии инсонӣ мебошад. Айни замон, зарурати ҷорӣ намудани техника ва технологияи муосир, муҷҷаҳаз намудани истеҳсолот бо таҷҳизоти инноватсионӣ ба миён омадааст ва ин иқдом боиси он мегардад, ки дар натиҷа маҳсулоти босифат, рақобатноку воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, истеҳсол карда мешавад.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки бо техника ва технологияи кафомонда иқтисодиёти рақобатпазирро сохтан мумкин нест. Бо дарназардошти ин лозим меояд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори омилҳои афзоиши иқтисодиёт ба тезонидани пешрафти илми техникӣ, тараққӣ додани соҳаҳои илмталаб ва соҳаҳо бо технологияи муосир, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ва инсонӣ, ба инноватсия бартарии зиёд диҳем.

Ҳукумати мамлакат дар баробари ин, соҳаи саноатро яке аз соҳаҳои муҳим барои таъмини рушди иқтисодиёти кишвар муайян намуда, тавассути барқарорсозии зарфияти мавҷуда, афзоиш додани ҳаҷми истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани металлҳои рангаю қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ,

нассоҷӣ, хӯрокворию дорусозӣ ва умуман, дар шароити иқтисоди миллӣ метавонем корҳои зиёдро ба анҷом расонем.

Бо мақсади таъмини гузариши мамлакат ба марҳалаи рушди саноатию аграрӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат "Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ барои давраи то соли 2040" ва "Барнома оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи беҳтарини кишоварзӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ" (International Global G.A.P. Standard) таҳия ва қабул шудаанд. Истифодаи ҳамбастагиҳои сершумор барои таҳлили афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста ба динамикаи фондҳои асосии истеҳсолӣ, шумораи нафарони дорои шуғл, майдонҳои кишт ва таъмини нуриҳои маъданӣ имкон медиҳад дараҷаи таъсири ҳар кадоми ин омилҳо муайян карда шавад.

Дар робита ба ин, дар доираи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат натиҷаи фаъолияти соҳаҳои молиявию иқтисодӣ дар соли 2024-ум бо нишондиҳандаҳои қаноатбахш ҷамъбаст гардиданд ва ҳаҷми ММД бо нархҳои ҷорӣ ба 153,4 млрд. сомонӣ ва суръати рушди он ба 8,4 дарсад расонида шуд. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёда аз 22,8 дарсад, истеҳсоли молу маҳсулоти саноатӣ беш аз 16,9 дарсад, дигар намуди хизматрасонӣ 18,3 дарсад, савдои яклухту чакана, таъмири автомобилҳо ва меҳмонхонаҳо 15,2 дарсад, сохтмон, нақлиёт ва хоҷагии анбору алоқа 17,4 дарсад, инчунин андозҳои холис аз маҳсулот 9,4 дарсад афзоиш ёфтааст. Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои судманди Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда, новобаста аз шиддат гирифтани омилҳои манфии берунӣ ба иқтисодиёти миллӣ, сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои мақсаднок 3,6 дарсадро ташкил намуд.

Дар ҳама давру замон рушди иқтисодиёти ҳар кишвар аз тараққиёти соҳаҳои пешбари он вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин, пажуҳишгарон Т. Низомова ва Ҷ. Раҳмонов қайд менамоянд, ки «айни замон кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон имкониятҳои худро ба он равона карда истодаанд, ки бо такя ба унсурҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ соҳаҳои бартариятноки аҳаммияти иҷтимоию иқтисодидоштаро рушд диҳанд ва бо ин восита мавқеи худро дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт миёни дигар давлатҳо устувортар нигоҳ доранд».

Ҳамин тавр, дар ҷаҳони муосир кишварҳои пешрафта диққати асосиро ба рушди соҳаҳое, ки қобилияти устувор гардонидани иқтисодиёт ва тақвияти мавқеи онҳо дар бозори берунӣ доранд, равона мекунанд. Айни ҳол дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосир соҳаҳои мошинсозӣ, истихроҷи ашёи хом ва коркарди минбаъдаи онҳо, ки ба содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда заминаи воқеӣ мегузоранд, бо

дарназардошти рушди энергияи "сабз" ва иқтисоди рақамию татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, самаранокии худро дар иқтисодиёт бештар гардонида истодаанд.

Дарвоқеъ, дар шароити кишвари мо низ соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва нақлиёту энергетика аз ҷумлаи соҳаҳои муҳимму пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравaнд, ки ба устувории низоми молия, хусусан буҷети давлатӣ заминаи мусоид гузошта истодаанд. Соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ҳамчун соҳаҳои тавлидкунандаи молу маҳсулот ва татбиққунандаи ҳадафҳои рушди устувор, тавассути амалӣ намудани лоиҳаҳои давлатии сармоягузорию инноватсионӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои миллӣ саҳми назаррас доранд.

Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ беш аз 4,1 млн. ҷойи кор таъсис дода шудааст, ки дар натиҷа даромади пулии аҳолӣ дар соли 2024-ум ба 147 млрд. сомонӣ баробар гардид. Яъне даромади пулии аҳолӣ дар муқоиса ба соли 2019 бештар аз се маротиба, музди миёнаи меҳнат беш аз 1,8 баробар ва андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар зиёд гардид.

Дар маҷмуъ, давоми панҷ соли охир истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ хеле афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда аз татбиқи босамари барномаҳои молиявию иқтисодии Ҳукумати мамлакат дар самти таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, инчунин, таъмини шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсул гувоҳӣ медиҳад. Ҳиссаи соҳаҳои асосии иқтисодиёт дар ММД дар соли 2024 тавассути диаграмма нишон дода шудааст.

**Диаграммаи 1**

**Ҳиссаи соҳаҳои асосии иқтисодиёт дар ММД дар давоми соли 2024**

**(бо дарсад)**



Аз рӯйи нишондиҳандаҳо мушоҳида карда мешавад, ки дар давоми соли 2024-ум ҳиссаи соҳаи савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, хизматрасонии меҳмонхонаҳо ба 15,2 дарсади ММД баробар гардидааст. Ғайр аз ин, ҳиссаи соҳаи сохтмон 12,4 млрд. сомонӣ ё ин ки 8,1 дарсад, соҳаҳои нақлиёт ва алоқа 14,3 млрд. сомонӣ ё ин ки 9,3 дарсад, андозҳои холис аз маҳсулот 14,4 млрд. сомонӣ ё ин ки 9,4 дарсад ва дигар навъи хизматрасонӣ 27,9 млрд. сомонӣ ё ин ки 18,3 дарсади ММД-ро ташкил намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди саноат танҳо бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва сармоягузории технологӣ имконпазир аст, ки донишгоҳҳо дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Масалан, дар тадқиқоти муҳаққиқон Ю. Мислякова ва А.Древалева омадааст, ки «омилони асосии саноатикунонии нав корхонаҳои саноатӣ, аҳолӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки имкониятҳои бузурги тараққиёти илму техника доранд, дар маркази ҳамаи инҳо мебошанд».

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида, дар давоми соли 2023 сатҳи камбизоатӣ то 21,2 дарсад коҳиш ёфт ва баробари зиёд гардидани шумораи коргоҳу корхонаҳои саноатӣ, бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани шаҳрвандон, инчунин, пайваста дастгирӣ ёфтани қишри осебпазири ҷомеа ва тақвияти сиёсати иҷтимоии роҳбарияти Ҳукумати мамлакат, солҳои минбаъда ин нишондиҳанда боз ҳам коҳиш хоҳад ёфт. Ҳиссаи соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар давоми солҳои 2019–2024 тавассути диаграммаи 2 мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Диаграммаи 2**

**Ҳиссаи соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар давоми солҳои 2019–2024**

(бо дарсад)



Дар ин давра, яъне соли 2024-ум, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД ба 34,9 млрд. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2023-юм ба андозаи 10,1 дарсад афзоиш ёфт ва ҳиссаи ин соҳа дар ММД бештар аз 22,8 дарсадро ташкил намуд. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ММД ба 25,9 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2023-юм ба андозаи 22,6 дарсад афзоиш ёфта, ҳиссаи ин соҳа дар ММД ба 16,9 дарсад баробар шуд.

Айни замон дар доираи амалисозии тадбирҳои зарурӣ, махсусан дар самти иҷрои барномаҳои давлатӣ бо истифодаи комёбиҳои илмию инноватсионӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, пешбинӣ гардидани имтиёзҳои андозӣ, баланд бардоштани зарфияти истеҳсолӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои кишоварзию саноат ва хизматрасонии соҳаҳои нақлиёту энергетика сол то сол беҳтар гардида истодаанд. Барои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ аз захираю имкониятҳои дохилӣ, махсусан мавриди таҷҳизонидани коргоҳу корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои муосир ва ба роҳ мондани коркарди ашёи хом, дар ин замина содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда муҳим арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, пажуҳишгарони ватанӣ Ш.Раҳимзода, Л. Саидмуродзода ва Ф. Муминова иброз менамоянд: «Камшавии муайяни пешниҳоди сармоягузорӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ метавонад ба ҷараёнҳои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон таъсири манфӣ расонад, ки ин зарурати хеле беҳтар намудани фазои сармоягузориро тақвият медиҳад. Дар баробари ин, иқтисоди мамлакатҳои дорои бозорҳои рӯ ба тараққӣ низ таъсири манфии коҳиши талаботи хориҷиро эҳсос хоҳанд кард. Ҳамзамон, паст шудани сатҳи фаъолнокии сармоягузорӣ ба вусъати иқтидори истеҳсолӣ монеа эҷод мекунад».

Сарватҳои табиӣ асоси рушди саноати миллӣ буда, ашёи истеҳсолот, қувваи барқ ва маҳсулоти истеъмолӣ аз онҳо ҳосил мегардад. Татбиқи «Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” барои солҳои 2023–2037» ин равандҳоро суръат мебахшад. Бисёр кишварҳо то соли 2030 коҳиши дукаратаи партовҳо ва то соли 2050 безарар кардани онҳоро ҳадаф қарор додаанд. Бо вуҷуди таъсири мусбати саноат ба зиндагии мардум, истифодаи технологияҳои муосир барои коҳиши таъсири манфии экологӣ зарур аст. Илова бар ин, ворид намудани принсипҳои иқтисоди “сабз” ба раванди инноватсионӣ тағйирот дар равишҳои технологӣ, ташкилӣ ва идоракуниро талаб мекунад. Зеро усулҳои мутобиқсозии ташкили раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ҳамгироии рушди устувор ба фаъолияти корхонаҳо, кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд.

Истеҳсоли маҳсулоти баландсифату рақобатпазир аз дастрасӣ ва истифодаи техникаю технологияҳои пешқадами инноватсионӣ вобастагӣ дошта, дастрасӣ ба техникаҳои инноватсионӣ ба имкониятҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ алоқаманд мебошад.

Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкур басо муҳим ва баҳснок буда, новобаста аз ин раванди инноватсионии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва мутобиқшавии онҳо бо принсипҳои рушди устувор, сарфаи манобеъ ва коҳиш додани таъсири манфии инсон ба муҳити зист тақозои замон мебошад. Масалан, истифодаи манбаъҳои барқароршаванда (энергияи офтобӣ, бодӣ) ва технологиҳои камхарҷ ва камзарар барои муҳити зист. Ин раванди мутобиқшавӣ ба иқтисоди “сабз” на танҳо барои истеҳсоли энергияи “сабз”, ташкили хатҳои нави технологӣ дар истеҳсолот, балки барои беҳбудии муҳити зист, солимии ҷомеа ва рушди устувор заминаи созгор мегузорад.

Таҳлили вазъи муосир ва омӯзиши қонуниятҳои рушди соҳаҳои саноат имкон медиҳад, ки равандҳои мавҷуда амиқ фаҳмида шаванд ва бар асоси онҳо тавсияҳои асоснок барои ҳалли мушкилоти стратегӣ пешниҳод карда шаванд. Ин равиш на танҳо ба такмили моделҳои мавҷудаи рушд, балки ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва истифодаи технологияҳои пешрафта низ мусоидат хоҳад кард. Роҷеъ ба ин масъала, И.Ю. Гришина муфассал ибрози андеша намудааст.

Яке аз роҳҳои муҳими расидан ба муваффақиятҳои назарраси ҳадафи чоруми миллӣ–саноатикунонии босуръати кишвар, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, ки асоси иқтисодиёти устуворро ташкил медиҳанд, ба ҳисоб меравад. Ин корхонаҳо метавонанд бо истифодаи технологияҳои муосир ва захираҳои маҳаллӣ ба эҷоди ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот ва баланд бардоштани иқтидори содиротӣ мусоидат намоянд.

Ҳамин тавр, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафарбар намудани тамоми захираҳо татбиқи лоиҳаҳои “сабз”, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи неру ва рушди иқтисоди “сабз”-ро ҳадафи асосӣ қарор додааст, ки ба рушди устувор мусоидат мекунанд. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025” нақши калидӣ дар гузариши иқтисодиёти миллӣ ба самти инноватсионӣ доранд. Ин ду санади муҳим ҳамчун заминаҳои асосии сиёсати давлатӣ барои таъмини рушди устувор ва бунёди иқтисоди рақобатпазир таҳия гардида, роҳнамои рушди устувор ва асоси сиёсати давлатӣ барои бунёди иқтисодиёти рақобатпазир ба саноатикунонии босуръат, фароҳам овардани заминаҳои навоварию баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот таҳия гардидаанд.

Илова бар ин, баробари татбиқи барномаҳои мукаммали молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми соли 2024 нақшаи даромади буҷети давлатӣ 104,1 дарсад иҷро гардид, ки дар ин давра ба буҷети давлатӣ 46978,3 млн. сомонӣ ворид гардидааст ва аз рӯйи маълумоти фаврии Вазорати молия қисми хароҷоти буҷети давлатӣ ба 45473,0 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра, яъне соли 2024, кишвари мо бо 121 мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо 10 кишварҳои ИДМ ва бо 111 мамлакатҳои хориҷи дур муносибатҳои тиҷоратӣ, ки ҳиссаи савдои хориҷӣ бо кишварҳои ИДМ ба маблағи 4142,9 млн. доллар ё 46,3 дарсад ва бо мамлакатҳои хориҷи дур ба маблағи 4812,1 млн. доллар ё 53,7 дарсад муносибатҳои тиҷоратиро густариш додааст.

Дар маҷмуъ, бо андешидани тадбирҳои судманд, ба монанди ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар шароити корхонаҳои саноатӣ, коркарди бештари ашёи хоми ватанӣ, амалигардонии дастовардҳои зеҳни сунъӣ дар истеҳсолот, рушди иқтисоди рақамӣ, пешбинӣ гардидани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ мо рушди иқтисодиёти миллиро дар сатҳи зарурӣ таъмин карда метавонем. Дар баробари ин, солҳои минбаъда таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ, яъне таъмини шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсул ва афзоиши содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, ба зиёд гардидани қисми даромади буҷети давлатӣ низ шароити мусоид фароҳам оварда, сатҳи камбизоатиро бамаротиб коҳиш дода, рушди иқтисоди миллиро дар доираи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат таъмин карда метавонем.

## АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018)
2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, аз 27 майи соли 2020, №293.
3. Klaus Schwab. World Economic Forum/ The Global Competitiveness Report 2019: insight report. – Geneva; 2019. – P. 542.
4. Grishina Y. I. Management of innovations in industry // 22–23 апреля 2024 года, 2024. – С. 155-158. – EDN QLPLDR.
5. Портер М. Конкуренция.–Санкт-Петербург: Вильямс. 2000.-495 с.
6. Мыслякова Ю., Древалев О. Роли вузов в условиях новой индустриализации// Материалы Международной научно-практической конференции Новая индустриализация: мировое, национальное, региональное измерение. Екатеринбург, изд. Уральского государственного экономического университета 2016. – С. 37-39.
7. Мирсадов А., Муртазозода О. Принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ. Маркази тадқиқоти стратегии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Мирсаидов А., Муртазозода О. // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. –2025. –№1 (89). – С. 100.

Данные многочисленных исследований показывают, что все большее место в образе жизни индивидуумов занимает интернет-пространство. Интернет как один из элементов глобализации привела, с одной стороны, к открытости общества, но, с другой стороны, оно изменило образ жизни пользователей. Они стали более замкнутыми. Характерной особенностью данной формы образа жизни является его крайняя форма - замкнутость молодого человека и его закрытость. Такая форма сознания несет в себе опасность для самого молодого человека, поскольку его сознание может стать заложником его мыслей. Очень часто такие формы поведения приводят к трагическим последствиям. Именно в результате таких крайностей личностного сознания, совершаются акты самоубийства среди молодёжи [4, с. 69].

В целях усиления влияния на девиантное поведение индивидуумов, которые подвержены влиянию крайне радикальных направлений в обществе, на телеканалах Республики Таджикистан - «Шабакаи якум», «Сафина» и «Джахоннамо» налажен выпуск таких программ как «Ҳамкорихои судманд» (Плодотворное сотрудничество), «Ҷомеаи бе маводи мухаддир» (Общество без наркотиков), «Муборизаи беамон» (Беспощадная борьба), «Суҳбати рӯз» (Актуальная беседа), «Соя-рушан» (Свет и тень) и другие [2, с. 161].

В перспективе «виртуализация публичной политики и вытеснение телевидения плюралистическими интернет-коммуникациями создадут

возможность для появления нескольких наиболее влиятельных виртуальных, культурно-политических пространств с разными лидерами и системами локальной организации» [12, с. 174].

Общеизвестно, что современная обществоведческая наука до конца не получила еще ответа на вопрос о влияние массовой культуры на психику человека. Однако очевидным является тот факт, что на данном этапе развития на смену человека «созидающего» пришёл человек «потребляющий», с чем трудно не согласиться [1, с. 89].

Но некоторые учёные рассматривают в совершенствование национального образа жизни некую форму прогресса и утверждают, что в эпоху глобального общества, нация сохранит повседневную социальную среду индивида вне зависимости от одновременного участия индивида в других социальных группах. Даже в условиях «постглобализации», этносы и нации (не гражданские нации, а этнические группы) обретают форму глобальных акторов, участвующих в мировых процессах наряду с государствами и корпорациями [8, с. 158]. При этом нельзя отрицать фактор глобализации образа жизни. К примеру, во всех странах мира молодёжь проводить одинаковое количество времени за компьютерными играми и в интернет сообществе.

Некоторые ученые полагают, что в трансформирующемся обществе, традиционные критерии социальной стратификации утрачивают свою силу и убедительность, вследствие чего происходит верификация разнообразных стратификационных шкал или их комбинаций, но относительно образа жизни они остаются на уровне классовых различий. В эпоху развитой системы элементов досуга, не все слои населения имеют в своём образе жизни, время для досуга и отдыха. Однако даже в эпоху высокой интеграции социальных процессов, именно доступность досуга является показателем образа жизни и это напрямую зависит от материального положения в обществе.

В то же время, задача государства в организации программ национального образа жизни состоит в том, чтобы снизит на уровне индивидуума стратификационные критерии его организации. Всё больше создаются объекты общего досуга, где на равных могут провести время представители разных классов, вне рамок своего статуса. Тем не менее, устранить роль материального положения в организации образа жизни является исключением только для отдельных стран с социальной политикой (северная Корея).

В формировании образа жизни этноса огромное место принадлежит возрождению традиционных национальных игр, занятий и ремёсел. Так, например, Управление народного образования Согдийской области

организуют и проводят областные конкурсы национальных игр, где участвуют 15 городов и районов области. Главным условием конкурса является национальные игры, которые призваны занять особое место в образе жизни народа и одновременно восстановить их как достояние культуры народа [6, с. 47].

Комитет по делам молодёжи при Правительстве Республики Таджикистан первые девять лет осуществлял полноценную деятельность в области реализации государственной молодежной политики, укрепляя законодательную и нормативно-правовую базу. Государственная национальная программа «Молодёжь Таджикистана» на 1999-2000 годы стала важным этапом в формирование механизма продвижения молодежной политики в области национального образа жизни. В частности поддержка творческой молодежи, формирование здорового образа жизни, обеспечение досуга и культуры, предпринимательство и другие компоненты этой политики стали частью общей политики государства. Принятые в разные годы Национальная Программа «Молодёжь Таджикистана» и Национальная программа формирования здорового образа жизни на 201–2020 годы являются фундаментальными нормативами по развитию социальной политики в области национального образа жизни

На современном этапе частью образа жизни стало технологический детерминизм, когда технические средства занимают его существенную часть. В системе временного и материального содержания национального образа жизни расширяется технологическое изменение, которое все больше занимает привычные формы проведения времени. Такие технологические достижения как смартфон и компьютер в деятельности человека становятся необходимыми элементами, но вместе с этим происходит фетишизация этих атрибутов прогресса и сильная зависимость от их использования. При этом заметно возросло число игроманов, поклонников социальных сетей и различных чатов, которые постепенно становятся частью образа жизни, превращая человека из природного существа в цифровой аналог. Всё это даёт основание заключить, что принципы национального образа жизни обусловлены различными факторами и в частности техногенного характера, которые усложняют социальную структуру общества. Увлечение интернетом нарушает график и режим отхода ко сну и время пробуждения организма, что в целом нарушает порядок жизнедеятельности в обществе и производительность в его экономике.

При этом нельзя отрицать функциональное значение новых технологий, но человек становится более пассивным как в физическом плане, так и в интеллектуальном, поскольку технология существенно расширяет свои функции, внедряясь в образ жизни своего владельца [1, с.

56]. Одновременно происходит потребительская стратификация образа жизни путем стремление к шикарной жизни (luxury), создаются элитные клубы, элитные сообщества, элитные места отдыха, способствующие созданию элитного образа жизни, которое все больше уступает своё место обществу равных возможностей. В этом плане во многих странах создаются условия для равного участия населения в системе проведения свободного времени с доступными ценами для каждого человека, чтобы привлекать население к здоровому образу жизни.

Неоспоримый факт, что процесс глобализации отрицательно повлиял на уровень социализации населения, поскольку увеличение удаленной работы и общение в социальных сетях создало условия для ухода человека от общества. Люди перестали общаться друг с другом, и этот фактор также отражается на их образе жизни. Можно сказать, что такие привычные формы социализации как шоппинг, посещение рынка, аукционов продаж, гаражных продаж, вещевых рынков и других объектов торговли как часть национального образа жизни среднего гражданина, постепенно уступают цифровому варианту общения.

Несмотря на различные доступные формы образа жизни, в условиях глобального общества, фактор распределение доходов, богатства и власти является главным критерием, определяющим национальный образ жизни. Всё это даёт основание заключить, что в условиях глобализации образа жизни, понятие «структур повседневности» (школа Фернана Броделя), выражает именно глобальную форму образа жизни, и оно будет развиваться дальше по мере роста глобального общества [8, с. 158]. Исходя из этого, перед странами и народами стоит задача по предотвращению кризиса социальных функций государства, связанного с экономической глобализацией и размыванием среднего класса как массовой социальной базы нации. В достаточно короткий период с началом глобализации государство утратило или резко сократило целый ряд жизненно важных для граждан функций и социальных гарантий, что повлияло на образ жизни каждого члена общества. Это привело к потерям ценностей нации и его этнических особенностей. Оно стало возможным в тех странах, которые приняли неолиберальную социальную политику «отказа от государственного патернализма», который привело к социальной нестабильности в обществе, и изменил традиционный образ жизни. Стресс, конфликт, болезнь и другие отрицательные явления сменили мирный образ жизни народа и создали общества тотальной конкуренции.

В связи с растущими угрозами со стороны глобализационных процессов и влияния массовой культуры по отношению к национальному образу жизни, со стороны государства принимаются определённые

программные документы, призванные защитить его ценности. Кстати, принятие программных документов были направлены на установление правильной формы образа жизни подрастающего поколения. В 90-е годы образ жизни молодежи состояло из того, что они проводили своё основное время в видео-барах, залах компьютерных игр, интернет-кафе, казино и других заведениях, вызывающих зависимость человека от частых их посещений. Также за этот период, национальный образ жизни столкнулся с проблемой частичного ухода женской молодежи от общественного занятия. Снизилось количество уроков труда, профориентации, рисование, физической культуры в школах на постсоветском пространстве, что отрицательно влияло на пропаганду национального образа жизни, зачатки которого получают именно в школе. Также следует обратить внимание на радикализм религиозных деятелей, которые в особенности в сельской местности, стараются изменить образ жизни в сторону его радикализации, отвергая светские законы государства.

Подводя итог проведённому анализу, можно сделать вывод, что эти процессы имеют явные и латентные тенденции изменения национального образа жизни. Обладая прогрессивными элементами по отношению к материальной жизни, интеграционные процессы конца XX-го века и эволюция мировой экономики, как реальный факт современного общества, изменили общепринятые нормы жизни общества. Религия и её ценности, наравне с национальными традициями, всячески сопротивляются новой форме образа жизни, суть которого определяется усиленным влиянием массовой культуры, технологии и других элементов глобализации.

В условиях глобального общества важно отметить стремление к формированию положительного отношения нового поколения к традиционному образу жизни, при котором воспитание потребности по заботе о здоровье позволяет расширять мировоззрение и представления населения о зависимости здоровья от активности, как в быту, так и на уровне производственных отношений.

С точки зрения смысла и осознания важности исследования образа жизни на уровне мега группы, какой является нация, необходимо отметить комплексный подход ко всем возрастным категориям общества, поскольку риск неподвижного состояния, страсть к вредным привычкам, уменьшение двигательной активности охватывает все возрастные группы, начиная от младших школьников и до людей зрелого возраста. Современный техногенный стиль и образ жизни лишает также национального субъекта самостоятельности при решении важных проблем и ответственности.

Решение задач при помощи технологий отторгает людей от реальной жизненной ситуации, от коллективного анализа, что часто приводит к

отрицательным последствиям. Образ жизни также необходимо регулировать в свете вопроса становлении ценностей общества, в центре которых стоит здоровый образ жизни. Элементарные нормы и правила в питание, режим активности, закаливание, формирование полезных здоровью привычек являются теми формами, которые способствуют национальному образу жизни.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Азимова М. Национальное действие в условиях социальной трансформации и экстремальной ситуации / М.М. Азимова. - Душанбе: Издательство «Ирфон», 2013. - 178 с.

2. Акрамов, А.М. Борьба РТ с незаконным оборотом наркотиков в конце XX - начало XXI вв.: дисс. … к. истор. наук: 07. 00. 02 / А.Акрамов. – Душанбе, 2020. – 169 с.

3. Гранин Ю. Глобализация и национализм: история и современность (социально-философский анализ) / Ю.Д. Гранин. - Saarbrücken, LAP LAMBERT Academic Publishing, 2011. - 372 с.

4. Мудрик А. Социальная педагогика: Учеб. для студ. пед. вузов / А.В. Мудрик.–Под ред. В.А. Сластенина. –3-е изд., испр. и доп.–Москва: Академия, 2000. – 200 с.

5. Косолапов Н. Международно-политическая организация глобализирующегося мира: модели на среднесрочную перспективу / Н. Косолапов // Общественные науки и современность. – 2001. - № 6. – С.135-140.

6. Мирзоев М. Место и роль учреждений дополнительного образования детей в формирование основ этнокультуры учащихся /М. Мирзоев // Вестник ТНУ. – 2009. – №3 (51). – С. 131-141.

7. Муинзода М. Участие молодёжи в процессах социально-экономического преобразования РТ в годы независимости (1991–2016 гг.): дисс. … к. истор. наук: 07.00.02 / М. Муинзода. Душанбе, 2019. - 165 с.

8. Мельник Н. Современные теории социального действия в немецкой социологии / Н. Мельник. Электронный ресурс: www.http//Литрес.ру. (Режим доступа: 05.06.2025). – 156 с.

9. Парсонс Т. О структуре социального действия / Т. Парсонс. - Москва: Академический Проект, 2000. – 880 с.

10. Панарин А.С. Философия истории / А.С. Панарин. - Москва: Наука,1999. – 432 с.

11. Рыжова С. Этническая идентичность в контексте толерантности / С. Рыжова. – Москва: Альфа-М, 2011. – 280 с.

12. Акопянц А. Транснационализация современного мирового политического процесса и акторы суверенитета // А. Акопянц / Власть. - 2013. - №1. - С. 174-178.

13. Панкратов И., Шамьенова Г. Теоретические основы оценки стратификации инновационного общества // И.Панкратов, Г. Шамьенова / Философия, социология и культурология. – 2013. – №3. – С. 282-289.

14. Хантингтон, С. Столкновение цивилизаций / С. Хантингтон. - Москва: Издательство АСТ, 2003. – 456 с.

## РАВАНДҲОИ МУОСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАРЗИ ҲАЁТИ МИЛЛӢ

**САИДОВ АБДУЛМАНОН САТТОРОВИЧ**,
доктори илми фалсафа, профессори кафедраи илмҳои ҷамъиятшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29–31;

**САФАРОВА МАТЛУБА ҶУНАЙДОВНА,**
муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Аӯалӣ ибни Сино»
734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29–31;
тел.: (+992) 907-97-23-63; e-mail: matluba.safarova73@mail.ru

*Бешубҳа, ҷаҳонишавии муосир густариш ёфтааст ва ба ҳама ҷанбаҳои тамаддуни инсонӣ, аз ҷумла тарзи зиндагии ҷомеаҳои гуногуни миллӣ, таъсир мерасонад. Дар ин давраи ҳамгироии босуръат байни кишварҳо бисёр расму оинҳо, анъанаҳо ва маросимҳои миллӣ тадриҷан мазмуни пешинаи худро аз даст дода, маънои нав пайдо мекунанд.*

*Дар марҳалаи кунунии ҷаҳонишавӣ, тарзи зиндагии субъекти миллӣ, ки аз навовариҳои технологӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад, тағйироти муайянеро аз сар мегузаронад. Бо дарназардошти таҳдидҳои афзояндаи ҷаҳонишавӣ ба тарзи ҳаёти миллӣ, давлат барои ҳифзи арзишҳои бунёдии он санадҳои муайяни сиёсиро қабул мекунад.*

*Дар ин мақола кӯшиш карда мешавад, ки ин ва як қатор ҷанбаҳои дигари таъсири равандҳои ҷаҳонишавии муосир ба тарзи ҳаёти миллат дар чаҳорчӯби имкониятҳои маърифатии илми иҷтимоӣ ва фалсафӣ омӯхта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавӣ, тарзи зиндагии миллӣ, фарҳанг, Ғарб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, дин, интернет ва ғайра.*

# CONTEMPORARY GLOBALISATION PROCESSES AND THEIR IMPACT ON THE LIFESTYLE OF THE NATION

**SAIDOV ABDULMANON SATTOROVICH,**
Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Social Sciences of the State Educational Institution “Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino”
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Sino str. 29–31;

**SAFAROVA MATLUBA JUNAYDOVNA,**
Senior Lecturer, of the Department of Social Sciences of the State Educational Institution “Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino”
tel.: (+992) 907 972363. e-mail: matluba.safarova73@mail.ru

*Undoubtedly, modern globalization is pervasive and influences all aspects of human civilization, including the way of life of various national communities. In this era of rapid integration among countries, many national customs, traditions, and rituals are gradually losing their former significance and acquiring new meaning.*

*At the current stage of globalization, the national subject’s way of life, significantly influenced by technological innovations, is undergoing certain changes. Given the growing threats posed by globalization to the national way of life, the state is adopting certain policy documents to protect its fundamental values.*

*This article attempts to study these and a number of other aspects of the influence of modern globalization processes on the nation's way of life within the framework of the cognitive capabilities of social and philosophical science.*

***Keywords:*** *globalization, lifestyle of the national, culture, West, Republic of Tajikistan, religion, Internet, etc.*

**УДК: 1(09/12)(09/13)**

# ВАҲДАТ ҲАМЧУН ПОЯИ ҶАҲОНБИНИИ МУТАФАККИРОНИ АҲДИ БОСТОН: ТАҶРИБАИ МИСР ВА ЮНОНИ ҚАДИМ

**МУСТАҶОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА,**
номзади илмҳои филология, унвонҷӯйи (докторанти) кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 934-80-15-03; e-mail: rudobaimukarram@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба таҳлили амиқи ҷойгоҳ ва моҳияти мафҳуми ваҳдат дар таълимоти фалсафӣ ва динию иҷтимоии Мисри қадим ва Юнони Бостон бахшида шудааст. Муаллиф андешаи ваҳдатро ҳамчун пояи ҷаҳонбинии мутафаккирони давраҳои ибтидоии тамаддун зуҳурёфта, ба таври муфассал таҳлил мекунад ва нишон медиҳад, ки ваҳдат ҳамчун арзиши асосӣ дар ҳар ду тамаддун мавқеи марказӣ дорад. Муаллиф бар он ваҳдат назар дорад, ки мафҳуми ваҳдат дар фалсафаи Мисри Қадим бештар ба Худои ягонаи Омон-Ра ва мафҳуми “Маат” – тартиби космикӣ ва адолати илоҳӣ марбут аст, дар ҳоле, ки дар фалсафаи Юнони Қадим, бахусус дар андешаи Пифагор, Гераклит, Суқрот, Афлотун ва Арасту ҳамчун пояи фаҳмиши олам, ҳамоҳангсози қонуниятҳои табиӣ ва асоси низоми ақлонӣ ва ахлоқӣ баррасӣ мешавад.*

*Муаллиф нишон медиҳад, ки ғояи ваҳдат дар ҳар ду тамаддун ба сифати меъёри муттаҳидсозандаи инсон, табиат ва ҷаҳони маънавӣ хидмат карда, заминаи ташаккули тафаккури сиёсӣ ва фалсафии баъдӣ гардид. Мақола аҳаммияти идроки аслии ваҳдатро барои ҳамзистии осоишта, рушди ахлоқ, маънавият ва таҳкими пояҳои иҷтимоиву маънавии ҷомеа дар замони муосир таъкид мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *ваҳдат, Мисри Қадим, Юнони Бостон, ҷаҳонбинӣ, тафаккури сиёсӣ, тафаккури фалсафӣ, Арасту, Афлотун, Суқрот, Пифагор, маънавият, тамаддун.*

Ҳофизаи таърихи инсоният олитарин шаҳкори пурғановати маданиву иҷтимоӣ аст, ки дар он тамоми ҳаводиси муайянкунандаи ҳаёти инсоният ҳамеша аз худ рақам мезанад. Дар хатти муқаддами ҳастӣ аввалин давраҳои таърихи инсоният дарҷ гардидаанд, ки чун падидаи ибратомез ба наслҳои баъдӣ хидмати мондагор доштаанд. Аҳди бостон яке аз мондагортарин марҳалаи таърихии инсоният маҳсуб дониста шуда, дар он аввалин ҷомеаҳои насли инсоният дар ростои густариши давлатдорӣ, фарҳанг ва ҷаҳонбинӣ мавқеи худро нишон додаанд. Аввалин давраи пайдошавии

ҷузъи муҳимтарини тамаддуни мо, яъне хат ва ташаккули давлатҳои нахустин то ибтидои қарнҳои миёна тул кашида, ба ин замон марбут буда, шинохти он барои такмили ҷаҳонбинӣ, дарки тамаддуни инсонӣ ва руйдодҳои иҷтимоӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдоранд.

Пеш аз ҳама, бояд ба худи мафҳуми аҳди бостон диққат диҳем. Маънои аслии ин мафҳум қадимтарин давраҳои таърихии башариятро ифода мекунад, ки пайдоиши нахустин шаҳру давлатҳо, назму низоми сиёсӣ ва фарҳангӣ ба он марбут аст. Оғози аҳди бостон ба асрҳои чаҳорум ва сеюми пеш аз милод баробар омада, то асри панҷ ва шаши милодӣ давом ёфт. Оғозгоҳи тамаддуни ҷаҳониро аҳди бостон ташкил медиҳад. Дар марҳалаи кунунӣ он арзишҳои муҳимтарини фарҳангӣ ва диние, ки дорем, реша дар ин даврон дорад. Доир ба ин масъала академик Бобоҷон Ғафуров чунин андеша дорад: “Фарҳанги бостон–решаи ҳувияти миллии мо аст, ки дар забон, афсона ва одобу русуми мардум ҳифз шудааст” [13].

Барои пажуҳиши возеҳ ва амиқ роҷеъ ба нақши ваҳдат дар тамаддуни ҷаҳоншумули Мисри Қадим бар се рукни асосии бақои ин тамаддун, ки якум манбаҳои таърихи бостоншиносӣ, дувум нигоштаҳои хаттӣ ва севум таҳлилҳои дақиқи олимон ва андешамандоне, ки доир ба паҳлуҳои мухталифи тамаддуни Миср пажуҳиш анҷом додаанд, месазад, ки диққат диҳем. Тавре ки аз таърихи пурғановати Миср барои мо амиқан аён аст, ки ҳунари меъморӣ дар ин сарзамин ҷойгоҳи вижаи худро доро буд ва ҳанӯз ҳам дар байни мардум роиҷ аст. Пирамидаҳо дар таърихи мавҷудияти ин мардум нақши муассиртаринро чун рамзи асосии тамаддуни онҳо ифода мекарданд. Тафсири вожаи “пирамида”-ро мо тариқи луғат дар ду шакл метавонем шарҳ диҳем. Якум, ин вожа калимаи юнонӣ буда, маънояш нон мебошад. Чун агар хуб диққат диҳем, пирамида ба шакли нонҳои юнонӣ шабоҳат дорад. Аммо дар фарҳанги мисриён решаи асосии ин вожа “мер” (mr), ки маънои “ҷойи болоравӣ ба осмон”-ро ифода мекунад. Дар фалсафаи ҳастии ин мардум пирамида на фақат як сохтмони баланду сангин нақш дошт, балки, пеш аз ҳама, он рамзи пайвандгар ва омили асосии ваҳдат байни замину осмон буд.

Агар аз нигоҳи рамзшиносӣ ба тарзи шакл ва сохтани пирамида хуб назар андозем, баъзе шакли пирамида, ки ишора ба осмон доштанд, маънои нур ва шуои офтобро дар худ таҷассум мекарданд. Ин ба он маъно далолат мекунад, ки дар бисёр мавридҳо фиръавнҳо худро ворисони худои офтоб–Ра ҳисоб мекарданд. Дар фалсафаи ҷаҳонбинии мисриҳо марг падидаи охирини завол нест, балки баръакс, роҳи ҷадиде аст, ки ваҳдати онҳоро бо осмон мустаҳкам мекунад.

Миср яке аз қадимтарин давлатҳои Шарқ ба шумор меравад. Мавқеи ҷойгиршавиаш дар қисми шимолу шарқии қитъаи Африқо мебошад. Мисри

Қадим дорои таърихи пурғановат ва тамаддуни ҷаҳоншумуле аст, ки реша дар қадимтарин даврон дорад. Пешаи ин мардум асосан ҳунармандӣ, кишоварзӣ ва чорводорӣ буд.

Рӯди Нил аз ҷумлаи мукаддасот ин мардум ҳисоб мешуд ва дар пешбурди зиндагии онҳо нақши калидӣ дошт. Мутафаккири бузурги асри нуздаҳи милодӣ Карл Маркс таъкид намуда буд, ки зарурати пасту баланд шудани об дар рӯди Нил илми нуҷуми (астрономияи) Мисри Қадимро ба вуҷуд овард.

Забони мисрӣ дар асри чаҳоруми пеш аз милод ба авҷи аълои худ расид. Аслан, ин забон дар заминаи хатти тасвирӣ густариш пайдо кард. Мемфис ва Фивӣ чун марказҳои фарҳангиву тамаддунии Миср шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд. Санъати ресандагию бофандагӣ барои мисриён хеле муҳим ба шумор мерафт. Чӯб муҳимтарин мавод барои сохтани таҷҳизоти бофандагию мебел ва заврақ буд.

Ҷиҳати густариши робитаҳои фарҳангиву тиҷоратӣ аз захираҳои зеризаминӣ истифода бурда, бо мардуми давлатҳои қадимтарини ҳамсоя ҳамкории фаъол доштанд.

Дар таърихи ин мардум Минои Искандария, ки баъди истилои юнониён қад афрохт, ба ҳайси китобхона, осорхона, академияи илмҳо ва маркази ситорашиносӣ низ истифода мешуд. Баландии бурҷи он 120 метр буд ва рӯшноии оташи онро аз масофаи зиёда аз 600 км дидан мумкин буд. Ҳамзамон, Миср бо сохтмони аҳромҳо (пирамидаҳо) низ равнақи ҷаҳонӣ касб кард. Муаррихи Юнони Қадим Ҳеродот дар “Таърих” ном асараш доир ба мисриён чунин навишта буд: “Онҳо аввалин тақвимро ба вуҷуд оварданд” [13]. Тақвим фарогири як сол ва 12 моҳ, яъне иборат аз 365–366 рӯз буд.

Зиёда аз се ҳазор сол тамаддуни Мисри Қадим дар соҳили рӯди Нил рушд кард, ки дар таърихи башарӣ ба сифати беҳтарин ҷомеаи мутамарказ ва устувор аз худ рақам монд. Яке аз омилҳои асосии ин устуворӣ ва пешрафт мавҷудияти ваҳдат дар ҳамаи шохаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, динӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ буд. Ваҳдат дар Мисри Қадим на танҳо арзиши иҷтимоӣ, балки як меҳвари фалсафаи зиндагӣ ва рукни муассири давлатдорӣ мақом дошт.

Доир ба ин масъала муаррих ва мисршиноси маъруф Ян Ассман чунин назар дорад: “Ваҳдати сиёсӣ ва идеологӣ шарти асосии пойдории тамаддуни Миср буд. Бидуни марказияти давлатӣ ва ваҳдату қудрати Фиръавн на дин, на фарҳанг ва на иқтисод устувор намешуд” [3]. Фиръавн ҳамчун “муҷассамаи зиндаи ваҳдат” шинохта мешуд. Ӯ на танҳо подшоҳ, балки намояндаи худоён дар рӯйи замин ба шумор мерафт. Ба қавли

Ҳеродот: “Дар Миср шоҳ на танҳо ҳоким, балки низоми ваҳдати замин ва осмон аст” [6, 114].

Дар Мисри Қадим эътиқоди динӣ заминаи асосии ваҳдат ба ҳисоб мерафт. Ин мафҳуми ваҳдат тавассути истилоҳи “Маат”, ки аз номи худои ҳақиқат, адолат, тартиботи коинот ва қонуни илоҳӣ бармеояд, ифода меёфт.

Бояд гуфт, ки Маат сифати яке аз муҳимтарин худои Мисри Қадим ба шумор мерафт ва мавриди парастиши густурдаи мисриён қарор гирифта буд. Вай шахсияти ахлоқӣ ва фалсафии хеле баланд дошт ва ҳамчун бунёди тартиби илоҳӣ ва иҷтимоӣ шинохта мешуд. Худои Маат дар ваҳдату ҳамгироии мардуми Мисри Қадим аз аҳаммияти хос бархӯрдор буд. Фалсафаи худои Маат на танҳо ба адолат ва ҳақиқат дахл дошт, балки он асоси ҳамоҳангӣ, сулҳ ва ягонагӣ дар ҷомеа маҳсуб меёфт. Ба гуфти олими мисршиноси олмонӣ Ян Ассман: “Маат на танҳо як Худост, балки принсипи метафизикӣ ва ахлоқист, ки тамоми ҷомеа ва табиатро дар атрофи худ муттаҳид месозад” [3]. Ба ақидаи мисриҳои қадим танҳо ҳамон вақт ҷомеа метавонад дар фазои сулҳ ва ваҳдат зиндагӣ кунад, ки қонун ва фармудаҳои ахлоқии Маат риоя шаванд. Маат мардумро водор мекард, ки аз худхоҳӣ ва низоъ парҳез ва барои некӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ кӯшиш намоянд.

Фиръавн, шоҳаншоҳи Миср, нигаҳбони Маат ба шумор мерафт, ки вазифаи ӯ барқарор нигоҳ доштани ваҳдати байни осмон, замин ва ҷомеа буд. Маҳз бо шарофати худои Маат сиёсат ва дини Мисри Қадим якҷо шуда, ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи он замон таъмин мегардид.

Донишманди рус Иосиф Михайлович Луре менависад: “Ҳуқуқ ва давлатдории Мисри Қадим ҳамчун шакли ташкилёбии ваҳдати иҷтимоӣ зуҳур намуд, ки тавассути қонун ва дин ҳамоҳангӣ меёфт” [10, 23].

Аз таърихи Миср ба мо маълум шуд, ки нақши дин чун мактаби асосии ваҳдат ва рисолати ҳамагонӣ хеле калидӣ ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ин сарзамин ваҳдати арзишҳо буд, ки дин ва фарҳанг устувор монд. Чунонки мо дар боло қайд кардем, Миср чун аввалин маркази маънавию тамадун ва сарчашмаи асосии пайдоиши хат оламшумул гашт. Ваҳдати забон ва фарҳанги умумимиллӣ, аз ҷумла иероглифҳо, на фақат василаи тақвияти хат буданд, балки чун омили асосии ваҳдати фарҳангӣ мардумро аз шимол то ҷануб пайваст мекард. Пайванди мустаҳками дин, хат ва забон ҷомеаи иттиҳод ва воҳиди мисриёнро тақвият мебахшид.

Мисри Қадим анъанавӣ динеро бо худоёни сершумор дошт (Ра, Осирис, Исида, Хор ва ғайра), аммо дар фарҳанги онҳо ҳамеша ҷустуҷӯйи як қувваи ягонаи муттаҳидкунанда дида мешуд. Пажуҳишагари шинохтаи олмонӣ Эрик Хорнунг, ки доир ба мафҳуми ваҳдат дар мифология ва космологияи дини Миср тақиқоти зиёдеро анҷом додааст, чунин нуқтаи

назар дорад: “Мисриён ҳатто дар замони бисёрхудоӣ низ дар ҳар як худо ҷанбаи ягонаи Худои Бузургро медиданд” [7,18].

Илова бар ин, дар афкори сиёсӣ ва фалсафаи мутафаккирони Миср хушбахтии инсон дар ваҳдати комили ӯ бо табиат арзёбӣ шудааст. Имхотеп, яке аз пизишкон ва мутафаккирони шинохтаи Миср, ба он бовар муътақид буд, ки инсон дар он ҳолат ҳамеша саломату хушбахт аст, ки агар бо табиат пайванд ва ваҳдати ҳамешагӣ дошта бошад. Ӯ оламро як ҷисми воҳид тасаввур мекунад ва одамро узви он маънидод мекунад. Дар сурате, ки олам иллат меёбад, инсон ҳам наметавонад аз ин ҷараён берун монад. Ҳамин тариқ, агар мо ба афкори сиёсию фалсафии мутафаккирон ва файласуфони Миср амиқан таваҷҷуҳ кунем, дар афкори гуногуни онҳо нақши ваҳдат хеле калидӣ аст.

Аввалин ва шинохтатарин мутаффакири Мисри Қадим–Птаххотеп, ки бо китоби ахлоқии хеш бо номи “Таълимоти Птаххотеп” машҳур гаштааст, таваҷҷуҳи махсус ба ваҳдат ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ зоҳир кардааст. Ҳар як ҳикмати ӯ доир ба ваҳдати ахлоқ, оила, ҷомеа омили муҳимтарин дар ҳамоҳангӣ ва пойдории давлату миллат ба ҳисоб меравад. Дар ҳикмати ӯ омадааст: “Агар мехоҳӣ, ки зиндагӣ дароз шавад ва хонаат устувор монад, бо мардумат дар ваҳдат зиндагӣ кун. Кина ва низоъ сарчашмаи нобудӣ аст”.

Мавқеи ваҳдат чун муҳимтарин замина барои мисриён васила шуд, ки дар ҳама ҷодаҳо пешрафт кунанд. Нақши ҷашну маъракаҳо низ дар таҳкими иттиҳоду ваҳдати ин қавм хеле бориз буд. Аз таърихи ин мардум барои мо маълум аст, ки дар зиндагии онҳо муҳимтарин ҷашн–иди Ҳеб-Сед (ҷашни аз нав зинда шудани неруи Фиръавн) маҳсуб меёфт. Муҳтавои асосии ин ҷашн аз он иборат буд, ки тавассути он Фиръавн бо нишон додани маросими динӣ ба тамоми мардум мехост исбот намояд, ки ваҳдат байни давлат ва худои онҳо ҳамеша устувору пойбарҷост.

Дар радифи ин ҷашн барои ин мардум ҷашни дигар бо номи “Опет” низ хеле тақдирсозу муқаддас ба шумор мерафт. Ин ҷашн қудрат дошт, ки на танҳо мисриён, балки тамоми мардуми ҷаҳонро гирди ҳам оварад. Ин ҷашн чун ҷашни ваҳдату иттиҳоди башарият барои онҳо аҳаммияти аввалиндараҷаро молик буд. Шаҳомати ин маросим, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардид, ки дар ҷашни мазкур ҳайкалҳои бузурги худоёни Аммон, Мут ва Хонсу аз маъбади Карнак ба маъбади Луксор интиқол дода мешуданд ва подшоҳ ҳамчун ваҳдатовар миёни мардум ва худоён рисолати хешро иҷро мекард. Ҷашни муқаддаси мисриҳо “Омадани Ҳапӣ” (Худои Нил) асосан, дар он маросим шукуҳ пайдо мекард, ки агар оби рӯди Нил зиёд мешуд. Обхезии дарёи Нил барои ин мардум аслан чун намоди ҳосилхезиву фаровонӣ ва рамзи ваҳдати инсон бо табиат дониста мешуд.

Сиёсатмадор ва таърихшиноси шинохтаи рус Б. Тураев доир ба ин ҷашн менависад: "Маросимҳои кишоварзӣ танҳо ибодати худоёни ҳосилхезӣ набуданд, балки рамзи ваҳдати ҷомеа бо табиат ва давлат бо мардум маҳсуб мешуданд" [11, 96].

Дар Мисри Қадим дар баробари дигар ҷашнҳои динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳамзамон, маросими дафн низ дорои вижагиҳои махсусе буд, ки хусусияти ваҳдати инсон бо табиат ва худоро ифода мекард. Аз навиштаҷоти аҳромҳо маълум мешавад, ки маросими дафн низ рамзи нигоҳ доштани ваҳдати абадӣ байни замин ва осмонро ифода мекард.

Ҳамин тариқ, аз ҷашнҳои мардуми Миср барои мо маълум мегардад, ки ваҳдат чун асоси ҳаёт ва тартиби коинот дар зиндагии ин мардум дар ҳама мавридҳои муайянкунандаи таърихашон нақши меҳварӣ дошт. Маҳз азамату ҷовидонагии Мисри Қадимро, пеш аз ҳама, низоми густурдаву муназзам, ваҳдати диниву иҷтимоиву фарҳангӣ, аслу асолат ва расму оинҳои муштарак, ки мардумро дар як меҳвари ваҳдат гирд меоварданд, таъмин менамуд. Дар заминаи ваҳдат тамаддуни Миср имкон пайдо намуд, ки ҳазорсолаҳо дар таърихи башарият ҳамчун як маркази азими фарҳанг ва як давлати бузургу воҳид эътироф карда шавад. Мисриён ба оламиён возеҳу равшан исбот намуданд, ки мафҳуми ваҳдат на танҳо барои онҳо ба унвони як ақидаи фалсафист, балки аввалин қонуни адолати зиндагӣ ва сармояи саодат аст. Онҳо бар он рисолат муътақид буданд, ки бақову пойдории ҳар як тамаддун на хусумату ҷанг, балки ҳамгироиву ваҳдат аст. Ба ин хотир тамаддуни Мисри Қадимро метавон чун олитарин шакли тамаддуни ҷаҳонӣ дар заминаи ваҳдат эътироф намуд.

Юнони Қадим ҳамчун зодгоҳи демократия ва фалсафа шинохта мешавад, дар таърихи тамаддуни башарӣ нақши барҷаста дорад. Гарчанде ин кишвар аз шаҳр–давлатҳои зиёде иборат буд, ғояи ваҳдат дар зеҳни ҷомеа ва низоми сиёсии он нақши муҳим мебозид.

Яке аз омилҳои аслии нигоҳ доштани якпорагии фарҳангии юнониён эътиқод ба худоёни муштарак буд. Худоёни асосии пантеони юнонӣ, мисли Зевс, Афина, Аполлон ва Артемида дар тамоми полисҳо парастиш мешуданд. Мабдаъҳои мазҳабии муштарак ва бозиҳои олимпӣ ҳамчун василаи мустаҳками ваҳдати маънавӣ хизмат мекарданд. Бозиҳои олимпӣ, ки ҳар чаҳор сол баргузор мешуданд, ба полисҳо имкони муаррифии худ дар муҳити сулҳомезро фароҳам меоварданд.

Сарфи назар аз рақобати шадиди байни полисҳо, дар лаҳзаҳои таҳдиди хориҷӣ (хусусан, аз ҷониби форсҳо), юнониён тавонистанд ваҳдати сиёсӣ ва низомиро устувор созанд. Ҷанги Юнон ва Порс (Эрон) (490–479 то милод) намунаи барҷастаи иттиҳоди полисҳо ба ҳисоб меравад. Полисҳои бонуфуз, аз ҷумла Афина ва Спарта, ихтилофоти дохилиро як сӯ гузошта,

бар зидди таҳдиди умумии форсҳо якҷоя амал намуданд. Ин ваҳдати муваққат ҳарчанд дер давом накард, нишон дод, ки дар заминаи манфиатҳои умумӣ юнониён қодир ба муттаҳидшавӣ ва ҳифзи истиқлоли худ буданд. Баъдан, Иттиҳоди Делоси, ки таҳти роҳбарии Афина ташкил ёфт, кӯшише буд барои нигаҳдории ин ваҳдат, ҳарчанд баъдан ба Афинаи абарқудрат табдил ёфт.

Фалсафаи юнонӣ ва махсусан, таълимоти Суқрот, Платон ва Арасту асосҳои ваҳдати ахлоқии ҷомеаро таҳким бахшиданд. Суқрот инсонро ба донистани худ ва риояи ахлоқ даъват мекард. Платон дар "Ҷумҳурият" (Politeia) андешаи як ҷомеаи идеалиро баён мекунад, ки дар он ваҳдати байни табақаҳои иҷтимоӣ, зеҳн, ирода ва адолати умумӣ ҳукмфармост. Арасту бошад, давлатро ҳамчун "ҷомеаи табиӣ" мебинанд, ки ваҳдат ва тартиботи дохилии он барои хушбахтии фард зарур аст.

Ҳарчанд Юнони Қадим аз назари сиёсӣ як давлати марказонидашуда набуд, ғояи ваҳдат дар шаклҳои фарҳангӣ, мазҳабӣ, фалсафӣ ва ҳарбӣ нақши муҳимме дар нигоҳ доштани ҳувияти умумии юнонӣ бозӣ намуд. Ин ваҳдат на танҳо асоси муқовимат ба таҳдидҳои хориҷиро фароҳам овард, балки ба шаклгирии як фарҳанги умумиюнонӣ мусоидат кард, ки то ба имрӯз ҳамчун пояи фарҳанги Ғарб эътироф мешавад.

Фалсафаи оламшумули Юнон ва дарки он барои ҳар як инсон ҳанӯз аз асрҳои VII-V-и пеш аз милод то ба имрӯз муҳимтарин васила ҷиҳати дарки на танҳо мафҳуми ваҳдат, балки тамоми рамзу рози табиати ҷаҳон тавассути ақлу хирад ба ҳисоб меравад. Дар баробари дигар тамаддунҳои бузурги бостонӣ, юнониён низ бар он андеша ваҳдати назар доштанд, ки дар олам тамоми унсурҳои табиат бо инсон пайванди ногусастанӣ доранд. Аз ин рӯ, дар таърихи тафаккури онҳо дар баробари дигар мафҳуму падида, ваҳдат чун муҳимтарин, амиқтарин ва муассиртарин омил шакл гирифт. Мутафаккирони бузург ва шинохтаи Юнони Қадим: Фалес, Анаксимен, Анаксагор, Анаксимандр, Пифагор, Гераклит, Афлотун ва Арасту ва дигарон дар пешорӯйи худ ҳадафи мукаммалеро гузоштанд, ки он ҳам бошад, кашф кардани моҳияти ягонагии ҳастӣ, муносибати воҳид ва касрат, робита байни модда ва шакл ва аз ҳама муҳим маълум намудани низоми коинот тавассути мафҳуми "ваҳдат" мебошад.

Дар таърихи тамаддун ва фалсафаи Юнони Қадим–Фалес ба ҳайси файласуфи нахустин ва яке аз шумори "ҳафт хирадмандони Юнон" маълуму машҳур мебошад. Фалес асосгузори мактаби милетӣ мебошад, ки дар асрҳои VII-VI-и пеш аз милод дар шаҳри Милет таъсис дода шуд. Ӯ дар шинохти ҳастии инсоният, яъне ваҳдат бисёр назари ҷолиб дорад. Аз назари ӯ мафҳуми ваҳдат муҳимтарин унсури моддӣ– об мебошад, ки асоси ягонаи ҳастиро ташкил медиҳад. Ҳама чиз тавассути об ба вуҷуд меоянд ва

оқибат ба об боз мегардад. Барои ӯ об муқаддастарин унсур ба ҳисоб рафта, шаклҳои обро гуногун, яъне иборат аз буғ, ях, моеъ ҳисоб мекунад, вале моҳияташро ягона қабул менамояд. Чун Фалес дар ҳаёти хеш зиёдтар бо ташхис ва мушоҳидаи табиат машғул буд, ваҳдат барои ӯ об (моддаи воҳиди олам) як унсури муҳимтарини физикӣ ва асоси табиат ба шумор мерафт.

Анаксимандр дар баробари Фалес яке аз файласуфони машҳури Юнон ба ҳисоб рафта, дар таърих ҳамчун шогирди ӯ аз худ рақам мондааст. Аз андешаҳои дар болозикри Фалес барои мо комилан равшан гардид, ки ваҳдат дар ақидаи ӯ об буда, ҳама чиз аз он сарчашма мегирад. Шогирди ӯ Анаксимандр бошад, ваҳдати ҳастиро аз нигоҳи худ дигар хел шарҳ медиҳад. Ӯ бо боварӣ ва ихлосу нигоҳи фардии хеш мегӯяд, ки на танҳо об, балки як чизе фаротар аз он аст, ки аз он ҳам об ва ҳама чиз ба вуҷуд меояд. Ӯ ин чизро “апайрон” (маънояш “беохир”, “номаълум” ё “нотаҳдид”) номид. Ҳамин тариқ, мафҳуми ваҳдат дар фалсафаи ӯ чизе ноаён ва беҳудуде аст, ки ҳама чиз аз ӯ сарчашма мегирад ва дар охир боз дар умқаш нопадид мешавад. Яке аз файласуфони шинохтаи Юнон, шогирди дигари Анаксимандр, Анаксимен дар таърихи тафаккур бо ақидаҳои фалсафии хеш мақоми арзандаро касб кардааст. Ба ифодаи ӯ, ваҳдат он чизе аст, ки мо онро эҳсос карда метавонем ва ин чиз ҳаво аст. Мувофиқи назару ақидаи вай, дар ин ҷаҳоне, ки инсон зиндагӣ мекунад, ваҳдати аслии ҳаёти ӯ ҳаво аст. Ӯ дар идомаи фикри худ гуфтааст, ки сарчашмаи ҷон ва ҳаёт ҳаво аст ва ҳаво нишонаи нафс ва руҳи зиндагист.

Ҳамин тариқ, файласуфони асрҳои VII ва VI-и пеш аз милод–Фалес, Анаксимандр ва Анаксимен тамоми саъю кӯшиши хешро баҳри он равона кардаанд, ки аввалин шуда табиатро бо ақл дарк кунанд ва ба ҷустуҷӯйи дарки ваҳдати ҳастӣ бипардозанд. Ҳадафи асосии онҳо аз он иборат буд, ки то бо роҳи мушоҳида ва фикр асли ваҳдати ҳастиро дарёбанд.

Бояд тазаккур дод, ки то асри панҷуми то милод ин равия идома ёфта, дар таърихи мавҷудияти фалсафаи юнониҳо ва баъди он ин давраро “фалсафаи табиатшиносони юнонӣ” ном бурданд. Зеро ин файласуфон ваҳдатро дар табиат меҷустанд ва чунонки мо аз таърихи фалсафаи онҳо дарк кардем, фалсафа аввал аз дунёи моддӣ оғоз ёфтааст. Баъдан, дар натиҷаи рушду густариш ёфтани маънавиёт ва ақл, фалсафа аз табиат ба дониши маънавӣ, метафизикӣ ва илоҳӣ гузашт.

Дар таърих оғози давраи нави фалсафаи Юнон, ки аслан ба асрҳои V ва IV-и пеш аз милод баробар меояд, бо зуҳури шахсиятҳои бузурги таърихсоз ва мутафаккирони оламшумул, аз ҷумла Суқрот, Афлотун ва Арасту дар дарки олами фалсафа як таҳаввули ҷиддӣ ворид карда шуд. Агар ба таълимоти фалсафии ин бузургон амиқан назар кунем ва ҷойгоҳи

ваҳдатро дар он муайян созем, ба як хулосае меоем, ки дар ин давра фаҳмишу дарки моҳияти он аз зоҳири табиат ба олами фарохтар, аниқтараш ба умқи ҳастӣ ва маърифат интиқол меёбад. Файласуфи нотакрор, ки вайро чун поягузори фалсафаи ахлоқии Юнон унвон кардаанд, Суқрот мебошад. Зодгоҳи аслии ӯ Афина буда, соли таваллуди ӯ тақрибан ба солҳои 469-и пеш аз милод баробар меояд. Суқрот гарчанде дорои сарвати зиёд набуд, лекин бо афкори хеш тавонист тафаккури ҷавонони Афинаро дар ростои дарки ҳақиқати зиндагӣ аз нигоҳи фалсафа такон бахшад.

Бояд қайд намуд, ки Суқрот новобаста аз оне, ки ҷаҳонбинии мукаммалро доро буд, вале ҳеч гоҳ ба навиштани ягон асар талош наварзид. Таълимоташро шогирдаш Афлотун сабт кард. Суқрот аслан дар кӯчаву бозорҳо бо мардум гуфтугӯ мекард ва онҳоро барои дарки ҳақиқату маърифат водор менамуд. Ин усулро дар таърихи фалсафа усули майевтика (усули тавлиди маърифат) номидаанд.

Дар ин бора ӯ мегуфт: “Ман ба касе чизе намеомӯзам, ман танҳо кумак мекунам, то ӯ худаш бидонад”. Файласуфи олмонӣ Карл Ясперс менависад: *“Фалсафа бо Суқрот ба ҷаҳон омад, зеро ӯ аввалин касе буд, ки ҳақиқатро дар ботини инсон ҷуст”* [8]. Дар таълимоти фалсафии Суқрот нақши ваҳдат хеле калидӣ арзёбӣ гардидааст. Тамоми таълимоти ӯ дар заминаи ваҳдат эҷод шудааст. Файласуфи бузург ваҳдатро на дар асрори табиат, балки чун ҷавҳар дар ҷони инсон ва ақлу ахлоқ ҷустуҷӯ мекард. Барои ӯ ваҳдат сарчашмаи тамоми саодати инсоният буда, ҳамоҳангии ақл, нафс ва ахлоқро таҷассум мекунад. Ба қавли ӯ, ваҳдат миёни дониш ва рафтор муҳимтарин омили некиву накукорист: *“Ҳар ки ҳақиқатро мешиносад, ӯ некукор мешавад”*. Ба андешаи ӯ, ваҳдати иҷтимоӣ дар ҳама давру замон аз ваҳдати ахлоқӣ комил мешавад. Ӯ инсонро ба худшиносӣ даъват карда, ҳамеша таъкид мекард, ки худшиносӣ омили аввалини расидани инсоният ба ваҳдату саодат мебошад ва дар ҷомеа ваҳдат танҳо дар он ҳолат пойдор ва бегазанд аст, ки агар халқаш дар заминаи виҷдону дониш зиндагии худро бисозад: *“Шаҳр дар он вақт нек аст, ки ҳар шаҳрванди он некукор бошад*”.

Дар баробари Суқрот, Афлотун низ ба ҳайси шогирди ӯ дар таърихи башарият чун файласуфи шинохта мақому мартабаи махсус дорад. Ӯ яке аз асосгузорони фалсафаи идеалистии Юнони Қадим ба ҳисоб рафта, ҷонмояи фалсафаи ӯро ду олам ташкил медиҳанд.

1. *Олами моддӣ*. Дар он тамоми унсурҳое, ки моро иҳота кардаанд, тағйирпазиранд.

2. *Олами маънавӣ ё идеалӣ* (олами шаклҳо ё “эйдос”). Мавқеи ваҳдат дар фалсафаи ӯ хеле барҷаста аст. Ба ақидаи ӯ, ҷомеа ба мисли ҷон аст ва

дар ин ҷомеа агар тамоми табақаҳо масъулияти хешро аз сидқи дил дар ҳамоҳангӣ ба анҷом расонанд, ҷомеа ба ваҳдат ва адолати комил мерасад. Ӯ таъкид мекунад: *“Давлати одил ҳамонест, ки дар он ҳар кас кори худро дар ваҳдат бо дигарон анҷом мебахшад”*.

Афлотун ҳамзамон, дар асари худ “Федон” роҷеъ ба муҳимтарин масъалаи ҳаёт, ваҳдати руҳ , ҷисм ва абадият далел меорад, ки баъди бо ин ҷаҳон падруд гуфтан, руҳ аз ҷисм ҷудо мешавад, вале асли воҳиди ҳастӣ боқӣ мемонад. Илова бар ин, Афлотун ҷомеаеро, ки дар он иттиҳоду ҳамгирой дар хати муқаддам меистад, аз ҷиҳати арзишҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ асоси адолат ҳисоб мекунад: *“Бузургтарин неъмат барои давлат–ваҳдат аст ва бузургтарин бадӣ – ҷудоӣ ва низоъ мебошад”* [9].

Ҳар як андешаҳои файласуфи маъруф Афлотун ба мақому манзалати ваҳдат то ба имрӯз мавқеи хешро аз даст надодаанд. Дар баробари дигар ақидаҳои ҷолиб дар афкори ин файласуфи номӣ, инчунин, мафҳуми муҳаббат низ калидӣ буда, ҳамчун неруи иттиҳодбахш арзёбӣ гардидааст. Муҳаббат қисмҳои ҷаҳонро ба ҳам мепайвандад ва онҳоро ба сӯйи як ваҳдати том мекашад. Ҳамин тариқ, Афлотун дар таълимоти хеш ваҳдати ҷомеаро ҳамчун асоси ҷомеа арзёбӣ намуда, таввасути он ҳамагонро барои пойдории ин ҷавҳари аслии халқу давлат даъват мекунад.

Пифагор низ барҷастатарин файласуфи юнонӣ буда, бо ақидаҳои ҷолиби хеш мақоми арзандаро дар фалсафа касб кардааст. Зиндагии ӯ тақрибан ба солҳои 570–495-и то милод рост омада, аз зумраи бунёдгузорони мактаби фалсафии Юнони Қадим ба шумор меравад. Ӯ дар фалсафа ва умуман, дар таърих на фақат чун файласуфномовар гардид, балки чун риёзидони нотакрор ва омӯзгори роҳи маънавият тавонист дунёро бо қонунҳои рақам ва ваҳдату ҳамоҳангӣ такмилу тавзеҳ диҳад Мафҳуми ваҳдат дар таълимоти ӯ нисбат ба дигар файласуфон фарқкунанда буда, на танҳо чун ҳақиқати риёзӣ, балки манбаи ҳаёт ва сармояи ҳама чиз ба ҳисоб меравад. Пифагор дар дарки моҳияти ваҳдат бар он назар ҳамоҳангӣ дорад, ки ҳамаи чизҳо аз рақам ба вуҷуд омадаанд ва рақам худ аз ваҳдат сарчашма мегирад. Ваҳдат, ба ифодаи ӯ, он чизи комиле аст, ки тамоми ҳастиро бо садҳо гуногунӣ ба як низом меорад ва миёни тамоми ашёи олам ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ ба вуҷуд меорад.

Яке аз ҷолибтарин андешаҳои Пифагор доир мафҳуми “ваҳдат” ҳамин аст, ки чунин мегӯяд: *“Ваҳдат қонуни Худо аст”*. Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки Пифагор ваҳдатро ҳамчун принсипи асосии олам ҳисоб мекард. Илова бар қонуни Худо ва табиат будани ваҳдат, файласуф ҳамзамон, таъкид мекунад, ки адади (1) танҳо рақами одӣ нест, балки принсипи аслии вуҷуд аст, ки ҳама ҳастии оламу одам аз он сар мезанад ва дар ниҳоят ба он бозмегардад. Дугона (2) маншаи гуногунӣ ва зиддият аст,

вале ҳамаи зиддиятҳо дар ваҳдат баробар мешаванд. Файласуф зиддиятҳоро танҳо дар шакли рақамҳо ва таносуб мебинад, яъне ҷуфт ва тоқ, нур ва зулмат, адолат ва беадолатӣ. Аз ҳамин рӯ, таълимоти ӯ ба фалсафаи ваҳдати зиддиятҳо, ки баъдтар дар асарҳои Афлотун ва Арасту инкишоф ёфт, замина гузошт. Аз андешаҳои файласуфи маъруф ба мо маълум мегардад, ки дар таълимоти фалсафии ӯ ваҳдат на танҳо як мафҳуми риёзӣ, балки асоси метафизикӣ ва аз ҳама муҳим, таҳкимдиҳандаи арзишҳои ахлоқӣ ва маънавии инсон ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти инсонӣ нақши бунёдӣ дорад.

Гераклит низ дар баробари дигар файласуфон яке аз шинохтатарин файласуфони юнонӣ дар фалсафа мебошад, ки бо ақидаҳои фалсафии хеш ҷойгоҳи хосса дорад. Зиндагии ӯ тақрибан ба солҳои 540-480-и то милод рост меояд. Таълимоти Гераклит барои мактабҳои баъдӣ, ба вижа дар таҳкими фалсафаи диалектикӣ ва назарияи ваҳдату зиддият заминаи қавӣ гузошт. Мавзуи ваҳдат дар таълимот ва ҷаҳонбинии ӯ чун мавзуи марказӣ дар хатти пеш меистад. Аз назари файласуф, ҷаҳон як низоми зиндае аст, ки шабу рӯз дар ҳаракат аст. Ва дар ин ҷаҳон, дар ҳеч як давру замон чизеро доимӣ дар ҳолати ором нахоҳем дид. Дар он ҳамеша ҳама чиз дар мубориза, тағйир ва ҳамзамон, дар якпорчагӣ қарор дорад. Ӯ таъкид мекунад, ки дар паси ин ҳама гуногунӣ, муборизаҳо ва тағйиру таҳаввул як ҳақиқати ягона–Логос, чун қонуни умумии ҷаҳон вуҷуд дорад, ки ваҳдату мутаҳидии ҳама чизҳоро таъмин мекунад. Ва ҷаҳонбиниву фаҳмиши инсон он вақт комил мегардад, ки инсон бо ақлу зеҳни космӣ – Логос ҳамфикр шавад. Яъне Логос ҳамон қонуни умумӣ ва хирадмандонаи ҳастӣ аст, ки тамоми мавҷудотро мутаҳид мекунад: “Ақли инсон бояд бо Логоси умумӣ мувофиқ бошад, то хирадманд шавад”.

Ба ифодаи файласуфи мазкур ҷаҳон ҳамеша тавассути муборизаҳо, падидаҳо ва қувваҳои муқобил зинда аст. Дар ҳама мавридҳо зиддиятҳо ба ҳам пайванди ҳамешагӣ доранд ва дар ниҳоят аз онҳо як низом – ваҳдат ба вуҷуд меояд. Аз таълимоти фалсафии ин файласуфи ҷаҳонӣ дар ҷаҳонбинии ҳар як шахс маълумоте доир ба ҷойгоҳи ваҳдат пайдо мешавад, ки онро номбурда моҳият ва муҳтавои аслии ҳастӣ маънидод карда, Логосро қонуни аввалину ягонаи ҷаҳон ва рамзи ваҳдат арзёбӣ кардааст.

Дар таълимоти Арасту мафҳуми “ваҳдат” дар чор навъ ё шакли асосӣ ифода ёфтааст:

1. *Ваҳдати моддӣ* (материявӣ). Файласуф ваҳдати моддӣ гуфта, ба он ақида камоли назар дорад, ки дар олам ҳамаи чизҳо аз як модда ё сарчашмаи умумӣ пайдо шудаанд. Ба ифодаи дигар, ҳамаи мавҷудоти олам “асос” ё “материяи аввалия” доранд. Ба ин нуқтаи назари донишманд мо ба

унвони мисол гуфта метавонем, ки дар ҳақиқат, ҳама ашё ва ҳаёт аз об, хок, оташ маншаъ мегиранд.

2. *Ваҳдати шаклӣ* (формалӣ). Арасту дар ин навъи ваҳдат чунин назар дорад, ки ҳамаи инсонҳо гарчанде, ки аз нигоҳи ранг ва шакли зоҳирӣ аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд, вале ҳамаи онҳоро як шакли умумии "инсонӣ" дар атрофи арзишҳои ахлоқӣ фаро гирифтааст.

3. *Ваҳдати мақсадӣ* (телологӣ). "Телос" аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш мақсад ё ҳадаф мебошад. Арасту доир ба офариниши ҷаҳон ва мавҷудоти он ба ин нукта бовар дорад, ки ҳар чизе дар олам новобаста аз гуногунӣ мақсади муайян доранд, ки он расидан ба камол ва рушди ҳаёт мебошад. Дар ниҳоят, ин ҳадаф онҳоро бо ҳам мепайвандад.

4. *Ваҳдати амалӣ (ё ваҳдати амалия).* Ваҳдати амалия ин ҳамоҳангӣ доштан байни дониш ва амал мебошад. Файласуф дар ин навъи ваҳдат изҳор мекунад, ки инсон вақте комил аст, ки амалҳои ӯ бо хирад ва ахлоқ ба ҳамдигар муттаҳид ҳастанд. Файласуф ваҳдати ҳақиқиро танҳо дар фикр кардан ва донистан ҳисоб намекунад, балки дониш, ахлоқ ва хирад вақте арзиши кофӣ пайдо мекунад, ки агар ба амал табдил ёбад.

Ҳамин тавр, дар таълимоти фалсафии Арасту нақши ваҳдат аз тамоми зовияҳо бунёдӣ буда, асли ҳастӣ, бақои хираду илм, асоси низом ва бақои некиву накукорӣ мебошад: *"Шаҳр бо ваҳдат ва ризоят пойдор аст; ваҳдат неъматест, ки бе он некуӣ вуҷуд надорад"* [2].

Таърихи фалсафаи инсоният, махсусан Юнони Қадим дар баробари дигар файласуфон бо номи абадзиндаи Демокрит то ба имрӯз устувору машҳур аст. Дар таълимоти фалсафии ӯ дар баробари дигар масъалаҳо ваҳдат низ нақши махсус дорад. Дар байни таълимоти фалсафии андешамандоне, ки дар боло дарҷ кардем, таълимоти Демократ аз он лиҳоз дар ин росто, барҷаста аст, ки ӯ нахустин донишманде аст, ки бо далелҳои илмӣ ва мантиқӣ воҳид будани ҳастиро дар шакли моддӣ ва атомистӣ шарҳу тавзеҳ дод. Чун ба мазмуни пурраи таълимоти ӯ агар амиқан ошно шавем, возеҳ дарк мекунем, ки ба андешаи вай, тамоми ҷаҳон аз атомҳо ва фазои холӣ (вакуум) иборат аст. Ҷаҳоне, ки моро иҳота кардааст ва он чизеро, ки мо мебинем, аз ҷумла осмон, замин, инсон ва табиат, аз як ваҳдат, яъне атомҳо сохта шудаанд, ки онҳо ҷовидона ва мутаҳҳиду ҷудонашаванда мебошанд. Аз ин ақида, мо ба он андеша хулоса мекунем, ки файласуф оламро ҳамчун як низоми ягона ва ваҳдат медид, ки ҳамаи мавҷудот дар он решаи воҳид доранд. Мафҳуми "ваҳдат" дар таълимоти ӯ на фақат рукн ё омили асосии маънавиёт ё иҷтимоиёт аст, балки тамоми ҳастии олами моддӣ ва табиӣ низ ба он пайванди ҳамешагӣ дорад. Инсон чун олитарин мавҷуд ва як ҷузъи табиат ба ақидаи Демокрит шинохта шудааст. Аз нуктаи андешаи ӯ, руҳи инсон аз атомҳои нозук ва сабук сохта

шудаанд ва аз ҷисм ҷудо нестанд, балки ҳамчун ду шакли ягонаи ҳастӣ бо ҳамдигар ваҳдати ҳастӣ доранд. Илова бар ин, ӯ бовар дошт, ки вақте инсон бо табиат ва ҷомеа ваҳдати ҳамешагӣ дорад, ин васила сабаби хушбахтӣ ва оромиши ботинии ӯ мегардад. Ба гуфтаи ӯ: *"Руҳи ором ва ҳамоҳанг бо табиат–сарчашмаи хушбахтӣ аст. Касе, ки табиатро мефаҳмад, воҳидии ҳастиро дарк мекунад*". На танҳо дар Юнон, балки фаротар аз он ҳам фалсафаи ваҳдати Демокрит ба таври жарф ва дақиқ ба рушди минбаъдаи илм ва фалсафа таъсири пойбарҷо гузошт. Андешаҳои ӯ дар бораи ваҳдати ҳастӣ ба фалсафаи баъдӣ, махсусан ба таълимоти Арасту, Спиноза ва ҳатто фалсафаи материализми асрҳои XVIII–XIX замина гузоштанд. Дар ҷомеаи кунунӣ низ аз нигоҳи илмӣ агар амиқ мушоҳида кунем назарияи атомии Демокрит бо назарияи муосири физика мувофиқат мекунад ва ваҳдати ҳастӣ, ки ӯ баён кард, танҳо андешаи фалсафӣ набуда, балки бунёди илмии ҷаҳонбинӣ мебошад. Нуктаи муҳимме, ки мо дар таълимоти Демокрит мебинем, ин исботи он аст, ки тамоми мавҷудот–аз атом сар карда, то инсон дар доираи як қонуни табиӣ амал мекунанд. Ин ақида ӯро ба ҳайси яке аз пешравони назарияи ваҳдати ҳастӣ дар таърихи фалсафа муаррифӣ кард. Фалсафаи ӯ на танҳо дониши табиатро асоснок кард, балки ба инсон фаҳмонд, ки ҳамоҳангӣ ва воҳидӣ бо табиат ва бо ҳамдигар калиди оромӣ ва дониш аст.

Ҳамин тариқ, нақши ваҳдат дар таълимоти мутафаккирони Мисри Қадим ва Юнони Қадим аз ҳар зовия назаррас буда, новобаста аз оне, ки ақидаҳои онҳо гуногун мебошад, вале хулосаи аслии онҳо доир ба мафҳуми ваҳдат як хел ба назар мерасад. Ваҳдат дар таълимоти онҳо на танҳо як мафҳуми фалсафӣ мебошад, балки ҳамчун пояи фаҳмиши олам, ҳамоҳангсози қонуниятҳои табиӣ, асоси ақл, мантиқ, маърифат ва бақои ҳастиии оламу одам нек арзёбӣ гардидааст.

## АДАБИЁТ

1. Аристотель. Метафизика. Книга I, глава 4. -Афина, IV век до н. э.

2. Aristotle. Politics. Translated by H. Rackham. - Cambridge, MA: Harvard University Press; London: William Heinemann Ltd., 1932. - p. 447.

3.Assmann, Jan. The Mind of Egypt: History and Meaning in the Time of the Pharaohs. - Cambridge, MA: Harvard University Press, 2003. - p. 45

4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. –Душанбе: Ирфон, 1989. – 843 с.

5. Демокрит. Фрагментҳои фалсафӣ. Тарҷума ва таҳия: Дилс, Г. - Diels, H. Die Fragmente der Vorsokratiker. - Berlin: Weidmann, 1903. - Bd. 2. - p. 133-248.

6. Herodotus. The Histories. Book II. Translated by Aubrey de Sélincourt, revised by John Marincola. - London: Penguin Books (Penguin Classics)., 2003. - p. 99-178.

7. Hornung, E. Conceptions of God in Ancient Egypt: The One and the Many. - Princeton: Princeton University Press, 1996. - 246 p.

8. Jaspers, K. Philosophy. Chicago: University of Chicago Press, 1957.

9. Платон. Государство / Пер. А. Н. Егоров. - Москва: Мысль, 1990. - 416 с.

10. Струве В.В. Памятники права Древнего Египта. –Москва: Издательство восточной литературы, 1956. – 192 с.

11. Тураев, С. История Древнего Востока. – Москва: Государственное издательство, 1935. – 142 с.

12. Черняков, А. История античной философии. –Москва: Наука, 2012. – 512 с.

13. Фарҳанги Мисри Қадим [Захираи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://donishju.net/far-angi-misri-adim/. (Санаи муроҷиат: 03.10.2025).

## ЕДИНСТВО КАК ОСНОВА МИРОВОЗЗРЕНИЯ МЫСЛИТЕЛЕЙ ДРЕВНОСТИ: ОПЫТ ДРЕВНЕГО ЕГИПТА И ДРЕВНЕЙ ГРЕЦИИ

**МУСТАДЖОБОВА РУДОБА МУКАРРАМШОЕВНА,**
кандидат филологических наук, соискатель (докторант)
кафедры политических процессов в Таджикистане философского
факультета Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 934-80-15-03; e-mail: rudobaimukarram@mail.ru

*Данная статья посвящена глубинному анализу места и значения понятия единства в философско-религиозно-социальных учениях Древнего Египта и Древней Греции. Автор рассматривает идею единства как основу мировоззрения мыслителей ранних цивилизаций, подробно её анализирует и показывает, что единство занимало центральное положение как ценность в обеих цивилизациях. В египетской философии единство связано преимущественно с богом Атум-Ра и понятием “Маат” - космического порядка и божественной справедливости; тогда как в греческой философии, особенно в учениях Пифагора, Гераклита, Сократа, Платона и Аристотеля, единство рассматривается как основание понимания мира, гармонизатор законов природы и принцип рационального и нравственного порядка. Автор показывает, что идея единства в обеих культурах служила объединяющим принципом человека, природы и духовного мира, и стала базой для последующего формирования политического и философского мышления. В статье подчёркивается*

*важности осознания первичного единства для мирного сосуществования, нравственного развития, духовности и укрепления социально-духовных основ общества.*

**Ключевые слова:** *единство, Древний Египет, Древняя Греция, мировоззрение, политическое мышление, философское мышление, Аристотель, Сократ, Пифагор, духовность, цивилизация.*

## UNITY AS THE FOUNDATION OF THE WORLDVIEW OF ANCIENT THINKERS: THE EXPERIENCE OF ANCIENT EGYPT AND ANCIENT GREECE

**MUSTAJOBOVA RUDOBA MUKARRAMSHOEVNA,**
candidate of philological sciences, an applicant (doctoral) of the department of political processes in Tajikistan, faculty of philosophy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 934-80-15-03; e-mail: rudobaimukarram@mail.ru

*This article is dedicated to a deep analysis of the place and meaning of the concept of unity in the philosophical, religious-social teachings of Ancient Egypt and Ancient Greece. The author examines the idea of unity as the foundation of the worldview of early civilization thinkers, analyses it in detail, and shows that unity held a central position as a fundamental value in both civilizations. In Egyptian philosophy, unity is primarily associated with the god Atum-Ra and the concept of Ma'at - the cosmic order and divine justice; whereas in Greek philosophy, especially in the teachings of Pythagoras, Heraclitus, Socrates, Plato and Aristotle, unity is examined as the basis for understanding the world, a harmoniser of natural laws and a principle of rational and moral order.*

*The author demonstrates that the idea of unity in both cultures served as a unifying principle of human, nature and the spiritual world, and became the basis for the subsequent development of political and philosophical thinking. The article emphasises the importance of recognising primordial unity for peaceful coexistence, moral development, spirituality and the strengthening of the socio - spiritual foundations of society.*

**Keywords:** *unity, Ancient Egypt, Ancient Greece, worldview, political thinking, philosophical thinking, Aristotle, Socrates, Pythagoras, spirituality, civilization.*

**УДК: 93(07)**

# АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ ДАР ШИНОХТИ МУҲАҚҚИҚОНИ АВРУПОӢ

**ИБРОҲИМОВ ФУРҚАТҶОН МУРОДОВИЧ,**
доктор PhD, ходими калони илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи
ИФСҲ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
734018, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33;
e-mail:furkat-i@mail.ru

*Дар мақола таҳқиқоти пажуҳишгарони аврупоӣ, аз ҷумла Карл Эдуард Захау, Анри Корбен ва Марио Козаҳ дар бораи мутафаккири асримиёнагии тоҷик Абурайҳони Берунӣ баррасӣ шудааст. Муҳаққиқони мазкур ҷиҳатҳои гуногуни осори Беруниро таҳлил карда, ӯро ҳамчун ситорашинос, ҷуғрофидон, физик, риёзидон, файласуф ва олими энсиклопедист ном бурдаанд. Анри Корбен таъкид менамояд, ки асрҳои X-XI ҳамчун давраи тиллоии рушди риёзиёт ва илмҳои табиӣ дар тамаддуни исломӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра Абурайҳони Берунӣ яке аз симоҳои маъруфи илмӣ шинохта мешавад, ки нақши бузурге дар инкишофи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ гузоштааст. «Китоб-ул-тафҳим»-и Берунӣ яке аз асарҳои муҳимми илмӣ буда, асрҳои зиёд ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаҳои гуногуни дониш истифода шудааст. Мутафаккир асари мазкурро ба арабӣ ва форсии дарӣ (тоҷикӣ) навишта, онро дар ду забон таҳрир кардааст. Ҳамчунин, Абурайҳони Берунӣ бо Ибни Сино муколамаи фалсафӣ анҷом додааст. Маълум гардид, ки асарҳои арзишманди Берунӣ дар Шарқ ва ҳам дар Аврупо машҳур будаанд. Берунӣ дар бораи фалсафаи Ҳиндустон, динҳои он, инчунин, дар бораи урфу одатҳои мардумони Ҳинду Юнон таҳқиқоти муқоисавӣ анҷом додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *файласуф, фалсафа, осор, таҳқиқот, муқоиса, таҳлил, муҳаққиқони аврупоӣ, Шарқ, Ғарб.*

Абурайҳони Берунӣ яке аз маъруфтарин файласуфони асримиёнагии тоҷик ва аз донишмандони таърихи тамаддуни исломӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ ситорашинос, ҷуғрофидон, физик, риёзидон, муаррих ва файласуф аст. Мероси илмии ин мутафаккир на танҳо таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони Шарқро, балки диққати олимони аврупоиро низ ба худ ҷалб кардааст. Беҳуда нест, ки муҳаққиқони аврупоӣ ҳаёт, фаъолият ва осори арзишманди Беруниро мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода, дар ин замина, садҳо китобу мақолаи илмӣ интишор кардаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти муҳаққиқони аврупоиро дар бораи мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла Абурайҳони Беруниро таҳқиқ намудан ва ҳусну қубҳи онҳоро муайян кардан, ба манфиати кор хоҳад буд.

Ба навиштаи Анри Корбен асрҳои X-XI милодӣ, ки давраи тиллоӣ барои риёзиёт ва илми табиатшиносӣ дар тамаддуни исломӣ ба ҳисоб мерафт, яке аз чеҳраҳои машҳури ин давра Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ буд. Асарҳои бебаҳои ин мутафаккир доир ба таърих, муқоисаи динҳо, вазъи замон, риёзӣ ва ситорашиносӣ ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб машҳур буданд. Ба гуфтаи Анри Корбен, “Абурайҳони Берунӣ мутааллиқ ба “Эрони беруна” буд”.

Бояд гуфт, ки академик Кароматулло Олимов дар бораи Берунӣ асари таҳқиқотии алоҳида анҷом додааст. Ба гуфтаи ин донишманди тоҷик, Берунӣ бинобар сабаби аз беруни Хоразм буданаш бо тахаллуси “Берунӣ” шинохта шудааст [2, 8]. Ховаршиноси фаронсавӣ дар идома менависад, ки вай соли 973 дар наздикии шаҳри Хоразм таваллуд шудааст, ки дар он ҷо давраи аввали ҳаёти худро ба омӯзиши илмҳои гуногун (масалан, риёзиро таҳти роҳбарии Абунаср ал-Мансур омӯхтааст) гузаронидааст. Ба Гургону дигар шаҳрҳои Эрон сафар кардааст. Пас аз тасарруфи Хоразм аз тарафи Маҳмуди Ғазнавӣ, таъкид мекунад ховаршинос, – Берунӣ ба атрофиёни ӯ вобаста гардид ва дар ғасби Ҳиндустон ҳамроҳаш будааст. Баъдан Берунӣ ба Ғазна баргашта, боқимондаи умрашро ба пажуҳиш бахшида, соли 421/1030 вафот кардааст [3, 211]. Вале соли вафоти Берунӣ дар сарчашмаҳои дигар 1048 милодӣ зикр шудааст. Асари бунёдии Анри Корбен “Таърихи фалсафаи исломӣ”, аз ҷониби хонум Лиадайн Шеррард ва бо кумаки Филип Шеррард соли 1993 аз фаронсавӣ ба англисӣ тарҷума шудааст. Дар тарҷумаи китоб соли вафоти Берунӣ 1048 милодӣ зикр гардидааст [4,147]. Ин нишондоди мутарҷим бо нишондоди таҳқиқоти муҳаққиқони дигар дуруст аст. Аз ҷумла, муҳаққиқ Марио Козаҳ низ соли вафоти Беруниро 1048 милодӣ нишон додааст [5,10]. Маълум мегардад, киислоҳи Лиадайн Шеррард дуруст аст ва ба назар мерасад, ки ӯ ҳангоми тарҷумаи матн эҳтимол дар баъзе масъалаҳои баҳснок ба маъхазҳо низ такя карда бошад.

Ховаршиноси фаронсавӣ дар идомаи суханаш иброз медорад, ки китоби бузурги Берунӣ роҷеъ ба Ҳинд (“Мол-ул-Ҳинд”) дар он замон бемисл буд. Он асари асил доир ба Ҳинд буда, сарчашмаи ҳамаи он чизе, ки баъдтар дар бораи динҳо ва фалсафаи Ҳинд навишта шуда буданд, боқӣ монд. Дар он Берунӣ тасдиқ кардааст, ки ба назараш мувофиқати байни фалсафаи Афлотунӣ–Пифагорӣ, ҳикмати ҳиндӣ ва баъзе мафҳумҳои тасаввуф дар ислом вуҷуд доранд. Дар бораи асарҳои дорои аҳаммияти сармоявӣ дошта, Анри Корбен як чанд корҳои Беруниро зикр намуда, ҳар кадоми онҳоро мухтасаран шарҳ додааст. Ба навиштаи ӯ, “Осор-ул-боқия” (Хронологияи халқҳои қадим) асари нодир ва то ҳол дорои арзиши баланд боқист. “Китоб-ул-тафҳим”, ки риёзиёт, нуҷум ва ситорашиносиро дарбар мегирад ва онро дар охирҳои умраш ба забонҳои арабӣ ва тоҷикӣ (форсӣ) навиштааст. “Китобу л-тафҳим” давоми чанд аср дар масъалаҳои риёзиёт, нуҷумшиносӣ

ва ситорашиносӣ ҳамчун китоби дарсӣ истифода шудааст. “Китоб-ул-ҷамоҳир фи маърифати-л-ҷавоҳир” қадимтарин рисола дар бораи ҷавоҳирот аст, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст. Дар ин асар доираи таҳқиқоти мутафаккир хеле фавкулода аст, аз ҷумла адабиёт доир ба ҷавоҳироти Юнон, Ҳинд, Эрон ва давраи исломро низ фаро гирифтааст. Мувофиқи гуфтаи Анри Корбен асари ҷуғрофии “Китоб-ул-таҳдид” ва “Қонуни Масъудӣ”, ки мавзуъҳояшон кайҳоншиносӣ (тасвири олам) ва раванди таърих аст, якҷоя зикр намуд, чунонки “Ал-қонун”-и Ибни Сино роҷеъ ба тиб аст. Зеро ба назари Анри Корбен ин ду асари мутафаккир, агар ба лотинӣ тарҷума мешуданд, ба мисли “Ал-қонун” шуҳрати баробарро ба даст меоварданд. Дар бораи фармакогнозия аз “Китоб-ус-сайдана”, инчунин, аз табодули афкор бо Ибни Сино дар хусуси принсипҳои натурфалсафа миёни машшоия низ ёдовар шудааст [3, 212].

Бояд тазаккур дод, ки донишманди тоҷик академик Муҳаммад Осимӣ ба асари “Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим”-и Берунӣ як муқаддимаи муфассале навишта, дар он дигар асарҳои мутафаккирро низ зикр ва шарҳу тавзеҳ додааст. Дар муқаддима ӯ низ иброз медорад, ки “Қонуни Масъудӣ” ба монанди “Ал-қонун”-и Ибни Сино асари энсиклопедии замони худ мебошад [1, 9]. Аз таҳқиқоти Муҳаммад Осимӣ маълум мегардад, ки баъзе муҳаққиқони осори Берунӣ бар он назаранд, ки мутафаккир “Китоб-ул-тафҳим...”-ро танҳо ба забони арабӣ навиштааст ва тоҷикӣ (форсӣ)-и он гӯё тарҷумашудаи нусхаи арабӣ бошад. Вале устод Осимӣ далелҳои чунин муҳаққиқонро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, фикру андешаи онҳоро нодуруст ва бо далелҳои муътамад рад кардааст. Академик Муҳаммад Осимӣ муътақид аст, ки Берунӣ асари фақуззикрро бо ду забон ба арабӣ ва ҳам ба тоҷикӣ навиштааст [1,10-11]. Шарқшиноси олмонӣ Карл Эдуард Захау (1845–1930) “Осор-ул-боқия”-и Беруниро ба забони англисӣ тарҷума ва муқаддима навиштааст. Дар муқаддима шарқшинос қайд кардааст, ки бори аввал таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба “Осор-ул-боқия”-и Берунӣ Ҳенри Роулинсон дар мақолааш доир ба Осиёи Марказӣ ҷалб намудааст. Ба гуфти муҳаққиқи номбурда, муаллиф дар мақола маълумоти пурарзишеро пешкаш кардааст [6, 5]. Дар идома Эдуард Захау низ таъкид менамояд, ки Берунӣ “Китоб-ул-тафҳим”-ро ба арабӣ ва форсӣ (тоҷикӣ) навишта, онро дар ду забон таҳрир кардааст. Маълум мегардад, ки таҳқиқоти Анри Корбен ва Эдуард Захау гуфтаи Муҳаммад Осимиро дар бораи ба ду забон арабӣ ва тоҷикӣ таълиф шудани “Китоб-ул-тафҳим”-ро тасдиқ менамоянд. Мувофиқи таҳлили Марио Козаҳ, асари “Қонуни Масъудӣ” на танҳо ҷадвалҳои ададӣ ва қоидаҳои замимашударо барои ҳалли тамоми меъёрҳои нуҷумиро дарбар мегирад, балки ҳамчунин, асосҳои назарӣ ва мушоҳидаҳое, ки аз он қоида ва ҷадвалҳо бармеоянд, ифода менамояд. “Қонун” ба монанди китоби “Китоб-ул-маҷистӣ”

(“Алмагест”) дорои хулосаҳои назариявии параметрҳои астрономӣ, ҳамчунин, вазифаҳои ҷадвалӣ барои осон кардани ҳисоби мавқеъҳои сайёра аст. Бинобар ин, мегӯяд муҳаққиқи номбурда, он аз осори аксари пешгузаштагон ва муосирони Берунӣ, ки ба сохтани ҷадвалҳои нуҷумӣ мувофиқ барои ҳисоб кардани мавқеъҳои сайёра машғул буданд, фарқ мекунад ва одатан, бидуни баррасии хулосаи параметрҳое, ки ҷадвалҳо бар он асос ёфтаанд [5, 18].

Бояд ёдовар шуд, ки “Алмагест” асари классикӣ ва астрономӣ аст, ки тақрибан соли 150 милодӣ аз ҷониби Птолемей (100–170 милодӣ) навишта шудааст. Дар бораи асари фавқуззикри Берунӣ, аз ин гуфтаҳои муҳаққиқон, метавон ба хулоса омад, ки ин воқеан, асари пурарзиш ва энсиклопедӣ буда, сазовори арҷгузорист. Тавре зикр гардид, Анри Корбен дуруст қайд кардааст, ки агар он ҳам ба мисли “Ал-қонун”-и Ибни Сино дар асрҳои миёна ба лотинӣ тарҷума мешуд, шуҳрати ҷаҳонӣ касб мекард. Вале, мутаассифона, ин асар аз назари муҳаққиқони аврупоӣ дур монда, тарҷума нагардидааст.

Ба андешаи ин олими фаронсавӣ, мукотибаи Абурайҳони Берунӣ бо Ибни Сино нишон медиҳад, ки вай на танҳо асосгузори геодезия, риёзидон ва ситорашиноси барҷаста, ҷуғрофидон ва забоншинос, балки файласуф ҳам будааст. Вале бояд гуфт, ки на танҳо мукотиба бо Ибни Сино файласуф будани Беруниро нишон медиҳад, балки асарҳои дар соҳаҳои гуногун таълиф кардааш худ гувоҳи он аст, ки ӯ воқеан, файласуф ва донишманди энсиклопедист будааст. Муҳаққиқ иброз медорад, ки тамоюли амиқ ӯро бештар дар фалсафаи табиат (натурфалсафа), мушоҳида ва индуксия моил карда буданд ва ба муқобили якчанд тезисҳои фалсафаи арастуӣ баромад намуда, баъзе андешаҳои Абубакри Розиро қабул кардааст. Берунӣ ҳатто ба тартиб додани феҳристи осори Розӣ шуруъ кард, зеро ба таълимоти ӯ дар фалсафаи табиат, бо вуҷуди мухолифат бо андешаи динии ӯ, ба ваҷд омада буд [4, 148]. Аз ин гуфта маълум мегардад, ки Берунӣ ҳамчун пайрави дини ислом бо андешаҳоии мазҳабии Розӣ муқобил будааст, вале ба ин нигоҳ накарда, афкори натурфалсафии ӯро ҷонибдорӣ кардааст. Тавре маълум аст, Берунӣ дар бораи фалсафаи Ҳинд ва динҳои он ба таври муқоисавӣ пажуҳиши амиқ ва ҳартарафа анҷом додааст. Чунонки муҳаққиқ Марио Козаҳ менависад, ба андешаи Берунӣ, эътиқод ва урфу одатҳои мардумии ҳиндуҳо ба юнониҳои қадим хеле монанд будааст. Дар баробари ин, мутафаккир баъзе ҷанбаҳои ҳиндуияро бо ғоя, иқтибосҳо аз урфу одати насрониёни шарқӣ, яҳудиҳо, монавиён ва сӯфиён алоқаманд кардааст. Ҳамчунин, файласуф мехостааст, ки фалсафаи юнонӣ ва андешаи ҳиндуҳоро дар бораи элитаҳои зеҳнии ин ду ҷомеа муқоиса кунад [5, 30-31].

Аз таҳқиқоти муҳаққиқони зикргардида метавон хулоса баровард, ки Абурайҳони Берунӣ алломаи машриқзамин буда, дар пешрафти илму

фарҳанги минбаъда таъсири зиёд расонидааст. Осори илмияш таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони ватанию хориҷиро ҷалб карда, сабаби таълифи рисолаю мақолаҳои зиёде гардидааст. Муҳаққиқон асарҳои Абурайҳони Беруниро ҳамчун асарҳои фарогир баҳогузорӣ кардаанд. Бояд гуфт, ки таҳқиқи асарҳои дар бораи Берунӣ анҷомшуда метавонанд мутафаккирро дубора ба объекти омӯзиш табдил диҳад ва ба системаи нави фалсафии ӯ таваҷҷуҳи зиёдеро ба миён оварад. Махсусан, аз ин ҷиҳат дар замони муосир ба риштаи таҳқиқ кашидани таҳқиқоти олимони аврупоӣ дар бораи файлусуфони мо корест басо муҳим. Тавре зикр гардидааст, муҳаққиқони апрупоӣ "Китоб-ул-тафҳим"-ро воқеъбинона гуфтаанд, ки Абурайҳони Берунӣ ин асари номбурдаро ба арабию тоҷикӣ навиштааст.

## АДАБИЁТ


1. Осимов Муҳаммад. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим"-и ӯ//Абурайҳони Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим. – Душанбе: Дониш. – 1973. – С. 5-17.
2. Олимов К. Абурайҳони Берунӣ донишманди доиратулмаориф. – Душанбе, 2023. – 138 с.
3. Corbin Henry. Histoire de la philosophie islamique. – Gallimard, 1986. - 546 p.
4. Corbin Henry. History of Islamic Philosophy. Translated by Liadain Sherrard with the assistance of Philip Sherrard. – Kegan Paul International: London and New York, 1993. – 366 p.
5. Kozah Mario. The Birth of Indology as an Islamic Science: Al-Bīrūnī's Treatise on Yoga Psychology. – Boston: Brill, Leiden, 2016. - 228 p.
6. Sachau Carl Edward. Preface//The chronology of ancient nations (Arabic text of the Athar -ul - bakiya of al-Bīrūnī or "Vestiges of the past"). – London, 1879. – P.V–XIV.


# АБУРАЙХАН БИРУНИ В ПОЗНАНИИ ЕВРОПЕЙСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ


**ИБРОХИМОВ ФУРКАТДЖОН МУРОДОВИЧ,**

PhD, старший научный сотрудник кафедры истории философии

ИФПП имени А.Баховаддинова НАНТ

734018, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;

e-mail:furkat-i@mail.ru



*В статье рассматриваются исследования европейских исследователей, в том числе Карда Эдуарда Захау, Анри Корбена и Марио Козах относительно средневекового таджикского философа Абурайхана Бируни. Упомянутые исследователи, анализируя различные аспекты трудов Бируни, упоминают его как астронома, географа, физика, математика,*

*философа и энциклопедиста. Анри Корбен подчёркивает, что X–XI века считаются золотыми веками развития математики и естественных наук в исламской цивилизации. В этот период Абурайхан Бируни признан одним из выдающихся учёных, сыгравших значительную роль в развитии точных и естественных наук. Учёный написал этот труд как на арабском, так и на персидском (таджикском) языках, отредактировав его на обоих языках. Более того, Аль-Бируни вёл философские дискуссии с Ибн Сино. Выявлено, что ценные произведения Бируни были известны на Востоке, а также в Европе. Бируни провел сравнительный анализ философии Индии, его религий, а также обычаев и традиций жителей Индии и Греции.*

***Ключевые слова:*** *философ, философия, произведения, исследование, сравнение, анализ, европейские исследователи, Восток, Запад.*

## ABU AL-RAYHAN AL-BIRUNI IN THE KNOWLEDGE OF EUROPEAN RESEARCHERS

**IBROHIMOV FURQATJON MURODOVICH,**
PhD, Senior Researcher at the Department of History of Philosophy,
IPhPL named after A.Bahovaddinova NAST
734018, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave, 33;
e-mail:furkat-i@mail.ru

*The article deals with the studies of European researchers, including Sachau Carl Edward, Henry Corbin and Kozah Mario, regarding the medieval tajik philosopher Abu al-Rayhan al-Biruni. The mentioned researchers point out that Biruni is as an astronomer, geographer, physicist, mathematician, philosopher and encyclopedist by analyzing various aspects of his work. Henry Corbin emphasizes that the 10th–11th centuries are considered the golden age of the development of mathematics and natural sciences in Islamic civilization. During this period, Abu Rayhan al-Biruni is recognized as one of the prominent scientific figures who played a significant role in the development of the exact and natural sciences. The scholar authored this work in both Arabic and Persian (Tajik), revising it in both languages. Moreover, Al-Biruni engaged in philosophical discourse with Ibn Sina.*

*It was revealed that the valuable works of Biruni were known in the East, as well as in Europe. Biruni conducted a comparative analysis of the philosophy of India, its religions, as well as the customs and traditions of the inhabitants of India and Greece.*

***Keywords:*** *philosopher, philosophy, works, research, comparison, analysis, European researchers, East, West.*

**УДК: 342.7:316.34(574)**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

**ШУКУРЗОДА САОДАТ НУСРАТУЛЛО,**
унвонҷӯйи Инстиитути фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
734018, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 918-14-21-21

*Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну санадҳо, барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, конвенсияҳо доир ба кафолатҳои ҳуқуқии занон ва масъалаҳои гендериро қабул намуд. Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ барои таъмини баробарии гендерӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии занон дар Тоҷикистон беш аз 20 санади муҳимми давлатӣ қабул карда шуд. Гузашта аз ин, дар соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Комиссияи СММ оид ба вазъи занон гардид, ки барои фаъолияти онҳо дар соҳаи сиёсат ва сохтмони давлатӣ заминаи боз ҳам мусоид фароҳам овард.*

*Қабули чунин қонуну санадҳои ҳуқуқӣ барои иштироки фаъоли занони Тоҷикистон дар бунёду рушди давлати миллии соҳибистиқлол заминаи воқеиро ба вуҷуд овард. Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур кӯшиши таҳлили мухтасари масъалаи асосҳои ҳуқуқии иштироки онҳо дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба харҷ дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *занон, Тоҷикистон, Истиқлоли давлатӣ, қонун, меъёрҳои ҳуқуқӣ, баробарии гендерӣ, маориф, тандурустӣ.*

Бояд таъкид кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон қадами аввалини худро дар роҳи баробарии гендерӣ дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар соли 1993, замоне гузошт, ки «Конвенсия дар бораи аз байн бурдани ҳама шаклҳои табъиз нисбати занон»-ро ба тасвиб расонид [3]. Моддаи 17-и боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии гендериро дар кишвар таъмин намуда, дар он таъкид гардидааст: *«Зану мард ҳуқуқҳои баробар доранд»* [5].

Зиёда аз ин, бо мақсади беҳтар намудани дастрасии духтарон ба таҳсил соли 1997 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷудо намудани квотаи президентӣ барои духтарони болаёқат аз минтақаҳои дурдаст» қарор қабул намуд. Ин барои духтарон барои фаъолонатар дар таълиму тарбия имкониятҳои зиёд фароҳам овард, то ки онҳо нақши худро дар ҷомеа мустаҳкам кунанд [2]. Ин тадбир ба он мусоидат намуд, ки духтарони соҳибмаърифат ва донишманд дар муассисаҳои таҳсилоти оли

ва касбии дохил ва хориҷи мамлакат озодона таҳсил намуда, дар рушду нумӯи кишвари худ саҳмгузор бошанд.

Тайи бист соли охир қонуну санадҳои меъёрӣ ва стратегияву барномаҳое қабул шудаанд, ки тамаркузи аслии онҳо тақвияти нақши занон дар ҷомеа мебошад. Аз ҷумла, соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардону занон» қабул карда шуд. Нововарии ин қонун ворид шудани мафҳумҳои «гендерӣ», «сиёсати гендерӣ», «баробарии гендерӣ», «имкониятҳои баробар» ба қонунгузории кишвар буд [3]. Ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон ва кумак ба қурбониёни тиҷорати одамон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҷилавгирии хушунат дар оила», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробар ҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва ғайра низ муқаррар гардидааст [6; 7].

Тавре ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2019 зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд намуданд: *«Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки занону бонувони мамлакат дар татбиқи сиёсати давлат баробари мардон кору фаъолият намуда, дар рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд. Мо минбаъд низ дастгирии занону духтаронро густариш бахшида, ташаббусҳои созандаи онҳоро дастгирӣ менамоем»* [1]. Воқеан, ин суханон пурмуҳтаво имрӯзҳо дар сатҳи амалишавӣ қарор доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, талаботи Эъломия ва Платформаи амали Пекинро, ки дар Конфронси чаҳоруми ҷаҳонии ҳуқуқи башари СММ дар соли 1995 қабул шуда буд, иҷро намуда, дар асоси онҳо тадбирҳои зеринро андешид:

– таҳияи заминаи ҳуқуқии таъмини баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–ворид кардани масъалаҳои гендерӣ ҳамчун мавзуи асосӣ дар стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва сиёсати миллии рушд;

– дар сатҳи қонунгузорӣ ва сиёсати давлат татбиқ намудани принсипи ҳуқуқи баробарии мардон ва занон дар дастрасии замин;

–ҷорӣ кардани квотаҳои президентӣ барои ҷалби духтарони минтақаҳои дурдаст ба таҳсилоти олӣ.

Дар гузориши нави Бонки Ҷаҳонӣ гуфта мешавад, ки Тоҷикистон дар ду даҳсолаи ахир дар беҳбуди баробарии гендерӣ ба пешрафт ноил шудааст. Бо вуҷуди ин, норасоиҳои ҷиддии гендерӣ, аз ҷумла дар дохилшавӣ ба таҳсилоти олӣ, иштироки қувваи корӣ ва музди меҳнат,

қабули қарорҳо дар дохили хонавода ва назорат аз болои дороиҳо боқӣ мондаанд.

Масалан, тибқи маълумоти соли 2016, қариб 69 дарсади занони қобили кор дар Тоҷикистон шуғл надоштанд ва ҳиссаи занони бо кор таъминбуда дар миёни шумори умумии афроди дар истеҳсолот ширкат дошта пайваста коҳиш меёбад. Маълумот нишон медиҳанд, ки дар соли 2017 дар саросари иқтисод занон 60 дарсади даромади мардонро ба даст овардаанд [10].

Соҳаҳое, ки аз ҷониби занон бартарият доранд, аз қабили маориф, назар ба бахшҳои мардона, аз қабили иқтисод, саноат, сохтмон ва нақлиёт камтар музд мегиранд. Мардон дар Тоҷикистон дар ҳама ҷанбаҳои шохиси (индекси) рушди инсон, ба ҷуз нигаҳдоροии тандурустӣ, аз занон бартарӣ доранд. Давомнокии миёнаи умри занон ҳангоми таваллуд (73 сол дар соли 2017) аз мардон (68,5 сол) 4,5 сол зиёд аст. Дар Тоҷикистон мизони фавти модару навзодон коҳиш ёфта, шонси писарон то панҷумин солагӣ 97 дарсад ва духтарон 96 дарсад шонси то панҷумин солагӣ зинда монданро доранд [11].

Яке аз дигаргуниҳои назаррас дар вазъи гендерӣ дар давраи аввали Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон, дур шудани занон аз ҳаёти ҷамъиятӣ буд. Гузариш ба сохти нави иҷтимоӣ ҳамрадифи афзоиши нобаробарии гендерӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид. Зарурати квотаҳои қатъии гендерӣ дар ҷумҳурӣ дар он буд, ки намояндагии занон дар давраи шуравӣ аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ баланд буд. Ҳарчанд, ки баъди ба даст овардани истиқлол дар сиёсати Тоҷикистон тағйироти ҷиддие дар тавозуни гендерӣ мушоҳида шудааст.

Ба ақидаи муҳаққиқон, занон дар солҳои 90-ум аслан аз саҳнаи сиёсии кишвар дур монда, ҳамагӣ 3 дарсади вакилони порлумон ва 7 дарсади мақомҳои баландпояи вазоратҳоро ташкил медоданд. Дар сатҳи ҳукумати вилоятҳо низ вазъ чандон хуб набуд. Дар он давра танҳо 5 нафар занон ба ҳукуматҳои шаҳру ноҳияҳо (ҳукуматҳо) роҳбарӣ менамуданд, ҳарчанд занҳо дар 45-тои 64 ҳокимияти маҳаллии кишвар муовинони раисро ишғол мекарданд. Аз 342 Ҷамоати деҳотии кишвар ҳамагӣ ба 28-тоаш занон сарварӣ мекарданд [12]. Бояд эътироф кард, ки он заноне, ки ба вазифаҳои давлатӣ интихоб шудаанд, ҳоло бошад, ба таври худ интихоб гардиданд ва аз ин рӯ, шояд аз «квота»-и баланди косметикии замони шуравӣ муассиртар бошанд.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, низоми мукаммали хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро мерос гирифт. Аммо аз соли 1992 то ба ҳол бахшҳои иҷтимоӣ аз маҳдудиятҳои шадиди молиявӣ азият мекашанд. Аз ҷумла, хароҷоти умумӣ ба бахшҳои иҷтимоӣ дар соли 1998 каме бештар аз 7

дарсади ММД-ро ташкил дод, ки назар ба 20 дарсади соли 1992 камтар буд [18]. Мушкилот дар он вақт нигоҳ доштани мероси рушди инсонии кишвар буд, ки ҳам аз коҳиши таъминот ва ҳам аз афзоиши монеаҳо барои дастрасӣ дар байни камбизоатон норасоиҳо вуҷуд доштанд. Азбаски занон ва кӯдакон баҳрабардорони асосии хароҷоти иҷтимоӣ буданд, мавқеи онҳо дар ҷомеа дорои таъсири гендерӣ мебошад.

Албатта, дастрасии ҳамагон ба таҳсилоти ройгони аввалия (базавӣ) ҷузъи асосии ҳуқуқи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бешубҳа, кафолати чунин дастрасии ҳамагонӣ дастоварди намоёни сохти шуравӣ буд ва дар замони Истиқлоли давлатӣ аҳолии кишвар саводи қариб саросарӣ дошт. Дар марҳалаҳои аввали Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон далелҳои афзояндаи тағйири низоми маориф мушоҳида мешуданд. Сатҳи фарогирии наврасон ба таҳсил (хусусан духтарон) коҳиш ёфт, ки ин далели фарқи гендерӣ дар он давра ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти олимон дар он замон нишон дод, ки дар деҳот ин рақам барои барои писарон 90 дарсад ва духтарон 80 дарсад буд [17].

Илова бар ин, тафовути гендерӣ дар таҳсилоти олӣ дар кишвар аз 58 духтар ба ҳар 100 писар дар соли 1990 ва ҳамагӣ 34 нафарро дар соли 1998 ташкил медод. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим буд, ки барои ҷилавгирӣ аз афзоиши тафовут дар таҳсил байни писарону духтарон чораҳои фаврӣ андешад. Дар ҳоле ки дар кишвар ба таври дуруст ба таҳсилоти ибтидоӣ афзалият дода мешавад, ба таълими техникӣ ва касбии ҳам писарон ва ҳам духтарон низ таваҷҷуҳ зоҳир кардан лозим аст.

Тавре маълум аст, Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлолӣ низоми мураккаб ва бесамари соҳаи тандурустиро мерос гирифт, ки бо зиёд будани инфрасохтори инсонӣ ва ҷисмонӣ хос буд. Дар давраи гузариш хароҷоти давлатӣ барои нигахдории тандурустӣ мунтазам кам шуд. Хароҷоти соҳаи тандурустӣ ҳамчун дарсади ММД аз 6,4 дарсади соли 1994 то 1,5 дарсад дар соли 1999 коҳиш ёфт [9]. Чунин ихтисороти назаррас қобилияти низоми тандурустии кишварро барои расонидани хизматрасонии муассир ва дастрасии тиббӣ ба аҳолӣ коҳиш дод. Дар баробари ин, эҳё ва афзоиш ёфтани бемориҳои сироятӣ, бахусус вараҷа, табларзаи домана, сил ва сурхак, инчунин, сироятҳои роҳи нафас ва рӯда, ки аз бад шудани вазъи саломатӣ (ва бад будани об/беҳдошт), махсусан, дар байни кӯдакони хурдсоле, ки ба ин бемориҳо бештар осебпазиранд, мушоҳида карда мешуд.

Сатҳи баланди таваллуд, фавти модарону кӯдакон, исқоти ҳамл ва афзоиши паҳншавии бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ин ҳама ба бад шудани саломатии занон мусоидат мекарданд. Гузашта аз ин, ин вазъ аз сабаби зиёд шудани пардохтҳои ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ, ки асосан, аз ҷониби занон ва кӯдакон истифода мешуданд, вазнинтар гардид. Ҳамчунин, ҳолатҳои зиёд ба назар мерасиданд, ки

занони камбизоат бе кумаки тиббӣ, бо мақсади кам намудани хароҷоти беморхона, дар хона бештар таваллуд мекарданд ва ин боиси зиёд шудани беморӣ ва фавти модарон гардид.

То замони ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон системаи мукаммали имтиёзҳои иҷтимоӣ мавҷуд буд. Дар шароити таъмини шуғли пурраи аҳолӣ, бекорӣ дар сатҳи паст қарор дошт. Барои шаҳрвандоне, ки қобилияти меҳнат кардан надоштанд, системаи васеи нафақа барои маъюбӣ ва пиронсолӣ, барои оилаҳои кӯдакдони хурдсол дошта кумакпулии ҳатмӣ ҷорӣ карда шуда буд. Фарогирии имтиёзҳо универсалӣ буд ва қариб ҳар як хонавода ҳуқуқи ҳадди аққал як имтиёзро дошт [14]. Ба ғайр аз кумакпулии молиявӣ, «имтиёзҳои аслӣ»-и гуногун, аз ҷумла, дар муассисаҳои томактабӣ ва боғчаи бачагон, лагерҳои истироҳатии ройгон ва ё хеле имтиёзнок, манзил ва хизмати коммуналӣ, иншооти бепули фарҳангию варзишӣ, рухсатии музднок барои таваллуд ва ғайра мавҷуд буданд.

Аммо дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон саҳми Ҳукумат барои маблағгузории ҳифзи иҷтимоӣ то як андоза маҳдуд гардид. Айни замон дар Тоҷикистон танҳо ду навъи асосии кумакпулиҳои ҳифзи иҷтимоӣ мавҷуд аст: барномаи ҷуброни пулӣ, ки аз рӯйи воситаҳои санҷидашуда (комиссияҳои махсус) кумакҳои иҷтимоиро ба оилаҳои камбизоат пешниҳод мекунад ва нафақаҳое, ки ба пиронсолон, маъюбон ва бепарасторон аз рӯйи суғуртаи иҷтимоӣ ҳамчун кумакпулӣ дода мешаванд. Занон ва кӯдакон аз барҳамхӯрии системаи кумакпулиҳои меросии суғуртаи иҷтимоӣ махсусан сахт осеб диданд. Зеро кумакпулиҳои умумӣ дар оила аксар вақт қисми зиёди захираҳои хонаводаҳоеро ташкил медоданд, ки таҳти назорати занон қарор доранд.

Барои мисол, дар моҳи майи соли 1999 камтар аз як дарсади хонаводаҳо дар Тоҷикистон воқеан, аз Пакети ҷуброни иҷтимоӣ (ПҶИ) чизе мегирифтанд, ки ин кумаки асосии зидди камбизоатӣ буд. Ин дар ҳолест, ки нуздаҳ дарсади аҳолӣ ҳуқуқи гирифтани онро доштанд [15]. Гузашта аз ин, ҳамон давра кумакпулиҳои ПҶИ ба маблағи кофӣ барои аз камбизоатӣ баровардани оилаҳо ва пиронсолон пардохта нашуданд. Дар натиҷа, оилаҳои камдаромади кӯдакдор аз ҷониби давлат вобаста ба камбизоатӣ дар сатҳи муайян ҳифз карда мешуданд.

Низоми пардохти нафақа, назар ба низоми интиқоли пули нақд, то андозае беҳтар фаъолият мекунад, аммо мушкилоти назарраси қарз то кунун боқӣ мондааст ва нафақаҳои миёна барои таъмини одамоне, ки шаклҳои алтернативии дастгирӣ надоранд, хеле пастанд. Равобити оилавӣ, муассисаҳои анъанавӣ ва ҳувияти фарҳангии маҳаллӣ омилҳои муҳимми таъмини дастгирии иҷтимоӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ боқӣ мемонанд. Бо вуҷуди ин, далелҳо мавҷуданд, ки шабакаҳои анъанавии дастгирии

иҷтимоӣ дар ҳолати фишори афзоянда қарор доранд. Тоҷикистон то ҳол ба кумакҳои башардӯстонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ эҳтиёҷ дорад. Масалан, дар соли 1999 касри озуқаворииТоҷикистон аз 800–850 ҳазор тонна, вале ниёз ба он бошад, то ба 360–000 миллион тонна арзёбӣ гардида буд. Дар аввали соли 1999 кумаки озуқаворӣ аз ҷониби қариб 1,4 миллион нафар эҳтиёҷмандон гирифта шуданд [15].

Агар ба ин масъала ҷиддӣ назар андозем, ҳам сабабҳо ва ҳам оқибатҳои камбизоатӣ омилҳои гендерӣ мебошанд, зеро занон ва духтарон қисми зиёди хароҷоти дар оила дар давраи гузаришро ба уҳда доштанд. Вақте ки даромади воқеӣ кам мешавад, занон аксар вақт масъулияти «қонеъ кардани рӯзгор»-ро ба дӯш мегиранд. Ин боиси афзоиши сарбории занон, бо иштироки зиёд дар бозорҳои расмӣ ва муҳимтар аз ҳама, меҳнати ғайрирасмӣ ва дар баробари тақсимоти нобаробарии меҳнат дар дохили хонаводаҳо гардида буд. Кӯшишҳо барои ғамхорӣ ва ҳифзи кӯдакон бисёре аз занонро аз раванди сиёсӣ дур намуд ва дар натиҷа, намояндагии сиёсии онҳо амалан вуҷуд надошт. Ихтисороти зиёд дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз қабили тандурустӣ, банақшагирии оила, нигоҳубини кӯдак ва таҳсилот ба занон низ ба таври номутаносиб таъсир расонида, барои ҳуқуқҳо, имкониятҳо ва манфиатҳои онҳо оқибатҳои дарозмуддатро ба вуҷуд овард.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти аввалини умумимиллии репрезентивии сатҳи зиндагии хонаводаҳо дар Тоҷикистон моҳи майи соли 1999 гузаронида шуда буд. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, аз се ду ҳиссаи аҳолӣ дар зери хатти камбизоатии Паритети қобилияти харидории Бонки Ҷаҳонӣ, яъне 2,15 доллари ИМА дар як рӯз ва аз се як ҳиссаи камбизоатӣ дар доираи камбизоатии «ҳудуди ниҳоӣ», ки аз ҷониби Оҷонсии давлатии Тоҷикистон муқаррар шудааст, тақрибан ба ҳадди ақалли 30 дарсади арзиши сабади истеъмолӣ зиндагӣ мекунанд [4].

Мусаллам аст, ки натиҷаҳои ин назарсанҷӣ фарқи ҷиддии мизони фақр байни мардону занони Тоҷикистонро дар солҳои 90-уми асри гузашта нишон намедиҳанд. Бо вуҷуди ин, ба монанди равишҳои анъанавии иқтисодӣ, камбизоатӣ вобаста ба хароҷоти хонавода муайян карда мешавад ва аз ин рӯ, фарзияи возеҳ дорад, ки захираҳо дар дохили хонавода баробар тақсим карда мешуданд ва ҳамаи аъзоён аз сатҳи зиндагии якхела бархӯрдор буданд. Далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ин вазъ дар воқеият хеле кам ба назар мерасид ва омор бар асоси нишондодҳои хонавода метавонад сатҳи воқеии таъсири камбизоатии занонро нодида гирад.

Дар даҳсолаи аввали Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон хонаводаҳое, ки занон сарварӣ мекарданд, бо мушкилоти махсус мувоҷеҳ гардида буданд. Чунонки маълум аст, ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат тақрибан 25 000 хонаводаро бо сарварии занон ба вуҷуд овард, ки аксари

онҳо дар вилояти Хатлон ва водии Рашт буданд [161. Як зумра занон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ шавҳари худро гум карданд. Дигарон шавҳарони худро дар муҳоҷират аз даст доданд. Хоҷагиҳое, ки ба онҳо занон сарварӣ мекарданд, ба коркарди замин, обёрӣ ва чорводорӣ камтар дастрасӣ доштанд. Онҳо инчунин, аз ғизо камтар таъмин буданд, вале бештари кумакҳои башардӯстонаро мегирифтанд. Ҳатто бо ин кумак даромади моҳонаи онҳо аз даромади хонаводаҳое, ки мардон сарварӣ мекарданд, камтар буд.

Занон ва хонаводаи онҳо он замон як қатор стратегияҳои гуногунро барои зинда мондан бо захираҳои маҳдуд истифода мебурданд. Вале стратегияҳои коҳиш, камшавӣ ва нигоҳдорӣ бо мурури замон бештар истифода мешаванд, ки онҳо дар дарозмуддат устувор нестанд. Зиёда аз чоряки ҳамаи хонаводаҳо дар як муддати начандон зиёд дороиҳои худро фурӯхтанд ва сеяки онҳо маҷбур шуданд аз хешовандон, дӯстон ва ҳамсояҳо қарз гиранд. Илова бар ин, ҳатто дар байни сарватмандтарин хонаводаҳо, тақрибан 30 дарсад гузориш додаанд, ки миқдори хӯрок дар як рӯзро коҳиш медиҳанд ва таносуби мушобеҳ гузориш доданд, ки қисмҳои камтар истеъмол мекунанд. Ин рақам дар байни хонаводаҳои камбизоат ба беш аз 60 дарсад мерасид [15].

Бидуни шубҳа, занон бори зиёди зиндагиро бар дӯши худ доранд. Таҳқиқоти сифатӣ нишон дод, ки занон нисбат ба мардон бештар аз мушкилоти рӯзмарраи идораи ғизои хонавода нигаронанд ва зиёдтар омодаанд аз дигарон кумак пурсанд, ба тиҷорат ва дигар фаъолиятҳое, ки метавонанд барои харидани ғизои хонавода даромад ба даст оранд, машғул шаванд. Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки табиати гендерии камбизоатиро баррасӣ мекунанд ва ба занон имкон медиҳанд, ки аз ҳуқуқҳояшон бештар истифода бурда, имкониятҳои худро васеъ кунанд, инчунин, барои иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва шаҳрвандӣ мусоидат намоянд.

Тоҷикистон дар замони истиқлол яке аз нодортарин ҷумҳуриҳои шуравии собиқ буд. Аз он вақт инҷониб на танҳо аз оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ва пас аз пошхӯрии СССР аз Маскав гирифтани кумакпулӣ, балки аз ҷанги шаҳрвандӣ низ зарари ҷиддӣ дид. Занон аз набудани амнияти шахсӣ пас аз ҷанг, инчунин, аз камбизоатии иқтисодӣ ва коҳиши иштироки сиёсӣ, ки ҳам ҷанг ва ҳам давраи гузаришро ҳамроҳӣ мекарданд, азият мекашиданд. Давраи гузариш ба бахшҳое, ки дар онҳо занон ба таври ҷиддӣ машғули кор буданд (бофандагӣ, истеҳсолот, кишоварзӣ) таъсири сахт расонид ва онҳо дар байни аввалинҳо шуда, ҷойи кори худро аз даст доданд.

Соҳаҳои дигаре, ки дар онҳо занон бартарӣ доранд, аз қабили тандурустӣ ва маориф, аз зумраи онҳое мебошанд, ки эҳтимоли камтари

музди меҳнат доранд. Фурӯпошии низоми давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шумораи занон ва оилаҳоеро, ки дар ҳолати камбизоатӣ зиндагӣ қарор доштанд, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар гардонид, дар ҳоле ки аз даст додани квотаҳои намояндагии баробарро дар мақомоти сиёсӣ ва давлатӣ кафолатдиҳанда, онҳоро аз вазифаҳои давлатӣ дур карда буд. Занон ва духтарон низ дар дастрасӣ ба таҳсилот ва хизматрасониҳои тиббӣ бештар ба табъиз дучор мегардиданд.

Хароҷоти инсонии низоъ ва давраи гузариш тақрибан барои ҳама қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла занон, дар Тоҷикистон гарон буд. Аммо агар Ҳукумати мамлакат дар давра чораандешӣ намекард, эҳтимол дошт, ки занону кӯдакон бештар бори номутаносиби ин хароҷотро бар зимма гиранд. Тоҷикистон дар байни ҳамаи ҷумҳуриҳои шуравӣ фақиртарин буд, ки маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ нисфи ҳосили Қазоқистон ва аз се ду ҳиссаи дигар кишварҳои минтақаро ташкил медод. Бо вуҷуди ин, дар замони Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон ҳам мисли ҳамсоягони Осиёи Марказӣ нишондиҳандаҳои нисбатан баланди рушди инсонӣ дошт, ки аз рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар даврони шуравӣ ба даст омада буд.

Сарфи назар аз сатҳи пасти ММД-и воқеии он, Индекси рушди инсонии Тоҷикистон 0,629-ро ташкил медод, ки ба ҳисоби миёна 0,649 барои кишварҳое, ки аз ҷониби Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид даромади «миёна» гурӯҳбандӣ шудааст [14]. Давомнокии умр аз вақти таваллуд 70 солро ташкил медод, ки нисбат ба Покистон ба таври қобили мулоҳиза баландтар аст ва аз сатҳи дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Эрон ва Туркия болотар қарор дорад. Сатҳи саводнокӣ қариб ҳамаҷониба буд ва нисбат ба дигар кишварҳое, ки даромади муқоисашаванда ба ҳар сари аҳолӣ ба таври назаррас ба чашм мерасид.

Занони Тоҷикистони муосир дар зери таъсири ҳам аз таҷрибаи ахири шуравӣ бо таъкиди шадиди он ба баробарии гендерӣ дар арсаи ҷамъиятӣ ҳам ва арзишҳои суннатии тоҷикон, ки дар он занҳо дар бахши хусусии оила нақши марказӣ доштанд, қарор доранд. Дар масири таърих баръакси ҳамсояҳои бодиянишини худ–қирғизҳо ва қазоққо, тоҷикон фарҳанги шаҳрнишинӣ дошта ва бисёре аз шаҳрҳои онҳо (Самарқанд, Бухоро, Тирмиз, Фарғона, Хуҷанд ва ғайра) ҳамчун марказҳои омӯзиши мусалмонон маъруф буданд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ арзишҳои анъанавии фарҳангӣ ва иҷтимоӣ эҳё шуданд. Ҳарчанд Тоҷикистон як давлати дунявӣ боқӣ мемонад, аммо дар ҳаёти шаҳрвандони он эҳёи суннатҳои миллӣ низ мушоҳида мешавад. Барои арзёбии таъсири онҳо ба баробарии гендерӣ бояд заминаи мувофиқ ба вуҷуд овард. Аммо, тавре мебинем, дур шудани занон аз ҳаёти сиёсӣ ба таври қобили мулоҳиза мушоҳида мешавад ва

мувозинати байни нақши занон дар соҳаҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, ки дар давраи шуравӣ ба даст омада буд, тағйир меёбад.

Дар соли 2016, дар доираи Баррасии даврии универсалӣ, Тоҷикистон уҳдадор шуд, ки хушунат дар оиларо ҷиноят эътироф кунад. Дар солҳои 2013 ва 2018 Тоҷикистон аз Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба рафъи табъиз алайҳи занон дар мавриди мубориза бо хушунат тавсияҳои дақиқ гирифт.

Масъалаҳои хушунат нисбати занон низ дар "Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016–2030" ва "Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016–2020) – ду санади муҳим, ки Ҳукумат онҳоро ҳамчун харитаи роҳ барои рушди устувор мешуморад, хуб инъикос ёфтааст. Дар байни якчанд афзалиятҳои калидӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд, ки то соли 2030 муайян гардидааст, ҳамчун беҳбуди омори гендерӣ ва ташкили махзани муттаҳидшуда доир ба ҳама навъи хушунат калиди пешгирӣ ва вокуниш ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки танҳо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон ва оила, фароҳам овардани шароити баробар барои татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ноил шудан ба баробарии гендерӣ (банди 1-уми Низомнома дар бораи Кумитаи кор бо занон ва оила) масъул аст. Ҳамин тариқ, тибқи банди 31-уми "Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила" вазорату идораҳо, инчунин, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳар шаш моҳ ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои "Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила" ҳисобот пешниҳод намоянд, ки иҷрои воқеии нишондиҳандаҳои дар барнома зикргардидаро инъикос менамояд.

Дар соли 2015 Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбат ба занон ба Тоҷикистон тавсияҳои зерин дод: «Саъй кунед, то мақоми механизми миллии пешравии занон ва ҳарчи зудтар таҳкиму тавсеаи ваколатҳои он, инчунин, баланд бардоштани нуфузи он дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ, таъмин бо захираҳои зарурии инсонӣ ва молиявии мувофиқи ваколатҳои худ, омода намудани мониторинг ва таҳкими иқтидори он, таҳия ва татбиқи санадҳои қонунгузорӣ ва тадбирҳои сиёсӣ дар соҳаи баробарии гендерӣ амалӣ гардад» [8]. Ба андешаи мо, ин тавсияро бидуни додани мақоми вазорат ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ кардан ғайриимкон аст.

"Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои роҳбарӣ аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007–2016" ҳадафаш бештар намудани шумораи роҳбарзанон дар сохторҳои давлатӣ буд. Дар асоси ин барнома ва

иқдомҳои марбута, имрӯз дар сохторҳои ҳокимият шумораи муайяни занон ба вазифаҳои роҳбарӣ ҷалб шудаанд.

Пешрафти назаррас дар масъалаи баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалисозии онҳо» (соли 2005) мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳоро ҷиҳати таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо танзим намуда, ба пешгирии табъиз аз рӯйи ҷинс нигаронида шудааст ва кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробарро барои шахсони ҷинсҳои гуногун муқаррар менамояд. Ин аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дастоварди бузурге барои кишвар буд, зеро Қонун ба рафъи табъиз вобаста ба гендер нигаронида шудааст. Бо ин Қонун дар кишвар баробарии гендерӣ эътироф шуда, ба занон ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти шоиста ва дастрасӣ ба захираҳои иқтисодии ҷомеаро фароҳам овард.

Бо мақсади татбиқи ҳуқуқҳои занон як қатор қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумат, аз ҷумла, “Барномаи давлатии таълим, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби духтарон ва занони лаёқатманд барои солҳои 2017–2022” аз 1 апрели соли 2017, “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030” аз 30 апрели соли 2021, №167, Нақшаи чорабиниҳои «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020» аз 29 августи соли 2015 ва ғайра қабул карда шуданд. Ин барнома ва стратегияҳо бояд ба дастоварди воқеии баробарии гендерӣ дар кишвар мусоидат кунанд. Ин маънои онро дорад, ки баробарҳуқуқӣ на танҳо дар рӯйи коғаз, балки дар воқеият хоҳад буд: дар Парлумон ва дар тамоми шохаҳои дигари ҳокимият 50% занон, ё ҳадди ақкал 30%, занони додситон 50% хоҳанд буд. Дарсади (фоизи) занони соҳибмулк то 50 дарсад зиёд мешавад ва ғайра. Дар идеал ҳама чиз бояд ҳамин тавр бошад, вале вазъият ба самти мусбат 30 дарсад тағйир ёбад ҳам, аллакай дар бораи ба даст овардани натиҷаҳои мусбат сухан рондан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаи асосҳои ҳуқуқии ташаккули баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар кишвар бо ҷаҳду талоши роҳбарияти сиёсӣ батадриҷ заминаҳои ҳуқуқии баробарии занону мардон фароҳам оварда шудаанд. Дар натиҷа, занону духтарони тоҷик ба он ноил гардиданд, ки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи тоҷикистонӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ пурсамар фаъолият намуда, дар раванди пойдор гардидани давлати миллӣ ва идоракунии он саҳми арзанда гузоранд.

Дар баробари ин, барои боз ҳам самаранок намудани фаъолияти онҳо дар бунёди давлати соҳибихтиёри миллӣ зарур аст, ки шароитҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҷалби бештари занону духтарони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди давлати соҳибихтиёри миллӣ фароҳам оварда шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Асосҳои ҳуқуқӣ ва ҳифзи иҷтимоии занон дар ҷомеа. (Захираи электронӣ): https://avkd.tj/tg/khabarho/2394- ... (Санаи мурочиат: 07.09.2023)

2. В Душанбе состоялась конференция по обеспечению гендерного равенства с участием депутатов Маджлиси намояндагон [Текст].–URL: https://khovar.tj/rus/2022/02/ … (Дата обращения: 26.04.2023)

3. Гарибова, Ф.М. Гендерное равноправие в Таджикистане [Текст] / Ф.М. Гарибова // Женщина в российском обществе. - 2022. Специальный выпуск.–С.19-26.-URL:https://womaninrussiansociety.ru/wp-content/uploads/2022/09/ … (Дата обращения: 19.04.2023).

4. Жеребкина, И., Пушкарева, Н., Кон, И., Темкина, А., Крипс, Г. Обсуждение темы «Проблемы и перспективы развития гендерных исследований в бывшем СССР [Текст] / И. Жеребкина, Н. Пушкарева, И. Кон, А. Темкина, Г. Крипс // Гендерные исследования. – 2001. – № 5. – С. 8-42.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул шуда, тағйиру иловаҳо 26 сентябри соли 1999 ва 22 июни соли 2003 бо роҳи раъйпурсӣ ворид карда шудаанд).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардон ва занон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи онҳо» аз 1 марти соли 2005, №89 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – 2005. – №3.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷилавгирии хушунат дар оила» (аз 19 марти соли 2013, № 954).

8. Мониторинг реализации Закона Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации». Отчёт по результатам [Текст]. – Душанбе, 2018. – 65 с.

9. Обзор состояния здоровья и здравоохранения в Таджикистане [Текст]. – Копенгаген, 2000. – 24 с.

10. Таджикистан: Страновая гендерная оценка [Текст]. – Вашингтон, 2021.–54 с.–URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/921321638250371738/pdf/… (Дата обращения: 27.04.2022)

11. Таджикистан: Страновая гендерная оценка [Текст]. – URL: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/country/tajikistan/publication/country-gender-assessment (дата обращения: 9.04.2022)

12. Рахматова, М. Место и роль женщин в общественно-политической и культурной жизни Таджикистана нового переходного периода: 1992–2004 гг. [Текст]: дисс. … к. истор. наук: 07.00.02. [Текст] / Рахматова Мамлакат. – Худжанд, 2004. – 183 с.

13. Раҳимзода Ф. Манфиати оилавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкии ҳамсарон [Матн]: дисс. ... номзади илмҳои ҳуқуқ: 12.00.03 / Раҳимзода Фирӯза. – Душанбе, 2025. – 179 с.

14. Саидов А. Охрана здоровья населения–основной фактор развития человеческого капитала [Текст] / А. Саидов // ActaCAMU. - 2023. - №2. – С. 60-64.

15. Сулла В., Муньос Х. Обследование бюджетов домашних хозяйств в Таджикистане: Рекомендации Миссии Всемирного банка [Текст] /В. Сулла, Х. Муньос. – Вашингтон, 2011. – 48 с.

16. Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон // Маҷмуи тезисҳои Симпозиуми байналмилалӣ, 26-27 апрели соли 2001. – Душанбе, 2001. – 214 с.

17. Хушкадамова Х. Гендерное пространство образования в Таджикистане [Текст] / Х. Хушкадамова // Вестник Московского государственного лингвистического университета. Общественные науки. - 2020. – №3 (380). – С. 224–236.

18. The National Plan of Action for the Advancement of Women [Text], April 2000. – 139 pp.

## ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ УЧАСТИЯ ЖЕНЩИН В СОЗДАНИИ НЕЗАВИСИМОГО ГОСУДАРСТВА ТАДЖИКИСТАН

**ШУКУРЗОДА САОДАТ НУСРАТУЛЛО,**

соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ

734018, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33;

Тел.: (+992) 918-14-21-21

*После обретения государственной независимости в Республике Таджикистан был принят ряд законов и актов, государственных программ, концепций и конвенций по правовым гарантиям прав женщин и гендерным вопросам. За сравнительно короткий период было принято более 20 важных государственных актов, направленных на обеспечение гендерного равенства и защиту законных интересов женщин в Таджикистане. Более того, в 2014 году Республика Таджикистан стала членом Комиссии ООН по положению женщин, что создало еще более благоприятную основу для её деятельности в сфере политики и государственного строительства.*

*Принятие подобных законов и правовых актов создало реальную основу для активного участия таджикских женщин в создании и развитии независимого национального государства. В связи с этим в данной статье предпринята попытка кратко проанализировать вопрос о правовых основах их участия в процессе создания независимого государства Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *женщины, Таджикистан, государственная независимость, закон, правовые нормы, гендерное равенство, образование, здравоохранение и др.*

## LEGAL BASIS FOR WOMEN'S PARTICIPATION IN THE CREATION OF THE INDEPENDENT STATE OF TAJIKISTAN

**SHUKURZODA SAODAT NUSRATULLO,**
applicant at the Institute of Philosophy, Political Science, and Law named after A. Bakhovaddinov of National Academy of Sciences of Tajikistan
734018, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 33;
tel.: (+992) 918-14-21-21

*Since gaining independence, the Republic of Tajikistan has adopted a number of laws and regulations, state programs, concepts, and conventions on legal guarantees of women's rights and gender issues. In a relatively short period, more than 20 important state acts have been adopted aimed at ensuring gender equality and protecting the legitimate interests of women in Tajikistan. Furthermore, in 2014, the Republic of Tajikistan became a member of the UN Commission on the Status of Women, creating an even more favorable framework for its activities in the areas of policy and state building.*

*The adoption of such laws and regulations created a real foundation for the active participation of Tajik women in the creation and development of an independent national state. Therefore, this article attempts to briefly analyze the legal basis for their participation in the process of establishing an independent state of Tajikistan.*

***Keywords:*** *women, Tajikistan, State Independence, law, legal norms, gender equality, education, healthcare.*

**УДК: 811.161(574)**

# РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ЗАБОНИ МИЛЛӢ

**БОБОЖОНОВ УБАЙДУЛЛО ҚУРБОНОВИЧ,**
унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 907-77-06-95; e-mail: bobozhonov.ubaydullo@mail.ru

*Дар мақола сухан дар бораи мавқеи забони тоҷикӣ дар шароити ташаккули босуръати ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷомеа меравад. Раванди ҷаҳонишавӣ хусусияти обективӣ дошта, барои ҷомеаи инсонӣ зуҳуроти нав нест, вале пешрафти босуръати робитаҳои байналмилалии ҷамъиятӣ, ташаккули бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ба он суръати фавқулода бахшидааст. Дар шароити муосир забони англисӣ ба иқтидори сиёсӣ ва иқтисодии ИМА такя намуда, мавқеи забонҳои дигарро аз доираи муносибатҳои байналмилалӣ танг карда баровarда истодааст. Ҳатто забонҳои муқтадири фаронсавӣ ва олмонӣ, ки замоне дар баробари забони англисӣ дар тамоми ҷаҳон густариш ёфта буданд, мавқеи худро аз даст дода медиҳанд. Дар мақола омилҳое, ки ба рақобатпазирии забони тоҷикӣ дар шароити раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои ҷомеа мусоидат менамоянд, нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *раванди ҷаҳонишавӣ, забони тоҷикӣ, истиқлол, фарҳанг, илм, ниҳодҳои ҷаҳонӣ, фанновариҳои муосир, шабакаи интернет.*

Яке аз падидаи хосси ҷаҳони муосир–ҷаҳонишавӣ ё ҷаҳонигароии тамоми муносибатҳои ҷомеа мебошад. Ҷаҳонишавӣ зуҳуроти ногузир ва ҷараёни обективиест, ки мувофиқи он робитаҳои мутақобилаи иқтисодӣ, сиёсӣ, иттилоотӣ, донишҳо ва арзишҳои фарҳангӣ миёни мамлакатҳо ва мардумони ҷаҳон боз ҳам афзуда, шабакаи ягонаи геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ ташаккул меёбад. Ҷаҳонишавӣ зуҳуроти дуқутба аст: мусбат ва манфӣ. Барои ҷомеаи Тоҷикистон зарур ва муҳим он аст, ки ҷанбаҳои мусбати онро ба манфиат истифода бурда, аз ҷанбаҳои манфии он арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии худро ҳимоя ва ҳифз намоем. Ҷанбаҳои мусбати он аз:

– рушди ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ;

– инкишоф ва тавсеаи технологияҳои муосир;

–тавсеаи илм ва маориф дар натиҷаи инкишофи робитаҳои байналмилалӣ;

– тавсеаи табодули фарҳангӣ;

– ташаккули бозори муҳоҷират бо мақсади кор, хониш ва дигар мақсадҳо;

– ҳалли муштараки масъалаҳои ҷаҳонӣ ва дигар омилҳои ба ҳамин монанд иборат мебошанд.

Лекин, мутаассифона, ҷанбаҳои манфии ҷаҳонишавӣ нисбат ба омилҳои мусбат хеле бузург ва ташвишоваранд. Ҷаҳонишавӣ таҳдиди марговар ба ҳастӣ ва ҳувияти миллатҳои хурд аст. Дар натиҷаи инкишофи рӯзафзуни робитаҳои мутақобилаи байналмилалӣ, ташкили ширкатҳои фаромиллӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ки асосан бо забони англисӣ ва чанд забонҳои пурқуввати минтақавӣ инкишоф меёбанд, мавқеи забонҳои миллатҳои хурд маҳдуд гардида, ба ҳастии бунёдии онҳо таҳдид менамоянд. Дар шароити муосир беш аз 7000 забон мавҷуд аст, вале зиёда аз нисфи аҳолии рӯйи замин ҳамагӣ бо 11 забон гуфтугӯ мекунанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, сар карда аз асри XV то имрӯз тахминан аз 4000 то 9000 забон аз байн рафтаанд. Аз рӯйи таҳлили коршиносон дар натиҷаи вусъати раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккули фановариҳои иттилоотии муосир то охири асри XXI ҳамагӣ танҳо 10 дарсади забонҳои мавҷудбуда боқӣ мемонад ва зиёда аз 6000 забони дигар аз байн мераванд.

Аз раванди ҷараёни инкишофи таърихии ҷомеаи инсонӣ медонем, ки қудрати забон аз иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии мамлакат вобаста аст. Дар замоне, ки империяи Рим пурқудрат буд, лотинӣ забони гуфтугӯйи онҳо, дар сарзамини паҳновар вусъат ёфта буд. Дар давраи авҷи тараққиёти Хилофати Араб забони онҳо қудрати беандоза касб намуда, дар натиҷаи забткориҳои онҳо халқҳои ҳамҷавор, амсоли суриёниҳо ва мисриён, забони модарии худ аз даст дода, арабзабон гардиданд. Дар замони забткориҳои империяҳои аврупоӣ, Британияи Кабир тавонист дар гӯшаҳои гуногуни дунё сарзаминҳои зиёдро зери тасарруф дарорад ва имрӯзҳо дар гӯшаҳои дунё забони давлатии мамлакатҳои гуногун англисӣ мебошад.

Ҳукмронии ҷаҳонбинии англосаксонӣ ва забони англисӣ чанд аср боз идома дорад. Дар аввал он ба қудрати сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии Британия ва асрҳои баъд ба қудрати ИМА такя менамояд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ба пешбарии вусъати забони англисӣ таваҷҷуҳи зиёд дода, раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои байналмилалиро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Мансабдори баландпояи Ҳукумати ИМА дар замони президентии Барак Обама–Д.Роткопф чунин қайд менамояд: «Гуногунрангии фарҳангии замони муосир мамониати таассуфангез мебошад, бартараф сохтани он қадаме ба сӯйи пешрафт ва инкишоф аст. Гуногунрангии забонҳо, фарҳанг ва адён – таркиботи харобиовар ба шумор мераванд» [4, 17].

Раванди ҷаҳонишавӣ ба истифода ва нигоҳдошти забонҳо таъсири бевосита мерасонад. Забонҳои муқтадир забонҳои миллатҳои хурдро, пеш аз ҳама, аз доираи таълим берун меандозанд, ки ин омил барои забони миллати хурд зарбаи марговар аст. Дар шароити муосир ягон муассисаи ҷаҳоние нест, ки раванди истифодаи забонҳоро танзим намояд ва забони англисӣ ба бартарии сиёсӣ ва иқтисодии ИМА ва Британия такя намуда, афзори мувофиқ барои ҳалли масъалаҳои муоширатии байналмилалӣ гардидааст. Дар раванди ҷаҳонишавӣ гуногунрангии фарҳанг ва забон, ки сарвати маънавии инсонист, ҳеч арзише надорад ва он бештар ҳамчун монеаи душворрафъшаванда шинохта мешавад. Мавқеи ишғолнамудаи забони англисӣ, ки тамоми фанноварихои муосир бо ин забон офарида шуда истодаанд, барои мамлакатҳои англисзабон, пеш аз ҳама, ба ИМА ва Британия бартариҳои зиёд медиҳанд. Тамоми маҳсулоте, ки бо забони англисӣ пешкаш мегардад, дарҳол хусусияти байналмилалӣ ва маҳсулоти бо забонҳои дигар пешкашгардида хусусияти маҳаллиро касб менамоянд. Аз ин сабаб, корхонаҳои бузург, ҳарчанд аз мамлакати англисзабон набошанд ҳам, кӯшиш менамоянд, ки маҳсулоти худро бо забони англисӣ муаррифӣ намоянд. Ин омил ба боз ҳам васеъ гардидани доираи фаъолияти забони англисӣ ва маҳдуд гардидани забонҳои дигар оварда мерасонад.

Дар доираи масъалаи забони илм ва интишороти таҳқиқоти илмӣ низ забони англисӣ мавқеи дигар забонҳоро маҳдуд намудааст. Ин раванд чанд даҳсола боз давом дошта, зери таъсири иқтидори сиёсӣ ва иқтисодии ИМА ба амал омада истодааст. Дар доираи ин мақола мухтасар ҳолати забонҳои фаронсавӣ ва олмониро дар фасли интишороти илмӣ, ки забонҳои муқтадири ҷаҳонӣ ба шумор мераванд ва замоне дар баробари забони англисӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн гардида буданд, дида мебароем.

Бояд тазаккур дод, ки аз тақрибан сад ҳазор маҷаллаи илмии дар гӯшаву канори ҷаҳон нашршаванда, 50 дарсади он бо забони англисӣ мебошад. Аз чор ҳазор маҷаллаи бонуфузи илмӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни илм фаъолият менамоянд, 80 дарсади он аз ҷониби нашриётҳои амрикоӣ ва бритониёӣ идора карда мешаванд ва қариб ҳамаи онҳо бо забони англисӣ ба табъ мерасанд.

Бояд гуфт, ки яке аз забонҳои муқтадири қитъаи Аврупо–фаронсавӣ солҳои охир мақом ва мавқеи худро аз даст дода истодааст. «Соли 1975 дар Фаронса 83 дарсади мақолаҳои илмӣ дар соҳаи кимиё ба забони фаронсавӣ нашр шуда буд, соли 2010 бошад, ҳамагӣ 7%-и онҳо ба забони фаронсавӣ нашр гардидаанд, боқимонда 93 дарсад ба забони англисӣ чоп шудаанд. Чунин тамоюл дар дигар соҳаҳои илм низ дида мешавад» [2, 364].

Вазъи забони дигари пурқуввати аврупоӣ–олмонӣ низ чунин аст. Ба мақоми забони олмонӣ нигоҳ накарда, ки дар чанд давлати аврупоӣ забони

расмӣ ба ҳисоб меравад ва шумораи зиёди аҳолӣ, майдони корбурди он дар Аврупо маҳдуд шуда истодааст. Инчунин, омилҳои сиёсӣ, аз ҷумла, шикасти Олмон дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ба мавқеи забони олмонӣ фишор меоварад. Забони олмонӣ дар Созмони Милали Муттаҳид ҳам забони корбурд нест. Тибқи таҳлили муҳаққиқи забони олмонӣ Улрих Аммон: "Дар ибтидои асри XXI дар соҳаи илмҳои кимиёвӣ танҳо 5,5%-и мақолаҳои илмӣ ба забони олмонӣ нашр гардидаасту халос. Аз ин теъдод дар соҳаи биология–2,5 дарсад, физика–3,9 дарсад, тиб–5,5 ва риёзӣ–3,6 дарсадро ташкил медиҳад" [3, 112].

Ҳамгироии боз ҳам бештари мамлакатҳои Аврупо дар доираи Иттиҳоди Аврупо, ки англисӣ забони асосии корбурд мебошад, мақоми забонҳои миллиро маҳдуд мегардонад. Чунин вазъ муҳаққиқони аврупоиро ба ташвиш оварда, барои ҳимояи забонҳои миллии кишварҳои худ садо баланд менамоянд.

Дар соҳаи фарҳанг низ забони англисӣ мавқеи ҳокимро соҳиб гардидааст. Дар Олмон ҳаҷми кинофилмҳо бо забони немисӣ ҳамагӣ 10 дарсад мебошад. Дар дигар мамлакатҳо ҳаҷми кинофилмҳо бо забони миллӣ аз 3 то 10 дарсадро ташкил медиҳад. Танҳо дар Фаронса ҳаҷми кинофилмҳо бо забони фаронсавӣ 30 дарсадро дарбар мегираду халос. Боқимонда ҳама филмҳои амрикоӣ мебошанд.

Пайомади дигари раванди ҷаҳонишавӣ афзоиши босуръати муҳоҷирати байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи омори Созмони Милали Муттаҳид, шумораи муҳоҷирони байналмилалӣ дар миёнаи соли 2024 зиёда аз 304 миллион нафарро ташкил додааст, ки 3,7 дарсади аҳолии рӯйи замин мебошад. Ин шумора соли 2000-ум 175 миллион ва 2,9 дарсади аҳолиро ташкил медод. Сабаби асосии муҳоҷирати байналмилалӣ омилҳои иқтисодӣ ба шумор мераванд. Фарқи дараҷаи музди меҳнат ва сатҳи зиндагӣ одамонро маҷбур сохтааст, ки ватани худро тарк намуда, ба мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешқадам ҳиҷрат намоянд. Қисман ҷангҳои дохилӣ ва муноқишаҳои сиёсӣ низ сабаби муҳоҷирати байналмилалӣ шуда метавонанд. Мамлакатҳое, ки аз ҳама бештар муҳоҷиронро қабул менамоянд, ИМА, Олмон, Арабистони Саудӣ, Русия, Британия, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Фаронса, Канада ва дигарон мебошанд. Мамлакатҳое, ки бештар аз онҳо ҳиҷрат менамоянд: Ҳиндустон, Мексика, Чин, Русия, Сурия, Бангладеш, Покистон, Украина ва ғайра мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз мамлакатҳое аст, ки ҳамасола шумораи зиёди ҷавонон барои ҷустуҷӯйи ҷойи кори мувофиқ ба Федератсияи Русия ба дигар мамлакатҳо ҳиҷрат менамоянд. Мувофиқи маълумоти омор, соли 2022 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёда аз 775

ҳазор нафарро ташкил дод. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Аз ҷумла, Барномаи амал «Оид ба танзими ҷараёни муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2040”-ро аз 30 июни соли 2023 қабул намуд.

Чанд омилро номбар кардан мумкин аст, ки зуҳуроти манфии муҳоҷират ба ҷомеаи Тоҷикистон таъсир мерасонад:

– аз мамлакат, асосан, мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҳиҷрат менамоянд, ки ин омил ба пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон монеа эҷод менамояд;

– асосан, ҷавонон, яъне қувваи кории меҳнатӣ муҳоҷир мешаванд, ки ба сохтори иҷтимоии мамлакат таъсири манфӣ расонида, сарбории иловагӣ зам менамояд;

– падари хонадон муҳоҷир шуда, фарзандони худро дар ихтиёри модар вогузор менамояд, ки ин ба тарбия ва ҳолати равонии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад;

– дар мамлакатҳое, ки муҳоҷирони тоҷикро қабул менамоянд, бо сабабҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ кушодани мактабҳо бо забони тоҷикӣ ғайриимкон аст, ки ин ба дур шудани насли наврас аз фарҳанг ва забони миллӣ ва коҳиш ёфтани худшиносии онҳо оварда мерасонад;

– муҳоҷирати қувваи қобили меҳнат шумораи коргаронро дар мамлакат коҳиш дода, ба пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт монеаҳо эҷод менамояд;

– қисме аз муҳоҷирон дар мамлакатҳое, ки муҳоҷирони тоҷикро қабул менамоянд, муқимӣ мегарданд ва ҳувияти миллии худро аз даст медиҳанд ва насли онҳо тоҷик будани худ фаромӯш месозанд.

Чи тавре қайд кардем, қудрати забон ба иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии соҳиби забон такя менамояд. Дар шароити муосир як қатор мамлакатҳо дар гӯшаву канори гуногуни дунё қудрати иқтисодӣ ва ҳарбии худро таҳким бахшида, тартиби ҳукмронии яккатозии Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро зери суол мебаранд. Яке аз чунин мамлакатҳо Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад, ки бо пешрафти босуръати иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба маркази бонуфузи муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфта истодааст. Ҷараёни инкишофи таърихӣ нишон медиҳад, ки оё иқтисоди Чин метавонад ҷойгузини иқтисоди Ғарб ва забони чинӣ меросбари забони англисӣ гардад?

Чанд омили рушди раванди ҷаҳонишавиро номбар кардан мумкин аст, ки ба арзишҳои фарҳанги миллии мамлакатҳои хурд таҳдид менамоянд:

– ниҳодҳои ҷаҳонӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ ва ғайра ба ҳукуматҳои миллӣ фишор оварда барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳо мушкилот эҷод менамоянд;

–иқтисоди миллии мамлакатҳо дар натиҷаи рушди равобит бо бозори ҷаҳонӣ метавонанд таъсирпазир гарданд ва дар ҳолати буҳрони иқтисодӣ аз мамлакатҳои муқтадир дида бештар осеб мебинанд;

–бартарии фарҳанг ва забони мамлакатҳои муқтадир, махсусан фарҳанг ва забони англисӣ, ки фанновариҳои муосир бо ҳамин забон пеш бурда мешавад, метавонад доираи фаъолияти фарҳанг ва забони миллиро маҳдуд намуда, ҳувияти миллиро аз байн барад.

Ҷавонон бештар ба арзишҳои фарҳанги мамлакатҳои муқтадир ва тарзи ҳаёти онҳо рӯ меоранд:

– ҷаҳонишавӣ сабаби густариши муҳоҷирати оммавӣ ва шиддат гирифтани норозигӣ ва зиддиятҳои иҷтимоӣ мегардад;

– ширкатҳои фаромиллӣ дорои имкониятҳои номаҳдуди молиявӣ гашта, ба ҳукуматҳои миллӣ фишор оварда, имкониятҳои онҳоро дар раванди ташкили мустақилонаи идораи давлат маҳдуд мегардонанд.

Раванди ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, ба ҳувият ва вижагии фарҳанги миллӣ, бахусус, ба омили муҳим ва рукни асосии ҳастии миллат–забон таҳдид мекунад. Таҳдидҳо ба ҳаёти маънавии тоҷикон ва забони тоҷикӣ, ки ҳамагӣ бештар аз се даҳсола пеш мустақил гардида, акнун ба бунёди давлати миллӣ ва ташаккули забони давлатӣ оғоз намудааст, вуҷуд дорад. Дар тули таърих ба ҳастиву ҳувияти халқи тоҷик борҳо хатари нобудшавӣ ва омехта шудан бо дигар халқҳо таҳдид намудааст. Дар ҳар марҳалаи раванди таърихӣ имкон фароҳам меомад, ки халқи тоҷик анъанаҳои миллии худро эҳё намуда, аз нав устувор созад. Ҳанӯз дар асрҳои VIII–IX, дар замоне, ки фарҳанги арабӣ ба арзишҳои дини мубини ислом такя намуда, тамаддуни миллии мардумони мусалмонро омехта месохт, чунин вазъ ба тамаддуни ориёӣ низ таҳдид мекард, ки дар натиҷа, ҳаракати шуубия арзи ҳастӣ намуд ва ҳарчанд намояндагони он бо забони арабӣ менавиштанд, эҷодиёти онҳо саропо аз васфи шукӯҳу шаҳомати фарҳанги Аҷам, яъне Эронзамини таърихӣ иборат буд. Ин омил дар оянда, дар давраи ташкили давлатҳои маҳаллии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ба ташаккули забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ мусоидат намуд. Дар асрҳои баъдина, иддаи зиёди тоҷикзабонон дар қатлу куштор ва истибдоду истисмори бесобиқаи муғулон ва қабилаҳои турки истилогар забони худро аз даст доданд, вале ҷонсупориҳои фарзандони фарзонаи миллат забонро аз нобудӣ ҳифз намуд ва бо муҳайё гардидани шароити мусоид аз нав эҳё гардид. Дар ибтидои асри бист дар натиҷаи муборизаҳои диловарона бар

муқобили ҷараёни иртиҷоии пантуркистӣ, ки ҳастии миллати тоҷикро дар Осиёи Миёна инкор мекард, истодагарӣ карда тавониста, ба бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон даст ёфтанд. Дар асри XX дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба забони тоҷикӣ ва ҳувияти миллӣ хатари нобудшавӣ таҳдид менамуд. Қисме аз намояндагони миллат дар натиҷаи таъсири фарҳанги бегона ҳисси миллиашон коҳиш ёфта, забони модарии худро гум карданд. Дар нимаи дувуми солҳои 80-ум рӯшанфикрони тоҷик бо талабҳои боисрор ба давлатӣ эълон гардидани забони тоҷикӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки забонгумкардаҳо барои миллате, ки забони онро қабул намудаанд, бегона мемонанд, вале аз миллати худ дур гашта, аз решаҳои фарҳангӣ ва таърихии худ канда шуда, бо таъбири Чингиз Айтматов «манқурт» мегарданд.

Барои ҳифзи фарҳанги миллӣ аз нобудшавӣ ва ҳимоя аз таҳдидҳои раванди ҷаҳонишавӣ рушду нумуи забон ва тафаккури миллӣ амри зарурӣ аст. Таҷрибаи таърихӣ собит сохтааст, ки беэътиноӣ ба фарҳанг ва забони миллӣ боиси аз байн рафтани миллат мегардад. Маҳз қудрату тавоноӣ ва неруи забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) ва адабиёти оламшумули бо ин забон эҷодгардида мардуми тоҷикро аз хатари болоравии нуфузи забонҳои бегона наҷот дод. *«Дар ин раванд, мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки дар давраи ҷаҳонишавӣ умр ба сар мебарем. Яъне раванди ҷаҳонишавӣ ба мероси маънавии халқу миллатҳо таҳдид карда истодааст. Ягона роҳи ҳифзи ин мерос талоши ҳарчи бештар мустаҳкам намудани пояҳои муқаддасоти миллист, ки забони давлатӣ яке аз шоҳсутунҳои муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад. Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар як миллат аст»* [7, 102-103].

Пайомади хос ва назарраси раванди ҷаҳонишавӣ ташаккули фанновариҳои иттилоотии муосир ва шабакаи интернет мебошад. Ҳарчанд раванди ҷаҳонишавӣ зуҳуроти нав нест, аммо ташаккули технологияҳои муосири иттилоотӣ ба он вусъати фавқулода бахшидааст. Дар натиҷаи густариши шабакаи ҷаҳонии интернет, фазои иттилоотӣ низ васеъ гардида, имконияти бемаҳдуди шабакаҳои иттилоотӣ ба вуҷуд омадааст. Аксари муҳаққиқон ташаккули шабакаи ҷаҳонии интернетро бузургтарин ихтирооти инсонӣ медонанд. Шабакаи интернет дар шароити муосир ба раванди ташаккули ҷомеаи инсонӣ таъсири фавқулода мерасонад. Навгонии технологӣ робитаи иҷтимоиро васеъ намуда, ҳаҷм ва гуногунрангии иттилоотро ба ихтиёри инсоният қарор медиҳад. Дар шароити муосир, ки нақши донишҳои иттилоотӣ ва маълумотӣ хеле боло рафтааст ва инкишофи воситаҳои иртиботӣ омили муҳимми ташаккули ҷомеа ба шумор меравад, нақши интернет боз ҳам муҳимтар гардидааст.

Шабакаҳои интернетӣ тарзи ҳаёти рӯзмарраи инсониятро дигаргун сохта, миллионҳо одамонро дар фазои ягонаи иттилоотӣ муттаҳид месозад ва инқилоби иҷтимоӣ дар ҳаёти инсоният ба вуҷуд омадааст. Торномаи интернет муҳаррики муқтадири раванди ҷаҳонишавӣ гардида, ба мисли дигар зуҳуроти ҷаҳонишавӣ хусусияти дуқутбӣ–ҷанбаҳои мусбат ва манфӣ дорад. Он афзорест, ки агар ҷанбаҳои мусбат ва созандагии онро, аз қабили: 1) истифодаи кашфиётҳои нодир дар соҳаҳои гуногуни илм, ки дар гӯшаҳои гуногуни олам ба даст оварда шудаанд ва ба воситаи шабакаи интернет дар фазои иттилоотӣ паҳн гардидаанд; 2) бо истифода аз имкониятҳои шабакаи интернет васеъ кардани ҷойҳои корӣ ва тараққӣ додани иқтисодиёт; 3) тарғиби фарҳанги миллӣ ва забони тоҷикӣ дар фазои беканори шабакаи интернет; 4) тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангӣ бо муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамзабонони бурунмарзӣ; 5) тарҷума ва истифодаи китобҳои тозанашри ҷаҳонӣ, ки дар шабакаи интернет нашр гардидаанд; 6) гузаронидани суҳбатҳои наворӣ бо олимону мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар бартариҳои онро истифода барем, ба манфиати кор аст. Ҳамзамон, бо истифода аз шабакаи ҷаҳонӣ ақидаҳои ифротӣ ва иртиҷоӣ паҳн мегарданд, ки чунин ҷанбаи номатлуби онро сарфи назар намудан, барои ҳаёти ҷомеаи инсонӣ хатари ҷиддӣ дорад.

Барои миллати тоҷик забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки арзиши муқаддаси фарҳангӣ, нишони ҳувияти миллӣ ва омили муҳимми ваҳдати миллӣ мебошад. Ҳанӯз аз замони ташаккули забони форсии нав, забон барои халқи тоҷик ҳамчун меросбари таърих, суннат ва урфу одатҳо ба шумор мерафт. Забони мо ба давлати мо пайванди ногусастанӣ дорад. Ҳар замоне, ки халқи тоҷик давлати мустақили худро дошт, забони ӯ низ рушду такомул меёфт ва ҳар гоҳ, ки истиқлоли худро аз даст медод, забон рӯ ба таназзул меовард.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ нақши забони тоҷикӣ боло рафта, мавқеи аздастрафтаи худро дар ҷомеа барқарор намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи воқеии Қонуни забон, ки забони тоҷикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатӣ эълон карда буд, шуруъ намуд. Забони тоҷикиро давлатӣ эълон намудани Ҳукумати Тоҷикистон ба худшиносӣ ва худогоҳии миллати тоҷик мусоидат намуда, мардумро дар атрофи арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии умумимиллӣ муттаҳид намуд. То расидан ба ваҳдат ва ягонагии воқеӣ халқи тоҷик чанд соли душворро аз сар гузаронид. Неруҳои бадхоҳи Тоҷикистон ҳанӯз дар моҳҳои аввали соҳибистиқлолӣ тавонистанд халқи тоҷикро ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашонанд. Танҳо 27 июни соли 1997 ба халқи тоҷик бо кӯшишҳои ҳамарӯза ва ҷасуронаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд, ки «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расад.

Ҷомеае, ки нобасомонӣ ва нофаҳмиҳоро аз сари худ гузаронидааст, зарурати ваҳдат ва ягонагиро амиқ эҳсос менамояд. Тоҷикистон баъди имзои Созишномаи сулҳ ба суботу оромӣ ва ризояти миллӣ расида, чун ҷомеаи ягона ва ваҳдатасос ташаккул ёфт. Дар саромади ваҳдат ва ягонагии миллӣ Президенти мамлакат меистад ва маҳз ба шарофати заҳматҳои фидокоронаи ӯ миллати тоҷик ба якдигарфаҳмӣ расида, ба бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ ва ҳуқуқбунёд оғоз намуд.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ дар асоси меъёрҳои таърихӣ ва адабӣ инкишоф меёбад ва ҳама гуна маҳдудиятҳо ва монеаҳои сунъӣ дар роҳи ташаккули бомароми он бартараф гардидааст. «Забони миллӣ ва ҳамзамон ташаккули пайвастаи он дар мақоми забони давлатӣ муҳимтарин рамзи истиқлоли давлативу сиёсии мо ба шумор меравад. Забони миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ буда, дар пойдорӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ мақом ва нақши муҳим дорад ва ба ҳамин далел забони миллат бунёд ва пояи давлат маҳсуб мешавад. Забон дар ҳама давру замонҳо яке аз сарчашмаҳои асосии истиқлоли миллӣ ва омили муҳимми ташаккули миллат мебошад» [8, 74].

Ба ақидаи мо, чанд омил метавонад густариш ва рақобатпазирии забони тоҷикиро тақвият бахшида, барои бартараф намудани оқибатҳои хатари ҷаҳонишавӣ мусоидат намоянд:

–дастгирии ҳамаҷонибаи забони давлатӣ аз ҷониби Ҳукумат ва ниҳодҳои дахлдори он;

–ташаккул ва рушди минбаъдаи низоми таълим ва инкишофи маориф;

–тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба забони давлатӣ, боло бурдани ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии ҷавонон;

– милликунонии забони фанновариҳои муосир, инкишофи истилоҳоти техникӣ–интернетӣ ва барномаҳои компютерӣ бо забони тоҷикӣ бо дарназардошти табиату имкониятҳои муосири забон;

– ба роҳ мондани робитаи зич бо муҳоҷирони меҳнатӣ ва мусоидат барои шиносоии наздик бо фарҳанги миллӣ ва омӯзиши забон тоҷикӣ аз ҷониби фарзандони онҳо;

– густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамзабон – Эрон, Афғонистон ва форсизабонони мамлакатҳои дигар. Ягонагӣ ва ваҳдати забонӣ ва фарҳангӣ бо ҳамзабонон имкон медиҳад забон рушд ёбад, таркиби луғавии он ғанию сарватманд ва ба хатарҳои ҷаҳонишавӣ тобовар гардад.

Ҳамзамон, омилҳои дигар, ки дар таҳким ва такмили забони тоҷикӣ дар шароити таҳаввули босуръати илму техника ва густариши раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат менамоянд, мавриди назар гирифта шаванд.

## АДАБИЁТ


1. Захруддинов И. Государственная независимость в условиях глобализации (на примере Республики Таджикистан). – Душанбе: Шохин, 2024. – 188 с.
2. Марусенко М. Языковая политика Франции. – СПб.: Изд. Дом СПбГУ, 2011. – 624 с.
3. Трошина Н.Н. Немецкий язык в современной Европе. (электронный ресурс) URL: http://www cyberleninka.ru (дата обращения 14.09.2025).
4. Трошина Н., Раренко М. Немецкий язык в науке эпохи глобализации. (Электронный ресурс) URL: http://www cyberleninka.ru (Дата обращения: 14.09.2025).
5. Хайдаров Р. Развитие Таджикистана в период глобализации.– Душанбе: Ирфон, 2006. – 192 с.
6. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. – Душанбе: Дониш, 2009. – 416 с.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Забони давлатӣ ва истиқлол.–Душанбе: Таъминотчӣ, 2018. – 228 с.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 8. – Душанбе: Ирфон, 2009.–576 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 704 с.
10. Ятимов С. Идеология и национальный интерес. –Душанбе: Гандж, 2019. – 192 с.


# ПРОЦЕСС ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК


**БОБОЖОНОВ УБАЙДУЛЛО КУРБОНОВИЧ,**

соискатель общеуниверситетской кафедры философии

Таджикского национального университета

734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17;

тел.: (+992) 907-77-06-95; e-mail: bobozhonov.ubaydullo@mail.ru



*В статье рассматривается положение таджикского языка в условиях стремительной глобализации общественных отношений. Процесс глобализации объективен и не является новым явлением для человеческого общества, однако стремительное развитие международных связей общества и беспрецедентное развитие информационных технологий придали ему необычайный импульс. В современных условиях английский язык, опираясь на политическую и экономическую мощь США, сужает*

*позиции других языков в международных отношениях. Даже мощные французский и немецкие языки, некогда распространенные по всему миру наряду с английским, теряют свои позиции. В статье выявляются факторы, способствующие конкурентоспособности таджикского языка в условиях глобализации общественных отношений.*

***Ключевые слова:*** *процесс глобализации, таджикский язык, независимость, культура, наука, мировые институты, современная технология, интернет.*

## GLOBALIZATION PROCESS AND THE TAJIK LANGUAGE

**BOBOZHONOV UBAYDULLO QURBONOVICH,**
applicant of the General University Department of
Philosophy of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 907-77-06-95; e-mail: bobozhonov.ubaydullo@mail.ru

*The article examines the position of the Tajik language in the context of rapid globalization of public relations. The process of globalization is objective and is not a new phenomenon for human society, but the rapid development of international relations of society and the unprecedented development of language, relying on the political and economic power of the United States, narrows the positions of other languages in international relations. Even the powerful French and German languages, once widespread throughout the world along with English, are losing their positions. The article identifies factors that contribute to the competitiveness of the Tajik language in the context of globalization of public relations.*

***Keywords:*** *globalization process, Tajik language, independence, culture, science, world organizations, modern technology, Internet.*

# БА МАЪЛУМОТИ МУАЛИФОН

Дар маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният»** мақолаҳо дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафа нашр мегарданд, ки натиҷаи тадқиқоти илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо мебошанд. Ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон тавсия медиҳад, ки ҳангоми ирсоли мақола ба ҳайати таҳририя талаботи зеринро қатъиян риоя намоянд:

1. Мақолаҳо бо тавсияи сармуҳаррири маҷалла ё муовинони ӯ қабул карда мешаванд.

2. Матни мақола бояд дар барномаи **MS Word** бо ҳуруфи **Times New Roman 12 пт** барои мақолаҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода гардида, дар шакли файли электронӣ (дар диск) ва нусхаи чопӣ пешниҳод карда шавад. Барои компютерҳо бо **Windows XP** ва ҳар гуна версияи **MS Office** истифодаи муҳаррири клавиатурии **Keyman** тавсия дода мешавад. Фосилаи байни сатрҳо – **1,15.** Ҳамаи саҳифаҳои дастхат бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

3. Ҳаҷми мақола набояд аз 10 саҳифаи матни компютерӣ зиёд бошад, ба инобат гирифтани матн, ҷадвалҳо, рӯйхатти адабиёт (на бештар аз 15 манбаъ), расмҳо, ки шумораашон на бештар аз 6 адад бошанд.

4. Расмҳо, диаграммаҳо ва аксҳо бояд дар формати ҳамон барномае, ки дар он омода шудаанд, пешниҳод гарданд. Диаграммаҳо дар формати **Excel**, расмҳо ва аксҳо дар формати **JPEG** пешниҳод карда шаванд.

**Таҳияи мақола:**

1. Саҳифаи аввал бояд дорои маълумоти зерин бошад: Рамзи УДК, ному насаби пурраи муаллиф(он), дараҷа ва (ё) унвони илмӣ, мансаб, номи муассиса(ҳо), ки мақолаи пешниҳодшуда дар он(ҳо) таҳия гардидааст, нишонӣ (почтавӣ ва электронӣ), рақамҳои телефон, номгӯйи пурраи ихтисос.

2. Ихтисоркунии калимаҳо, номҳо ва истилоҳот иҷозат дода намешавад, ба истиснои воҳидҳои ченак, бузургиҳои физикӣ, химиявӣ ва математикӣ, истилоҳот ва ғайра.

3. Иқтибосҳо ба адабиёти истифодашуда дар дохили матни мақола дар қавсҳои мураббаъ (квадратӣ) ишора карда мешаванд, масалан: [1], [1, 3–5]. Рӯйхатти адабиёт (бо унвони "Адабиёт") бо тартиби алифбо таҳия гардида, чунин тарз бояд риоя карда шавад:

– барои китобҳо: ному насаби муаллиф, номи пурраи китоб, ҷилд ё шумора, ҷойи нашр, ношир, соли нашр, шумораи саҳифа ё шумораи умумии саҳифаҳо.

– барои маҷаллаҳо: ному насаби муаллиф, унвони мақола, номи маҷалла, сол ва шумораи маҷалла, рақами саҳифа ё саҳифаи аввал ва охири мақола.

**НАМУНА:**

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство).–Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.*

2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Ба мақола бояд хулосаи мухтасар (резюме) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ (на камтар аз 5 сатр) ва калидвожаҳо (аз 3 то 10) замима гардад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки тасҳеҳ ва кӯтоҳсозии матни мақолаҳо, инчунин, тавсия барои депонатсияи онҳо (нигоҳдории расмӣ) диҳад.

Мақолаҳое, ки ба ин талабот ҷавобгӯй нестанд, қабул карда намешаванд.

Матни ирсолшудаи мақола ниҳоӣ буда, бояд дақиқ таҳия, санҷида, бидуни ислоҳот ва бо имзои муаллиф(он) пешниҳод карда шавад. Маълумоти муфассалро доир ба талаботи таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо дар вебсайти (http://m.vestnik.mts.tj/.) дастрас кардан мумкин аст.

**Эзоҳ. Назари муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад фарқ кунад. Масъулияти истифодаи дурусти манбаъ, далел ва рақамҳо бар зиммаи муаллифон мебошад.**

# К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В журнале Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Международные отношения и безопасность»** печатаются статьи в области политологии, экономики и философии, которые являются результатами научно–исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе **MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт** для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с **Windows XP** и любой версией **МС Офис** необходимо использовать клавиатурный редактор **Keyman**. Интервал между строками – **1,15.** Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

## Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфавитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и

инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

**НАПРИМЕР:**

*1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.*

*2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (http://m.vestnik.mts.tj/).

**Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.**

# TO THE AUTHORS

The journal of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan “International Relations and Security” publishes articles in the field of political science, economics and philosophy, which are the results of research works of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan and other institutions. The editorial board of the journal draws the attention of the authors to the necessity to strictly observe the following rules when sending an article to the editorial board:

1. Articles are accepted upon the recommendation of the chief editor of the Herald or his deputies.

2. The article must be submitted to the editorial board in both electronic format (on a removable disk) and a printed copy. It should be prepared using MS Word, with the font Times New Roman 12 pt. for articles in Russian, Tajik, and English. For computers running Windows XP and any version of MS Office, the Keyman keyboard editor should be used. The line spacing must be 1.15, and all pages of the manuscript must be numbered.

3. The size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including text, tables, list of references (not more than 15 sources), figures, the number of which should not exceed 6.

4. Figures, diagrams, and photographs must be submitted separately in the format of the program in which they were created. Diagrams should be in Excel format, and figures and photographs should be in JPEG format.

## Article formatting:

1. The title page must include the following information: UDC code, full name(s) of the author(s), scientific degree and (or) title, position, name of the institution(s) where the submitted article was prepared, postal and email addresses, phone numbers, and the full name of the specialty.

2. Abbreviations of words, names, titles are not allowed, except for generally accepted abbreviations of measures, physical, chemical and mathematical quantities, terms, etc.

3. References to the cited literature are given in the text of the article in square brackets, for example: [1], [1, 3-5]. The list of references is given in a general list (under the heading “Literature”) in alphabetical order and is arranged as follows:

– For books: author's surname and initials, full title of the book, volume or issue, place of publication, publisher, year of publication, page number, or total number of pages.

– For periodicals: author's surname and initials, title of the article, name of the journal, year and issue number, page number, or the first and last pages of the article.

## EXAMPLE:

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.*
2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Each article must be accompanied by a summary in Russian, English, and Tajik (at least 5 lines) and keywords (from 3 to 10).

The editorial board reserves the right to shorten and edit articles, as well as to recommend their deposition.

Articles that do not comply with these requirements will not be accepted.

The text of the submitted article is final, should be carefully prepared, proofread, without corrections and signed by the author(s). Detailed instructions on the formatting of articles can be downloaded from the website (http://m.vestnik.mts.tj/).

***Note: The views of the authors and the editorial board may differ. Authors are responsible for the correct use of sources, facts, and figures.***

Адрес редакции: 734025, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел.: (+992 37) 221–11–00; (+992 37) 221–32–36
e–mail: vestnik@mts.tj
Сайт: m.vestnik.mts.tj

Ба матбаа 10.12.2025 таҳвил гардид. Чопаш 17.01.2026
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70x100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 39.5. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 18. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Ҳаёт – 69» ба табъ расидааст.